Сотим Улуғзода

# САРГУЗАШТИ СОБИР



PDF from zorowadk.ru

СОТИМ УЛУҒЗОДА

# САРГУЗАШТИ СОБИР

**(Аз китоби «Субҳи ҷавонии мо»)**

ДУШАНБЕ
«МАОРИФ»
2015

**ББК 84 тоҷик 7-4+ 82.3 (2 тоҷик)**
**У-34**

**Ҳайати мушовара**
Саид Нуриддини Саид, Худой Шарифов,
Маҳмадулло Лутфуллоев, Фарҳод Раҳимӣ

**Ҳайати таҳририя**
Абдулҳамид Самадов, Шарифмурод Исрофилниё,
Бадриддин Мақсудов, Рустами Ваҳҳоб,
Наҷмиддин Салоҳиддинзода

**У-34.** Сотим Улуғзода. **Саргузашти Собир.** Ҳозиркунандаи чоп Қиёмиддин Сатторӣ, Душанбе, «Маориф», 2015, 240саҳ.

Муаллифи қиссаи **«Саргузашти Собир»** Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ Сотим Улуғзода мебошад. Асари мазкур тарҷумаҳолӣ ба шумор меравад, зеро нависанда дар симои қаҳрамони марказӣ – Собир ва дигар персонажҳои мусбату манфӣ ҳаёти худро аз овони кӯдакӣ то наврасию камолот баён намудааст. Нависанда хеле моҳирона, ранҷу душвориҳои паси сар намудаи хешро дар роҳи омӯзиши илму маърифат ба забони содаву фасеҳ ва сабки равон ба рангин тасвир кашидааст. Хонанда аз мутолиаи ин асар сабақи зиндагӣ ва дарси хештаншиносию ватандорӣ меомӯзад.

Бо тавсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хониши беруназсинфии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишварамон ба нашр мерасад.

**ISBN 978-99947-1-306-6**
**© «МАОРИФ»,2015**

## ПАДАРАМ

Падарам то синни чиҳилсолагиаш паҳлавон будааст. Вай қадбаланд, қоматаш рост, ришаш сип-сиёҳ, пўсти рўяш сиёҳтоб, нигоҳи чашмонаш тези андак қаҳролуд буд. Дастони сахти пурқуввате дошт. Пойҳои бисёр калонашро бешитоб, вазнин-вазнин монда роҳ мерафт. Гўштигириро кайҳо партофта бошад ҳам, ба ивази он ба ману бародарам – Азизхон аз паҳлавониҳои пештараи худ ҳикояҳо мекард. Ва ҳар дафъа дар охири ҳикояташ бо ифтихор:

– Пушти падаратон ба замин расидагӣ не! – гуфта мемонд.

Мо ҳикояти ўро дар бораи гўштӣ гирифтанаш бо Амон ном полвони[1] машҳури шоёнӣ бо шавқи махсусе гўш мекардем.

Назар ба нақли падарам, вай пеш аз Амон чанде аз полвонҳои номиро ғалтонда бошад ҳам, худашро танҳо баъди зўрозмоӣ карданаш бо Амон, полвони ҳақиқӣ ҳисоб мекардагӣ шудааст.

Онҳо бо ҳам дар ватани Амон – деҳаи Шоён гўштин гирифтаанд. Амон даҳ-понздаҳ сол боз дар маъракаҳои гўштигирӣ иштирок карда, ҳоло аз ҳеҷ кас мағлуб нашуда будааст. Падарам ба синну сол аз вай ҳашт ё даҳ сол ҷавонтар будааст.

Дар Шоён як бой дар тўйи хатнаи писараш маъракаи гўштигирӣ барпо карда, аз гирду атроф полвонҳоро даъват менамояд.

Дар майдон аз ҳазор кас зиёдтар одам гирд омада, бомҳо, дару деворҳо, болои дарахтон ҳам аз тамошобинон пур мешаванд. Амон ду полвонро ба осонӣ меғалтонад, он гоҳ падарам миён баста ба майдон мебарояд. Шоёнӣ

[1]. **Полвон** – шакли лаҳҷавии калимаи «паҳлавон».

полвони ҷавони густох ва мағрурро намоишкорона бо илтифоту эҳтироми рӯякӣ истикбол карда, вохӯрдӣ менамояд. Тамошобинон тамасхуромез механданд. То падарам миёнбанди холии ҳарифро ба дасташ печонидан ҳариф дам меистад. Вақте ки муборизa сар мешавад, шоёниён ҳар дам ба ҳамдеҳаи худ бо овози баланд изҳори хайрхоҳӣ ва ҳаводорӣ карда меистанд.

– Мо миёни якдигарамонро маҳкам гирифта, як дам майдонро чарх задем, – ҳикоя мекард падарам. – Ҳардуямон гардан ба гардан мемолидем, гардани Амон худи гардани барзагов барин ғафс ва сахт буд, сари синааш мисли як харсанг ба ман фишор меовард. Вай се бор маро бардошта ба замин заданӣ шуд, лекин ман ҳар дафъа поямро ба замин тиргак карда, худамро нигоҳ медоштам. Ман ҳам Амонро як-ду бор бардоштанӣ шудам, аммо азбаски қади вай аз қади ман баландтар буд, пойҳои дарозашро базӯр аз замин мекандам. Мартабаи сеюм ба бардошта тавонистанам чашмам нарасида монд. Ҳамаи шоёниҳо тарафи ҳамдеҳаашонро гирифта ғалоғула мекарданд, «печонда парто, Амонбой! Бардошта зан!» гуфта шавқун меандохтанд. Аммо ба ман ҳеҷ кас ҳаводорӣ намекард, ягон чиз гуфта диламро намебардошт.

Падарам зӯри миёни Амонро дурустакак озмуданӣ шуда, вайро бо тамоми қувваташ фишурда ба тарафи худ кашидааст, шиками Амон пеш баромада қоматаш рост шудааст, падарам фикр кардааст, ки миёни ӯ чандон бақувват нест. Дар ин дам Амон ҳам падарамро сахт бағал карда, як бор бардоштаасту боз дарҳол ба замин фуровардааст, гӯё ки дармонаш хушк шуда, ҳарифро на фақат барои ғалтондан, балки барои дар ҳаво нигоҳ доштан ҳам зӯраш нарасида монда бошад. Аз дили падарам гузаштааст, ки Амон дар ҳақиқат ҳам монда шуд. Лекин ҳаракатҳои Амон ҳама хила будааст, вай бардурӯғ

худро мондашуда вонамуд мекард, то ки қувваи худашро сарфа ва дармони ҳарифро хушк намояд.

–Ҳамин тавр карда, мо як ним соат гӯштин гирифтем, – мегуфт падарам, – баъд Амон миёнбанди холишудаамро боз як бор ба дасташ печонда, маро чунон фишурд, ки қариб буд миёнам шиканад. Дасташ даст набуд, оҳан буд. Дар дилам гуфтам, ки ана акнун гӯштигирии ҳақиқӣ сар шуд! Вай маро гаштаю баргашта се-чор бор дам ба ронаш, дам ба сандуқи дилаш бардошта, чаппа карда ба замин заданӣ мешуд, ман бошам, то тавонистам чустучолокӣ мекардам, тоб мехӯрдам, поямро тиргак мекардам, ки нағалтам. Оқибат монда шудам. Дар дилам мегуфтам, ки агар вай маро боз як бор дурустакак бардошта занад, тоб оварда наметавонаму мегалтам, аммо вай ҳам, мазмун, монда шуда буд, ки дигар маро набардошт. Мо боз аз миёни якдигарамон даст наканда, рӯ-рӯйи майдон гаштан гирифтем. Ман як-ду бор ҳаракат кардам, ки ӯро бардорам, аммо натавонистам; хонасалот вазнашро андохта, пойҳояшро сахт ба замин зер карда меистод. Дидам, ки намешавад, пайташро ёфта, ронамро ба таги шикамаш монда вайро чапгардон карданӣ шудам, аммо боз ҳам нашуд, вай нағалтид. Шоёниҳо ҳамоно шавқун андохта ба Амон ҳаводорӣ мекарданд. Ман «ягон кас ба ман ҳам ҳаводорӣ мекарда бошад?», гуфта ҳамин қадар гӯш меандохтам, аммо ҳеҷ кас номи маро намегирифт. Ҳама мехостанд, ки Амон маро ғалтонад. Ман худамро гариб медидам, хорнам меомад, дилам ба ғалтиданам гувоҳӣ медоду дастам торафт камқувват, ҳавсалаам пир шудан гирифт. Аз аламам гиря карданам меомад. Ба худ мегуфтам, ки кошкӣ ягон каси боинсоф ба ман ҳам як чиз гуфта диламро бардошта мемонд! Дар ҳамин дам нохост аз байни тамошобинон овози шинос ба гӯшам расид:

–Писарам, ман дар ҳамин ҷо! Натарс, ту аз Амон зӯртарӣ. Ё пирам, гуфта, бардошта зан!...

Падарам нигоҳ карда, бобоямро мебинад, ки риши сафедаш то сари сина, дар дасташ асо, аз байни издиҳом роҳ кушода, пеш омада истодааст. «Дилатро маҳкам дор, писарам! – мегӯяд боз бобоям ба падарам. – Туро мегалтондагӣ паҳлавон ҳоло набаромадааст!». Бо дидани бобом ва шунидани овози ӯ падарам рӯҳбаланд шуда, бозувонаш қуввати нав гирифтаанд. Амон гӯё инро ҳис карда ба вай гуфтааст:

– Биё ҷудо мешавем, Умархон! Баробарӣ. На ту, на ман.

– Не, ё мегалтӣ, ё мегалтонӣ! – ҷавоб додааст падарам ва тамоми қувваташро ҷамъ карда, наърае кашида аз «пир»-аш мадад хостаасту Амонро ба рони росташ бардоштааст. Полвони шоёнӣ ҳаракат мекардааст, ки ҳарифро бо гаронии бадани худ пахш кунад,бинобар ин ба падарам бисёр зӯр омада, рагҳои гарданаш баромада, қариб мондааст, ки канда шавад. Одатан, полвонҳо баъди ҳарифро ба рони рост бардоштан ӯро ба тарафи чапи худ партофта ғалтонданӣ мешудаанд, падарам ҳам чунин вонамуд кардааст, ки Амонро бо ҳамон тарзи одӣ ғалтондан мехоҳад ва чашмдошти Амон ҳам ба ҳамин будааст, аммо падарам баногоҳ як тоб хӯрда вайро ба тарафи рост, дурусташ ба қафои худ гардонда задааст; Амон, ки мунтазири ин набудааст, чаппа шуда ба замин фурӯ ғалтиданашро худаш ҳам нафаҳмида мондааст. Ин усул, – мегуфт падарам, – хавфнок аст, зеро мумкин ки худи кас пештар галтида дар таги ҳариф монад ва ин усулро ҳамон касе ба кор мебарад, ки қадаш аз ҳариф баландтар ва вазнаш ҳам зиёдтар бошад. Аммо падарамро дар он дам ғайр аз таваккал кардан дигар чорае намонда будааст.

–Ҳамин ки Амон ғалтид, – нақл мекард падарам, – ман ӯро чунон сахт ба замин пахш кардаам, ки ҳеҷ маҷоли ҷунбиданаш набуд. Халқ талотӯб карда, ғавғо бардошт, аммо ба гӯши ман ҳеҷ чиз намедаромад. Ман рафта

бобоятонро оғӯш кардам ва худамро дошта натавониста, гиря карда фиристодам. Бобоятон пуштамро молида гуфтанд:

– Қуввати тан кифоя не, писарам, дилро бақувват доштан лозим!

Ба мукофоти ғалаба падарамро ҷомаву тӯппии нав пӯшонда ва ба миёнаш миёнбанди шоҳӣ бастаанд.

Баъди ин воқеа Амон муддати чандин сол номи полвони якумро ба худаш бозгардонданӣ шуда, падарамро чандин бор ба гӯштингирӣ даъват кардааст, аммо падарам ҳар дафъа даъвати ӯро рад менамудааст, зеро полвонҳо одатан бо каси як бор ғалтондагиашон бори дуюм гӯштин намегирифтаанд.

Алами Амон кам-кам ба кинаю кудурат мегӯзарад. Вай ба қасди аз мағлубкунандаи худ қасос гирифтан афтода, интизори фурсат мешавад.

Дар байни деҳаи мо ва Шоён даште буд. Деҳқонони безамин ва камзамини деҳаи мо ба тариқи ҳашар ҳар сол ба як канори он дашт об бароварда, ҷаву гандум мекоштанд. Падари ман ҳам дар он кор шарик буд. Як тобистон, дар вақти дарав Амон ба дашт омада, бо падарам моҷаро сар мекунад ва ногоҳ бар сари вай як мушт сахт мезанад. Дос аз дасти падарам меафтад, сараш чарх зада, чашмонашро сиёҳӣ пахш мекунад, аммо бо ин ҳама вай аз по намеафтад. Баъди андак ба худ омадан вай ҳам ба Амон ҳамла карда, ба сараш як мушти сахт мефурорад. Амон аз пой меафтад.

Аз он баъд ҳоли Амон чӣ шуд, намедонам, аммо падарам таъсири мушти оҳанини ӯро то охири умраш ҳис мекард, яъне тобистон дар гармии офтоб сараш чарх мезад. «Майнаам луқ-луқ мекунад»,–мегуфт вай.

# МОДАРАМ

Вай аз падарам даҳ-понздаҳ сол хурдтар буд. Қади майдааш базўр то китфи падарам меомад. Ба намуд солиму бардам буд, рўйи сафедаш сурхии латифе дошт, чашмонаш калони гўсфандӣ, пешонааш кушоди беожанг буд. Ҳаракатҳояш чобук ва озодона буда, корубори хонаро бо тезӣ ва бе ташвиши зиёд анҷом медод. Меҳрубон ва раҳмдил буд, ба ятиму бенавоён дилаш сўхта мегирист, одамдўст буд, меҳмондориро нағз медид ва ҳар гоҳ агар ба хонаамон касе аз хешонаш ё дугонаҳояш биёяд, тайёр буд, ки тамоми занҳои маҳалларо ба меҳмонӣ даъват кунад.

Як вақт аз зодгоҳи модарам – деҳаи Қўрғон зани ҷавоне ба дидани амаки пираш ба деҳаи мо омад. Модарам ўро ба хонаамон таклиф карданӣ шуд. Модари ин зани ҷавон як вақтҳо дар Қўрғон бибиотун буда, модарам дар хурдсолиаш пеши ў бо ҳамроҳии духтари ў сабақ хонда будааст. Падарам, аз чӣ сабаб бошад, ки ба хонаамон таклиф кардани он зани ҷавонро муносиб намедид, аммо дар ҳамон даме, ки падару модарам дар ин бора гуфтугў мекарданд, аз роҳрави дарвозахона се зани фаранҷидор намоён шуданд. Модарам бо хурсандӣ:

– Ана, Нисохон! Худаш омад! – гўён ба пешвози меҳмонаш давид.

Вай ба мо гуфта буд, ки шавҳари Нисохон одами бадҷаҳл аст ва занашро мезанад, аз дари ҳавлӣ берун баромаданӣ намемонад. Нисохон бошад, зани дилшод аст, хушчақчақ ва маҷлисороcт, овози хуб дорад, ҳофиза ва ҳам раққоса аст. Рўзе аз рўзҳо шавҳари вай дар сари хашму ғазаб бо теша ба пойи занаш зада, панҷаҳои пойи ўро бурида партофтааст.

Ман хостам зудтар ин зани сиёҳбахти панҷаипобуридаро бубинам, бинобар ин, тозон аз қафои модарам рафтам. Падарам бошад, барои он ки «чашми

номаҳрам»-аш ба рӯйи занҳои бегона ғалтида, «гунаҳгор» нашавад, ба хонаи амакам даромада ғойиб гардид.

Меҳмон чашмбандашро боло кард. Ҳамроҳаш ду амакзодаи вай ҳам омада буданд, аммо ман фақат ба Нисохон нигоҳ мекардам. Вай зани ҷавони бисёр зебо ва нозукандом буд, дар танаш атласкуртаи сабз, дар гӯшҳояш гӯшвораи дароз, дар гарданаш марҷони сурх дошт, чашмонаш сип-сиёҳи ҷилодор буданд. Бо модарам хандону шукуфон вохӯрдӣ кард, ба тавре ки ҳеҷ ба зани сиёҳбахт монандӣ надошт. Ман якзайл ба пояш нигоҳ мекардам, то зудтар панҷаҳои буридаи ӯро бубинам, аммо пойҳои вай дар даруни кафши «амирконӣ»-и наппа-нав пинҳон буданд.

Падарам ночор гӯшту равған, биринҷ ва равғани чароғ ёфта овард. Модарам даррав занҳои ҳамсояро ҷеғ зад. Меҳмондорӣ ва суҳбати гарм сар шуд.

Нисохон кафшашро кашида, дар пешгаҳ ба болои кӯрпача нишаста буд, ман дидам, ки ҳақиқатан як пойи ӯ чаҳор ангушт, пойи дигараш се ангушт надоранд.

Амакзодаҳои Нисохон, яке духтари қадрас, дигаре келинчаки ба қарибӣ шавҳаркарда, ҳардуяшон ҳам шӯхтабъи хандон ва гапбоз буданд. Онҳо аз Нисохон хоҳиш карданд, ки тарона гӯяд. Меҳмони қӯрғонӣ розӣ шуда дутор талабид. Дутори падарам дар меҳмонхона буд ва дар он ҷо ҷӯраҳои гапхӯр ҷамъ шуда нишаста буданд. Модарам бо андешаи ин ки агар аз меҳмонхона дутор пурсад, сабаби кунҷковии номаҳрамон мешавад, бародарам Азизхонро ба хонаи яке аз ҳамсояҳои дутордор фиристод, ки дуторашонро пурсида гирифта биёрад.

Меҳмони қӯрғонӣ дутор зада, бо овози ширадори дилангези худ суруду нағма сар кард. Вай як ғазали ӯзбекиро бо нақароти «Ҳама озод бӯлдӣ, бӯлмадим озод дастингдин» тараннум кард, ки ҷигархарош, ҳузновар ва пур аз оҳу нолаи ҷонгудоз буд. Занҳо шайдо гашта ба мақоми тарона мадҳушона алвонҷ мехӯрданд ва бо

остинҳои дарози худ оби дидаҳояшонро пок мекарданд. Ман аз он ғазали диловез ва савти шӯрангез об шуда, сарамро ба китфи модарам такя дода нишаста будам, ки ба ногоҳ аз берун овози ғазаболуди падарам баланд шуд. Вай модарамро чеғ мезад. Модарам якбора аз ҳолати мафтунӣ ба худ омада аз ҷо бархесту берун баромад. Ман ҳам хавотир кашида, аз пайи ӯ ба айвон баромадам.

–Ба меҳмонат гӯй, дам шавад! – хашмгинона амр кард падарам. – Хонаро ба сараш бардошт-ку! Овози вайро дар меҳмонхона будагиҳо шунида нишастаанд. Онҳо гумон мекунанд, ки ашӯлагӯянда ту ҳастӣ. Мулло Зайниддин: «Кас дар ин ҷо аз имонаш ҳам ҷудо мешавад! Ба як маҳалла шунавонда, занашро ашӯла мегӯёндагӣ одам ба меҳмонхонаащ муъмину мусулмонро чеғ назанад, беҳтар буд!» гуфта аз меҳмонхона баромада рафт. Ман аз шармам замин накафид, ки дароям.

Модарам ҳаросон шуда гуфт:

–Охир, вай меҳмон аст, як мазлумаи дилшикаста аст, ман чӣ хел ба вай «ашӯла нахонед!» мегӯям?

Мегӯйӣ! Ту кай боз гапи маро мегардондагӣ шуда мондӣ!–инро гуфта падарам ба рӯйи модарам як шаппотӣ зад. Ман тарсида ларз-ларзон ба модарам маҳкам часпида гирифтам. Бечора модарам кафи дасташро ба рӯяш ниҳода овозе набароварда боз ба хона даромад. Вай ба рӯйи меҳмонон зӯрбазӯракӣ табассум мекард, ба тавре ки ӯро дида раҳми кас меомад. Вай дарҳол ваҷҳ ёфта, ба ҳофизаи кӯргонӣ:

–Афв кунед, соҳиби дутор омадааст, дуторашро мепурсад,–гуфту дутори дар паҳлуи Нисохон истодаро гирифт. Вай боз бо садои нарму табассуми узрхоҳона илова кард: –Афсӯс, намонданд, ки камтар машқу ашӯлаи шуморо шунавем…Вай дуторро гирифта бурд.

Ман фаҳмидам, ки модарам, бо ин тариқ ашӯлахонии меҳмонро бас кунонданӣ аст, лекин,

мутаассифона, меҳмон ба фаҳми ин намерафт – вай баъди ба хона баргаштани модарам гуфт:

– Майлаш, ман бе дутор ашӯла мехонам.

Пас, табақчаеро дудаста дар бари рӯяш нигоҳ дошта, ба он доиравор панча зада-панча зада таронаи нав хонданӣ шуд.Занҳо хушҳолона омодаи шунидани тарона гардиданд, лекин модарам…модарам асло хурсанд набуд. Ман ба рӯяш нигоҳ кардам – ранги рӯяш канда, монанди рӯймоли сараш сап-сафед шуда буд. Охир чаро рангаш наканад, ки лаззати хониши ҳофизаи хушилҳон барои ӯ шарбати заҳр мегардид. Вай тез ба пиёла чой рехта ба меҳмон дароз кард. Бо дасти ларзонаш қатламаро пора карда истода мегуфт:

–Ба дастархон нигоҳ карда шинетон, охир… Шумо аз қатлама ҳеч нахӯрдаед-а, Нисохон!

– Қуллуқ[1], ман бисёр хӯрдам,–ҷавоб медод Нисохон.

Инак, меҳмони нозанини мо қиёфаашро ғамолуд сохта, чашмони сип-сиёҳи дурахшандаашро нимпӯш карда, бо оҳанги сӯзу гудоз, алам, ҳасрат ва надомат таронаи нав сар кард. Лекин ман акнун чӣ сурудани ӯ, нағзӣ ё бадии суруди ӯро фарқ карда наметавонистам, зеро чашму ҳуши ман ба модарам буд. Дилам ба ӯ месӯхт. Вай ҳамоно табассум мекард, аммо аз табассумаш осори парешонҳолӣ ва азоби рӯҳии ӯ ҳувайдо буд: лабонаш мепариданд, чашмони ваҳмгирифтааш гоҳ ба рӯйи меҳмон ва гоҳ ба дар нигоҳ мекард. Вай бешуурона аз ҷо хеста, рафта дарро маҳкамтар пӯшид…чойникро гирифта ба пиёла хам кард, бехабар аз он ки чойник холӣ аст, дар ин асно сарпӯшаки чойник ҷингир-ҷингир карда, ларзиши дасти модарамро ошкор сохт. Ҳофизаи нозанин бошад булбулвор илҳои мекард ва занҳо аз овози сеҳрангези ӯ сеҳрзада шуда, мисли гаҳворачунбон ҳай сар

---

[1]. **Қуллуқ** – ташаккур, раҳмат (ба забони ӯзбекӣ).

мечунбониданд. Вале модарам дар чойи нишастагиаш карахт шуда монда, якзайл ба берун гўш меандохт.

Дарвоқеъ, ҳам аз берун шарфаи по шунида шуд. Ман худдорӣ карда натавониста, тирвор парида берун баромадам. Дар торикӣ падарам ба таги дар омад.

–Дадо, Нисохон-холаамро бибиам ашўла гўёндагешон не, худи холаам…

– Бибиатро чег зан! – бо ғазаб фармуд падарам.

– Дадо, Нисохон-холаам худашон…

– Чег зан, мегўям! – боз гапи маро бурид вай.

Аз тарс ларзида, дари хонаро нимроғ кушода, ба модарам имо кардам, ки бароянд. Вай бо чашмони ваҳму ҳаросгирифтааш ба ман нигоҳ мекарду аз ҷояш намечунбид. Ман сахттар даст чунбонида имо кардам. Ниҳоят, вай бархоста, оҳиста-оҳиста қадам монда баромад. Ҳофиза бошад, аз дунё бехабар, бо овози баланд авҷи ашўлаашро мегирифт ва овози вай, албатта на фақат дар меҳмонхона, балки дар кўча ҳам шунида мешуд.

Ман бо ҳар ду дастам ба банди дасти модарам часпида, бо ў дар пеши падарам ҳозир гардидам.

–Бо ман ҳар чӣ хоҳед кунед, аммо ҳозир не, баъд! Монед, меҳмонҳо бе хархаша баромада раванд, баъд аз он кушед ҳам майлаш, – ба падарам фурсати даҳан кушодан надода, зорикунон гуфт модарам.

Падарам як оҳи қаҳролуд кашида, ду-се қадам онсўтар рафт.

– Маро шарманда кардӣ! – гуфт вай ва баъд бо овози баландтар, барои он ки Нисохон шунавад, илова кард: – Бо ин хел овози баланд ашўла гуфтан чӣ лозим? Тамоми маҳалла мешунавад, охир, ба дили одамҳо ҳар хел гап меояд… Шармандагӣ!

Овози Нисохон ҳамон лаҳза бурида шуд.

Модарам ба хона баргашта, аз шарму хиҷолат забонаш гирифта, ба узрхоҳӣ даромад:

–Ин мардҳо…аҷаб… одамҳои ғалатӣ мешудаанд! Дадои ин,–модарам маро нишон дод,–ҷаҳлашон ганда… дар сари ҷаҳл одобро ҳам аз хотир мебароранд…Ба дилатон нагиред, ойимпошшо.

Нисохон суп-сурх шуда рафт, аммо хиҷолатмандӣ ва озурдагии худро дар зери лабханди нозук пинҳон карданӣ шуда:

–Пештар гуфта намонда будед-дия ба ман! – гуфт. – Рост мегӯянд… Ҳақиқатан ҳам… ашӯла хондани ман лозим набуд…

Баъди хомӯшии дурударози бағоят ногуворе, ки ба миён омад, меҳмонон бархоста хайрухуш карданд. Модарам онҳоро то наздики дарвоза гусел кард.

Ман хурсанд шуда дар дилам мегуфтам, ки нағз шуд, акнун бибиам хотирҷамъ шуданд.

Лекин модарам, вақте ки ба хона гашта омад, парешонҳол ва андӯҳгин буд. Вай дастархонро ғундошта истода, ногаҳон худро ба рӯйи гилем партофту фиғоне бардошт. Бечора ҳунгас зада зор-зор мегирист…

## БАЧАИ ТАЛАБИДА ГИРИФТАГӢ

Аз рӯзе, ки ман худро шинохтам, дар сарам кокулча буд. Гумон мекардам, ки ман бо вай зойида шудаам. Ин кокулчаи зормонда, ки аз теппаи сарам овезон шуда меистод, боиси хафагиҳои аввалини ман шуда буд, зеро дар вақти бо ҷӯраҳоям ҷанг карда даст ба гиребон шуданам, маро дар муқобили онҳо оҷиз карда мемонд. Хусусан дар вақтҳои гӯштигириам кокулча балои ҷони ман буд. Ҳикоятҳои полвонии падарам маро ва бародарам Азизхонро ба шавқ оварда, дар дили мо ҳаваси полвоншавиро бедор мекард. Майли Азизхони сездаҳсола аз ҳамаи бозиҳо ба гӯштигирӣ зиёдтар буд; аксар вақтҳо ман ӯро дар саҳни масҷид бо ягон ҳамсолаш даст ба миён медидам. Вай, гарчанде дар гӯштигирӣ бисёр маротиба

мағлуб шавад ҳам, бо ин ҳама худро паҳлавон ҳисоб мекард. Сарояо чанголуд, пойлуч, сарутан дарида, вай давон-давон ба хона меомаду аз модарам як бурда нон ё як каф зардолуи хушкро гирифта, хӯрда-хӯрда боз ба кӯча медавид, то ки бо «полвон»-ҳои нав зӯрозмойӣ кунад. Ман шашсола будам, ҷӯраҳо доштам. Мо ҳам ба бачагони калонсолтар тақлид карда гӯштӣ мегирифтем, аммо гӯштигирии мо аксар вақт бо занозанӣ ва доду фиғон меанҷомид.

Ҳарифони ман, агар дар гӯштигирӣ маро ғалтонда натавонанд, аз кокулам гирифта мекашиданд, ман аз дард доду фарёд бардошта, маҷбур мешудам, ҳатто ба ҳарифе ҳам, ки аз ман камқувваттар буд, таслим шавам. Ин ба ман бисёр алам мекард, ба назди модарам омада гиря мебардоштам:

– Кокула намехоҳам, бурида партоед! Бачаҳои дигар кокул надоранд-ку!

Модарам маро ба оғӯш гирифта аз сару рӯям мебӯсид ва мегуфт:

–Охир бачаҳои дигар худашон ба дунё омадаанд, ту бошӣ фарзанди талабида гирифтагӣ мебошӣ.

«Ба дунё омадан» чӣ бошад ва «фарзанди талабида гирифтагӣ» чӣ маъно дорад, ман намефаҳмидам ва дар дилам афсӯс мехӯрдам, ки ба дунё худам наёмадаам.

Дертар фаҳмидам, ки падару модарам баъди Азизхон боз чаҳор фарзанд ёфта бошанд ҳам, ҳамаи онҳо дар хурдсолӣ вафот карда будаанд. Падару модарам пештар аз он ки ман ба олами вуҷуд оям, ғами умрдарозии маро хӯрда, сарамро ба мазори Идрис–пайғамбар ниёз карда будаанд, то ки агар баногоҳ Худо ҷони маро гирифтанӣ шавад, ин пайғамбар ба ман шафоат карда, ӯро аз нияташ гардонад. Барои ин хизмати Идрис-пайғамбар падарам ба вай як гӯсфанд ваъда карда будааст. Кокул нишонаи «ниёзмандӣ»-и сари ман, дурусташ–ҳуҷҷати қарздории падару модарам аз Идрис-пайғамбар буд ва ман аз он

кокул танҳо баъд аз адои қарз, яъне баъди гӯсфанд куштани падарам дар мазори пайғамбар, халос шуда метавонистаам.

Хулласи калом, ман кокуламро мурданивор бад медидам. Эҳтимол, онро худам қайчӣ карда мепартофтаму лекин модарам маро тарсонда монда буд, ки агар ман онро пеш аз қурбонӣ кардани падарам гӯсфандеро дар мазори Идрис-пайғамбар қайчӣ кунам, даррав мемурам. Ман аз мурдан тарсида, ба кокул даст намезадам. Падарам бошад, доим пул надошт, то ки гӯсфанд харида, ба Чатқал, ки мазори Идрис-пайғамбар дар он ҷо будааст, бурда қурбонӣ карда, маро аз кокули сабилмонда халос намояд.

Рӯзе аз рӯзҳои тобистон ман аз боғ ба ҳавлиамон барои аз модаркалонам хабар гирифтан омадам ва ба ӯ як харбуза бардошта овардам.

Амакам бо зану духтараш ва аммазодаам Зебӣ ба сари полиз рафта буданд, дар суфаи таги сада модаркалонам монанди ҳамеша танҳо нишаста чарх мересид.

Вай маро даррав аз шарфаи поям шинохт.

– Собир, туӣ? – Аз чархресӣ бозистода сарашро ба тарафи ман гардонд модаркалонам.

– Ба шумо харбуза овардам, бибиам дода фиристоданд.

– Биё, очаат гардад, даррав биё, маро оғӯш кун. Маро ёд накардӣ, баррачаи очаш? Ман туро ёд кардам...

Ман рафта аз гарданаш оғӯш кардам, вай бо дастҳои лоғари нотавонаш маро ба синаи худ пахш карда, сарамро мебӯсид ва пуштамро мемолид.

– Рав, баррачаи оча, кордро оварда харбузаатро куш.

Ман корд ва табақча оварда харбузаро кушта очаамро зиёфат кардам.

– Илоҳӣ, калон шавӣ, бадавлат шавӣ, – мегуфт модаркалонам, дар даҳони бедандонаш харбузаи мулоимро хойида-хойида. – Ман ҳар рӯз дар болои ҷойнамозам шумо набераҳои азизамро дуо мекунам, ки: Худоё, Худовандо, набераҳоямро дар паноҳи худат нигоҳ дор. Агар бобот зинда мебуданд, туро дида чӣ қадарҳо шод мешуданд! Бобот дадои туро аз писарҳои дигарашон нағзтар медиданд, сабаб ин, ки дадот ба он кас ғамхору меҳрубон буд, ба гапашон медаромад. Аз кӯча ба ҳавлӣ биёяд, аввал ба пеши бобот медаромад, холпурсӣ мекард. «Дадо, ба ман хизмат нест-мӣ? – гуфта мепурсид.–Ба келинатон фармоям ширбиринҷ пухта биёрад?» Агар ба ягон ҷойи дур рафтанӣ шавад, ба пеши бобот даромада: «Дадо, фотиҳа диҳед» мегуфт. Дар ҳамон ҷойҳои дур ҳам падарашро аз ёдаш намебаровард; вай аз Чатқал ба бобот ҳамон асои дар хонаатон истодагиро овард. Акнун дадот он асоро аз падарам ёдгорӣ гӯён табаррук медорад. Ана аз барои ҳамин бобот ба дадои ту аз писарони дигарашон дида меҳрубонтар буданд. Як рӯз дар меҳмонхона он кас ба дадот гуфтаанд, ки писарам, ҳар вақт ту пеши ман дароӣ, ба пуштам офтоб мерасад…

Шаш бародари падарам аз модари дигар – аз зани якуми бобоям буда, ҳамаашон солхӯрда буданд; калонтарини онҳо Исохон, баъди зан гирифтанаш ба Тошканд кӯчида, дар ҳамон ҷой ҳавлӣ-ҷой карда буд; дуюминашон бо оилааш дар деҳаи ҳамсоя истиқомат мекард, як нафарашон вафот намуда буд. Се нафари дигарашон дар деҳаи мо меистоданд. Ҳар шаш нафарро модаркалонам ба воя расонда, хонадор карда бошад ҳам, онҳо ба вай бепарво буданд ва иззаташро ба ҷо намеоварданд. Модаркалонам баъзан аз онҳо шикоят карда «аз бегона ҳам бадтаранд, ҳеҷ намепурсанд» – гуфта мемонд.

– Амакҳои калониат, – суханашро давом дод модаркалонам, – дар ҷавониашон, аз ваҷҳи ин, ки бобот

ба дадои ту меҳрубонтар буданд, дадотро ҳагз намедиданд, бахилӣ мекарданд. Онҳо бисёр маротиба дадотро дошта заданӣ шуданд, аммо дадот ҷавон бошад ҳам, аз онҳо зӯртар буд, чаққон буд, худашро ба онҳо намедоронд. Як вақт шаш бародар маслиҳат карда, вайро заданӣ шуданд, аммо дадот аз байни онҳо зада баромада, ҳу ана вай сангро... – модаркалонам бо ангушташ санги калонеро, ки якчанд пуд меомад ва дар пеши хоначаи худаш хобида буд, нишон дод, гӯё ки онро дида истода бошад, – ана ҳамон санги калонро бо ду дасташ бардошта, вайро ғайр аз падарат ҳеҷ каси дигар бардошта наметавонист, ба акоҳояш: «Ку наздик биёед, зада маҷақ мекунам!» гуфт. Онҳо тарсида, ба дадот наздик наомаданд...

Дар офтоб сӯхта-пухта, аз сари полиз давон-давон Зебӣ омад. Зебӣ духтари аммаи ман аст, ки як қабза кокулчаҳои майда-майда бофтааш бодбезак барин ёзида, китфу гардани нозукашро пинҳон карда меистод. Намози пешин наздик буд. Зебӣ бояд барои таҳорати модаркалонамон об оварда, баъд ӯро ба сари ҷойнамоз мешинонд. Вай рӯзе панҷ бор ин хизматро анҷом медод ва дар ҳар ҷое, ки бошад, ин вазифаро аз ёдаш набароварда, сари вақт ба хона расида меомад.

Зебӣ дар сесолагиаш аз модар ятим монда, дар хонаи мо ва дар пеши модаркалонамон калон шуда буд. Мегуфтанд, ки падараш зинда аст, аммо Зебӣ ӯро надида буд ва намешинохт, – падари вай бо зани дуюмаш дар кадом деҳаи дуре зиндагӣ мекард ва ба духтараш тамом бегона ва бепарво буд.

Зебӣ модаркалонамро ба сари ҷойнамоз нишонду баъд лӯхтакҳои навашро оварда ба ман нишон додан гирифт.

–Ана ин ояам мешаванд (Зебӣ модари маро оя мегуфт). – Ин писарча ту ҳастӣ, ин духтарча–ман худам. Оям маро китоби «Ҳафтяк» мехононанд.–Зебӣ лӯхтаки

калонашро дар кўрпача ҷой дода «худаш»-ро ва «ман»-ро дар назди вай нишонд.

Овози моро шунида, аз кўча ба ҳавлии мо ҷўраҳои ман Солеҳ ва Маҳмуд даромада омаданд. Солеҳ бачаи почадарози даванд, аз думи аспон ба қил кандан усто ва аз он қил ба кўзанаки гунҷишкгирӣ сохтан моҳир буд. Маҳмуд бошад, аз ҳамаи мо чустучолоктар буда, гурбавор хазида ба болои дарахту бому деворҳо мебаромад ва кўзанакҳоро дар гунҷишкхонаҳо ҷо мекард. Ҳозир, Маҳмуд як гунҷишкро дар даруни куртаи дарбеҳгинаш андохта оварда буд, ки ҳар дам патаррос мезад. Солеҳ бошад, аз думи ким-кадом аспи роҳгузар панҷ-шаш тор қили дароз канда оварда буд. Мо аз ҷўйи он тарафи кўча лой гирифта оварда, аз қил ба кўзанаксозӣ сар кардем *(кўзанак ин тавр тайёр карда мешуд: як пора лойро гирифта, тахминан ба шакли сабзӣ поёнашро васеътар ва болояшро бориктар карда, кулўла намуда «қолиб» месохтем ва панҷ-шаш тор қилро дар гирди он печонда-печонда тўр мебофтем, баъд лойро мепартофтем, мемонд «тўрхалтача»-и аз қил–доми гунҷишкгирӣ)*.

Ба ногоҳ гунҷишки Маҳмуд фарӣ карда, аз таги куртааш баромаду ба пилтасабади модаркалонам даромад *(Маҳмуд нўги қаноти вайро бурида будааст, парида рафта натавонист)*. Гурбаи Зебӣ як хез зада, гунҷишкро ба дандон газида гурехт. Маҳмуд аз қафои гурба пеш карда, ба хонае, ки модаркалонам дар он ҷо намоз хонда истода буд, даромаданӣ шуд. Зебӣ вайро даромадан намонд. Маҳмуд ба Зебӣ часпида ўро заданӣ шуд, ман тарафи Зебиро гирифта ба Маҳмуд дарафтидам. Маҳмуд маро якто зада гурехт, ман аз дунболи вай сур кардам, вай ба девор ҷаҳида, худро ба ҳавлии ҳамсоя партофт. Ман ҳам аз девор ҷаҳиданӣ шуда будам, ки вай аз он тараф кокули маро гирифта кашиду аз дасташ сар надода истод. Ман аз дард фарёд задам, баъд вай кокуламро сар дода гурехт.

Бозии мо ҳамин тариқа поён ёфт. Бо айби кокулам ман аз он ҷангараи дилозор қасос гирифта натавонистам ва дил пур аз сӯзу алам ба боғамон баргаштам.

Дар он ҷо гирёну нолон ба модарам дарафтидам, ки:

– Кокула намехоҳам, қайчӣ карда партоед?

Модарам ба ман тасаллӣ дода мегуфт:

–Боз камтар сабр кун, ҷони бибеш, дадот аз Қирғизистон биёянд, гӯсфанд харанд, баъд аз он…

–Намехоҳам, ҳозир қайчӣ кунед!

–Ҳозир намешавад, охир, сарат ниёз аст! Агар кокулатро ҳозир бурем, ту касал шуда мемурӣ, – метарсонд маро модарам ва худаш ҳам аз гапи гуфтагиаш ба ваҳм афтода, рӯяшро ба як тараф гардонда, «туф-туф» мекард.

Ман бошам, асло мурдан намехостам, бинобар ин, кокул боз дар ҷояш мондан гирифт.

Дере нагузашта, ман сахт бемор шуда мондам. Таб гирифта хоб рафта будам, ба рӯям пуф-пуф кардани касеро ҳис кардам. Базӯр чашм кушода нигоҳ кардам, бинам ки як одами салладори бузриш дар сарам нишастааст, чашмонаш танг-танги обрав, гулӯяш борик буд, гулӯяш мисли тароша, ки ба халта андохта бошанд, баромада меистод. Ин кас мулло – дуохони маҳаллаи мо Зайниддин буд, ки ба ман дам меандохт. Амакам Обидхоҷа ҳам дар он ҷо ҳозир буд, мулло баъди дам андохта шудан гуфт:

– Тезтар ягон ҷондор кушта худойи кунед, набошад, бача нобуд мешавад.

Аз пушти девор овози гиряолуди модарам баланд шуд:

–Ҳозир мо чӣ тавр худойи мекунем, тақсир, охир падараш дар ин ҷо нестанд.

Мулло Зайниддин:

–Ба падараш нигоҳ карда наистед, хоҳар, бача нобуд мешавад, – гуфта модарамро метарсонд. Маълум шуд, ки

сухан дар бораи куштани ҷондори ба Идрис-пайғамбар ваъда кардашуда мерафтааст, зеро ки амакам дар ҷавоби сухани мулло гуфт:

–Мазори Идрис-пайғамбар дар Чатқал аст, то он ҷо дурӯза роҳ. Падараш нест, ба Чатқал кӣ меравад?

–Ҷондорро дар мазори Идрис-пайғамбар куштан шарт нест,–дарҳол ҷавоб гардонд мулло.–Дар ҳамин ҷо кушед ҳам, шудан мегирад. Арвоҳи он ҳазрат дар ҳама ҷо ҳозиру нозир. Ҷондорро тезтар кушта маро хабар кунед, ман худам омада кокули инро бурида мемонам.

Гарчанде, ба пайғамбар гӯсфанд ваъда шуда бошад ҳам, мо гӯсфанд надоштем, амакам ва модарам маҷбур шуданд ягона бузғолаи маро, ки бисёр дӯсташ медоштам ва худам мечаронидам, худой кунанд. Мулло Зайниддин бо чаҳор каси салладор омада бузғолаи маро хӯрда рафт. Ғайр аз он, каму беш як пуд орде, ки ғаллаашро бародарам Азизхон аз хӯшачинӣ пайдо карда буд, низ худой шуд. Мулло Зайниддин дуо хонду қайчиро гирифта кокули маро бурида партофт. Баъд аз он модарам ба рӯймоли Зайниддин ва ҳамроҳони ӯ нонҳои гарм печонда дод, «меҳмонон» онҳоро дар бағал гирифта баромада рафтанд.

Модарам Идрис-пайғамбарро «хотирҷамъ» карда бошад ҳам, хотири худаш ҷамъ нашуд ва тарсаш аз эҳтимоли мурда мондани ман кам нагардид. Вай пайи ҳам чаҳор бачаашро гӯронда, диляшро гиронда монда буд. Ман сиҳат шуда хестам. Акнун, аз кокули зормонда ҳам халос шуда будам. Лекин маро як балои дигаре аз кокул ҳам бадтар пойида истода будааст, ман «аз борон гурехта ба новадон» дучор шудам...

Рӯзе аз рӯзҳо модарам якбора ба ман аз ҳарвақта зиёдтар меҳрубон шуда монд, ҳатто рухсат дод, ки асои бобоямро гирифта бозӣ кунам.

Дар саҳни масҷид бо ҷӯраҳоям саргарми бозӣ будам, ки бародарам омада, маро ба хона гирифта бурд. Ба ҳавлӣ

даромада, дар айвони хонаамон се зани бегонаро дидам, зани чаҳорум, ки модарам буд, ба меҳмонаш қиссаи Боборавшанро мехонд *(ман инро аз аввали суханони модарам донистам, зеро пештар ҳам қиссаро шунида-шунида қариб аз ёд карда будам)*.

Дар баробари пайдо шудани ман модарам:

–Биё, ҷони бибеш, ана ин холаҳоят ба ту савғотӣ овардаанд,–гуфта маро ба наздаш талабид.

Занҳо токии маро аз чормағзу писта пур карданд. Яке аз онҳо маро дар бағал гирифта, сарамро ба синааш пахш кард, гарм-гарм навозиш намудан гирифт. Ҳайрон будам, ба ин зани бегона чӣ кори ман маъқул шудааст, ки маро ин қадар навозиш мекунад? Ногаҳон, ба нармии гӯши ростам як чизи тез халида ҷаззӣ карда монд. Садои фарёдмонанде баровардa даст ба гӯшам бурдам,–бинам, ки дастам хунолуд шудааст.

Меҳмони модарам бо меҳрубонии тамом ба гӯши ман як сӯзани ғафсро халонда будааст. Ба ҷойи хунбаромада як пора намадро сӯзонда пахш карданд ва камтар хокистар ҳам пошида монданд.

Вақте ки захмам сиҳат ёфт, дар гӯшам гӯшвезе иборат аз як шадда муҳраи майда-майда пайдо гардид.

Бо он гӯшовез бори якум ба кӯча баромада будам, ки бачаҳо маро миёнагир карда:

– И, ана, Собир мунчоқ[1] овехтааст! Собир писар набудааст, духтар будааст! Духтарча! – гӯён ҳаёҳу бардоштанд.

Аз ин бадтар чӣ мешавад? Ман гирёну нолон ба назди модарам омада шикоят кардам, ки бачаҳо маро духтарча гӯён масхара карда истодаанд, мунчокро дарҳол аз гӯшам гир, ки тобу тоқати онро надорам. Модарам монанди ҳарвақта маро ба тасаллӣ додан даромад:

---

[1]. **Мунчоқ** – гӯшвор, муҳра.

– Масхара кунанд, ҳеҷ воқеа не, ҷони бибеш, як бор ду бор мекунанду дигар намекунанд. Мунчоқ ҷони туро нигоҳ медорад. Агар Азроил биёяд, мебинад, ки дар гӯшат мунчоқ дорӣ, сонӣ вай: «Ман барои ҷони писарбачаро гирифтан омада будам, ин духтарбача будааст-ку!» гуфта, гашта меравад, ту зинда мемонӣ.

Модарам бо ҳамаи «чораю тадбирҳо» маро аз дасти аҷал халос карданӣ мешуд. Ман ҳам асло мурдан намехостам, бинобар ин хоҳу нохоҳ ба тақдирам тан дода, мунчоқро дар гӯшам овехта гаштан гирифтам. Аз барои «зинда мондан» ба хандаи бачагон ҳам тоб меовардагӣ шудам.

Бачагон ба ман на фақат «духтарча» гӯён ханда мекарданд, балки боз гоҳо аз мунчоқам гирифта мекашиданд, ки дарду озори ин аз кашида шудани кокул ҳам зиёдтар буд. Як рӯз Маҳмуд аз гӯшворам гирифта, чунон сахт кашид, ки қариб нармии гӯшам дарида буд, лекин маро ғайр аз сабр чора набуд. Охир, барои зинда мондан ба ҳамаи ин азобҳо тоқат карданам лозим буд. Дар он вақтҳо падару модарам ҳамин тавр фикр мекарданд ва худам низ ҳамин тавр фикр мекардам.

## ОБ, ОБ!

Тобистон мо ба боғамон кӯчидем. Боғи мо аз деҳа чор чақрим дуртар, дар ҷӯйи Дӯлона воқеъ шуда, аз ним таноб токзор иборат буд, ки дар гирди девораш бед, сафедор ва дарахтони зардолу шинонда будем. Дар як канори боғ айвон буд, мо дар таги он айвон истиқомат мекардем ва шабҳо, агар ҳаво хушк бошад, ба болои бомаш баромада мехобидем.

Дар пушти боғамон панҷ таноб замини корам доштем. Ин боғу замин дар тасарруфи шариконаи ду оила – ҳонаводаҳои мо ва амакам Обидхоҷа буд. Мо дар боғ

бо навбат рафта менишастем: як сол мо, соли дигар амакам бо зану бачагонаш.

Тирамоҳи гузашта пахтаҷаллобони тӯсӣ пахтаро аз деҳқонон бо нархи баланд хариданд, бинобар ин, имсол падарам ва амакам дар замини мо ғӯза кошта буданд. Ин ғӯза ба сари мо ташвиши бисёре овард. Ҳанӯз дар баҳор овоза паҳн шуд, ки нархи пахта имсол бисёр паст мефуромадааст. Дар Русия коргару солдатҳо сар бардошта, подшоҳро аз тахт ғалтонда, бо амалдору саркардаҳои подшоҳ ҷанг карда истода будаанд, шаҳрҳо хароб будаанд, заводҳо аз кор мондаанд. Заводи пахтатозакунии Тӯс аз чӣ сабаб бошад, ки кор накарда монд.

Деҳқонони пахтакорида ба хавотир афтода буданд. Падарам ва амакам шабҳо моёнро бо модарам ба боми айвон бароварда фиристода, худашон то ними шаб дар айвон нишаста аз корубори худ гуфтугӯ мекарданд. Мо дар боло овози онҳоро мешунидем, гуфтугӯяшон дар атрофи пахта, Мавлонхоҷаи пахтаҷаллоб, Русия, ҷанг ким-кадом ҳукумати нав чарх мезад. Аммо ғами асосӣ об буд. Тобистон кишти пахтаро хафт-ҳашт бор об додан лозим, аммо об нест. Ҳатто дар солҳои серобӣ ҳам, ки об аз Ҷӯйи Дӯлона канда намешуд, вай ба мо бо душворӣ мерасид, зеро замини мо дар поёноб буд ва ба мо ҳамеша лозим меомад, ки нигоҳ карда истем, то ҳамсояҳои «боло» аз об сер шаванду он гоҳ мироб ба мо муруввате кунад. Аммо имсол тобистон хушк омада, кишт ва боғи мо аз ташнагӣ ба ҷазир шудан расида буд. Ғӯзаи пастаки бенамуди мо кӯракҳояш хушкида пучак шудан гирифт. Агар вайро зудтар об надиҳем, бими он буд, ки тамоман сӯхта равад.

Сокинони деҳа дар сариҷӯйиҳо ҷамъ омада, бузу гӯсфанду гов қурбонӣ карда ва намозҳо хонда, аз Худо абру борон металабиданд, лекин Худо арзи онҳоро ҳеҷ намешунавид. Ниҳоят, рӯзе аз рӯзҳо ба Ҷӯйи Дӯлона об

омад. Мегуфтанд, ки дар кӯҳҳои Қирғизистон жола ва борони сел боридаасту ин об аз ҳамон будааст. Мувофиқи ваъдаи мироб навбати оби мо бояд баъди ду рӯз мерасид. Ин ду рӯз ба мо як умр барин намуда бошад ҳам, гузашт, лекин об ба мо нарасид, пахтаю ҷуворимаккаи Мирабдулло-буқоқ[1] ҳоло аз об сер нашуда будаанд, бинобар ин, мироб боз навбати моро ақиб партофт.

Падарам аз Сариҷӯй бо қавоқи гирифта баргашта, каландашро ба як тараф ҳаво дода ва дар таги сафедор дастҳояшро ба зонуяш ҳалқа карда нишаст. Дар онсӯтар, бар рӯйи палос бародарам пойи бараҳнаи қарқбаста ва аз офтоб сиёҳгаштаи худро ба ҳаво баланд карда мехобид ва ҳар дам аз дард фарёд мезад, зеро модарам бо сӯзан кафи пойи ӯро кофта, хорҳоеро, ки дар вақти хӯшачинӣ ба пояш халида буданд, мебаровард.

Падарам як муддат хомӯш нишасту баъд якбора аз ҷояш хест ва каландашро ба китфаш гирифта, аз дари боғ бадар рафт. Модарам ва бародарам хавотиркашона ба якдигар нигоҳ карда монданд. Модарам ба ман фармуд, ки баромада нигоҳ кунам – падарам ба кадом тараф рафт. Вай қад-қади ғӯза рост ба тарафи Ҷӯйи Дӯлона равон буд. Ман ҳам аз қафотари вай рафтан гирифтам. Масофаи то ҷӯй ним чақрим меомад. Лаб-лаби ҷӯй, каландҳошонро дар китфҳошон ниҳода, ду каси шинос гардиш мекарданд. Яке Шариф ном мард буд, бисёр қаддароз, ки аз ҳамин сабаб ӯро Шарифи Навча мегуфтанд, дигаре қадпаст ва качпо, номаш Ҳаит, Ҳаити Пакана. Инҳо чоряккорони Мирабдулло буданд. Ҳар дуяшон ҳам пойлуч, эзорпочаҳошон то зону барзадагӣ. Маълум буд, ки онҳо обро дидбонӣ карда гаштаанд. Падарам ба онҳо салом надода гузашта ба ҷое, ки аз ҷӯйи калони Дӯлона ҷӯйи хурде ҷудо шуда ба тарафи боғи мо мерафт, равон шуд.

–Ҳой, ба куҷо рафта истодаӣ? – фарёд зад Навча.

---

[1]. **Буқоқ**–ҷоғар.

Падарам ҷавоб надод. Вай истода, бо се-чор каланд задан оби Ҷӯйи Дӯлонаро ба ҷӯйи мо кушода партофт. Шариф ва Ҳаит: «Ҳой, ту чӣ кор карда истодаӣ!» гуфта, каландҳошонро боло карда ба сари вай тохтанд. Ман, ба гумони ин, ки онҳо ҳамин дам рафта бо каланд ба сари падарам мефуроранд, аз тарс дод задам. Аммо Ҳаит ба «обдузд» дарафтиданӣ буд, ки падарам ӯро як лагад зада ба оби ҷӯй ғалтонд, баъд аз он каланди Шарифи ба худаш ҳамлакардаро аз дасташ зада гирифта, ба он тарафи ҷӯй, ба даруни алаф ҳаво дод. Занозанӣ сар шуд. Ҳар сеяшон дар даруни об истода ба ҳамдигарашон дарафтида буданд. Навча бо Пакана падарамро ба кунҷояш, ки рост ояд, мезаданд, падарам ҳам ба сару гардани онҳо мушт мекӯфт. Вай пайт ёфта Паканаро боз як лагад зада буд, ки Пакана боз ба об – ин дафъа ба болои сангҳо ғалтид ва базӯр хеста ланггон-ланггон дур рафт. Шарифи Навча бошад, даҳону биниаш хуншор шуда буд, лекин ҳамоно аз занозанӣ даст намекашид. Ниҳоят, вай ҳам гурехт. Аз об гузашта каландашро аз даруни алаф ёфта гирифту ба тарафи падарам:

–Ту муттаҳам, кучук[1], обдузд, ҳоло нигоҳ карда ист! Ба мингбошӣ арз карда, туро маҳкам накунонам, саг бошам! – гӯён таҳдид карда равон шуд.

–Ба ман гӯйӣ, ба пеши оқподшоҳ рав!–ҷавоб дод падарам, гарчанде медонист, ки оқподшоҳ кайҳо аз тахт фуромада мондааст.

Ҳаит ҳам ланггон-ланггон дунболи рафикашро гирифт. Об шаввос зада ба ҷӯйи хушкидаи мо мерехт. Ана, баъди як нафас, вай ба киштзори мо мерасад, дар он ҷо вайро ба ҷӯякҳои пахта равона кардан лозим аст. Амакам дар деҳа буд, падарам ба ман фармуд:

–Тохта раву ба бибиат гӯй, бо Азиз дуяшон баромада ба ғӯза об монанд. Ман дар ин ҷо обро мепоям.

---

[1]. Кучук – саг.

Ман давон-давон рафта, фармоиши падарамро ба модарам ва бародарам расонидам ва боз гашта ба Сариҷӯй омадам. Медонистам, ки Шарифи Навча, албатта, хӯҷаинашро ё мироброро сар карда меоварад, бинобар ин, намехостам падарамро танҳо гузорам. Маро ҳам тарс ва ҳам ҳисси кунҷковӣ фаро гирифта буд.

Об ба замини мо расида рафт ва ману падарам аз дур медидем, ки модарам ва бародарам бо каланд дар даруни ғӯза гаштаанд. Инак, аз паси ҷуворимаккаи сабз ду савор намоён шуданд. Аз қафои саворон Шарифи Навча, дар китфаш каланд, қадам мезад.

Онҳоро дида, падарам бо куртаи пора-порашуда, бо қавоқи гирифта, рӯйи варамкарда ва дили пур аз кину ситеза, боз ҳам лою чимҳоро ба ҷӯйи калон хобондан гирифт, то ки ҳамаи об ба ҷӯйи мо равад.

–Ист! Чӣ кор карда истодай, падарлаънати обдузд? Ба ту кӣ иҷозат дод, ки обро бандӣ? – мироб қамчинашро бозӣ доронда, аспи қашқаашро ба сари падарам ронда, овози ғулғуладорашро баланд кард. Вай рӯйи паҳни хашмолуде дошт, ришаш ягон-ягон, устухони рӯяш баромадагӣ ва биниаш пачақ буд. Дар паҳлуи ӯ, дар болои аспи саманди синафарох як одами ғафси чоғардор нишаста буд, ки риши качи сурхтоби нӯгборикаш ханҷари зангзада ва чоғари аз таги манаҳ ба як тараф баромадаистодааш пуфаки бод пуркардашударо ба хотир меоварinternal. Ин кас Мирабдулло буд. Вай бо қамчинаш ба ҷӯй ишора карда, аз байни ришу чоғараш овози қурбоққамонанде баровaрда, ба чоряккораш кӯтоҳакак фармон дод:

–Кушо!

Шарифи Навча дарҳол ба даруни об даромаду бо каландаш банди обро кушода, лою чимро ба даҳани ҷӯйи мо ҳаво додан гирифт. Падарам дам истод.

–Охир инсоф кардан лозим, ғӯзаи ман сӯхта рафт-ку! Ваъдаи шумо ҳамин рӯз буд!–гуфт вай ба мироб.

–Номаъкул кардӣ ту!–бо қахру итоб ҷавоб дод мироб.–Ман ба ту «навбататро пойида ист»- гуфта будам. Ту худсарӣ карда обро дуздидай, боз одамҳои ин касро зада, яктаашро маъюб карда, даҳону бинии дигарашро хун кардай! Ту пагоҳ дар маҳкама ҷавоб медиҳӣ!

Инро гуфта мироб ба роҳ даромад. Аз паси вай бой ҳам аспашро чу гуфта, бо кинаю нафрат ба падарам:

– Дузди луччак! Ту ҳоло нигоҳ карда ист! – гуфта таҳдид карда монд.

– Дузд гуфтагӣ худаш дузд! – фарёд зад падарам аз қафои чоғар.

Ӯро ҳеҷ кас омада ба маҳкама, ба назди мингбошӣ набурд. Аммо худи мингбошӣ ҳам, эҳтимол, ба падарам ҷазое сахттар аз он ки мироб ба ӯ дод, дода наметавонист; мироб моро аз навбати об маҳрум кард.

Обе, ки падарам «худсарона» ба ҷӯйи мо гардонда буд, барои ғӯзаи мо мисли қатрае буд, ки ба даҳони ташнаи ҷон кандаистода чаконда бошанд, вале бе чунин «худсарӣ»-и падарам ҳам мо умеде надоштем, ки ягон рӯзе навбати об ба мо мерасида бошад.

Падарам як-ду рӯз аламзада ва хашмгин шуда гашт; рӯзи сеюм дос ва ҷуволи кухнаро ба китфаш партофта, роҳи Қирғизистонро пеш гирифт, то ки дар он ҷо ба доскашии боёни Сумсор ва Чатқал киро шуда ғалла даравад.

Аз Қирғизистон вай дар охирҳои тобистон баргашт ва баъди чанд рӯз барои мардикорӣ ба Тошканд равона шуд.

# ОРДРО КӢ ГИРИФТ?

Падарам як ҳафта боз дар Тошканд. Мо бо модарамон мондаем. Модарам ҳомила. Аз чӣ сабаб бошад, ки гоҳо худ ба худ гиря мекунад.

Ҳар гоҳ ки ман ё бародарам аз кӯча омада:

–Бибӣ, гушна мондам, – гӯем, модарам, як каф орди зирбондашуда ё аз сандуқ камтар зардолуи хушк ё ки санҷид гирифта медиҳаду худаш гиря мекунад. Ором ва бесадо гиря мекунад.

–Бибӣ, барои чӣ гиря мекунед? – мепурсам ман.

Вай чашмонашро бо нӯги рӯймолаш пок карда дам намезанад.

Боре ману Солеҳ дар айвон донакбозӣ мекардем, модарам бо зани амакам дар хона нишаста буданд. Овози модарам ба гӯшам мерасид, ки мегуфт:

–Почоғон[1] ба мо якуним пуд орд монда рафтанду халос. Агар Худо накарда як-ду моҳ дер монанд, чӣ кор мекунам? Ризқу рӯзии бачагонамро аз куҷо меёбам? Бачагони бечораи ман гушна-гушна мегарданд, рӯзе як бор дами гармӣ хӯранд мехӯранд, набошад не. Собири маро дидед, рӯз ба рӯз харобтар шуда истодааст... Чунон метарсам, чунон метарсам ки, авсун[2]! Худо нишон надиҳад-ку, агар мабодо... мурда монад, чӣ кор мекунам? Шӯракам хушк мешавад, ман ҳам мемурам. – Модарам дар ин ҷойи суханаш гирист.–Рӯзам сахт, авсунҷон, чунон сахт, ки ҳеҷ напурсед... Ман ҳар чӣ андак ризқу рӯзиамон баромада истад гуфта, духтарчаҳоро гун карда хонондаӣ шуда будам, аммо почоғон намонданд. «Ба мо барин деҳқонони хокпош ин корро кӣ мондааст?»–мегӯянд. «Одамҳо намегӯянд-мӣ, ки фалонӣ зану бачаҳояшро

---

[1]. **Почо** – язна.

[2]. **Авсун** – зани ҳевар ё худ бародари шавҳар.

пойида натавониста, акнун занашро бибиотун карда мондааст? Мон, ба гапу гапча тобам нест».

Зани амакам дар ҳар гап «Худо гирад» мегуфт:

–Худо гирад ин камбағалию муҳтоҷиро! Ғусса нахӯред, авсун, одамизод дар пешониаш будагиро мебинад. Гуфтаанд-ку: чил сол муромурӣ шавад, боз ҳам аҷалаш расидагӣ мемурад... Худо гирад ин гаму гуссаро!..

Ба модарам раҳмам меомад. Чӣ кор кунам, ки бори гами вай сабуктар шавад? Фикр карда, ҳеҷ чорае ёфта наметавонистам. Рӯзе ба хаёлам омад, ки ман ҳеҷ набошад, дар ҳакки худам дили ӯро осуда карда метавонам. Пеш аз тошкандравии падарам бо талаби ман ва ризояти ӯ гӯшвор аз гӯши ман гирифта шуда буд. Ман онро аз қуттичаи модарам ёфта боз ба гӯшам овехтам.

–Чӣ шуд? Боз барои чӣ инро овехтӣ? – ҳайрон шуд модарам.

–Шумо «писарам мурда мемонад» гуфта тарсида, ҳар рӯз гиря мекунед-ку? – ҷавоб додам ман.–Аз барои ҳамин овехтам. Акнун хотирҷамъ бошед, намемурам... Шумо дигар гиря намекунед-а, бибӣ?

Модарам оби дидаашро бо нӯги остинаш пок карда сару рӯйи маро бӯсид ва гуфт:

–Хуб, ҷони бибӣ, ман дигар гиря намекунам. Мунчоқатро гирифа мон, набошад бачаҳо боз ба ту ханда мекунанд.

Инро гуфта, худаш гӯшворро аз гӯшам бароварда ба қуттича андохта монд.

Модарам савод дорад, вай дар ҳавлии мо ягона каси бохату савод аст. Ӯро дар хурдсолӣ ва духтариаш, то ба шавҳар додан, падару модараш дар пеши бибиотун хононда будаанд. Вай гоҳе шеър менавишт ва мегуфт, ки шеърро аз дилаш мебарорад. Дар рӯйи гилем ба девор такя карда менишасту китоберо ба зонуяш ниҳода ва

коғазеро бар рӯйи он нигоҳ дошта, найқаламро ҳар дам ба давот[1] тар карда, оҳиста-оҳиста навиштан мегирифт.

– Бибӣ, аз дилатон ғазал бароварда истодаед-мӣ? – мепурсидам ман.

– Ҳа... ана ҳозир ҳамааш мебароянд, баъд хонда медиҳам.

Навишта шуда, бо як навъ оҳанги махсуси сурудмонанд хонда медод:

*Чанд гӯям дод аз ин бечорагӣ?*
*Санг бар фарқи сари бечорагӣ!*
*Ризқи моро Ҷӯйи Дӯлона надод,*
*Мурдашӯ шӯяд рухи бечорагӣ.*

Азизхон, Зебӣ ва ман бо шавқу ҳавас гӯш меандохтем ва ҳайрон мешудем, ки модарамон ин хел суханҳои аҷоиби хушоҳангро аз куҷо меёфта бошад? Баъд аз он байтҳои дар ёдамон мондаро шоду хуррам такрор менамудем.

Ин қабил шеърҳоро модарамон «аз дилаш» бисёр бароварда буд. Вай онҳоро ба коғазҳои дарозу борики ба ҳам часпондашуда навишта дар қуттӣ нигоҳ медошт.

Рӯзҳое, ки модарам мо се кас – Азизхон, ман ва Зебиро дар наздаш нишонда сабақ ёд медод, рӯзҳои шодмонии ман буданд.

Азиз ва Зебӣ китоби «Ҳафтяк» мехонданд, ман бошам ояту сураҳоро аз бар мекардам ва нигарон будам, ки кай модарам ба ман ҳам харфҳоро дар рӯйи тахтача навишта нишон доданро сар мекунад,чуноне ки ба Азиз ва Зебӣ нишон медод.

Модарам Зебиро бисёр дӯст медошт.

– Худо ба ман духтар надод, ту духтари ман мешавӣ, – мегуфт вай ба Зебӣ.

---

[1]. **Давот** – рангдон.

Ёд дорам, модарам дар кӯрпача нишаста, мӯйи тари Зебиро шона мекард. Зебӣ китоби «Ҳафтяк» дар даст ҷумлаҳои арабиеро, ки калима ҳам аз онҳо мафҳум набуд, бо овози сурудгӯёнаи хандаовар хонда, сабақи гузаштаро ба муаллимаи худ такрор менамуд, бо дасти дигараш пушти гурбачаи логари худро мемолид. Модарам бо шона мӯйи Зебиро ҷудо карда-ҷудо карда кокулчаҳо мебофт. Баъди такрори сабақ Зебӣ китоби «Ҳафтяк»-ро ба як сӯ гузошта, гурбачаашро дар бағал гирифта, ба модарам саволи пеш аз ин даҳҳо бор додагиашро медод:

– Оя, шумо бибиамро дидагӣ-а?– гуфта диҳед, бибиам чӣ хел буданд?

Модарам суханҳои пеш аз ин даҳҳо бор гуфтагиашро такрор мекард, аммо ҳар дафъа тавре такрор мекард, ки гӯё ба духтарча дар бораи модари вай аввалин бор гап зада истода бошад.

–Оҳ, Зебӣ, ман бибии ту барин занро надидаам. Чияшонро гӯям? Хушфеълиашонро гӯям-мӣ, одоби шиштухезашонро гӯям-мӣ?... Худо раҳмат кунад, бибиат ана ҳамин гурбачаро ҳам озор намедоданд. Хурду калонро «шумо» гуфта гап мезаданд, ҳатто ана ҳамин Собир барин бачаҳои хурдтаракро ҳам «ту» намегуфтанд...Ҳусну ҷамолашонро намегӯйӣ! Ҳамчунон хушрӯй буданд, ки дидагӣ боз як бор бинам мегуфт. Саводашон ҳам расо буд: кадом китобе, ки ба дасташон афтад, шаррос зада хонда рафтан мегирифтанд, ҳеҷ забонашон намегирифт. Аз Мирзобедил, Хоҷаҳофиз, Навоӣ пурсӣ, чашмашонро пӯшида варақ-варақ аз ёд мехонданд...

–Ман ҳам бибиам барин мешуда бошам, оя? – бо чашмони тар мепурсид Зебӣ.

–Албатта, набошад-чӣ? – ба нӯги кокулчаҳои Зебӣ аз пахта пилтаҳо бофта истода, ҷавоб медод модарам. – Бибиат туро дар ин дунё аз худашон нишона монда рафтанд, ки ту калон шуда, монанди худашон шавӣ, – бо

ҷиддият бовар мекунонд вай духтарчаро. Мӯйи ӯро бофта тамом карда мегуфт. – Акнун, рафта аз очаат хабар гир: вақти намозашон шуд.

Зебӣ бештарин вақташро дар хонаи мо мегузаронд ва ҳар хел бозиҳо фикр карда бароварда, маро машғул медошт.

Ӯ ба модарам дилбаста ва меҳрубон буд, дар корубори хона худаш, бе он ки модарам гӯяд, ба ӯ ёрӣ медод. Модарам хона рӯфтанӣ шавад, омада аз дасташ ҷорӯбро мегирифт, хӯрок пухтанӣ шавад–даррав ҳезум оварда ба оташдон алов мекард.

Рӯзе аз рӯзҳо модарам беэҳтиётӣ карда, аз ғайри хоҳиши худаш, Зебиро сахт ранҷонд. Зебӣ чунон ғамгин шуд, ки гӯё мусибате ба сараш омада бошад.

Воқеа чунин буд.

Мо бо Зебӣ дар айвон ба ҷойи дӯстдоштаи ман – остоначаи сангини пеши дарича нишаста будем. Зебӣ ба лӯхтаки худ куртаи нав мепӯшонд, ман асои бобоямро ба худам дутор сохта замзама мекардам. Модарам дар хона, дар сари дегу оташдон андармон буд. Нохост, вай аз як чиз тарсидагӣ барин овоз баровард:

–Собир!

Ман ҷаҳида ба наздаш рафтам. Модарам бо ду даст сарашро гирифта дар пеши хум рост меистод.

– Орд нест! Ордро дуздидаанд! – гуфт вай.

Ман бо нӯги поям рост шуда ба даруни хум нигоҳ кардам. Ҳақиқатан, дар таги хум камтарак орд монда буд, ки се-чор қадоқ беш набуд. Аз якуним пуд орд баъди як ҳафтаи рафтани падарам фақат ҳамин мондааст!

– Кӣ гирифта бошад? – тарсону ҳаросон пурсид модарам.

– Ман чӣ донам?...

Зебӣ ҳам бесаранҷом шуда омад. Модарам ба вай бо чашми умедворӣ нигоҳ карда пурсид:

– Ё ту гирифтӣ-мӣ, Зебихон? Ту «орди очам тамом шуда истодааст» гуфта будӣ-ку?

Зебӣ дар ҷояш шах шуда монд, лӯхтак аз дасташ галтид, духтарак бо ду даст гиребонашро гирифт.

– Ё тавба!.. Ман наход ки!.. Ман чӣ хел напурсида мегирифтаам?...

– Набошад, кӣ мегирад?... Ё ту ҳамту... надониста гирифтӣ, а? Гӯй, Зебихон, ман туро ҷанг намекунам.

Зебӣ чашмонашро калон кушода ба модарам нигоҳ мекарду дамаш намебаромад. Баъд аз он рангу рӯяш ҷунбид, лабонаш инҷ шуданд ва ӯ ҳунгас гириста худро ба замин партофт. – Ман гирифта будаам!.. Ман...Дузд шудаам...Ман, агар гирифта бошам, илоҳи дастам шиканад, илоҳи аз ҳамин ҷоям нахезам!..

Модарам:

–Хайр, гиря накун, хез. Ман дар ҳаққи ту ҳеҷ гумони бад накардаам; медонам, ордро ту нагирифтаӣ... Ман аз ту ҳамту пурсидам, – гуфта ӯро тасаллӣ доданӣ мешуд, аммо бенатиҷа. Зебӣ ким-чиҳо гуфта торафт баландтар ҳунгас зада мегирист. Баъд аз он вай бархоста, гирёну нолон ба хонаи модаркалонам рафт. Дар он дақиқа дили ман аз орди гумшуда ҳам зиёдтар ба Зебӣ месӯхт, ман аз модарам норозӣ будам, ки чаро вай аз Зебӣ гумонбар шуд.

Рӯзи дигар гунаҳгор ёфт шуд. Аммо Зебӣ, ки агарчи аз гумон яклаҳзагӣ ҳам бошад, худро таҳқиршуда ҳисоб карда буд, ду рӯз аз хонаи модаркалонамон набаромад. Вай аз моён бо ҳеҷ касе вохӯрдан намехост. Оқибат худи модарам ба пеши вай рафта, ба воситаи модаркалонам хафагиро базӯр аз дилаш бароварда, оштӣ кард.

Гунаҳгор бародарам Азизхон будааст. Рӯзе, ки мо аз гум шудани орд хабар ёфтем, Азизхон дар хона набуд, вай аз ин воқеа як рӯз пештар ба деҳаи Қизилтеппа, ба хонаи аммаам рафта буд. Фардои он рӯз вай омад. Рӯз, рӯзи ҷумъа буд, модарам ба расми азодорӣ ба қабристон рафта буд, ки дар сари қабри фарзандони мурдагиаш гиряд.

Баногоҳ чашми ман ба ду тасмачаи борике, ки аз таги домани куртаи бародарам баромада истода буд, афтод. Одатан бо чунин тасмачаҳо гилофи кордро зинат медиҳанд.

Ман бо хурсандӣ:

– Ако, кордро аз куҷо ёфтӣ? – гуфта, домани куртаи ӯро боло кардам, то кордашро тамошо кунам.

Азизхон дер боз орзуи корд мекард. Корд овехта гаштан сабаби ғурур ва ифтихормандии мардон, хусусан ҷавонон буд. Дар байни ҷӯраҳои бародарам корддорон кам набуданд. Азизхон доим ба падарам зорӣ карда мегашт, ки ба вай корд харида диҳад, падарам бошад: «Ту ҳоло ҷавонӣ, корд овехта гаштанат барвақт аст» гуфта, кордхариро якзайл ақиб мепартофт. *(Аслашро пурсед, корд овехтани бародарам барвақт набуд-ку, лекин дар бозор корд қимат буд!).* Лекин имрӯз чӣ тавре шудааст, ки орзуи деринаи бародарам ба вуҷуд омада, вай нохост корддор шуда мондааст! Бародарам хурсанд буд, вале хурсандии ман ҳам аз вай камтар набуд, зеро вай ба ман: «Корддор шавам ба ту ҳар вақте, ки хоҳӣ, аз чӯб ҳуштак, чиллик тарошида медиҳам, най сохта медиҳам» гуфта, ваъда дода буд.

Аммо ҳозир Азизхон аз чӣ сабаб бошад, ки дасти маро аз доманаш дур кард ва кордашро нишон додан нахост.

– Ба бибиам «аком корд дорад» нагӯй, ба ҳеҷ кас нагӯй, хуб-мӣ? Агар гӯйӣ, ман ба ту кордамро нишон намедиҳам, ҳуштаку най сохта намедиҳам!

– Охир, ту ин кордро аз куҷо ёфтӣ?

– Ёфтам-дия!.. Дар роҳи Қизилтеппа ёфтам…

– Дурӯғ нагӯй, ако! Кадом одам ҳамин хел корди калонро ба роҳ афтонда гум мекунад? Ягон кас «овехта гард» гуфта додагист?

– Хайр, ҳамту… як кас дод… Лекин ба бибиам нагӯй!

– Барои чӣ нагӯям? Одам гуфтагӣ аз бибиаш ҳам руст мекунад-мӣ?

– Баъзе вақт... руст кунем, ҳеҷ чиз намешавад, – саросема шуда ҷавоб дод Азизхон. Боз гуфт:–Агар нагӯйӣ, ман сонитар ин кордро ба ту медиҳам, дадом ба ман корди дигар харида медиҳанд. Агар гӯйӣ, туро мезанам... бо ҳамин корд гӯшатро мебурам!..

Гарчанде аз хонаи худамон орд дуздидани бародарамро ақлам нагирад ҳам, ман гумони бад бурдам. Пурсидам:

–Ту хабар дорӣ, ки орди мо гум шуд?

Бародарам ба паҳлу гашт, рӯяшро гардонд; ман дидам, ки вай сурх шуд. Гумони ман қавитар гашт.

– Бибиам ч-чӣ гуфт? Аз кӣ... донист? – забонаш гирифта пурсид Азизхон.

– Ҳоло аз ҳеҷ кас донистагиашон не... Ё ту гирифтӣ-мӣ, ако?

– Не, барои чӣ ман мегирифтаам? – Бародарам тарсидагӣ барин шуда худро як қадам ақиб кашид.

– Худат гирифтагӣ! – яқин карда гуфтам. – Донистам, ту ордро бурда ба корд иваз карда гирифтаӣ! Чаро ин хел кардӣ? Акнун бе орд мондем, чӣ кор мекунем? – Инро гуфта, гирён-гирён ба қабристон давидам.

Дар байни занҳое, ки назди қабрҳо нишаста навҳа мекарданд, модарамро дарров шинохтам; вай монанди ҳамеша дар пеши қабри яке аз бародаронам, ки пеш аз «талабида гирифта шудан»-и ман вафот карда будааст, нишаста буд. Ман ба наздаш нарафта, дар ҷойи ғалтидаи девори қабристон роҳи ӯро пойида истодам.

Баъди андак фурсат вай аз қабристони баланд фуромад. Чашмонаш аз гиристан сурх шуда, варам карда буданд, ман ҷуръат накардам, ки бо расондани хабари ногувор андӯҳи ӯро зиёд кунам.

Мо ба хона омада бародарамро наёфтем, вай баромада боз ба кадом ҷое рафта будааст.

Баногоҳ чашми ман ба ду тасмачаи борике, ки аз тағи домани куртаи бародарам баромада истода буд, афтод. Одатан бо чунин тасмачаҳо ғилофи кордро зинат медиҳанд.

Ман бо хурсандӣ:

– Ако, кордро аз куҷо ёфтӣ? – гуфта, домани куртаи ӯро боло кардам, то кордашро тамошо кунам.

Азизхон дер боз орзуи корд мекард. Корд овехта гаштан сабаби ғурур ва ифтихормандии мардон, хусусан ҷавонон буд. Дар байни ҷӯраҳои бародарам корддорон кам набуданд. Азизхон доим ба падарам зорӣ карда мегашт, ки ба вай корд харида диҳад, падарам бошад: «Ту ҳоло ҷавонӣ, корд овехта гаштанат барвақт аст» гуфта, кордхариро якзайл ақиб мепартофт. *(Аслашро пурсед, корд овехтани бародарам барвақт набуд-ку, лекин дар бозор корд қимат буд!)*. Лекин имрӯз чӣ тавре шудааст, ки орзуи деринаи бародарам ба вуҷуд омада, вай нохост корддор шуда мондааст! Бародарам хурсанд буд, вале хурсандии ман ҳам аз вай камтар набуд, зеро вай ба ман: «Корддор шавам ба ту ҳар вақте, ки хоҳӣ, аз чӯб ҳуштак, чиллик тарошида медиҳам, най сохта медиҳам» гуфта, ваъда дода буд.

Аммо ҳозир Азизхон аз чӣ сабаб бошад, ки дасти маро аз доманаш дур кард ва кордашро нишон додан нахост.

– Ба бибиам «аком корд дорад» нагӯй, ба ҳеҷ кас нагӯй, хуб-мӣ? Агар гӯйӣ, ман ба ту кордамро нишон намедиҳам, ҳуштаку най сохта намедиҳам!

– Охир, ту ин кордро аз куҷо ёфтӣ?

– Ёфтам-дия!.. Дар роҳи Қизилтеппа ёфтам...

– Дурӯғ нагӯй, ако! Кадом одам ҳамин хел корди калонро ба роҳ афтонда гум мекунад? Ягон кас «овехта гард» гуфта додагист?

– Хайр, ҳамту... як кас дод... Лекин ба бибиам нагӯй!

– Барои чӣ нагӯям? Одам гуфтагӣ аз бибиаш ҳам руст мекунад-мӣ?

– Баъзе вакт... руст кунем, ҳеҷ чиз намешавад, – саросема шуда ҷавоб дод Азизхон. Боз гуфт:–Агар нагӯйӣ, ман сонитар ин кордро ба ту медиҳам, дадом ба ман корди дигар харида медиҳанд. Агар гӯйӣ, туро мезанам... бо ҳамин корд гӯшатро мебурам!..

Гарчанде аз хонаи худамон орд дуздидани бародарамро аҳлам нагирад ҳам, ман гумони бад бурдам. Пурсидам:

–Ту хабар дорӣ, ки орди мо гум шуд?

Бародарам ба паҳлу гашт, рӯяшро гардонд; ман дидам, ки вай сурх шуд. Гумони ман қавитар гашт.

– Бибиам ч-чӣ гуфт? Аз кӣ... донист? – забонаш гирифта пурсид Азизхон.

– Ҳоло аз ҳеҷ кас донистагиашон не... Ё ту гирифтӣ-мӣ, ако?

– Не, барои чӣ ман мегирифтаам? – Бародарам тарсидагӣ барин шуда худро як қадам ақиб кашид.

– Худат гирифтагӣ! – яқин карда гуфтам. – Донистам, ту ордро бурда ба корд иваз карда гирифтай! Ҷаро ин хел кардӣ? Акнун бе орд мондем, чӣ кор мекунем? – Инро гуфта, гирён-гирён ба қабристон давидам.

Дар байни занҳое, ки назди қабрҳо нишаста навҳа мекарданд, модарамро дарров шинохтам; вай монанди ҳамеша дар пеши қабри яке аз бародаронам, ки пеш аз «талабида гирифта шудан»-и ман вафот карда будааст, нишаста буд. Ман ба наздаш нарафта, дар ҷойи ғалтидаи девори қабристон роҳи ӯро пойида истодам.

Баъди андак фурсат вай аз қабристони баланд фуромад. Чашмонаш аз гиристан сурх шуда, варам карда буданд, ман ҷуръат накардам, ки бо расондани хабари ногувор андӯҳи ӯро зиёд кунам.

Мо ба хона омада бародарамро наёфтем, вай баромада боз ба кадом ҷое рафта будааст.

– Писарат ба ин чо ким-чӣ хел корд монда рафт,– хабар дод модаркалонам ба модарам.–«Ба бибиам гӯед, ки кордро ба хонаи Султон-мерган бурда дода, ордашонро гирифта биёранд» гуфт.

– Чӣ? Корд?... Чӣ хел корд?–ба матлаб сарфаҳм нарафта, саросема шуд модарам.

Ман гуфтугузори дар байни мо – ду бародар воқеъшударо ба ӯ нақл кардам. Модарам гапи маро шунида, аввал хурсанд шудагӣ барин намуд, охир, ба ҳар ҳол орд ёфт шуда буд! Аммо баъд асли маънои воқеаро фаҳмида, ба даҳшат омад ва ошуфтаҳолона даст бар сар зада нолиш сар кард:

– Э Худоё, ин боз чӣ диданӣ буд! Писари ман, писари худам дузд шудааст! Додамро ба кӣ гӯям?! Охир медонист, ки то омадани падараш ризқу рӯзии мо ҳамин орд буд! Бачаи сарсахт! Туро зада-зада аз хона пеш кунам ҳам кам!.. Акнун ман чӣ хел ба хонаи бегона рафта «писарам ордамонро дуздида будааст, гашта диҳед» мегӯям?

Модаркалонам ба вай гуфт:

–Айб ба худат. Ту вайро эрка карда мондӣ, ҳар қадар гандагӣ кунад ҳам, ту боз меҳрубонӣ мекунӣ, ҷазояшро намедиҳӣ. Кадом рӯз вай аз пилтасабади ман нонамро гирифта гурехт, ман ба ту гуфтам, ту дам назадӣ, вайро ҷанг накардӣ. Доим аз даҳанат шакар боронда: «Писари барноям, ҷонам! Бибиат тасаддуқ!» мегӯӣ. Ана дидӣ, «писари барноят» чӣ хел? Вай худашро медонаду халос, на ба бибиаш дилаш месӯзад, на ба дадояш ва на ба укояш.

Агарчи ба модарам раҳмам меомад, лекин ман ҳам мехостам, ки ба вай монанди ҳамин гапҳоро гӯям. Модаркалонам рост мегуфт: модарам Азизхонро бисёр эрка мекард. Ман боварӣ доштам, ки агар дар ҳамон дам бародарам омада мемонд, модарам ба вай ҳеҷ ҷазое намедод, балки аз қабили: «Хафа нашав, писарам, як бор кардӣ, дигар намекунӣ, ҳеҷ воқеа не» суханҳо гуфта, ӯро

навозиш ва дилбардорӣ ҳам мекард, гӯё ки гунаҳкор худаш бошад, на бародарам.

Корд ба хонаи Султон-мерган бурда ва орд гашта оварда шуд. Аз мобайн ду рӯз гузашт, ки бародарам ҳамоно бедарак буд. Вале модарам хавотир намекашид, зеро мо медонистем, ки вай ба Қизилтеппа, ба хонаи аммаам рафтааст. Аммо боз чанд рӯз гузашт, бародарам ба хона бознагашт: аз афти кор, шарм медошт. Модарам, баъди ба даст омадани орди аздастрафта, аллакай гуноҳи бародарамро фаромӯш карда буд ва мегуфт:

– Бечора писарам, хафа шуда дилашро хӯрда гаштагист. Замин кашад ин камбағалиро! Агар ин камбағалӣ намебуд, ман аз писарам як пуд ордро дареғ медоштам?...

Модарам аз ким-куҷо як пора матоъи ласи сиёҳ ба даст оварда ба тӯппидӯзӣ даромад. Рӯзу шаб ором нагирифта, бо шитобу ҷадал медӯхт. Ман гумон кардам, ки эҳтимол, тӯппиро[1] фурӯхта, ба пулаш озуқа харидани бошад, аммо гумони ман хато баромад, зеро вай тӯппиро дӯхта тамом карда, пагоҳии рӯзи чоршанбе аз тахтакаш бароварда, ба амакам дод ва хоҳиш кард, ки онро дар бозор бурда фурӯшаду ба пулаш якта... корд харад. Инчунин якчанд тангаҳои майдаеро, ки кайҳо боз дар қуттиаш хобида буданд, бароварда ба дасти амакам дод.

Амакам як корди на он қадар калони дастааш аз шохи барзаговро бо ғилофаш харида овард.

Он гоҳ ману модарам харро тӯқум зада ба он хар дуямон – вай пеш, ман қафо – савор шуда, роҳи Қизилтеппаро пеш гирифтем.

Дар кӯчаи пурчангу ғубори он деҳа бачаҳо чилликбозӣ мекарданд. Мо дар байни онҳо бародарамро дидем, вай чилликро аз чуқуракҳо ба боло ҳаво дода

---

[1]. **Тӯппӣ** – тоқӣ.

задани шуда истода буд, ки ман аз болои хар ҷаҳида фуромада вайро чег задам:

–Ако, ҳой, ако!

Бародарам моро дида, аз чилликзанӣ бозистод ва чилликдастаро ба замин партофта, оҳиста-оҳиста қадам монда, бо қиёфаи хиҷолатмандона ба тарафи мо омадан гирифт. Бо пойи луч ва қади борики мавзуни худ ба мо чанд қадам наздик омада истод. Сараш хам буд, якзайл биниашро мекашид.

Модарам зуд аз хар фуромада, чашмбандашро боло накарда ба наздаш рафту ӯро сахт дар оғӯш гирифт.

–Ғам нахӯр, писарам, ҳеҷ воқеа не, – сару рӯйи Азизхонро бӯсида мегуфт, гӯё ки худаш дар назди бародарам гунаҳкор бошад, на бародарам дар назди ӯ. – Ман ба ту як корди нағз харида овардам, овехта мегардӣ.

Бародарам ҳамоно сархам буд, аз замин чашм намеканд ва навозиши модарамро хомӯшона қабул мекард, мисли он ки худро ба он навозиш ҳақдор ва сазовор медониста бошад.

«Агар очаам инро медиданд, албатта, модарамро коҳиш карда мегуфтанд: «Ба ҷойи ин ки вайро таъзир диҳӣ ва шарм дорони, навозиш мекунӣ!»–аз дил гузаронидам ман.

Ин тавр саҳлу осон гуноҳи бародарамро бахшидани модарам ба ман ҳам маъқул набуд, лекин ман барои «ақл ёд додан» ба модарам худро ба ҳеҷ ваҷҳ ҳақдор намешумурдам.

Бегоҳирӯзӣ мо ба роҳи омадагиамон бозгаштем. Ман ва Азизхон дар болои хар савор будем, модарам аз қафои мо пиёда қадам мезад.

# САРГУЗАШТИ МИРЗОДИККАК

Падарам гуфта буд, ки аз Тошканд баъди чил рӯз бармегардад. Инак, чил рӯз гузашт, аммо аз вай дарак набуд. Ман ва бародарам Азизхон ҳар рӯз баромада роҳи ӯро мепойидем. Мо ба теппаи Подаҷо баромада, чашмамонро ба роҳ дӯхта менишастем, ки агар падарам дар он роҳ намудор шавад, бубинем. Аммо вай ҳеҷ намудор намешуд.

Рӯзи чилу сеюм ё чилу чорум буд, ки мо аз раҳпойӣ монда шуда, димоғамон сӯхта аз теппа фуромадем, то ки ба хона баргардем, аммо дар ҳамин вақт аз хамгашти роҳи таги теппа падарам намоён шуд. Хӯрҷини пур дар китфаш, вай тез-тез қадам монда меомад, аз афти кор шитоб мекард: охир, дар хона кайҳо боз интизории ӯро мекашанд.

Мо ба пешвозаш давидем. Падарам хӯрҷинро ба замин монда ману Азизхонро бо навбат оғӯш карда бӯсид. Мо ба вай: чаро дар рӯзи чиҳилум наёмадед? Дар Тошканд чӣ қадар пул кор кардед? Ба мо чӣ савғотиҳо овардед? гуфта пайи ҳамдигар саволҳо додан гирифтем.

– Ба ту як чизи ғалатӣ овардам, – гуфт падарам ба ман. – Канӣ ёв, он чиз чист? Ёфта наметавонӣ. Дар хона нишон медиҳам.

Дар хона ҳамаи бошандагони ҳавлии мо дар суфаи таги сада ҷамъ омаданд. Падарам як-ду куртаворӣ газвор, «тешукнон» (бублик) ва қанди савғотӣ овардаашро як-як аз хӯрҷин баровардан гирифт. Ман бесаброна нигарон будам, ки вай «чизи ғалатӣ»-ро мебарорад. Аммо падарам, гӯё ки ваъдаи худро фаромӯш карда бошад, аз он чиз даҳон накушода, хӯрҷини холишударо ба як тараф гузошт.

– Дадо, савғотии ба ман овардагиатон канӣ?

– Мана! – падарам хандида «тешукнон» ва қандро нишон дод. – Инҳо савғотии ганда аст?

Ман маъюс шудам: охир ин чизҳо ҳеҷ ҷойи ғалатигӣ надоранд, қанду «тешукнон»-ро падарам аз ин пеш ҳам оварда буд.

Вай моро бо шириниҳо зиёфат кард. Ман, Азизхон ва Зебӣ ба қанду «тешукнон» дарафтидем, модарам ва зани амакам низ мазаи онҳоро чашиданд. Фақат модаркалонам дар канор нишаста буд ва ба ҳеҷ кадоми он чизҳо даст намерасонд.

–Ин чизҳо ҳалол не, дасти кофирҳо расидагӣ, – мегуфт вай, харчанд ки савғотиҳоро бо чашмаш намедид.

Баногоҳ ман дар паҳлуям як чизи аҷиброро дида мондам, ки маълум набуд вай аз куҷо пайдо шуд: дар кунҷаки палос, қадакаш ним ваҷаб, почакаш ёзондагӣ, чашмакош каб-кабуд ва калон кушодагӣ, як одамчаи силиқи гулобиранг нишаста буд. Падарам хушҳолона ханда мекард. Ман фаҳмидам, ки «чизи ғалатӣ» ҳамин аст. Падарам ба ман нафаҳмонда онро оҳистекак ба паҳлуям монда будааст.

–Шинос шав! – гуфт вай. – Ин худаш бисёр бачаи хуб аст, лекин андак қайсарӣ дорад, ки ҳеҷ хоб намеравад, фақат мешинад. Кушӣ ҳам хоб намеравад.–Падарам бозичаро якчанд бор ба замин хам кард, аммо ҳамин ки дасташро мебардошт, «бачаи қайсар» даррав хеста менишаст.

– Номаш чӣ? – бозичаро ба дастам гирифта пурсидам ман.

– Номаш-мӣ? – падарам як лаҳза фикр карда монд ва баъд гуфт: – Номашро ман напурсидам, вай ҳам нагуфт… Мо номи инро…медонӣ, чӣ мемонем? Мирзодиккак мемонем.

Ҳама хандиданд. Ин ном дар ҳақиқат ба вай бисёр муносиб афтод[1].

---

[1]. Он бозича «Ванка-встанка» буд, ки ба тагаш аз дарун сурб рехта шуда буд ва бо вазни сурб «хеста менишаст». Чун ба тоҷикӣ ном

Аз ҳамин рӯз сар карда Мирзодиккак дӯсти қарини ман шуд, бо вай ман кӯзанаксозӣ ва гунҷишкгириро ҳам аз ёд баровардам. Мирзодиккак ба мо, бачаҳо, он қадар завқ ва хушҳолӣ мебахшид, ки ҳеҷ бозичаи дигар набахшида буд. Мо ба воситаи он бозича касони бо вай «шинос» набударо метарсондем. Ҳар гоҳ ки ба хонаи мо аз хешу табор ё аз ҳамсояҳо касе меомад, ман Мирзодиккакро номаълумак ба наздаш мегузоштам. Баъзе касон дар лаҳзаи аввал нохост тарсида худро аз бозича дур мекашиданд, ман бошам, завқ карда механдидам. Як рӯз ба хонаи мо Алихӯҷа ном хешамон омад, ки одами гарангнамо ва тарсончак буда, аз арвоҳ ва ҷину аҷина метарсид. Вай дар сари дастархон бо падарам саргарми суҳбат буд, ки ман Мирзодиккакро оҳиста ба зонуяш нишонда мондам. Як маҳал чашми Алихӯҷа ба вай афтода, аз тарсаш як қад парид ва ҳатто аз ҷояш хеста рафт. Мирзодиккак бошад, ба рӯйи гилем ғалтиду лекин парво накарда боз даррав хеста шиштан гирифт. Ман аз ханда шах шуда, Мирзодиккакро гирифта боз ба наздики Алихӯҷа бурдам, вай ба бозича остин афшонда, худро ақиб мекашид, мисли ин ки он бозича каждум ё ки ягон газандаи дигар бошад.

Рӯзе аз рӯзҳо Мирзодиккак ба меҳроби масҷид ғалтида, қариб буд як магали калон хезонад. То кунун ҳам, агар ҳар гоҳ ман ин воқеаро ба ёд оварам, хандаам мегирад. Масҷид, ки пешаш бо панҷараи чӯбин гирифта шуда буд, дараш ҳеҷ гоҳ маҳкам карда намешуд; мо, бачагон, гоҳе ба он ҷо даромада, дар болои ҷойнамозҳои калоне, ки ба рӯйи намади мулоим пахн карда шуда буданд, бозӣ мекардем. Як рӯз ману Солеҳ сӯфӣ (муаззин)-ро бо Мирзодиккак тарсонданӣ шуда, пеш аз намози пешин бозичаро ба меҳроби масҷид даровара мондему

---

надошт, падарам дар худи ҳамон ҷо ба бозича ба эътибори он ки ҳар бор диккӣ карда хеста менишаст, Мирзодиккак ном ниҳод. (С. У.)

худамон дар паси панчараи масчид ба даруни алафҳо руст шуда нигоҳ карда нишастем. Сӯфӣ чорӯб дар даст барои рӯфтани даруни масчид омада ба он чо дохил шуд. Ба наздики меҳроб рафта буд, ки нохост чашмаш ба Мирзодиккак ғалтида, қомати хамашро ҳам рост накарда, дар чояш шах шуда монд. Мирзодиккак дар як ҳолати дур аз одоб, пойҳояшро ёзонда ва чашмони кабудашро ба сӯфӣ дӯхта менишаст.

– Худоё тавба!–мегуфт сӯфӣ худ ба худ. – Ту чистӣ? Аз кучо пайдо шудӣ? Боз ачина набошӣ? – Баъд сӯфӣ «ачина»-ро бо нӯги чорӯбаш оҳиста чунбонд: Мирзодиккак ба як паҳлу ғелида, ҳамон лаҳза боз хеста нишаст, гӯё ки бо забони ҳолу амал ба сӯфӣ: «Ана дар ҳамин чо шиштан мегирам, аз ту наметарсам» мегуфт.

– Э, лаънатӣ! Хеста мешинад-а – шунида мешуд овози сӯфӣ.

Ману Солеҳ дар даруни алаф шикамамонро дошта, ғел зада-ғел зада механдидем.

Аз кӯча ба саҳни масчид се кас омаданд, ки яке аз онҳо мулло Зайниддин буд. Ману Солеҳ худамонро ба даруни чӯйи хушк гирифта аз назари омадагон паноҳ шудем. Мулло ба даруни масчид даромад. Сӯфӣ қомат рост карда:

– Таќсир, – гуфт, – ба ин чо як чин даромадааст, бинед!

– Лаббай? Чин? – Мулло ҳам наздик рафта ба болои Мирзодиккак хам шуд. – Э, ин-мӣ? Ин бозича! Бозичаи кофирон! Умархон инро аз Тошканд ба писараш овардааст. Инро ба масчид кӣ овард? Гирифта ғурронед, ки масчидро мурдор мекунад!

–Ман навакак таҳорат карда омадам, таќсир, даст расонам, таҳоратам мешиканад,– нимҳазлу нимчиддӣ карда гуфт сӯфӣ.

Он гоҳ худи имом мисли ин ки ягон мор ё калпесаро[1] мегирифта бошад, бо нӯги остинаш оҳиста аз пойи Мирзодиккак гирифта, ӯро берун баровард.

Дар ин вақт аз пойин, аз тарафи чашма, падари ман бо амакам пайдо шуданд, ки баъди таҳорат дастурӯй поккунон меомаданд.

–Умархон! Шумо муъмину мусулмон шуда истода, аз шаҳр ба писарчаатон ҳамин хел бозичаи кофирҳоро меоваред? Шарм намедоред? – Падарамро хиҷолат доданӣ шуд мулло Зайниддин.–Писарчаи шумо инро ба масҷид оварда партофтааст! Охир ин масҷидро мурдор мекунад!

Падарам ва амакам ба Зайниддин нигоҳ карда, аз ханда худдорӣ карда натавонистанд: муллои иззатманд Мирзодиккаки бечораро бо ҳазару кароҳат дар нӯги остини ҷомааш нигоҳ дошта меистод, ки дар воқеъ хандаовар буд.

–Ин як бозичаи одии бачагон аст,–лабханд карда, ҷавоб дод падарам, – вай масҷидро чӣ хел мурдор мекардааст?

–Мекунад! Ҳар чизе ки бо дасти кофир сохта шуда бошад, мурдор аст, – ҳукм кард мулло ва бозичаро бо нафрат ба таги девор ғурронд.

Сӯфӣ азон гуфт, одамҳо то поёни азон дар ҳар ҷо-ҳар ҷо сарҳошонро хам карда нишастанд. Ман аз ин фурсат истифода бурда, оҳиста аз даруни ҷӯй баромадаму Мирзодиккаки сағираро аз таги девор бардошта гурехтам.

Солеҳ ҳам худро аз болои девори масҷид ба кӯча ҳаво дода, ба ман расида гирифт. Ману вай акнун аз касе хавф набурда, овозамонро сар дода хуб хандидем.

Бори дигар Мирзодиккак ба хӯрҷини як резаворфурӯш ғалтида ба бозор ҳам рафт. Хайрият, ки ману бародарам дар сари вақт хабардор шуда, ӯро халос

[1] **Калпеса**– калтакалос.

кардем, вагарна резаворфурӯш ӯро қариб ба як харидори мусофир фурӯхта фиристода буд. Агар халос намекардем, бечора ба мусофиратӣ ғалтида нобуд шуда равад ҳам, аҷаб набуд...

Воқеа ин аст. Резаворфурӯш, ки ошнои мо буд, ҳар рӯзи чоршанбе аз деҳаи ҳамсоя омада, дар хонаи мо каме дам мегирифту баъд бозор мерафт. Вай шона, ресмон, сӯзан, сурма, даҳанифаранг, тишкол, сақич ва монанди ҳамин чизҳо мефурӯхт. Як рӯзи бозор аз деҳаи худаш омада ба ҳавлии мо фуромад ва хӯрҷинашро дар токчаи айвон монда, худаш ба хона даромада бо падарам чой нӯшида нишаст. Бародарам Азизхон дар айвон хӯрҷинро ба ман нишон дода гуфт:

–Биё, Мирзодиккакро ба даруни ин хӯрҷин андохта мемонему мардакро метарсонем. Мардак ба бозор рафта хӯрҷинашро кушояд, Мирзодиккак мебарояд, вай метарсад.

Ман розӣ нашудам.

–Раваду Мирзодиккакро ба ягон ҷой партояд ё фурӯхта фиристонад, сонӣ чӣ кор мекунем?

–Фурӯхта наметавонад, ман ҳам ба бозор меравам-ку! Ман аз вай хабардор шуда меистам. Агар хоҳӣ, ту ҳам бо ман биё. Тамошо мекунӣ!

Бозича ба хӯрҷин андохта шуд. Вақте ки резаворфурӯш хӯрҷинро ба китфаш партофта равон шуд, мо ҳам аз қафояш рафтем.

Вай доим дар як ҷо – рӯ ба рӯйи дӯкони масҳифурӯшӣ зери дарахте нишаста савдо мекард. Ба он ҷо расида, шолчаашро ба замин паҳн карду аз хӯрҷин молҳояшро якто-якто бароварда ба рӯйи шолча мондан гирифт. Ману Азизхон дар пушти дарахт панаҳ шуда, аз ӯ чашм наканда истодем. Як маҳал вай ба хӯрҷинаш даст халонда буд, ки ба досташ Мирзодиккак омад. Резаворфурӯш дар тааҷҷуб монда, мижа зада-мижа зада бозичаро тамошо кард. Бағоят ҳайрон буд ва албатта,

фикр мекард, ки ин чӣ бошад ва ба даруни молҳои ӯ чӣ тавр афтода монда бошад? –охир, дар хӯрҷини вай ин хел «мол» набуд-ку! Баъд аз он вай худ ба худ табассум карда, бозичаро ба як кунҷи шолча монд. Мирзодиккак аз рӯйи одати худ даррав хеста нишаст. Резаворфурӯш вайро хобонда монд, вай боз хест. Аз афти кор, якраҳагии Мирзодиккак ба резаворфурӯш хуш омада буд, ки вай боз якчанд бор ӯро паҳлунокӣ ё пуштнокӣ хобонданӣ шуд, аммо Мирзодиккак ҳеҷ таслим намешуд, фақат нишастан мехост. Ману бародарам муомилаҳои ӯро бо Мирзодиккак тамошо карда, бисёр завқ мебурдем. Фурсате гузашт, Мирзодиккак диққати яке аз харидоронро ба худ ҷалб намуд. Харидор сари ду пой нишаста, бозичаро ба даст гирифта тамошо кард.

– Ин чист? – тааҷҷубкунон пурсид вай.

Дар ин дам резаворфурӯш, ба ҳайрати ману бародарам чӣ будани бозичаи моро ба харидор фаҳмондан гирифт. Мо дар ҳаққи бозичаамон тавсифҳое шунидем, ки ҳеҷ дар гӯшаи хаёламон ҳам набуд. Ҳеҷ яке аз он сифатҳоро мо дар ошнои деринаамон Мирзодиккак надида будем.

– Ин бисёр чизи ғалатӣ аст! Ҷавоб дод резаворфурӯш ба харидор. Баъд аз он тез-тез гап задан гирифт: – Инро Қаровулаки Хесташинак мегӯянд, – гуфт. – Ин гап мезанаду мешунавад, мебинаду дам намезанад. Худаш шиштакори хоббезор аст. Корҳои мекардагиашро ҳеҷ махлуқ карда наметавонад. Дар хонае, ки Хесташинак бошад, мору каждум намедароянд. Ҳар кас инро дар пешаш монда хоб равад, дар сари вақт бедор мешавад ва намозашро қазо намекунад. Агар шумо дар сари қаҳру ғазаб фарзандатон ё занатонро бе гуноҳ заданӣ шавед, як бор ки чашматон ба Қаровулаки Хесташинак ғалтид, даррав аз ҷаҳлатон мефуроед. Ана ҳамин навъ хосиятҳо дорад ин Хесташинаки мо. Харед! Қимат намефурӯшам, ин ба худи ман аз як ҳоҷӣ расид, пули як гӯсфандро дода

харидам, ҳоҷӣ инро аз Истанбул оварда будааст. Ку, савдо кунед!

Резаворфурӯш худаш аслан одами суханбофу суханпардоз буд, вале то ин дам ин ҳунари вай бо чунин дурахшонӣ зоҳир нашуда буд, чунон ки ҳоло зоҳир шуд. Дар ин вақт бародарам давида рафта Мирзодиккакро аз дасти резаворфурӯш зада гирифт, ки агар зада намегирифт, ба дасти бегона рафтани он муқаррар буд.

Мирзодиккак боз ба ман баргашт. Вале бо ин ҳама вай баъди чанд рӯзи ин воқеа дар тагӣ пойи бародарам монда ҳалок шуд: бародарам надониста ӯро бо мӯзааш зер карда будааст. Сари Мирзодиккак кӯфта ва пайкари нозукаш маҷақ-маҷақ шуда буд. Акнун вай дар умраш аввалин бор пуштнокӣ ба замин хобиду дигар нахест.

## ҶАЛОИ ВАТАН

Чизу чораи мо ба хари сиёҳ бор карда шудааст ва ман дар болои он саворам. Сабрам нест, интизорам, ки кай ба роҳ медароем. Дар паҳлуи ман, зери сада, бародарам Азизхон хари сафеди моро аз нӯхтааш дошта истодааст, ки ба он ҳам чиз бор карда шудааст, аммо камтар. Аз хонаи модаркалонам садойи гуфтугӯ меояд – дар он ҷо хешовандони мо, ки барои моро ба роҳи дур гусел кардан омадаанд, бо падару модарам хайрухуш мекунанд. Овози гирёолуди модаркалонам ба гӯш мерасад, ки мегӯяд:

– Боз шуморо мебинам ё не, Худо медонад. Ду-серӯза умрам монд, умед карда будам, ки маро худат гӯронӣ. *(Модаркалонам ба падарам гап мезад)*. Замона вайрон шуд. Одамҳо хона-ҷояшон, ёру диёрашонро партофта, ба ғарибӣ мераванд... Худоё, Худовандо, дар он шаҳрҳои дур писарам, набераҳоям, келинамро хор накун, ба бегона зор накун!..

Ин қадар хайру маъзур дароз кашид! Сабрам намонд, охир падару модарам кай мебароянд? Кошкӣ тезтар ба роҳ медаромадем. Ман имрӯз ё пагоҳ поездро мебинам, баъд Сирдарё, баъд аз он Тошкандро, ки падарам дар бораи он ҳикояҳои аҷиб мекард, мебинам. Имрӯз дар роҳ харро хар чӣ қадар дилам хоҳад савор мешавам, ки ормонам намонад. Хари сиёҳро мо аз ҳамсоя киро кардем, вай боқувват ва тезгард аст, зӯр ҳангос мезанад, вай хари сафеди мо барин не: хари мо пир, сарҳам, гаранг ва сустгард аст, ба вай ҳоло халачӯб як тараф истад, ҷуволдӯз ҳам дуруст кор намекунад. Агар дар роҳ истоёнанд, дарров заминро бӯйида ҳаракати хоб рафтан мекунад.

Ниҳоят, модарам кӯдаки семоҳаашро бардошта аз ҳонаи модаркалонам мебарояд; аз паси вай падарам, аз паси падарам хешовандони мо намоён мешаванд.

Зебӣ зор-зор мегиряд.

– Оя, маро ҳам баред! – тавалло мекунад вай ба модарам.– Ман бе шумо дар ин ҷо намемонам, шуморо ёд мекунам.

Духтарак бо ду дасташ дасти модарамро гирифта, гирёну нолон:

– Таго, ба ман дилатон намесӯзад? – мегӯяд. – Ман ҳам бо шумо меравам!

Падарам сари ӯро сила карда мегӯяд:

– Худи ман ҳам мехостам, ки туро гирифта барам, лекин ҳоли очаат чӣ мешавад? Вай бе ту як рӯз ҳам зиндагӣ карда наметавонад. Ту сабр кун, аввал ба Тошканд расида ҷойгир шавем, баъд аз он ман омада туро бо очаат гирифта мебарам. Аммо Зебӣ таскин намеёбад ва ҳунгас гиря мекунад. Модарам ӯро дар оғӯш гирифта, аз сару рӯяш мебӯсад, тасаллӣ медиҳад. Ман ҳам аз Зебӣ ҷудо шудан намехоҳам, дар дилам аз мондани вай афсӯс мехӯрам, лекин ҳозир майли ман бештар ба тамошои ояндаи поезд ва Сирдарё банд аст.

Модарам бо ёрии падарам ба хар савор шуда, Мухтори семоҳаро ба бағалаш – ба даруни фаранҷӣ мегирад. Ниҳоят, «хуш раветон! Хуш монетон!» гуфтанҳо ва роҳи сафед талабиданҳо ба поён мерасаду мо ба роҳ медароем. Хари сиёҳи ман бардам-бардам пой монда меравад, аз қафои вай, сархаму фармонбардор, хари сафед қадам мезанад, вайро Азизхон якзайл «их-их» гуфта бо калтак зада меистад, ки ақиб намонад. Аз қафотар падарам ва амакам меоянд. Хомӯшона роҳ мепаймоянд. Амакам гоҳ-гоҳ як оҳ кашида мемонад: вай аз кӯчидани мо розӣ нест, сафари мо ба вай нодаркор ва хатарнок менамояд. Ин пагоҳ вай дар хона бисёр ҳаракат кард, ки падарамро аз нияти сафари пурхатар гардонад, аммо падарам намегашт. Вақте ки мо аз деҳа баромадем, амакам охирин бор ба падарам гуфт:

– Ба ман нигаред, ако, ҳозир ҳам дер нест. Аз роҳатон гардед. Бо ҳам як ҷо бошем, беҳтар аст. Дар ҳамин ҷо ҳам рӯзамо мегузарад.

–Ту ҷиннӣ[1] шудӣ? – оташин шуда ҷавоб медиҳад падарам. – Мо ҳазлбозӣ карда истодаем магар? Ман ки ба ягон кор ҷазм кардам–тамом! Аз роҳам намегардам.

Қаҳтӣ сар шуда буд, падарам аз тарси он моро ба Тошканди дур кӯчонда мебурд. Хушксолӣ киштҳои деҳқононро нобуд кард. Аз ғӯзаи дар Дӯлона коштаи мо фақат ду ҷувол кӯрак рӯйиду халос. Падарам ин кӯракро бо як ҷувол зардолуйи дар боғ хушконидаамон ба амакам дод ва боз ваъда кард, ки дертар аз Тошканд пул мефиристонад. Тошканд шаҳри калон аст, падарам дар он ҷо ошноҳо дорад, амаки калониам Исохон дар ҳамон ҷост, мо метавонем вақтҳои аввал дар хонаи вай истиқомат кунем. Бойҳои Тошканд муҳтоҷи мардикоронанд, падарам ба мардикории онҳо рафта, маоши зиндагии моро пайдо хоҳад кард. Инро вай аз

---

[1]. **Ҷиннӣ** – чингада, девона.

мондан дар деҳаи гуруснае, ки баъзе хонаводаҳои он аз ҳамин вақт ба кунҷораxӯрӣ сар кардаанд, беҳтар медонист.

Мо аз миёни дашт бо роҳи санглох мерафтем. Деҳа дар ақиб монд. Ҳаво тира буд, нафаси зимистон ҳис карда мешуд. Ҳар дам шамоли хунук вазида, алафҳои хушкидаи канори ҷӯйҳои беобро ба замин пахш мекард. Деҳаҳое, ки дар канорҳои дашти биёбонмонанд дида мешуданд, бо якто-нимто дарахтони бараҳнаи хазонзадаашон ба назар мисли харобазорҳо менамуданд.

Хари сиёҳи саркаш ва ҳангӣ ба ҷонам расонд. Вай ҳар дам бесабаб ҳангос мезад. Агар дар дашт хареро дида монад, фукашро боло карда наъра кашида ба сӯяш медавид. Падарам ё амакам қаҳр карда вайро калтак зада ба роҳ андохтанӣ шаванд, қаҳр карда ҷуфт мезад, ман бошам бо ду дастам аз ёлаш маҳкам қапида худамро базӯр аз ғалтидан нигоҳ медоштам.

Ниҳоят, тоқатам тоқ шуду ба падарам гуфтам, ки аз харсаворӣ безорам ва пиёда меравам. Фуромадам, ба ҷойи ман харро бародарам савор шуд.

Хари сафеди пир ҳам моро хеле ташвиш дод. Вай роҳи нағзу ҳамворро монда, якзайл ба роҳи пасту баланд ва санглох мегашт, ба даруни лой ва ҷӯйҳо медаромад, падарам ё амакам ӯро зада ба миёнаи роҳ меандохтанд. Ҳар гоҳ ки мо дар ягон ҷо андак қарор мегирифтем, вай дарҳол заминро бӯй карда хобиданӣ мешуд; модарам тарсида моро чеғ мезад, ягонтаи мо давида рафта харро зада аз хобидан манъ мекардем. Дар як деҳаи сари роҳ мо камтар истода дам гирифтем. Борамонро аз болои харҳо фуроварда, онҳоро барои чаридан сар дода будем, ки ҳамон хари сиёҳ бе ҳеҷ сабаб бо хари сафед ҷангталаб шуда, ба вай дарафтид. Ӯро бо сари синааш мезад, гарданашро мегазид ва боз, гӯё ки худи ӯро зада истода бошанд, дод ҳам мегуфт. Дар ин дам хари сафеди дангоса ногаҳон ба ғайрат даромада, ба он сиёҳи шӯрапушт ҷазои

хубе дод, яъне пушт гардонда, бо ду пойи акибаш ба фуки ӯ, ба шиками ӯ, ба ҳар ҷояш ки рост ояд, лагад задан гирифт. Шӯрапушт аввал он зарбаҳоро писанд накард, аммо дар охир тоб наёварда фарёдкунон гурехт. Баъди ҳамин вай ҳалим ва фармонбардор шуда монд ва дигар ба хари сафед наздик ҳам намерафт.

Ба истгоҳи роҳи оҳан мо дар вақти ғуруби офтоб расидем. Истгоҳ дар дашти кушод воқеъ шуда буд; дар наздикии роҳи оҳан бинои хурдтараке буд, хиштин, бомаш аз тунукаи сурх, ин бинои вокзал будааст; аз вай дуртар, дар канори роҳ, як хонаи пасти лойин ба назар менамуд, ки чойхона буд.

Падарам бо амакам борро аз харҳо фуроварда ба чойхона даровարданд, ману Азизхон бошем, мондагиро фаромӯш карда, ба хатти роҳи оҳан шитофтем. Ман рӯ-рӯйи релси ҷилодор давидан гирифтам. Релсҳо аз истгоҳ ба ду ҷониб рафта, дар уфуқи дашт ғойиб мегардиданд. То вақти говгум мо дар болои релсҳо даводав мекардем. Баногоҳ, аз дур ду оташак намудор шуд. Падарам, ки ба назди мо омада буд, гуфт, ки поезд омада истодааст ва ин ду оташак ду чашми поезд аст. Он чашмони аловин торафт калонтар шуда рост ба тарафи мо меомаданд.

Мо аз релсҳо дур шуда дар пеши бинои вокзал поездро пойида истодем. Инак, аз торикӣ фаш-фашкунон як чизи сиёҳи кӯҳпайкари оташнафас пайдо гардид. Аз рӯйи ҳикоятҳои падарам ман поездро як махлуқи зинда мепиндоштам ва монанди девҳои афсонавӣ тасаввур мекардам. Ин аст, ки ҳиссиёти аввалини ман аз дидани поезд тарс буд. Охир, деви афсонавӣ ба одам ҳуҷум мекунад, ӯро ба комаш фурӯ мебарад! Ҳоло ин «дев»-и сиёҳи пурҳайбат ҳам фаш-фаш карда ва ғулғула андохта ба болои мо меомад. Ман ба падарам маҳкам часпида гирифтам. Нохост як наъраи даҳшатноки осмонкаф баланд гардид. Ман аз тарс аъзои баданам ларзида сарамро ба зери ҷомаи падарам пинҳон кардам.

– Натарс, вай ба ту зиён намерасонад, вай явош, беозор аст. Ҳозир истода дам мешавад, – гӯён падарам маро ором карданӣ мешуд.

Поезд истод. Фаш-фашу ғулғулаи он паст шуд. Тарси ман ҳам гузашт. Акнун ман паровози оромгирифта ва қатори хонаҳоеро, ки вай аз думболаш кашола карда оварда буд, тамошо кардан гирифтам.

Падарам пештар ба ман гуфта буд, ки паровоз ангишт мехӯрад ва об менӯшад, ин аст, ки чашми ман ҳоло ҷиддан даҳон, шикам ва пойҳои паровозро меҷуст.

– Дадо, вай ангиштро чӣ хел мехӯрад? Даҳанаш дар куҷояш?

– Паровоз ҷон надорад, вайро одам аз оҳан сохтагӣ, – гуфт падарам.

– Не, ҷон дорад!–қабул накарда мегуфтам ман, зеро намехостам аз тасаввуроти афсонавии худам, ки дар бораи поезд доштам, ҷудо шавам. Аммо чун дуртар нигоҳ кардам, дидам, ки паровоз ҳақиқатан чизи «сохта» аст. Фикр мекардам: агар поездро одамҳо месохта бошанд, пас чаро то ҳол дар деҳаи мо насохтаанд? Агар месохтанд, мо бемалол ҳамаи чизҳои даркориамонро ба он бор карда, аз ҳавлӣ ба боғ ва аз боғ ба ҳавлиамон мекашондем ва худамон ҳам ба он савор шуда, рафтуой мекардем…

Вақте ки ба поезд нишастем, ман дар ин бора ба падарам савол додам. Вай гуфт:

– Поездро урусҳо месозанд. Онҳо ҳикмати инро ёфтаанд. Агар мо ҳам ёбем, месозем.

Ҳикмат чист, ман намедонистам ва онро дар хаёлам монанди тилисме, ки аз афсонаҳои модаркалонам ва модарам шунида будам, тасаввур мекардам, ки он тилисм дар байни кӯҳҳо, дар ғорҳои касмаёбу касмабин пинҳон будааст. «Маълум мешавад, ки русҳо он тилисмро ёфтаанд» – фикр мекардам ман. Мехостам, ки ман ҳам онро ёбам.

Амакам хари сиёҳро савор шуда ва хари сафедро пешандоз карда ба деҳа баргашт. Мо бошем, дар поезд нишаста, роҳи Тошкандро пеш гирифтем. Дар байни ҳамсафарони мо мардони шапкапӯш ва занони бефаранчии сафедрӯйи малламӯй буданд, ки хушу хуррам дар забони ба мо нофаҳмо чақ-чақ мекарданд. Марди риштарошидаи чашмкабуде ба оҳанги аҷибе тарона мегуфт, ки «ғазал»-аш ҳамчунин нофаҳмо буд. Ҷавони сабзинаи ҷингиламӯе як асбоби ғалатии мусиқиро менавохт, асбобаш ба дами оҳангарӣ монанд буд ва ҳар боре ки ҷавон онро бо ду дасташ мефишурд ва сар медод, асбоб садоҳои нафисе мебаровард. Дар паси тиреза гоҳо сутунҳои фонусдор намоён гашта, тез-тез ба ақиб мерафтанд. Ҳар он чӣ ман дар поезд медидам ва мешунидам, бароям ҳама нав, ҳама ғайричашмдошт ва шавқовар буд. Ман ҳатто ҳайрон мешудам, ки додаракам Мухтор дар поезд, – дар ҳамон ҷойи ин қадар аҷоибу ғалатӣ ҳам мегиряд, чунон ки дар деҳа, дар хонаи худамон мегирист. Фақат ҳамин гиряи ӯ хотиррасон карда меистод, ки ман на дар олами афсона мебошам, балки дар замин, дар байни одамони муқаррарӣ нишастаам.

Инак, ғулғулаи чархҳои поезд паст шуд, дар паси тиреза сутунҳои фонусдор пайи ҳамдигар пайдо шуда, оҳиста-оҳиста ба қафо мерафтанд. Падарам гуфт:

– Ба пули Сирдарё расидем.

Ман ва бародарам рӯямонро ба ойинаи тиреза ҷафс карда дарёро тамошо карданӣ шудем. Дарё аз пул хеле паст ҷорӣ мешуд ва дар қаъри торикӣ пинҳон буд. Фақат дар як ҷо рӯшноии хираи фонус ва камтарак ҷойи дарё тофта, як пора обро равшан карда буд ва дар он ҷо оби тезҷараён аз торикӣ берун омада боз ба торикӣ мерафт. Ман бисёр афсӯс мехӯрдам, ки аз пул шабона гузашта истодаем, вагарна дарёи Сирро, ки диданаш дер боз орзуи ман буд, медидам! Поезд хеле муддат дар болои пул гашт, аз ҳамин рӯ, дарё ба ман беҳад калон намуд.

Гуфтугузори ҳаяҷонноки ману бародарам дар бораи дарё магар диққати ҷавони ҷингиламӯйро ҷалб карда буд, ки назди мо омада, ба гап ҳамроҳ шуд. Вай ба забони ўзбекӣ нимғалату нимдуруст мегуфт, ки дар дунё дарёҳои аз Сир чанд маротиба калонтар ҳастанд. Ҷавон аз онҳо чанд дарёро ном гирифт. Аз суханони вай дунё ба ман беандоза бузург ва беҳадду канор намуд.

Мо ба Тошканд шабона расидем. Падарам дар вокзал як аробаи маҳаллиро киро кард, мо чизу чораамонро ба он бор карда ва худамон ҳам савор шуда ба роҳ баромадем. Шаб торик буд, ман шаҳри Тошканд, «хонаҳои равони зангӯладор»-и он, занҳои малламӯйи кушодарӯйи онро, ки падарам ҳикоя карда буд, тамошо карда натавонистам. Аммо баъди чанд фурсат донистам, ки дар ин бобат афсӯс нахӯрам ҳам мешавад; аробакаш моро аз кӯчаҳои каҷукилеби торик ва беодам мебурд. Дар ду бари кӯча деворҳои лойин, дар паси деворҳо боғчаю хонаҳои паст намудор буданд. Ин манзара аз деҳаи мо фарқе надошт. Наход, ки Тошканд, Тошканди афсонавӣ, ки аз ҳикоятҳои падарам дар хаёли ман тасвир шуда буд, ҳамин бошад?

– Не, Тошканд ин нест, ин атрофи Тошканд аст,– гуфт падарам.

Мо ба Шиблӣ ном гузар ё маҳаллаи шаҳр равон будем. Нисфи шаб мо ба тангкӯчае даромада, дар дами дарё қарор гирифтем. Падарам дарро кӯфта, бо овози баланд касеро чеғ зад. Аз дар ду-се мард баромаданд. Яке аз онҳо маро дар дасташ бардошта ба дарун бурд...

Бурда ба хонае даровард, ки аз рӯшноии чароғи ба шифт овехташуда нимравшан буд. Хона аз хонаи деҳагии мо кам фарқ дошт ва аз он беҳтар набуд. Мардак мӯйсафед буд ва маро «ҷиянам» мегуфт. Фаҳмидам, ки ин кас амаки Исохон аст. Модар, падар ва бародарам бо ҳамроҳии мардоне, ки ба пешвози мо баромада буданд, омаданд. Аз паси онҳо се зан пайдо шуд, ки яке аз онҳо

кампири лоғари қаддарози андак қоматхамида буд. Ғайр аз амакам боз чаҳор мард-амакзодаҳои ман: ду нафарашон монанди падарам гандумгуни сиёҳриш, дуи дигарашон ҷавонтари мӯйлабдор, ҳамаашон одамҳои солимчеҳра буданд.

Яке аз занҳо дастархон андохт, ҳамаи мо дар гирди он нишастем. Зан якчанд харбузаи малларангро оварда ба рӯйи дастархон гузошт. Чун амакам онҳоро бо корд пора кард, ман дидам, ки онҳо харбуза набуда, балки нон будаанд ва ин нонро ба русӣ «хлеб» мегуфтаанд. Аз он шаб беш аз ин чизе дар хотирам намонд, зеро ки маро зуд дар ҷойи нишастагиам хоб бурдааст...

## ШИБЛӢ

Пагоҳӣ бедор шуда бинам, ки дар хонаи дигар хобидаам. Ин хона ҳам монанди хонаи дирӯза камбағалона ва аз ҳар гуна зебу зинат холӣ буд. Дар паҳлуям бо ман таги як кӯрпа бародарам мехобид.

Мехостам зудтар бубинам, ки ба чӣ ҷое омадем, бинобар ин зуд ҷомаю мӯзаамро пӯшида берун баромадам.

Яке аз амакзодаҳои ҷавонам дар рӯйи ҳавлӣ сари ду пой нишаста, бо теша ҳезум майда мекард. Зане дар як гӯшаи ҳавлӣ ба оташдон алов мемонд.

Саҳни ҳавлӣ хеле васеъ буда, аз ҷониби боғ бо шохи дарахтон ва бо чиғҳо гирифта шуда буд; аз паҳлуи чиғ, қад-қади як ҷӯйча, ки обаш шилдиррос зада ҷорӣ мешуд, пайраҳае буд, ман давон-давон бо ин пайраҳа рафтам, вай маро ба ҳавлии берун баровард.

Дар тарафи ростам девори баланду дарозе дидам, ки ҳавлии берунро аз кӯча ҷудо мекард. Тарафи чап чорбоғи калоне буд, ки аз байни дарахтони мевадор канораи дигари он пайдо набуд. Дар байни он дарахтон танҳо якчанд хонаи пасти лойин намудор буд. Ҳаво гирифта,

дарахтони боғ ҳама хазонзада, таги пой лойи часпак буд. Таг-таги девор як ҷӯйи заҳбурмонанд ё заҳбури ҷӯймонанд буд, ки оби зарди кӯлмак дошт.

Манзара дилнописанд ва ғамангез! «Наход, ки мо минбаъд дар ҳамин ҷо зиндагӣ кунем? Деҳаи худамон аз ин ҷо беҳтар буд!» – мегуфтам ман дар дилам.

Амакам бо писарони зандораш дар як бино мезистанд. Ҳар оила дар он бино хонае дошт, ки дараш ҷудо буд. Рӯзҳои аввал оилаи моро ба ду-се хона тақсим карданд: падару модарам дар хонаи худи амакам, ман дар хонаи яке аз амакзодаҳоям, Азизхон дар хонаи амакзодаи дигарам истиқомат мекардем.

Амакам Исохон дар Тошканд таҳҷойӣ гашта, чаҳор писар ва як духтараш дар ҳамин ҷо калон шуда буданд. Ду писари калониаш: Исохонхӯҷа ва Эминхӯҷа, аёлу фарзанд доштанд, духтараш низ кайҳо ба шавҳар баромада, фарзандҳо ёфта буд ва дар гузари дигар истиқомат мекард. Ғайр аз амакам ва зану ду писари калониаш, дигар ҳамаи аъзоёни ин хонаводаи калон забони тоҷикиро фаромӯш карда буданд ва ӯзбекӣ гап мезаданд. Мо ҳам забони ӯзбекиро медонистем. Модарам бошад, дар солҳои аввали ба шавҳар баромаданаш аз тоҷикӣ дида ба ӯзбекӣ беҳтар гап мезадааст, зеро дар деҳаи зойидашудаи ӯ Қӯрғон, ки дар байни деҳоти ӯзбек воқеъ шудааст, гарчанде забони гуфтугӯйи мардум як вақтҳо тоҷикӣ бошад ҳам, кам-кам ба ӯзбекӣ табдил шуда будааст.

Аҳли хонаводаи амакам пештар ҳам аз ваҷҳи манзил тангӣ мекашидаанд, акнун, мо ҳам омада бо онҳо дар манзили танг ҳамманзил шудем. Ду амакзодаи хурдиам, Исмат ва Юнусхӯҷа, ки аввалӣ сисола ва дуюмӣ бистушашсола буд, ҳоло безан буданд ва бо падару модари пирашон дар як хона меистоданд, аммо акнун, ки бо кӯчида омадани оилаи мо манзили танги онҳо тангтар шуда буд, маҷбур шуда буданд, шабҳо ба хонаи

ошноҳошон ё ба самоворхонаҳои Шиблӣ рафта хоб кунанд.

Занони амакзодаҳоям ба расми хешовандӣ ва меҳмоннавозӣ чанд рӯзи аввал токат карданд, аммо баъд кам-кам пешониашонро чин кардан гирифтанд ва дар охир ошкоро гур-гур мекардагӣ шуданд. Модарам бо бачаи ширхораш дар хонаи бегона бисёр азият мекашид. Вай дар байни чанд рӯз худашро гиронда монд, сурхии рӯяш ба зардӣ гашт ва дар таги чашмонаш сояҳои кабуд пайдо шуданд.

Падарам саҳар баромада рафта шаб бармегашт, вай дар шаҳр кор меҷуст, то музде пайдо кунад ва чой суроғ мекард, то оилаашро кӯчонда барад.

Аммо ҳар дафъа бе ҳеҷ натиҷа ба Шиблӣ бармегашт.

–Мо барин бечораю бенаво бисёр будааст, – мегуфт вай. – Гала-гала мардуми гушна ғелидаю ҷӯлида аз деҳаҳо ба Тошканд омада истодаанд. Кӣ як порча нон диҳад, ҳар коре ки фармояд, мекунанд. Каллапаз якто без[1] партояд, даҳ гушна ҷарафтида талош мекунанд.

Вай гоҳе Азизхонро ҳам бо худ гирифта мебурд. Шаб, ки ба хона баргаштанд, ман аз бародарам мепурсидам:

– Ако, шаҳрро хуб тамошо кардӣ? Гуфта деҳ, чиҳо дидӣ?

Бародарам бо қаҳр ҷавоб медод:

– Дам шав!.. Худам ба чӣ ҳолу ин аз шаҳр гап мепурсад!

Ё ки:

– Дидагии маро ту надидӣ, – мегуфту дам мешуд.

Вай монда шуда, аксар вақт гушна монда, димоғаш сӯхта меомад ва бо ҳеҷ кас гап задан намехост. Танҳо вақти шаб, ки мо ҳар ду ба таги як кӯрпа мехобидем, вай кам-кам ба забон даромада, баъзе дидагиҳояшро ҳикоя

---

[1]. **Без** – чарбу.

мекард. Аммо ҳикояташ бароям хеҷ шавқовар набуд: вай аз бозор, аз дегҳои палав, аз нонҳои сафеди ширмол ва аз кабобҳои хушбӯй сухан меронду бас. Баъзан дар бораи ким-кадом касоне, ки падарамро ба кор гирифтан нахостанд ё дар бораи сагҳои газандае, ки ба ҳар дуяшон, яъне, ба падараму бародарам ҳамла карда, онҳоро аз ким-кадом дару дарвозаҳо рондаанд, гап мезад. Ман бошам, аз вай ҳикояти шаҳри аҷоиб, ҳикояти «хонаҳои равони зангӯладор» ва монанди ҳамин чизҳои ғалатиро шунидан мехостам.

Хешовандони мо ба карточка нон мегирифтанд ва бо мо он нони худро боҳам медиданд. Хиҷолати ин барои мо аз ҳар чӣ бадтар буд. Иззати нафси падарам бисёр мекоҳид. Агар вай дар вақти сарсонию саргардонии худ гоҳо ягон кори тасодуфӣ пайдо карда ва чор-панҷ танга ба даст меовард, албатта, чандто нон ё каме орд харида оварда ба онлаи амакам медод.

Як рӯз мо дар хонаи амакам танҳо будем, ки модарам зор-зор гириста ба падарам шикоят сар кард:

–Ман дигар дар ин ҷо истода наметавонам. Барои чӣ моро ба ин ҷо овардед? Агар мурдан бошад, дар деҳаи худамон мурем беҳтар буд, дар гӯристони деҳа ба мо ҳам се газ ҷой мешуд. Моро тезтар ба ягон ҷойи дигар кӯчонда баред! Беҳтар, ки дар огилхона, дар катак зиндагӣ кунаму таънаи мардумро нашунавам.

–Дар ин зимистони қаҳратун ман туро ба куҷо мебарам? – гуфт падарам. Ва баъди хомӯшии дурудароз илова кард: – Боз камтар сабр кун, ман ягон илоҷ меёбам.

Вай ба амакам гуфт, ки мехоҳад дар ҳавлии беруни ӯ як хонаи муваққатӣ андозад.

– Дар зимистон чӣ хел хона меандозӣ? – ҳайрон шуд пирамард.

– Ту рухсат деҳ, ба он тарафаш корат набошад.

Амакам рухсат дод. Падарам шаш-ҳафт адад ходаи дароз ёфта овард ва онҳоро ба девори баланди ҳавлии

берун тамба карда монда, дар байнашон ду газ-ду газ фосила гузошт. Тамбаҳоро бо навдаҳо ба ҳам баст, ба болояшон шохи дарахт, қамиш, коҳу хошоку бӯрё андохт. Баъд рӯйи онҳоро бо як қабат лойи ғафс пӯшонда, ловида партофт. Хоначае ба шакли нимхайма ҳосил шуд, ки бомаш якрӯя буд. Дар девори «хона» равзанаи чоркунҷа сохт, ки аз он рӯшноӣ медаромад. Фарши «хона»-ро ҳамвор карда, ҳамчунин бо коҳу хошоку бӯрё пӯшонд.

Писарони амакам, Азизхон ва ман ба падарам ёрӣ додем. Вай бо ёрии мо ин «сохтмон»-ро дар давоми як рӯзи кӯтоҳи зимистон ба анҷом расонд.

Модарам омада хонаро аз назар гузаронд ва ягона девори хунуки заҳкашидаи онро даст-даст карда дида як оҳи сард кашид. Падарам ба вай тасаллӣ доданӣ шуда мегуфт:

– Коре карда то баҳор бароем, баъд аз он ба ягон ҷо мекӯчем.

Дар «хона» сандалӣ шинондем, намаду гилеми кӯҳнаамонро ба заминаш андохтем, сандуқ ва кӯрпаю болиштамонро оварда дар як кунҷак ҷо кардем. Ба даромадгоҳаш ба ҷойи дар палос овехтем, дар даромадгоҳ ба ҷойи кушод оташдон сохтем. Ба зиндагӣ сар кардем.

Ду-се рӯз гузашт, барфу борон борид ва он гоҳ маълум шуд, ки «хона»-и нави мо ҳеҷ истиқоматбоб нест. Аз шифти «хона»-амон лойи обакӣ мерехт. Бар қасди мо зимистон ҳам сахт ва сербориш омад. Ҳар гоҳ агар борон ё барфи тар борад, ё ки барфи борида ба об шудан сар кунад, аз шифти «хона»-и мо мунтасил, шаб ҳам, рӯз ҳам, калон-калон қатраҳои лойолуд мечакиданд. Ба ҳама ҷо–ба болои кӯрпа, сандалӣ, ба сару рӯйи мо, ба гаҳвораи Мухтор мечакиданд. Аз чакидан ҷойи гурез набуд. Додари хурдтараки ман доим гиря мекард.

Ман ва Азизхон ба падару модарамон нолиш мекардем, ки аз ин хел зиндагӣ безорем. Аммо чора набуд. Модарам доим чеҳрааш хира буд, кам гап мезад. Саҳар аз

ҳама барвақт мехест ва шаб аз ҳама дер мехобид. Кӯдакашро парасторӣ мекард, хӯрок мепухт, либос мешуст, аз субҳ то шом кор мекард ва шаб боз бача мемаконд ва гаҳвора меҷунбонд. Гули рӯяш хазон шуда буд, ман метарсидам, ки мабодо мурда монад. Вай дар бораи марг бисёртар гап мезадагӣ шуда монд.

– Моро ба ин ҷо хок кашида овардагӣ барин, – мегуфт вай.

Падарам рӯзи дароз дар хона набуд. Вай ҳамоно дар ҷустуҷӯйи кореву шуғле саргардон буд ва ҳар касе ҳар гуна коре, ки фармояд, мекард. Агар пуле ба даст орад, чизе аз озуқа харида меовард. Бегоҳӣ ба хона бо қавоқи гирифта бармегашт. Модарам ба пешаш дарҳол ягон хӯрок бурда мемонду қавоқи гирифтаи ӯро дида дам намезад ва саволе ҳам намедод.

Ман хандаю бозиро фаромӯш кардам. Дастёри аввалини модарам будам, ҳеҷ ором надоштам. Вазифаи душворе, яъне ҳезумкашӣ дар уҳдаи ман буд.

Амакам тобистони гузашта, дар як гӯшаи холии боғаш ҷуворимакка корида будааст, баъди даравида гирифтани пояи ҷуворимакка бехи он, ки монда буд, аз замин як ваҷаб-як ваҷаб баромада меистод,–ман онро аз таги баргу лой берун мекашидам. Онро мо дар хонаамон ба ҷойи ҳезум месӯхтем, зеро ки ҳезуми дигар набуд. Дар рӯзҳои хунук, ки замин ях мекард, кашида баровардани бехи ҷуворимакка душвор мегардид, ман онро бо теша кофта мегирифтам. Бо ҳамин тарз як миқдор аз ин ҳезумворӣ ҷамъ карда, ба хона мекашондам ва дарҳол ба сандалӣ нишаста дастҳои аз хунукӣ карахтшудаамро ба таги кӯрпа мехалондам, ки гарм шавад. Бехи ҷуворимакка, пеш аз он ки сӯхта даргирад, соате дуд мекард. Дудаш тунди чашмхӯр буда, ба гирду пеш ва даруни «хона»-и мо мепечид.

– Тошканд чойи ганда будааст, – шикоят мекардам ба модарам, – чойи худамон нағз буд. Барои чӣ дадом моёнро ба ин ҷо оварданд?

Боре падарам дар Шайхантаҳур ном маҳалли Тошканд якчанд рӯз ба як бой мардикорӣ карда, ба ҷойи музди кораш аз ӯ ду пуд оқшоқ[1] гирифта овард. Қисми бештари оқшоқро худаш дар дастоси[2] амакам орд кард. Фармуд, ки модарам аз он орд нон пазад ва бародарам он нонро дар бозор бурда фурӯшад, то барои харочоти рӯзгор маблағе ба даст ояд.

Нони орди оқшоқ бадхӯр мешудааст: онро дар гармиаш хӯрдан мумкин буд, аммо хунук,ки шуд, тахир ва дилноҷӯ мегардид. Модарам нонро аз танӯр кандан замон ба дастархон мепечонду дар сабад андохта ба сари бародарам монда медод, ки гармогарм бурда дар бозори Шиблӣ фурӯшад. Нонро ба ду қабат дастархон печонанд ҳам то расидан ба бозор ва пайдо шудани харидор вай хунук мешуд, ки баъд ҳеҷ кас намехарид. Бечора Азизхон онро боз аз ду чақрим роҳ дар сараш бардошта ба хона меовард. Аз гаронии сабади нон гардани ӯ дард карда, сарашро базӯр мегардонд ва гиря мекард.

Падарам як бор аз ким-куҷо як ҷувол ангиштсанг ёфта овард. Мо аз он камтар-камтар ба сандалӣ меандохтем. Як рӯз хунуки сахт шуд, шамоли хунук ки мевазид дар даромадгоҳи «хона» ба ҷойи дар овехтаамонро канда рафтанӣ мешуд. Даруни «хона» мисли яхдон буд, сандалӣ пойҳои моро гарм кунад ҳам, гӯшамонро хунук мепучид. Ман тоқат карда натавониста, кӯрпаро ба сарам кашидам. Дар ҳамин ҳолат хобам бурдааст. Як вақт ҳис кардам, ки хунук мехӯрам ва тамоми баданам аз сармо зиррос зада меларзид. Базӯр

---

[1]. **Оқшоқ** –биринҷмайда.

[2]. **Дастос**– осиёбчаи дастӣ.

чашмамро кушода бинам, ки дар даруни барф хобидаам. Падарам як қошуқ ҷурғоти яхкардаро зӯр зада ба даҳони ман рехтанӣ мешуд, аммо ҷоги ман махкам шуда, дандонхоям ба ҳам часпида монда буданд, вай даҳони маро кушода наметавонист. Маълум шуд, ки маро ғубори ангишт гирифта будааст. Падарам маро дар ҳолати беҳушиам ба берун бардошта бароварда дар барф хобондааст, ки аз таъсири хунукӣ ба худ оям.

Овози гиряи модарам ба гӯшам мерасид:

– Писаракам нобуд шуд! Ин ангишти исқотмондаро аз кадом гӯр ёфта овардед?!

Дар ҳолати нимбеҳушӣ аз дилам мегузашт, ки бояд зудтар зинда будани худамро нишон дода, дили модарамро осуда кунам. Бо ин мақсад зӯр мезадам, ки дандонҳоямро аз ҳам барканда, даҳонамро кушояму ҷурғотро фурӯ барам ва ба модарам нигоҳ кунам, то вай бубинад, ки ман «нобуд» нашудаам.

Дар тамоми он зимистони наҳс ман танҳо як бор нағзакак гарм шудам, аммо ба ивази он қариб буд, ки ҳаётамро бахшам. Акнун, деҳаи дурамон ба мо сарманзили роҳат ва макони саодат менамуд. Ман намехостам бовар кунам, ки одамҳо ягон вақте дар Тошканд зиндагии беҳтаре карда бошанд.

«Аз барои чӣ дадом ҳамин хел одами боақлу кордон шуда истода, моро ба ҳамин хел ҷойҳои бад кӯчонда овардаанд?» – гаштаю баргашта ба худ савол медодам.

Модарам дигар китоб намехонд, аз дилаш байт намебаровард. Намегирист, аммо ханда ҳам намекард: рӯяш хира гашта, гӯё шах шуда монда буд, вай дигар ману Азизхонро намехононд, сабақхонӣ ба ману бародарам акнун монанди хобу хаёли ширине менамуд, ки ҳеҷ амалӣ шудан надорад.

Модарам ба лофу газофи занҳо гӯш меандохтагӣ шуда монд, аз пештара даҳчанд зиёд ба фолҳои бад бовар

мекард, шаб ҳар гуна хобҳои «бехосият» медид ва метарсид.

Шабе аз шабҳо вай ногаҳон дод зада аз ҷогаҳаш хест. Дид, ки мо ҳама дар паҳлуяш хобидаем, ором шуд ва хоби дидагиашро ҳикоя кард. Ман ҳам аз дод задани вай бедор шуда будам. Падарам чароғ даргиронд.

– Ба хобам обхез даромад, – гуфт модарам. – Ба дарё сели калон омада буд, сел маро гирифта бурд, ман дар миёни оби дамида даступо мезадам. Ба худам мегуфтам, ки аз ин сел халосӣ нест, вай ҳамаро гирифта мебарад. Дод гуфта шуморо чеғ задам, лекин аз шумо ҳеҷ касро надидам, хаёл кардам, ки сел шуморо гирифта бурдааст. Тарсида боз фарёд задам ва аз фарёди худам бедор шудам.

Аз шунидани ҳикояти ӯ падарам чии бар ҷабин кашиду сарашро хам карда, дам назада нишаст. Ману бародарам низ дам ба дарун кашида мехобидем. Дили моро ваҳм гирифта буд, зеро мо ҳам монанди падару модарамон ба хобҳои бад бовар мекардем. Модарам ҳар вақт мегуфт, ки агар одам дар хобаш ба ягон фалокат дучор шаваду аз он халос нахӯрад, маълум мешавад, ки аҷалаш наздик аст. Бинобар ҳамин, мо аз хоби модарамон сахт тарсида будем.

– Аҷали ман расидагӣ барин, – баъди хомӯшии дурудароз гиря карда гуфт модарам. Ману бародарам ҳам сарамонро ба кӯрпа печонда гиристем.

– Беҳуда худатро хафа накун: ту дар об ғарқ нашудаӣ, рӯ-рӯйи об рафтаӣ, иншоолло ҳеҷ воқеа намешавад, – хоби модарамро ба некӣ «таъбир» карда ӯро тасаллӣ доданӣ мешуд падарам.

– Одамизод дар пешониаш будагиро мебинад, ман ғами ҷони худамро намехӯрам, аммо аз ятим мондани фарзандонам метарсам, – гуфт модарам.

Баъди ин воқеа мабодо ки модарам мурад гуфта метарсидагӣ шуда мондам. Бе вай ҳоли мо чӣ мешавад?

Ман ба вай аз пештара дахчанд меҳрубонтар шуда будам. Ҳар коре ки фармояд, зуд ба ҷо меовардам. Гоҳо ба вай:

– Бибӣ, тӯмор овехта гардед, ба мазори Зангиато рафта шамъ даргиронед, – гуфта дилсӯзона «маслиҳат» ҳам медодам, зеро мегуфтанд, ки тӯмор аз чашми бад нигоҳ медорад ва ҳазрати Зангиато аз сари ихлосмандонаш хар балою офатро дафъ мекунад.

Кампирҳо ва ҳамсоязанҳои дигар ба модарам: «Ин ғапро ба даҳони бача фариштаҳо андохтагӣ» гуфтанд ва ба вай кабули «маслиҳат»-и маро тавсия намуданд.

Модарам ба як нафар домуллои калон тӯмор нависонда, аз таги куртааш ба гарданаш овехта гирифт. Як бор ба мазори Зангиато ҳам рафта шамъ монда омад. Аммо бо вуҷуди ин, хотири ман аз ҳаёти модарам ноҷамъ буд. Баъзе шабҳо тарсону ҳаросон бедор шуда, дар торикӣ оҳиста ба наздаш мехазидам ва гӯш меандохтам, ки нафас мегирад ё не. Чун мешунидам, ки нафас мегирад, хотирҷамъ шуда боз ба ҷойгаҳам даромада мехобидам.

## БА ЗАВОД

Мо ҳеҷ вақте ин қадар бесаброна интизории баҳорро накашида будем, чунони ки дар Шиблӣ дар он зимистони пурмашаққат, дар он гуруснагӣ ва ғарибӣ интизории онро мекашидем.

Ба Тошканд мо фақат се моҳ пеш омада будем, вале ин се моҳ ба мо чандин сол барин намуд. Зимистон намерафт ва баҳор намеомад, гумон мекардем, ки хунукӣ, рутубат, барфу борону шамол поён надоранд, нимторикии козаи мо, гиряи Мухтори хурдтарак, дуди бехи ҷуворимакка, нони оқшоқ, хобҳои воҳиманоки модарам поён надоранд; сарсониҳои падарам дар ҷустуҷӯйи ризқи аёлу фарзанд поён надоранд.

Падарам дастҳои пурзӯри кормуштоқашро ба ҳар коре, ки рост ояд, мезад, – барои вай аз музди кор ҳам дида худи кор бошад бас буд. Вай баъзе рӯзҳо, агар ба корҷӯйӣ наравад, каландашро гирифта ҷӯйҳои боғи амакамро тоза мекард ё ҷойҳои ғалтидаи девори боғро лой мезад.

Каланд задан ё девори кухнаеро як лагад зада ғалтонидани вай бародари мӯйсафедашро ба шавқ меовард. Амакам Исохон қоил шуда ба ӯ мегуфт:

– Худо ба ту аҷаб зӯру қувват дода будааст, Умархон!

– Ҳо, лекин мулк надод, обу замин надод, ки ман ин зӯру қувватро дар онҳо кор фармоям, – ҷавоб медод падарам.

Дар яке аз рӯзҳои аввали баҳор падарам аз шаҳр ба хона аввалин бор шоду хуррам баргашт.

– Мо пагоҳ ба завод мекӯчем! – хабар дод вай.

Модарам аз ин хабар чандон хурсанд ҳам нашуд, – вай боварӣ надошт, ки дар ягон ҷойи дигар зиндагонии мо беҳтар мешуда бошад, – лекин мутеона ба ғундоштани анҷоми хона сар кард.

Ману Азизхон бошем, бисёр шод шудем, зеро ки дер боз ягон дигаргунӣ ва навигариро орзу мекардем.

Ҳаво гирифта буд, борони майда меборид. Аробаи мо бо кӯчаи калони шаҳр равон буд. Ман ҳеҷ гоҳ ин хел иморатҳои баланди зебо, ин хел кӯчаҳои фарохи серодамро надида будам. Чашмам дар як ҷо қарор намегирифт, ман намедонистам ба кадом аҷоиботи шаҳр нигоҳ кунам. Аз болои як манораи ғафс садои зангӯла баланд буд, падарам фаҳмонд, ки ин ҷо бутхона – масҷиди русӣ аст. Дар сари чорраҳа, байни дарахтон, болои тахкурсии гирдаи баланде, ки баландиаш қариб бо зангӯлахонаи бутхона баробар буд, ким-чӣ хел одамҳои сиёҳи шапкапӯш беҳаракат истода буданд. Ман дертар донистам, ки он ҷойро «сквер» мегуфтаанд ва он одамҳои

сиёҳ – хотираи фатҳи Туркистон, ҳайкали ким-кадом саркардаю сарлашкарҳои подшоҳӣ буданд.

Аз падарам пурсидам:

– Дадо, он одамҳо кистанд? Барои чӣ дар он баландӣ истодаанд?

– Ин одамҳо аз оҳан сохта шудаанд, – ҷавоб дод падарам. – Бо фармони оқподшоҳ инҳоро ба он баландӣ бароварда монданд, ки аз шаҳру аз мардуми вай чашм наканда хабардор шуда истанд.

– Онҳо зиндаанд?

– Модом ки рост истодаанду намеғалтанд, бояд зинда бошанд, – хандид падарам.

– Аз мардум барои чӣ хабардорӣ карда меистанд?

– Аз барои он ки одамон дар кӯчаҳо дониста қадам монанд ва кач нагарданд.

Ман «хонаҳои равони зангӯладор»-ро ҳам дидам, ки трамвай номида мешудаанд. Баъдҳо ман ба трамвай бисёр савор шудам, аммо дар аввалин бори диданам ба ҳайрат монда будам: хоначаҳои пур аз одам худ ба худ, «бе асп» - бе паровоз рӯйи ду хатти оҳанин медавиданд, зангӯлаашон нопайдо буд, аммо ҷарангос мезад, то ки одамон сари роҳи онҳоро нагиранд. Падарам гуфт, ки монанди поезд трамвайро ҳам алов роҳ меравонад, аммо алови он дар худаш набуда, балки дар даруни симҳоест, ки бар болои роҳи трамвай кашида шудаанд ва номи он иликтр[1] аст.

«Хонаҳои равон» дам ба дам аз канори кӯча мегузаранд. Ман дар симҳои болои трамвай гоҳ-гоҳ барқвор даргирифтани оташи иликтр ва паридани шарораҳои кабудро мебинам. Ҳанӯз аз тамошои трамвай сер нашуда будам, ки аз паҳлуи мо як аробачаи сиёҳи бисёр зебо давдавон гузашта рафт. Вай чунон босуръат мерафт, ки ба назарам ким-чӣ хел ҳайвони тездав барин

[1]. Электрик.

намуд. Дар дарунаш ду-се одам нишаста буд. Падарам ба мо фаҳмонд, ки номи аробача автомобил буда, вай ҳам бо алов мегардад ва низ яке аз «ҳикматҳо»-и русӣ аст.

Марду занҳои хушлибос пайраҳаҳои кӯчаро пур карда равуой менамоянд. Занон бе фаранҷӣ, ҳатто сари баъзеашон бараҳна, ҳама сафедрӯй ва бештаринашон малламӯянд, ки аз мардони «номаҳрам» ҳеҷ парво накарда мегарданд. Ман ба онҳо бо тааҷҷуб нигоҳ мекунам. Диққати маро махсусан писарбача ва духтарбачагоне, ки дар тан палто, дар сар шапка ё телпак, дар по ботинка ва дар пушт қуттичаҳо доранд, ба худ ҷалб мекунанд.

– Инҳо мактаббачагонанд, – мегӯяд падарам. – Дар қуттичаҳояшон китоб, дафтару қалам андохта мегарданд. Ба мактаб равонанд ё ки аз мактаб омада истодаанд.

Ба онҳо ҳаваси ман меравад. Мехоҳам, ки ман ҳам дар ҳамин кӯчаҳои зебо гашта, монанди ҳамин бачагон хурраму хандон ба мактаб равам. Рост аст, ки мактаби онҳоро монанди мактаби деҳаи худамон тасаввур мекунам, яъне, хоначаи нимторике ба пеши назарам меояд, ки дар заминаш пахол ва бӯрёҳои кухна андохтаанд, бачагон бар рӯйи пахолу бӯрёҳо нишаста бо шӯру ғавғо сабақ ёд мекунанд ва дар як кунҷи хона домулло чӯби дарозеро дар дасташ дошта нишастааст. Вале, инак, аробаи мо аз пеши иморати дуошёна мегузарад. Иморат сафед, озода, тирезаҳояш қатор; як тӯда бачагон дар гирду пеши он машғули бозӣ ва даводав...

– Ин ҷо мактаби русӣ аст, – гуфт падарам.

Маро ҳайрате ва шавқе фаро гирифта буд. Дар аввал ба сухани падарам бовариам намеомада, дар дилам мегуфтам, ки наход мактаб ҳамин хел калону сафед, ҳамин хел озода ва ойинакорӣ, ҳамин хел аҷоиб ва зебо мешуда бошад?!

Он рӯз ман аввалин бор шаҳри ҳақиқиро дидам. Вай ба назарам бисёр зебо, беҳадду канор ва пур аз аҷоибот намуд. Ҳикоятҳои падарам дар бораи Тошканд ҳама рост ва ҳатто аз гуфтаи ӯ ҳам зиёдтар баромаданд. Деҳаи худамон бо он ҳама масҷидҳояш, чашмаҳояш, чинорҳояш, қалъаи кӯҳнааш ва бозори пурғавғояш дар назарам нисбат ба ин шаҳри азим ҳеҷ ва нозеб менамуд. Инак, «манора»-ҳои беҳад баланде намудор шуданд, ки аз нӯги онҳо дуди ғализе мебаромад. Онҳо дудкаши заводи хиштпазӣ будаанд. Мо пагоҳӣ ба роҳ баромада будем, ҳозир офтоби аз паси абр намоёнгашта ба нишастан наздик шуда буд, аммо тамошои шаҳр бароям гузаштани вақтро номаълум мекард, чунони ки ба гумони ман аз аввали ба роҳ баромаданамон то ҳол ба қадри як чойник чой нӯшидан ҳам фурсат нагузашта буд.

Ниҳоят, аробаи мо ба дами як дарвозаи калон омада истод. Дар паси дарвоза биноҳои сафед ва дарахтзор намоён буданд. Дар паҳлуи дарвоза хоначаи чӯбине буд, аз он хонача пирамарди якчашмаи шапкапӯше баромад; вай ба падарам муроҷиат карда чизе мегуфт: зоҳиран, кӣ будан ва аз куҷо омадани моро мепурсид.

– Ярашев!.. Ярашев!.. Ярашев!... – ба биноҳои сафеде, ки аз дарунтари дарвоза намоён буданд, ишора карда гуфт падарам.

Бобои якчашма ин номро худ ба худ ба оҳанги савол такрор карда китф меҷунбонд. Аён буд, ки ин ном барояш шинос нест ва ӯ аробаи моро ба дарун роҳ додан намехоҳад.

– Мастеровой Ярашев! – андак оташин шуда гуфт падарам.

Пирамард сару даст ҷунбонида мефаҳмонд, ки на моро ва на Ярашевро намешиносад.

Дар гирди мо як тӯда одамони ношинос ва бачагон ҷамъ омаданд. Падарам якзайл номи Ярашевро гирифта, боз муддате бо пирамард кашокаш кард, аммо бефоида.

Пирамарди саркаши гапнофаҳм сари роҳи моро гирифта буд ва талаб мекард, ки мо зудтар аробаамонро ба роҳи омадагиамон гардонда равем.

Борон боз майда кард, мо саропо тар шудем. Мухтор гиря бардошт... Одамони ҷамъомада ба мубоҳисаи кашолёфтаи падарам ва пирамарди якчашма, ки гапашонро ба якдигарашон хеҷ фаҳмонда наметавонистанд, механдиданд. Модарам аз ҳамаи мо зиёдтар ба танг омада буд.

Баногоҳ дар даруни дарвоза, аз пушти иморати сафед як одами мӯйи сараш ҷингилаи парешон намудор шуд, вай ба пойи бараҳна калӯш пӯшида, миёнашро ҳам набаста баромада буд ва шамол домани куртаи дарозашро лаппас мезанонд. Вай тез-тез қадам монда ба сӯйи дарвоза меомад.

Падарам хурсандона ба пешвози ӯ шитофт:

– Ярашев! Салом алайкум, Ярашев!

Шахси парешонмӯй бо падарам шоду хандон вохӯрдӣ кард. Баъд аз он ба бобои якчашма рӯй оварда чизе гуфт. Бобо сар тофт ва даст афшонд. Маълум буд, ки моро ба дарун роҳ додан намехоҳад ё наметавонад. Бо оҳанги сарзаниш ба падарам мегуфт:

– Ярашев не, Ершов! Ер-шов!

– Ҳо, ҳо, бале, Ершов! – розӣ шуд падарам.

Маълум шуд, ки вай номи ошнои худро ғалат гуфта будааст.

Акнун Ершов ҳам ба тарафи пирамард даст афшонд, ки яъне, дигар бо ту гап задан намехоҳам. Ба падарам «ту дар ҳамин ҷо мунтазир бош, ман зуд гашта меоям» гуфту боз тез-тез қадам монда рафта, дар паси иморатҳои сафед аз назар ғойиб гардид. Як ним соат гузашт, аз Ершов дарак нашуд. Мо дар зери борон хеле ҳам ба ҳоли табоҳ мондем, Мухтор беором гиря мекард. Аспи мондашуда бо сари хам истода, аз борону шамол зир-зир меларзид.

Гумон мекардем, ки ғайр аз бозгаштан ба Шиблӣ чораи дигар нест.

Азизхон аз падарам кӣ будани Ершовро пурсид. Маълум шуд, ки падарам дирӯз, дар вақти сарсонию саргардонии худ дар ҷустуҷӯйи кор, гузораш аз пеши як бинои анбормонанде афтодааст. Дар он ҷо як кас аз ду аробаи чорчарха бочкаҳои вазнинро фуроварда ба анбор кашонда истода будааст ва он кас ҳамин Ершов будааст; дуи дигар, ки аробакашон будаанд, ба аробаҳошон такя карда истода баҳузур махорка мепечондаанд. Падарам ба назди Ершов омада мепурсад, ки агар ба корат ёрӣ расонам, чӣ мегӯйӣ?

Ершов хандида мегӯяд:

– Ёрии туро бо ҷону дил қабул мекардам-ку, лекин афсӯс, муздашро дода наметавонам. Пул надорам.

Табассум карда гап задани мардак ва муомилаи дӯстонаи ӯ ба падарам хуш меояд.

– Майлаш, музд лозим нест, – мегӯяд вай ба Ершов ва бо ҳамроҳии ӯ бочкаҳоро ба рӯйи ҳавлии анбор ва аз он ҷо ба таҳхона кашондан мегирад.

Баъди тамом шудани кор Ершов фикр карда истода мегӯяд:

– Бародар, ҳаққи туро додан лозим буд, лекин... ман ҳеҷ чиз надорам... Биё, ба ароба савор шав, ман туро ба завод мебарам; хонаи ман дар завод аст. Ман дар он ҷо ҳаққи туро баробар мекунам.

Падарам ба ароба савор шуда, бо ҳамроҳии Ершов ба завод меравад, дар он ҷо Ершов ӯро ба хонаи худаш бурда, бо карамшӯрбо зиёфат мекунад. Дар вақти таом дуяшон суҳбат карда, аз аҳволи якдигар воқиф мешаванд. Ершов худаш аслан аз коргарони Русия буда, дар қӯшуни сурхи савора хизмат мекардааст ва ҳоло отпуск гирифта ба пеши оилааш омада будааст. Вай зан ва ду фарзанди хурдсол – як духтар ва як писар доштааст. Зану бачагонаш аз Русия ба қарибӣ омада дар ҳамин завод ҷойгир шуда

будаанд ва камбағалона рӯз мегузаронидаанд, дар хонаашон ғайр аз як пӯстин, миз, нимкат (скамейка) ва дусе табақу коса дигар ҳеҷ чиз набудааст.

Падарам ба вай саргузашти ғарибӣ ва бесарусомонии моро ҳикоя мекунад. Ершов ба андеша меравад ва дар охир мегӯяд:

– Як маслиҳат диҳам? Ба ҳамин ҷо кӯчида биё! Дар завод кор мекунӣ. Соҳиби завод пештар Иванови буржуй буд, акнун соҳиби он мо ҳастем...Кӯчида биё, вассалом. Дар ҳамсоягии ман як хонаи холӣ ҳаст, вақтҳои аввал дар ҳамон хона истиқомат кунӣ ҳам мешавад.

Ершов ба падарам биноро нишон медиҳад: дар он бино се хонаи қатор буда, дарҳои ҳар сеяшон ба як айвони дароз кушода мешудаанд. Дар хонаи якум оилаи Ершов, дар хонаи дуюм як марди инвалид истиқомат мекардаанд ва хонаи сеюм (фаршаш хокӣ ва худаш андак таъмирталаб) холӣ будааст. Падарам дар андеша мондааст, ки барои ишғол кардани вай ин хонаро иҷозат медода бошанд ё не, аммо Ершов ба таври қатъӣ гуфтааст, ки:

– Ба ин ман кафил! Кӯчида биё.

Сабаби ба завод кӯчида омадани мо ана ҳамин будааст.

Ниҳоят, аз пушти биноҳои сафед Ершов намудор шуд. Ин дафъа вай ба пояш мӯза ва ба сараш шапка пӯшида, шинели хокиранги нимдоштеро ба китфаш партофта меомад. Бо ҳамроҳии ӯ боз як марди қоматбаланди хушсимо ва гандумгун, ки дар танаш нимҷомаи сиёҳи чармин дошт, як дасташро дар бағал карда қадам мезад. Дуяшон ба назди мо ҳозир шуданд. Ершов ба ҳамроҳи худ гоҳ «товарищ Николаев» ва гоҳ «товарищ винодел» хитоб карда ва моро нишон дода сухан ронд: зоҳиран, ӯро бовар кунонданӣ мешуд, ки ба завод кӯчида даромадани мо лозим ва зарур аст. Вай гап

зада истода, як-ду бор ба китфи падарам зада «работник, работник[1]» гуфта монд.

– Сиз ким? Нима керак?[2] – ногаҳон шахси Николаев хитобёфта ба падарам бо забони ӯзбекӣ муроҷиат кард.

Падарам аз шунидани лафзи ӯзбекӣ шод шуда, ба он шахс арзи ҳол кард:

– Ман як деҳқони фарғонагӣ ҳастам. Қаҳтӣ сар шуда буд, ки ба Тошканд кӯчида омадам. Кор кофта гаштаам. Дина дар шаҳр ба ин Ершов ёрдам расонда, бочкаҳояшро ба анбор кашонда додам, баъд вай маро ба ароба савор карда ба хонааш овард. Ман ба вай «кор намеёбам, хона надорам, сарсон ҳастам» гуфта будам, ки вай «ба завод кӯчида биё, дар ҳамин ҷо кор мекунӣ» гуфт, «соҳиби пештараи заводро зада пеш кардем, акнун соҳиби вай худи ту мешавӣ» гуфт. Аз барои ҳамин ман ба ин ҷо кӯчида омадам...

Николаев ба Ершов рӯй гардонда, завқ карда хандид.

«Соҳиби завод худи ту мешавӣ!» – такрор кард вай ва боз хандид. Баъд аз он аз падарам пурсид: – Дар куҷо истиқомат карданӣ ҳастӣ? Мо хонаи холӣ надорем.

– Ершов ба ман як хонаи холиро нишон дода, «дар ҳамин ҷо истиқомат мекунӣ» гуфт, – ҷавоб дод падарам.

Николаев бо Ершов чанд калима ба русӣ саволу ҷавоб карду ба падарам рӯй оварда гуфт:

– Он хона ба каси дигар таъин шудааст. Ершов аз ин хабар надошт, бинобар ин ба ту онро надониста ваъда кардааст.

Падарам саргаранг шуда ба Ершов нигоҳ кард. Ершов ба ҳолати ногуворе монда бо панҷ ангушт сарашро мехориду худ ба худ ким-чиҳо мегуфт ва пешониашро чин карда чизеро ба хотир оварданӣ мешуд. Баъд аз он вай ба Николаев гарму ҷӯшон гап зада рафт. Аз гапаш ман ҳеҷ чиз нафаҳмидам, вай «сарай, сарай» гуфта, ин калимаро

---

[1]. Коркун, коркун!

[2]. Шумо кистед? Чӣ лозим?

чанд бор такрор кард. Ба наздики падарам омаду даст ба китфи ӯ зада боз «работник, работник!» гуфта монд.

Николаев пойҳояшро васеъ монду даст ба бағал халонда ва бо дасти дигар манаҳашро гирифта як нафас ба фикру хаёл рафт ва баъд ба падарам гуфт:

– Зану бачагонат ана ба он ҷо даромада гарм шуда истанд. – Вай хоначаи чӯбинро нишон дода, ба пирамарди якчашма чизе гуфт ва боз ба падарам рӯй оварда илова кард: – Ту бо мо равон шав.

Падарам ба модарам ёрӣ дода ӯро аз ароба фуровард, пирамарди якчашма ӯро бо кӯдакаш ба хоначаи чӯбин даровард. Баъд Николаев ва Ершов падарамро гирифта бурданд; ман ҳам аз ақиби онҳо рафтам; Азизхон дар пеши ароба монд.

Мо аз пеши якчанд таххонаҳое, ки ба онҳо бо зинапояҳои дароз фуромада мешуд, гузаштем ва ба саҳни завод баромадем. Саҳни он бисёр васеъ ва ифлос буда, якчанд анбор ва аспхонаҳо дошт. Дар ҳар ҷо-ҳар ҷо бочкаҳо, чалаку сатилҳо, оҳанпораҳо тӯда шуда хобида буданд. Саҳни завод як ҷойи партовшудаи дер боз ҷорӯбнадида барин менамуд. Падарам ва ман аз пайи Николаев ва Ершов рафта ба як анбори калоне, ки дар паҳлуи аспхона буд, даромадем, – дар он анбор даста-даста каланд, зоғнӯл, бел, қайчии боғ, арғамчинҳои ғафсу борик ва чарххои ароба болои ҳам мехобиданд. Дар як гӯшаи анбор даре буд, Николаев онро кушод: маълум шуд, ки он ҷо як хонаи ҷудогона будааст. Вай аслан як кунҷи сарой буд, ки дар пешаш девор гирифта, аз саҳни сарой ҷудо карда монда буданд. Дар ин хона ҳам худи ҳамон чизҳои дар сарой дидагиамон хобида буданд, аммо камтар. Хона як тиреза дошт, ки ба пушти анбор кушода мешуд, аммо он тирезаҳо тахта зада маҳкам карда партофта буданд.

– Ҳамин хонаро ба ту диҳем, чӣ мегӯйӣ? – Николаев аз падарам пурсид. – Ин асбобҳоро ба берун кашонда, хонаро холӣ мекунем.

Падарам ҳайрон шуда монд ва чӣ гуфтанашро намедонист. Ба ҷойи ӯ Ершов ҷавоб дод:

– Мумкин. Мешавад.

Вай дарҳол ба кор сар карда, бо ҳамроҳии падарам чизҳои дар хона бударо ба анбор кашондан гирифт. Маро ба дастам як сатил дода, барои об овардан фиристод. Дар наздикии аспхона ҳавзе буд, ки обаш аз ҷӯйи пушти девор меомад, ман аз он ҷо сатилро об пур карда овардам. Омада бинам, ки хона аллакай аз асбобу анҷомҳо холӣ шудааст. Ершов бо анбӯр тахтаҳои ба тиреза мехкӯб шударо мекӯчонд, падарам бошад, ҷӯткаи дарозеро гирифта деворҳои хонаро аз чангу ғубор тоза мекард. Ершов тирезаҳоро кушоду ба фарши хона аз сатил об пошид; ба дасти ман ҷорӯб дода, хонаро рӯбучин кардан фармуд, ки ман ин фармоишро ба ғояти чаққонӣ иҷро кардам.

Чун рӯбучин ба охир расид, падарам хост, ки рафта модарам ва бародарамро бо кӯчи мо гирифта биёрад, аммо Ершов ӯро аз рафтан боздошт:

– Ҳоло сабр кун, хона хунук аст.

– Мо дарров сандалӣ мешинонем, – гуфт падарам.

– Дар ҳамсоягии ин анбор, эҳтимол, ба сандалӣ шинондан рухсат надиҳанд, чунки хавфи сӯхтор ҳаст,– гумон кард Ершов ва аз хона берун рафта, баъди чанд дақиқа бо як бағал тароша баргашт ва он тарошаҳоро ба печка халонда алов даргиронд.

Печка андак гарм шуда буд, ки ба падарам гуфт:

– Акнун рав, занатро биёр.

Модарам ва бародарам бо кӯчи мо оварда шуданд.

Падарам, аввалан, аспи бечораи мондашуда ва хунукхӯрдаро аз ароба бароварду ба аспхона дароварда баст ва бо ёрии Ершов ду банд бедаи хушк ёфта оварда ба пешаш партофт.

Мо кӯчи худамонро ба хона дароварда будем, ки Ершов рафт. Зоҳиран, дилу бедилон рафт: эҳтимол дорад, дар ин хонаи нав чӣ гуна ҷойгир шудани моро дидан мехост, лекин рӯйи модарам пӯшида буд, бинобар ин,

мардак дар он ҷо аз ин зиёд монданро муносиб надид. Дар вақти рафтанаш ба падарам боварии худро изҳор кард бар ин ки зиндагии мо дар ин ҷо бад нахоҳад гузашт, аммо пӯшидарӯй будани модарамро хуш накард ва дар ин бора ба падарам чизе гуфт, ки мо нафаҳмидем. Баъди рафтани вай падарам ба модарам сухани ӯро нақл кард:

– Мегӯяд, ки занат бо рӯйи пӯшида дар ин ҷо азоб мекашад, чунки дар атрофи хонаи мо аз пагоҳ то бегоҳ коргарони мардина дар ҷунбуҷӯл буда, ба ин сарой даробаро мекардаанд.

– Даробаро кунанд, кардан гиранд, ба сарам саргирак гирифта мегардам, – ҷавоб дод модарам. Вай ин гапро як навъ саҳлгирона ва бепарвоёна гуфт, ки ҳатто ҳайрон шудам, зеро вай одатан ба масъалаи рӯйпӯшӣ аз мардони бегона бисёр ҷиддӣ нигоҳ мекард. Зоҳиран, халосӣ аз Шиблии фалокатнишин ва ҷойгирӣ дар ин хонаи нав модарамро он қадар шод карда буд, ки вай ҳоло ҳеҷ фикру андешаи дигареро ба хотираш роҳ намедод.

Дар як-ду соат анборхона ранги хонаи истиқоматӣ гирифт: намаду гилем андохтагӣ, сандуқ ва кӯрпаю болиштҳо дар кунҷак ҷо кардагӣ, сӯзании тиллоранг дар девор ва чакману ҷомаи нави падарам дар мехҳо овехтагӣ, ҳама чиз тахт ва ҷо ба ҷо, хона озода ва гарм.

Шаб суҳбати хонагии мо бештар дар гирди номи Ершов чарх зад, ки яъне, вай «кофир» бошад ҳам, аҷаб одами нағз будааст.

– Мастеравойҳо[1] одамони нағз мешаванд,–мегуфт падарам. – Гарчанде ки мусулмон нестанд, боз мумкин аст ба биҳишт раванд. Лекин ана вай Исмат баринҳо ҳарчанд худашонро мусулмон гӯянд ҳам, ҷояшон дӯзах аст!...

---

[1]. **Мастеравойҳо** – коргарон, дар зери дасти усто коркунандаҳо.

# ДӮСТОНИ НАВ

Падарам ба завод ба кор даромад. Ба чӣ вазифа таъин шуда буд, намедонам, лекин корҳои гуногунро ичро мекард: бор мекашонд, ароба меронд, асбобу ускуна ва анҷоми мухталифи дар саҳни завод паҳну парешонгаштаро ғундошта тахт мекард, баъзе шабҳо ба посбонии анбор мерафт.

Завод заводи шаробпазӣ буда, як ё ду сол боз кор намекардааст. Назар ба гуфти падарам, завод аз ҳамон рӯзе, ки онро аз дасти соҳиби пештарааш Иванов гирифтаанд, аз кор монда будааст, зеро Иванов чун хабардор шудааст, ки заводро аз ӯ кашида мегиранд, устоҳоро аз кор холӣ ва коргаронро пароканда карда, мошинаҳоро пинҳон ё вайрон намудааст; дар натиҷа дусаду панҷоҳ таноб барин токзори назди завод ҳам хароб ва ҳосилаш нобуд гаштааст. Акнун ба завод аз ҷониби Ҳукумати Советӣ директори нав таъин шуда буд, ки ӯро коргарони маҳаллӣ «болшавой» мегуфтанд.

Директор бо мутахассиси шаробпазӣ Николаев машғули аз нав ба кор даровардани завод буданд. Онҳо коргар мегундоштанд, шикастурехти заводро буд мекарданд, ток мебардоштанд.

Дар саҳни завод ғайр аз мо ҳеҷ кас истиқомат намекард, хонаҳои хизматчиён ва баъзе коргарони завод аз мо дуртар, дар поёни токзор вокеъ шуда буд. Дар он ҷо бачагони бисёре ҳам буданд. Бародари ман, ки дар бозори Шиблӣ ва хусусан вақти бо падарам дар кӯчаю маҳаллаҳои шаҳр дар ҷустуҷӯйи кор саргардон шуда гаштанаш як миқдор алфози русиро ёд гирифта буд, дарҳол аз русбачагон ба худ ҷӯраҳо пайдо кард. Ҷӯраи якуми ӯ Вася ном писари ҳисобчии завод буд. Вася ба бародарам якта фалохунча (рогатка) сохта дод; дуяшон рӯзи дароз ба гунҷишкҳо фалохпаронӣ мекарданд.

Азизхон бештарини вақташро дур аз хона, дар кӯчаю токзор бо ҷӯраҳояш гузаронида, ба хона фақат барои хӯрок хӯрдан меомаду бас. Вай маро ба он ҷойҳо барои бозӣ кардан гирифта намебурд. Ман, ки дар хона ба модарам дастёрӣ мекардам ва гаҳвораи Мухторро меҷунбонидам, шаш-хафт рӯзи аввал аз «ҳавлӣ»-амон – аз саҳни завод баромада натавонистам.

Як рӯз Азизхонро падарам ба бозор фиристод, ман аз набудани бародарам истифода бурда, фалохунчаи ӯро гирифта аз хона берун рафтам, ки ба парандагон сангпаронӣ кунам.

Аз беруни завод як роҳи рост ба «поён» мебарад *(поён гуфта мо як тӯда хонаҳои дар канори дигари токзор бударо меномем, ки дар онҳо хизматчиён ва коргарони завод истиқомат мекунанд)*. Ду тарафи роҳ – токзор, қад-қади роҳ дарахтони себ нишонда шудаанд. Рӯз, рӯзи офтобист, ман бо ин роҳ равон шуда, ба гунҷишконе, ки дар шохи дарахтон чириққос мезананд, фалохун мепарронам. Дар байни токзор як гала мурғон гаштаанд, нохост санги ман ба яке аз онҳо мерасад. Мург қиггос зада, лангон-лангон гурехт. Ҳамон дам дар наздики ман як зани солхӯрдаи қадпасте пайдо шуда монд, – ман надонистам, ки аз осмон афтид ё аз таги замин баромад, – зан дар ким-кадом забони нофаҳмо гуҷур-гуҷур мекард ва монанди он мурғи пошикаста қиггос мезад. Вай чӯберо аз замин бардошта маро заданӣ шуда буд, ки ман гурехтам; зан ғуҷуррос зада аз қафоям пеш кард; ман ба наздики хонаҳои «поён» расида ба байни бачагоне, ки машғули бозӣ буданд, паноҳ бурдам, аммо бачагон он зани чӯб дар дастро дида, «ведма»[1] гӯён фарёд зада ба хар сӯ гурезон шуданд. Ман маъноли «ведма»-ро нафаҳмида бошам ҳам, донистам, ки таъқибкунандаи ман зани бадчаҳлест ва бачагон аз ӯ метарсанд.

---

[1]. **Ведма** – ҷодугар, албастӣ.

Як духтарчаи борики почадароз, ки мӯяш мисли як қабза пахол буд, ба тарафи яке аз хонаҳо давида «ма-ма-а! ма-ма!» гӯён фарёд зад. Аз хона зани қоқинаи гандумгуне дасташро ба пешдоманаш поккунон баромад. Духтарча тарафи маро нишон дода ба зан чизе гуфт. Дар ин мобайн зани қадпасти бадҷаҳл расида, омада, маро ба замин ғалтонда задан гирифт. Хашмгинона ғуҷуррос зада ба пуштам, сарам ва гарданам мушт мекӯфт. Зани пешдомандор тозон омада маро аз дасти он золима халос кард ва ӯро тела дода дур ронд.

Духтарчаи пахолмӯй ба ман бо нигоҳи чашмонаш изҳори ҳамдардӣ мекард. Ман дарҳол чашмонамро бо остинам пок карда, чунин вонамуд кардам, ки аз калтаки хӯрдагиам парво надорам ва зарби мушти он золимаро писанд намекунам.

«Албастӣ» ғур-ғуркунон дур шуд. Зани пешдомандор маро аз дастам гирифта ба хонааш бурд. Ман роҳравон ба духтарча нигоҳ мекардам, вай дам намезад, – аз афти кор фаҳмида буд, ки ман русиро намедонам.

Маро ба як хонаи озодаи хиштфарш даровcovered. Дар хона ғайр аз як пӯстини ба замин паҳн кардашуда, ду болишти кӯҳна, як миз ва як нимкати рангнокарда дигар ҳеҷ чиз набуд. Дар нимкат як писарбачаи хурдсоли рангкандаи чашмкабуд дар косаи сафолин бо қошуки чӯбин шӯрбо хӯрда нишаста буд. Ин оилаи Ершов будааст, ки ман баъд фаҳмидам.

Занак ба ман нимкатро нишон дода гуфт:

– Садис!

Ман фаҳмидам ва нишастам. Бо хурсандӣ аз дил гузаронидам, ки инак, дуюмин сухани русиро ёд гирифтам, – сухани аввалине, ки ман ёд гирифтам «мама» буд: вақте ки духтарча бо ин сухан аз хона модаршро чеғ зада буд, ман дарҳол маънои онро фаҳмида будам. Сабаби хурсандиам ин буд, ки акнун метавонам дар хона ба бародарам нишон диҳам, ки ман ҳам лафзи русиро

медонам, зеро бародарам ҳар рӯз ба ман суханҳои русии аз Вася ёдгирифтаашро гуфта калонгирӣ мекард.

Модари духтарча боз ба ман гуфт: «Как тебя звать»?[1]. Ман нафаҳмидам, он гоҳ вай духтарашро нишон дода гуфт: «Её зовут Паша, Па-ша, а как тебя?»[2].Ин дафъа фаҳмидам ва номамро гуфтам. Дар дилам сухани ӯро такрор мекардам: Паша. Как тебя звать? Паша. Как тебя звать? Собир».

Паша дарро нишон дода ба ман:

– Пойдём, – гуфт.

Дуямон аз хона баромадем. Дар берун ман ба вай дарахтро нишон дода пурсидам: «Как тебя звать?» Паша хандид ва забонамроислоҳ кард, ки яъне «Как называется это?» ё «Что это?» гуфтан лозим аст.

Ман ҳар як калимаи навро дар дилам чанд бор такрор мекардам, ки ёд шавад.

Баъди як дам Пашаро модараш ба хона ҷег зад. Духтар ба ман гуфт: «Приходи завтра играть»[3]. Ман нафаҳмида бошам ҳам, фаҳмидагӣ барин сар ҷунбонидам, аммо дар бозгашт то ба хонаамон расидан калимаҳои «завтра», «играть»-ро такрор менамудам, то ки фаромӯш накунам ва дар хона маънои онҳоро аз падарам пурсам.

Вақте ки пурсидам, бародарам пешхезӣ карда он калимаҳоро ба ман тарҷима намуд.

– Ту ин суханҳоро ҳам медонӣ? – ҳасад бурда гуфтам ман ба вай.

– Ман бисёр суханҳоро медонам, ба русӣ бемалол гап мезанам! – мағрурона ҷавоб дод бародарам.

Акнун орзуи калони ман ин буд, ки тезтар забони русиро ёд гирам ва бо русбачаҳо ҷӯра шавам.

---

1. Чӣ ном дорӣ?

2. Номи ин Паша аст, Па-ша, номи ту чӣ?

3. Пагоҳ биё, бозӣ мекунем.

Ба ман Серёжа ном писари шаробпази дуюми завод бисёр маъқул буд. Вай мактабхон буд, бачаи қадборик, чустучолок, озода, хушфеъл ва хушмуомила буд, мӯйи сиёҳаш дар пушти сараш қайчӣ зада кӯтоҳ кардагӣ ва фақат дар болои пешониаш як қабза мӯйи дароз мондагӣ буд. Гарчанде синнаш аз ман як-ду сол калон бошад ҳам, бо ман ҷӯра шуд ва мо бо ҳам бозӣ мекардем. Вай ҳам монанди Паша ба ман номи ҳар чизро ба русӣ мегуфт ва муаллими забони русии ман буд. Гоҳе ба ман китобҳои мактабии суратдорашро нишон медод ва ҳарфҳои русиро мешиносонд. Ман ҳарфҳои аз вай ёдгирифтаамро дар замин, рӯйи девор ва танаи дарахтон нақш карда мегаштам.

Ғайр аз Серёжа наздиктарин дӯсти ман духтари Ершов – Паша буд. Вай савод надошт ва дар мактаб намехонд, духтарчаи шӯхи чобук, зирак ва маҳмадоно буд, бебок буд, ки ҳатто баъзе писарбачаҳои аз худаш калонтарро ҳам «ба дарё ташна бурда, ташна меовард». Вай аз рӯзи аввалини шиносоиямон маро ба ҳимояти худ гирифт, – бачагони шум ва ҷангара аз тарси вай ба ман даст намекофтанд. Модараш ҳам ба ман меҳрубон буд ва ман ӯро ба тақлиди бачагони дигар «тӯта Маша» мегуфтам. Тӯта Маша фаррошзани идораи завод буд, дар вақти набудани вай духтараш хонапойӣ мекард ва додари хурдсолашро парасторӣ менамуд. Додараш Лёня бачаи дардманд ва нотавоне буда, дар ҳама ҷо аз дунболи хоҳараш капола шуда мегашт.

Як рӯз Паша дар вақти бозӣ карда гаштанашон ба ман гуфт:

– Қабристони русиро дидан мехоҳӣ? Равон шав, ман нишон медиҳам.

Вай маро бо пайраҳае, ки аз байни токзор мерафт, ба тарафи офтобшинам бурд. Дар он тараф аз дур дарахтзоре намудор буд ва он дарахтзорро аз токзори завод як девори бисёр дарозе, ки охираш дар даруни

чакалакзор гум шуда мерафт, чудо мекард. Мо ба он ҷо расида, аз ҷойи ғалтидаи девор гузашта ба дарахтзор даромадем. Дарахтзор бағоят калон, аввалу охираш нопайдо ва дарунаш қабристони русӣ будааст, ки бисёр хушҳаво ва дилкушо буда, панҷараҳои ғалатӣ ва салиб (крест)-ҳои бешумори чӯбин ва оҳанин дошт.

Мо соате ин қабристони зебои чорбоғмонандро давр зада тамошо кардем. Дар як тараф аз байни сафедорҳо зангӯлахонаи калисо намудор буд ва Паша ба ҳамон тараф бурд.

Дар пеши даромадгоҳи калисо ва рӯйи зинапояҳои он мардон ва занони бисёре ҷамъ шуда истода буданд. Аз даруни калисо овози аҷиби таронамонанд меомад.

– Ба он ҷо даромадан мехоҳӣ? – пурсид Паша.

– Не, метарсам. Дар он ҷо маро... – Русидонии ман барои баёни мақсадам кифоя накард ва ман бо ҳаракати даст ба Паша фаҳмондам, ки шояд дар он ҷо маро зада аз калисо пеш кунанд.

Паша хандида:

– Натарс, пеш намекунанд, – гуфт ва аз дасти ману Лёня гирифта ба роҳ даромад. Ман медонистам, ки агар модарам ба бутхона даромаданамро фаҳмида монад, маро ҷанг мекунад, зеро вай, бешубҳа, инро ба мусулмон гуноҳи калон ва барбоддиҳандаи имон медонист, лекин ҳисси кунҷковӣ ва ҳаваси тамошоям зӯрӣ карду ман бо ҳамроҳии Паша ва додараш аз зинаи калисо боло рафтан гирифтем.

Ба тааҷҷуби ман, ҳеҷ кас маро бознадошт. Дар дами дари калисо пиразане ба сари ман ишора карда чизе гуфт, ман сухани ӯро нафаҳмида, ба ақибам гашта гурехтанӣ шудам, лекин Паша маро нигоҳ дошт ва тӯппиамро аз сарам гирифта ба дастам дод. Даруни калисо аз одам пур буд, ба мо ҳеҷ кас аҳамият намедод. Дар дарунтари калисо шамъҳо фурӯзон буданд, деворҳои он ба ранги зару зарҳал ялаққос мезаданд ва аз он деворҳо ким-чӣ

гуна одамони бехаракати сермўю риш ва сурху кабудпўш ба ман нигох карда меистоданд. Ҳар он чӣ дар он чо буд, хама нофахмо, ноошнову асроромез, аммо шавкангез, бисёр шавкангез буд. Попи ришдароз бухурдонашро ба тарафи чамоат дуд кунонда бо кироат «аллилуя, аллилуя!» мегуфт. Одамон чашмхошонро боло карда, якзайл ба китфу пешониашон ангушт мезаданд ва таъзим ба чо меоварданд...

Вачохати поп маро метарсонд: хар боре, ки вай наздиктар меомад, ман гурехтанӣ мешудам. Як бор поп бухурдони дудбезашро ба тарафи ман карда таъзим намуд. Ман тарсида аз байни одамхо баромада гурехтам.

Аз кафои ман Паша, Лёня хам баромаданд. Дар берун Паша кахр карда маро бо суханхои нофахмо кохиш дод, ман бошам, хай механдидам, аммо ба чӣ хандиданамро худам хам намедонистам.

Дар хона ман калисо рафтанамро ба бародарам хикоя кардам ва бародарам ба падару модарам расонд. Падарам вокеаро як дилхушии бачагона диниста хандиду монд, лекин модарам хафа шуд ва гуфт:

– Дигар ба он чо нарав, ки кофир мешавӣ.

Аз гуфти падару модарам, кофир касест, ки Худоро намешиносад; русхо, арманихо, хитоихо кофиранд – мегуфтанд падару модарам. Лекин дар калисо дидам, ки русхо ибодат мекунанд *(Паша дар калисо ба ман гуфта буд, ки «ин одамхо ба Худо сачда карда истодаанд»)* – дуруст аст, на монанди мусулмонон, балки ба таври худашон, аммо ба хар хол ибодат мекунанд.

– Шумо русхоро кофир мегўетон, аз Худо бехабар хастанд мегўед, лекин онхо Худоро ба ёдашон оварда, ба таври худ намоз мехондаанд-ку, ман худам бо чашмам дидам-ку, – гуфтам ман ба падару модарам.

Онхо ба ман бо назари тааччуб нигох карданд. Падарам гуфт:

– Онхо ба Худои худашон сачда мекунанд.

– Боз Худои дигар ҳаст? – ҳайрон шудам ман. – Шумо «Худо якта, Худо яккаю ягона аст» гуфта будед-ку?

Падарам чин бар ҷабин кашид, ранги модарам канд.

– Бутхона аллакай фикри туро вайрон кардааст, – гуфт модарам. – Гунаҳгор шудӣ, калимаатро хон!

Пештар, ҳар гоҳ агар ба муносибате маро «гунаҳгор шудӣ, калимаатро хон!» мегуфтанд, ман тарсида фавран «калимаи мусулмонӣ»-и аз модарам ёдгирифтаамро такрор мекардам, аммо ин дафъа он қадар натарсидам ва «калима»-амро зуд такрор накардам, зеро ба саволам ҷавоби қаноатбахш нагирифта, аввалин бор дар андеша монда будам, ки агар боз Худои дигар бошад, маълум мешавад, вай «яккаю ягона» набудааст ва агар бошад, маълум мешавад, русҳо ҳам ба худи ҳамон Худо саҷда мекардаанд. Пас, сабаб чист, ки онҳоро кофир ва моёнро мусалмон мегӯянд?...

## ЛАКЛАК

Як рӯзи офтобӣ мо дар берун бар рӯйи палос таом хӯрда нишаста будем, ки ногоҳ аз пушти боми иморатҳо патар-патар овоз баромад. Ин овоз торафт баландтар шуда ба мо наздик меомад. Ман аз ҷоям ҷаҳида хеста нигоҳ кардам, аввал ҳеҷ чиз надидам, аммо баъди андак фурсат дар осмон як парандаи бисёр ғалатӣ намудор шуд, ки дар назари аввал ба лаклак монандӣ дошт. Вай якзайл патар-патар карда рост ба болои мо парида меомад.

– Лаклак! Лаклаки калон! – бо шавқ хабар додам ман ба падар, модар ва бародарам.

Падарам хандид.

– Лаклак не, айриплон[1], – гуфт вай, – номи ин паранда айриплон аст.

---

[1]. Аэроплан.

Ман «айриплон, айриплон!» гуфта фарёд зада, тоқиамро ҳаво додан гирифтам.

–Хабардор бош, қаҳрашро набиёр, ки фуромада туро нӯл мезанад! – гуфт падарам. Ба гумони вай инро ба оҳанги шӯхӣ гуфт, лекин ман ҳар чӣ ҳам бошад, дигар тоқиамро ба ҳаво напарондам. Аэроплан парида рафт, аммо овози ғув-ғув ва патар-патари вай боз чанд муддат аз пушти дарахтон шунида мешуд.

Хаёли ман аз қафои ӯ парвоз мекард. Аэроплан чӣ хел паранда бошад? Кошки як бор аз наздик медидам!.. Падарам ҳанӯз дар деҳа ба мо ҳикоя карда буд, ки макони ин паранда дар Русия аст ва русҳо онро ба худ ром карда, ба болои қаноташ нишаста парвоз мекунанд. Кошки ман ҳам ягон бор дар қаноти вай парвоз мекардам!..

Ман аэроплан диданамро ба Паша ҳикоя кардам.

–Вайро ман сад бор дидаам, – гуфт Паша. – Дар осмон ҳам дидаам, дар замин ҳам. Ҷойи аэропланҳо дар ҳамин наздикӣ аст, аз завод дур не.

– Рост? Маро ба он ҷо барӣ-чӣ? – хоҳиш кардам ман.

– Майлаш, – қабул кард Паша. – Равон шав.

Паша маро ба тарафи ҷӯе, ки аз пушти хонаҳои хизматчиёни завод равон буд, бурд, мо аз ҷӯй ҳаллос зада гузашта ба пуштае баромадем. Аз болои пушта киштзорҳо, боғу полизҳо намудор буданд. Мо киштзору полизҳоро миёнбур карда, аз байни палаки харбуза, тарбуз, помидор ва ҷуворимакказори порсола равон шудем. Дар як ҷо чашми ман ба пора-пора чӯбу оҳани сӯхта афтод.

– Дар ин ҷо аэроплан ғалтида сӯхта буд, – огоҳ кард маро Паша.

–Аэроплан сӯхт? Парандая? Чӣ хел? – ҳайрон шудам ман, зеро аэропланро парандаи ҷондор тасаввур мекардам. Паранда чӣ тавр ва барои чӣ ғалтида месӯхтааст?

– Чӣ хел ғалтид? – ба дилам ваҳм афтода пурсидам.

– Ана вай дар киштзор, навакак мо чизҳои сӯхтагиро дидем-ку? Аэроплан ба ҳамон ҷо ғалтида сӯхт. Вай аввал дар осмон даргирифта рафт, ман бо чашми худам дидам.

Ман сухани Пашаро шунида ҳайрон мешудам, ки дар аэроплан оташ аз куҷо пайдо шудааст? Паша бошад суханашро давом дода чӣ гуна рӯй додани фалокатро ҳикоя мекард:

–Вай як ним соат ин тарафу он тараф парид, баъд якбора овозаш набаромада монд.Нигоҳ карда бинем, ки сарозер ғалтида истодааст...Аз вай дуд печида мебаромад...Ман, бибиам ва як тӯда бачагони завод тозон-тозон ба ҷойи ғалтидагиаш рафтем. Лекин вай то расида рафтани мо сӯхта тамом шуд...

–Аэроплан-а?–ҳаросон шуда пурсидам ман.–Одами дар дарунаш будагӣ чӣ шуд?

– Лётчик? Вай ҳам нобуд шуд. Аввал зинда будааст, одамҳо вайро бардошта ба касалхона бурданӣ шаванд, дар роҳ мурдааст.

Паша ин воқеаро орому бепарво ҳикоя мекард, лекин ман аз ҳаяҷон меларзидам. Ба хотирам афсонаи аспи чӯбини қанотдор меомад, ки модаркалонам ба ман дар деҳа ҳикоя карда буд: он асп агар гӯши росташро тобанд, ба осмон мепаридааст, гӯши чапашро тобанд, ба замин мефуромадааст. Дар он асп шоҳзода Бобораҳим савор буд, вай як рӯз дар хокандоз ба қоши зини аспаш алов андохта парида буд, ки аспи чӯбин аз он алов сӯхта даргирифта рафт...

– Вай ҳам алов дошт? – пурсидам ман аз Паша.

– Кӣ? Чӣ хел алов? – ҳайрон шуд духтарак.

– Ҳамон аэропланчӣ. Вай ҳам ба аэропланаш алов андохта парида буд?

– Ту чиҳо гуфта истодаӣ? Аэроплан худаш мошин аст, мошин дар дарунаш алов дорад, бо зӯри ҳамон алов ҳаракат мекунад, – «фаҳмонд» Паша.

Дар ин дам аз наздик патар-патари аэроплан шунида шуд, мо нигоҳ карда як аэроплани ба дашт фуромада истодаро дидем. Дили ман аз тарс меларзид, ки мабодо вай даргирифта ба замин нағалтад. Аҷаб шердил будааст ин аэропланчӣ. Бемалол парвоз мекунад, наметарсад!

Инак, аэроплан оҳиста-оҳиста фуруд омад…Чархаш ба замин расида, ба давидан даромад… Дар наздикии мо қарор гирифт. Чанд кас ба тарафи вай шитофтанд. Лётчик ҷаҳида баромада айнакашро аз чашмаш гирифт ва бо одамон бепарво, шоду хуррам вохӯрдӣ кард. Дар ин дам ба назди аэроплани дигар боз чанд кас омаданд. Яке аз онҳо сабук ҷаҳида ба даруни аэроплан даромаду бемалол нишаст ва дастпӯшаки калони чарминашро ба дастҳояш кашид, айнакашро аз пешониаш ба чашмонаш фуровард. Се-чор кас аз қаноти аэроплан дошта истоданд, як кас дар дами он чизеро ҷунбондан гирифт. Инак, аэроплан патарос зад, одамон аз вай дур шуданд, дар дами аэроплан як чиз тез-тез чарх мезад. Ба тарафи мо шамоли чанголуд омад, шамол шапкаи як нафарро аз сараш паронда бурд, он кас аз пайи шапкааш давида рафт. Аэроплан ба ҳаракат даромада, хез зада-хез зада давид ва ниҳояг аз замин канда шуда, патар-патаркунон ба ҳаво баланд шудан гирифт.

Парида рафт…

Маро чунон шавқеву ҳаяҷоне фаро гирифт, ки қалам аз тасвираш оҷиз аст.

– Намурад-е! – ба дилам мегуфтам дар ҳаққи лётчик. – Чӣ хел баланд парида рафт-а!

Баъд аз он ман чандин вақт ба аэроплан дилбохта шуда гаштам. Дидагиам ва фикру андешаҳоямро вақт-вақт ба модарам, падарам ва бародарам нақл мекардам. Ман ба нотарсии лётчикҳо тан дода будам.

– Одам ба осмон мепарад-а! Аз парандагон ҳам баландтар мепарад! Ба куҷое, ки хоҳад парида меравад! Ин лётчикҳо аҷаб одамҳои шердил мешудаанд, якташон

– Чӣ хел ғалтид? – ба дилам ваҳм афтода пурсидам.

– Ана вай дар киштзор, навакак мо чизҳои сӯхтагиро дидем-ку? Аэроплан ба ҳамон ҷо ғалтида сӯхт. Вай аввал дар осмон даргирифта рафт, ман бо чашми худам дидам.

Ман сухани Пашаро шунида ҳайрон мешудам, ки дар аэроплан оташ аз куҷо пайдо шудааст? Паша бошад суханашро давом дода чӣ гуна рӯй додани фалокатро ҳикоя мекард:

–Вай як ним соат ин тарафу он тараф парид, баъд якбора овозаш набаромада монд.Нигоҳ карда бинем, ки сарозер ғалтида истодааст...Аз вай дуд печида мебаромад...Ман, бибиам ва як тӯда бачагони завод тозон-тозон ба ҷойи ғалтидагиаш рафтем. Лекин вай то расида рафтани мо сӯхта тамом шуд...

–Аэроплан-а?–харосон шуда пурсидам ман.–Одами дар дарунаш будагӣ чӣ шуд?

– Лётчик? Вай ҳам нобуд шуд. Аввал зинда будааст, одамҳо вайро бардошта ба касалхона бурданӣ шаванд, дар роҳ мурдааст.

Паша ин воқеаро орому бепарво ҳикоя мекард, лекин ман аз ҳаяҷон меларзидам. Ба хотирам афсонаи аспи чӯбини қанотдор меомад, ки модаркалонам ба ман дар деҳа ҳикоя карда буд: он асп агар гӯши росташро тобанд, ба осмон мепаридааст, гӯши чапашро тобанд, ба замин мефуромадааст. Дар он асп шоҳзода Бобораҳим савор буд, вай як рӯз дар хокандоз ба қоши зини аспаш алов андохта парида буд, ки аспи чӯбин аз он алов сӯхта даргирифта рафт...

– Вай ҳам алов дошт? – пурсидам ман аз Паша.

– Кӣ? Чӣ хел алов? – ҳайрон шуд духтарак.

– Ҳамон аэропланчӣ. Вай ҳам ба аэропланаш алов андохта парида буд?

– Ту чиҳо гуфта истодаӣ? Аэроплан худаш мошин аст, мошин дар дарунаш алов дорад, бо зӯри ҳамон алов ҳаракат мекунад, – «фаҳмонд» Паша.

Дар ин дам аз наздик патар-патари аэроплан шунида шуд, мо нигоҳ карда як аэроплани ба дашт фуромада истодаро дидем. Дили ман аз тарс меларзид, ки мабодо вай даргирифта ба замин нағалтад. Аҷаб шердил будааст ин аэропланчӣ. Бемалол парвоз мекунад, наметарсад!

Инак, аэроплан оҳиста-оҳиста фуруд омад…Чархаш ба замин расида, ба давидан даромад… Дар наздикии мо қарор гирифт. Чанд кас ба тарафи вай шитофтанд. Лётчик ҷаҳида баромада айнакашро аз чашмаш гирифт ва бо одамон бепарво, шоду хуррам вохӯрдӣ кард. Дар ин дам ба назди аэроплани дигар боз чанд кас омаданд. Яке аз онҳо сабук ҷаҳида ба даруни аэроплан даромаду бемалол нишаст ва дастпӯшаки калони чарминашро ба дастҳояш кашид, айнакашро аз пешониаш ба чашмонаш фуровард. Се-чор кас аз қаноти аэроплан дошта истоданд, як кас дар дами он чизеро ҷунбондан гирифт. Инак, аэроплан патарос зад, одамон аз вай дур шуданд, дар дами аэроплан як чиз тез-тез чарх мезад. Ба тарафи мо шамоли чанголуд омад, шамол шапкаи як нафарро аз сараш паронда бурд, он кас аз пайи шапкааш давида рафт. Аэроплан ба ҳаракат даромада, хез зада-хез зада давид ва ниҳоят аз замин канда шуда, патар-патаркунон ба ҳаво баланд шудан гирифт.

Парида рафт…

Маро чунон шавқеву ҳаяҷоне фаро гирифт, ки қалам аз тасвираш оҷиз аст.

– Намурад-е! – ба дилам мегуфтам дар ҳаққи лётчик. – Чӣ хел баланд парида рафт-а!

Баъд аз он ман чандин вақт ба аэроплан дилбохта шуда гаштам. Дидагиам ва фикру андешаҳоямро вақт-вақт ба модарам, падарам ва бародарам нақл мекардам. Ман ба нотарсии лётчикҳо тан дода будам.

– Одам ба осмон мепарад-а! Аз парандагон ҳам баландтар мепарад! Ба куҷое, ки хоҳад парида меравад! Ин лётчикҳо аҷаб одамҳои шердил мешудаанд, яктаашон

галтида нобуд шуда бошад ҳам, дигарҳошон натарсида боз ҳам парида истодаанд! – фикр мекардам ман.

Ва ҳар гоҳ агар дар осмон аэропланро дида монам, тўппиамро ба сўяш ғурронда вайро табрик менамудам.

## ҲАМДЕҲАГОН

Аз таъин шудани падарам ба саркории токзор як-ду ҳафта гузашта буд, рўзе ман монанди ҳарвақта барои ў ба чойи кораш хўрок бурда дода ба хона бозмегаштам, ки дар сари роҳ ба ду каси гадомонанд дучор омадам: онҳо дар таги теппаи канори токзор менишастанд. Ҳар дуяшон ҳам пойлучи ҷомадарида, лоғари рангпарида ва мўю ришрасида буданд, аз ҷойҳои даридаи ҷомаҳошон порапора чағбут баромада меистод.

Яке аз онҳо ба забони ўзбекӣ маро чеғ зад:

– Ҳой, буёкка кел![1]

Ман тарсида қадамамро тезтар мондам, зеро ки онҳоро оворагард ва дузд гумон карда будам.

– Натарс, омадан гир, охир мою ту ҳамқишлоқӣ ҳастем, – гуфт дуюмӣ ба забони тоҷикӣ.

Аз лаҳҷааш фаҳмидам, ки дар ҳақиқат ҳамқишлоқии ман аст. Наздиктар рафта шинохтам: яке аз онҳо Шарифи Навча ва дигаре Ҳаити Пакана – худи ҳамон чоряккорони Мирабдуллобой буданд, ки чанде пеш падарам бо онҳо дар Ҷўйи Дўлона даст ба гиребон шуда буд.

– Салом алайкум. Шумо… аз куҷо?

– Ту аз куҷое ки бошӣ, мо ҳам аз ҳамон ҷо, – ҷавоб дод Шарифи Навча, ки аз лоғарӣ боз ҳам навчатар гашта буд.

– Чӣ тавр шуд, ки ба ин ҷойҳо омада мондед?

– Шумо чӣ тавр омада монда бошед, мо ҳам ҳамон тавр.

---

[1]. Ҳой, ин ҷо биё!

Шариф бо чашми тамаъ ба дастархони ман нигоҳ мекард: маълум буд, ки гурусна аст.

– Дар дастархонат чӣ дорӣ? Нон дорӣ? – дар охир пурсид вай.

– Не, дастархонам холӣ.

– Ҳа-а, холӣ? Ин тавр бошад, аз роҳат намон.

– Ман ҳозир дадома чег мезанам.

–Дадот ба ту даркор бошад, чег задан гир; ба мо даркор нест, – гуфт Ҳаити Пакана.

Ман давида ба болои теппа баромада, бо ишораи даст падарамро, ки дар байни токзор машғули кор буд, чег задам. Вай омада ҳамдеҳагони худро дарров шинохт. Онҳо ӯро беэътиноёна истиқбол карданд. Шариф ба вай ҳатто нигоҳ ҳам накарда, қавоқашро андохта нишастан гирифт: эҳтимол, гумон мекард, ки падарам то ҳол дар дилаш нисбат ба ӯ кина дорад.

–Шумо худатонро гиронда мондед-ку! – падарам дар паҳлуяшон нишаста гуфт. – Дар деҳа зиндагӣ сахт аст, мегӯям?

– Агар ту ҳам ду-се рӯз кунҷораю алаф мехӯрдӣ, чӣ хел будани зиндагиро мефаҳмидӣ ва ба одами дидагиат «худро гирондаӣ» намегуфтӣ, – ҷавоб дод Ҳаит.

Падарам ба худ қиёфаи ҷиддӣ гирифта гуфт:

–Медонам … Гушнагӣ… Кай омадед?

–Ба омаданамон ду ҳафта шуд-а, Шариф? – ба рафиқи худ муроҷиат кард Ҳаит.

– Намедонам, нашумурдаам, – гуфт Шарифи то ҳол хомӯшнишаста рӯяшро ба як тараф гардонда.

Вай магар сахт гурусна монда буд ё кинаи ба падарам доштааш ҳанӯз аз дилаш нарафта буд, ки гап задан намехост.

– Ҳоло бекор ҳастед? – пурсид падарам.

– Бекор, – ҷавоб дод Ҳаит.–Дар бозори мардикор бойҳои Тошканд афту башараи моро дида, аз онсӯтар гузашта мераванд.

Падарам боз чизе пурсиданӣ шуда буд, ки Шариф ӯро аз сухан боздошта, бо рӯйи хира ва забони тунд гуфт:

– Шуд! Аз пайи кори худат бош, ошно, ба мо кордор нашав.

– Чӣ шуд ба ту, Шариф? – Ҳаит ба рафиқаш нохушнудона нигоҳ карда гуфт. – Раваду ин одам ба мо некӣ карданӣ бошад.

– Аз некии одамҳо безорам! – Шариф бо қаҳр гуфт ва аз ҷояш ҷаҳида хеста, қади дарози қоқашро рост кард. – Хез, меравем!

Ман гумон кардам, ки, эҳтимол, бедимоғӣ ва тундии Шариф аз гуруснагӣ бошад, бинобар ин, ба падарам гуфтам:

– Шариф амакам дастархони маро дида, нон пурсиданд, аммо нон набуд...

– Чӣ дурӯғ мегӯйӣ? Ман ҳамту пурсидам, мақсадам нони туро хӯрдан набуд,– гуфт ба ман Шариф, ба тавре ки аз оҳанги гуфтораш хиҷолатмандии ӯ ҳис карда мешуд.

– Ист, Шариф! – падарам низ аз ҷо бархост. – Аз барои чӣ қаҳр мекунӣ?.. Дар ин замонаи сахт одамҳо бояд кинаю кудуратро як тараф монда, ба якдигарашон ёрӣ расонанд. Ман дар ҳақиқат ба шумо некӣ карданӣ ҳастам. Ба завод коргар лозим: агар хоҳед, ман гапзанон карда шуморо ба кор қабул мекунонам. Гардед, ба хона меравем. Ба пеши ҳамқишлоқиатон биёеду як пиёла чояшро нанӯшида равед, нағз намешавад.

Шариф малул ва сархам истода, бо нарангушти пояш хоки заминро тит мекард. Дар хиҷолат монданаш аён буд.

– Дидӣ?–гуфт Ҳаит ба вай. – Умархон он хел одам не, ки ту хаёл мекардӣ. Узр гӯй, ҷинӣ, «беадабӣ кардам, аз гуноҳам гузаред» гӯй.

Аммо Шариф дам намезад ва сар боло намекард. Ногаҳон аз чашмонаш чанд қатра ашк ба замин рехт. Вай рӯяшро як сӯ гардонда чашмонашро бо остини даридаи

ҷомааш пок кард. Ба вай раҳми ман омада, афсӯс мехӯрдам, ки дастархонам холист ва ман ӯро бо нон зиёфат карда натавонистам.

– Ғусса нахӯр, Шариф, ҳеч воқеа не...Мегузарад...– Падарам инро гуфта ҳамдеҳагонро ба тарафи хонаамон бурд. Дар «ҳавлӣ»-и мо Шариф ва Ҳаит сари дастархон нишаста, рӯзи сиёҳи худашон ва ҳамкишлоқиёни дигари моро ҳикоя карданд. Мирабдуллобойи Ҷоғар Шариф ва Ҳаитро аз замини худаш рондааст. Онҳо бо зану бачагонашон дар аввали зимистон ба як бурда нон зор шуда мондаанд. Аввал кунҷора хӯрдаанд, баъд кунҷора ҳам камёб шуда мондааст, пӯстлохи дарахтонро дар дег ҷӯшонда мехӯрдагӣ шудаанд. Худашон ва зану бачагонашон варам карда, бемор шудаанд. Зани Шариф аз гуруснагӣ вафот карда, падари бадбахт бо чаҳор бачаи хурдсолаш мондааст ва аз ночорӣ хонаю ҷояшро ба се қадоқ тутмавиз фурӯхта хӯрдааст. Дар аввали баҳор пайи ҳамдигар он чор бачаро ҳам гӯрондааст. Ба дарду аламаш тоб наёварда худро ҳалок кардан шудааст, аммо Ҳаит хабардор шуда вайро халос намудааст ва баъд ҳар дуяшон маслиҳат карда, дар пайи кор ва ризқу рӯзӣ роҳи Тошкандро пеш гирифтаанд.

Падару модари Ҳаит ҳам мурдаанд, вай онҳоро гӯронда, зан ва ду бачаашро дар деҳа монда омадааст. Боёни деҳа замини деҳқонони гуруснаро ба бадали як пуд-ду пуд ғалла «харида» мегирифтаанд. Ҳаит се таноб заминашро ба як пуд орди ҷуворимакка ба Мирабдуллобой фурӯхтааст. Чор нафар бойи калони деҳа: – Камол, Раҳимбой, Мирабдулло ва Абдулаъзам бо ҳамин тарз нисфи заминҳои деҳаро ба дасти худ даровардаанд. Халқи гурусна ҷон мекандаасту ғаллаи ин боён дар чағорахо мепӯсидааст.

– Давр рондани ин хунхорон дур намеравад, – гуфт падарам. – Дар шаҳрҳо мулки бойҳои калонро аллакай аз дасташон кашида гирифтанд. Соҳиби пештараи ана ҳамин заводи моро ҳам зада пеш кардаанд, ҳоло завод аз они

мо... аз они корғарон аст. Подшоҳи золим аз тахташ ғалтид. Ҳукумати нав тарафдори камбағалон аст, вай пагоҳ-фардо он бойҳои деҳа, он баттолҳои ҳаққимардумхӯрро ҳам ба тоб мегирад! – Падарам бо ин суханҳо меҳмонони сиёҳбахти худро дилбардорӣ мекард.

Вай бо Николаев гап зада, Шариф ва Ҳаитро дар қаровулхонаи назди анбори ҳезум, ки аз хонаи мо он қадар дур набуд, ҷойгир кунонд. Ба Шариф падарам чакмани худро, ба Ҳаит як ҷомаи нимдошташро дод. Ману бародарам ба онҳо аз хона палосу кӯрпа бурда додем. Ҳар гоҳ ки модарам хӯрок мепухт, ман аз он як коса ба ҳамдеҳагони худ бурда медодам.

Шариф ва Ҳаит бо ҳамин тарз якчанд рӯз дар он хонача истиқомат карда, андак ба худ омаданд ва баъд дар токзор ба кор шурӯъ карданд. Шариф коркуни зӯр буд, вай ба рафиқаш Ҳаит, ки аз худаш камқувваттар буд, баъзан ҳазл карда мегуфт:

– Кори туро дасти чапи ман мекунад, дасти ростам бошад, аз ту ду баробар зиёд кор мекунад.

Вай сардори як дастаи шашкаса шуд. Дастаи ӯ дар токзор аз дигарон зиёдтар кор мекард. Димоғи Шариф чоқ буд, гоҳо аз кор истода дар роҳ бо овози баланд тарона мехонд. Лекин вақт-вақт, одатан дар рӯзҳои ҷумъа, ки рӯзи дамгирӣ буд зану бачагони мурдагиашро ба ёд оварда ғамгин мешуд ва мегирист. Рафиқаш Ҳаит вайро дилдорӣ карда, базӯр ором менамуд.

# РӮШНОИИ ҲАЁТИ НАВ

Дар баҳор ва тобистон токзору дарахтзорҳои заводи шаробпазӣ бағоят хурраму дилкушо гардиданд. Токзори нопайдоканор монанди баҳри сабзе шуда буд. Гирдогирди вай, қади роҳҳо, канори ҷӯйҳо, пасу пеши иморатҳо ҳама дарахтзору гулзор буд. Аз ҷӯйҳо оби равон канда намешуд. Аз асари ин ҳама кабудӣ ва сояву салқин гармии тобистон ҳам он қадар маълум намегардид. Падарам дар як қитъа замини холии байни токзор сабзавоту полиз корид. Аввали тобистон мо дар сари полиз алочуғ[1] андохта, ба он ҷо кӯчидем. Пеши алочуғи мо гулзор, гирдогирдаш полизу сабзавот ва ҷуворимакка буд.

Замини чанд сол дамгирифта ва поруандохта ҳосили фаровоне дод. Азизхон ва ман баъзе харбуза ва тарбузро бардошта натавониста, аз полиз ба алочуғамон гелонда меовардем. Каду бошад ҳар якаш ним пуд то як пуд меомад. Аз ҳар бехи картошка мо то чор сатил ҳосил мегирифтем: картошкаҳое буданд, ки то се кадоқ вазн доштанд, гоҳе мо ба як дег шӯрбо фақат ду ё се дона картошкаро реза карда меандохтем ва хӯрда тамом карда наметавонистем. Бехи боқилаҷон аз гаронии ҳосилаш мешикаст, мо ба таги он поярҳо гузошта будем.

Падарам мегуфт, ки ман дар умрам ин хел ҳосили зиёд додани сабзавоту обҷаро надида будам.

Зиндагонии мо нағз шуда рафт. Мо акнун модагов ҳам доштем. Корубори хонагии модарам зиёдтар шуда бошад ҳам, вай хушҳол буд. Ба вай тандурустии пештараaш баргашта, аз нав солиму бақувват шуд. Ҳар боре ки ба наздаш якто-дуто занҳои коргарони завод меомаданд, хурсанд мешуд, онҳоро бо ҷону дил меҳмондорӣ мекард. Зани Ершов ва зани Николаев ҳам ба хонаи мо рафтуомад доштанд.

---

[1]. **Алочуғ** – коза, каппа.

Пеш аз кӯчиданамон ба алочуғ Мухтори гирёнчак ва носолим модарамро бисёр азият медод. Ман рӯзи дароз гаҳвораи ӯро мечунбонидам, вай гирён хоб мерафт ва гирён бедор мешуд. Ин ҳол дар коза ҳам давом кард. Мухтор ёздаҳмоҳа шуда бошад ҳам, модарам ҳанӯз вайро аз гаҳвора набароварда буд. Як рӯз ба назди модарам ҳамсари Николаев – тӯта Люба, зани малламӯйи хушсурат ва хушқадду қомат, бо духтарчаи сесолааш Лена омад. Духтарчаашро либоси озодаи тӯрдор пӯшонда ва ба сараш лентаи осмониранги банур баста, монанди зоча зеб дода оварда буд, ки ҳаваси кас мерафт. Мухтор дар гаҳвора бедор шуда гиря бардошт. Тӯта Люба рӯпӯшаки докагини гаҳвораро кушода нигоҳ кард. Чун кӯдакро дар гаҳвора маҳкам бастагӣ, беҳаракат, аз гармӣ ғарки обу арақ, сурх гашта ва гирён дид, ба даҳшат омада гуфт:

– Вой, кӯдаки бечора!.. Тезтар вайро кушода гиред!

Модарам Мухторро аз гаҳвора кушода гирифт. Тӯта Люба бадани аз арақ таршуда ва майда-майда сурхча дамидаи кӯдакро дида, ба ҳоли вай раҳмаш омад ва дасти таассуф ба ҳам зада:

– Гаҳвора бачаатро нобуд мекунад, – гуфт ба модарам. – Дар ин гармӣ чӣ хел дилат мешавад, ки ӯро дар гаҳвора бандӣ? Охир, бача карахту беҳол шудааст, мачоли дасту пой чунбонидан надорад. Бадани бача муҳтоҷи ҳаракат кардан аст, вай бояд озод хоб кунад! Ин дар дег ҷӯшондагӣ барин суп-сурх шуда рафтааст-ку, намебинӣ?

Вай ба модарам зарари гаҳвораро фаҳмонда, кӯшиш кард ӯро ба хобондани кӯдакаш дар каравотча розӣ намояд, лекин модарам розӣ намешуд ва мегуфт, ки барои кӯдак аз гаҳвора беҳтар чизе нест.

Бегоҳирӯзӣ тӯта Люба боз дар пайраҳа намоён шуд. Дар дасташ як тоси калон буд ва бародарам Азизхон аз қафои ӯ як каравотчаи оҳанинро бардошта меомад. Зан

аз сумкааш собуни ироқии хушбӯй бароварда ба модарам гуфт:

– Кӯдакатро ҳар рӯз дар ин тос бо оби ширгарм оббозӣ кунон ва бо собун шӯй, баъд аз он дар ин каравотча хобон.

Оббозии якум бо собун дар ҳузури худи тӯта Люба ба амал омад. Вақте ки ба сари Мухтор собун мемоланд, вай дод бардошт, аммо кам-кам ором ёфт ва дар охир бо хандаю бозӣ ба об шалап-шалап даст задан гирифт: аз афти кор, оббозӣ ба ӯ форида буд.Баъди оббозӣ вайро дар каравотча ба кӯрпаю болишти покиза хобонданд. Вай ором ва дурудароз хоб кард. Ба тааҷҷуби мо, вақте ки бедор шуд, ҳамоно ором буд, гиря намекард. Аз ҳамон рӯз сар карда модарам аз гаҳвора даст кашид. Кӯдакашро ҳар бегоҳ бо собун оббозӣ кунонда ба каравотча мехобонд.

Як-ду ҳафта гузашта буд, ки Мухтор фарбеҳ, тоза ва сафед шуда рафт. Гиряаш камтар ва хандаю бозиаш бештар гардид. Вай дар яксолагиаш ба роҳ даромад. Модарам шодона ҳайрон буд ва мегуфт, ки фарзандони ӯ ҳеҷ яке дар яксолагиаш ба роҳ надаромада буд.

Мо ба осудаҳолӣ расида, аз зиндагониамон хушнуд будем. Падарам бағоят серкор бошад ҳам, доим димоғаш чоқ буд. Ман вайро пештар ҳаргиз он гуна хурсанду хушҳол надида будам. Токҳо ҳосили фаровон доданд. Мо бачагон ҳам ҳар рӯз ба ангурканӣ мерафтем ва ба калонсолон ёрӣ медодем. Падарам ҳанӯз ҳам саркор буд, рӯзи дароз аз токзор намебаромад ва ҳеҷ аз кор кардан монда намешуд. Пештар вай диндори сахт буд, панҷ вақт намозашро тарк намекард, аммо акнун аз серкорӣ ба намоз хондан ҳам фурсат намеёфт. Агар модарам гоҳо вайро аз барои намоз нахонданаш коҳиш кунад, хандида мегуфт:

– Намозро аз барои савоб мехонанд? Хуб, ин тавр ки бошад, кори ман карда истодагӣ ҳам савоб аст. Токзори қариб аз кор баромадагиро обод карда ба ҳосил

даровардам, акнун ҷонам ҳалок, ки ҳосилашро нобуд накарда ғундошта гирем, – ба савоби ин кӣ мерасад? Худо худаш медонад ва аз гуноҳам мегузарад.

Завод дар мухлати муқарраршуда ба кор даромад. Ангур як хӯша ҳам намонда ғундошта шуд. Мегуфтанд, ки ангури ҷамъшуда то ҳосили нав ба завод бемалол мерасад ва ҳатто зиёдӣ ҳам мекунад.

Дар маҷлиси коргарон, ки ба муносибати ба кор даромадани завод барпо шуда буд, директор ва Николаев кори падарамро таъриф карданд.

Дар охири тобистон як рӯз директор падарамро ба наздаш чеғ зад. Чунон ки падарам баъд дар хона нақл кард, директор як биноси истиқоматии сехонадорро, ки холӣ шуда будааст, ба мо дода ва фармудааст, ки дарров аз сари полиз ба ҳамон ҷо кӯчида равем. Падарам ҷавоб додааст, ки:

– Ба ин ғамхориатон раҳмат. Лекин рухсат диҳед аввал дар хона маслиҳат кунам.

Баъди нақл кардани суҳбати бо директор кардагиаш падарам мегуфт:

– Ба ман барин як деҳқони омӣ директор ҳамин хел хонаи нағзро доданӣ-я! Ин гапи куҷо? Дар умрам ин тариқа корро надида будам. Ҳукумат аз они коргару деҳқон шуд, даври коргару деҳқон омад!

Мо рафта хонаи наврo дидем, вай дар поён буда, ҳақиқатан иборат аз се хона, тирезаҳояш калон-калон, заминаш тахтагин буд. Дар вай пештар яке аз агроном – шаробпазҳои завод, ки ҳоло аз кор холӣ шуда ба шаҳр кӯчида буд, бо оилааш истиқомат мекард. Лекин хонаи нав ба падарам маъқул нашуд.

– Мо ба ин хел хонаҳои урусӣ одат накардаем, – мегуфт вай.

– Ин хонаҳои калонро чӣ кор мекунем? – илова кард модарам. – Сандалӣ шинондан ҳам мумкин нест: заминаш тахта.

Падарам ин биной истиқоматии ҷудогонаи зебо ва калонро рад карда, дар ҳамсоягии оилаи Ершов хонаи дигареро интихоб намуд. Замини ин хона хокӣ бошад ҳам, аммо худаш озода, равшан ва печкадор буд. Вай ба модарам, хусусан аз ваҷҳи ин ки дар ҳамсоягии дугонаҳояш тӯта Маша ва тӯта Люба воқеъ шуда буд, бисёр маъқул афтод.

Ба ҷой гирифтани мо дар завод фақат якчанд моҳ шуда бошад ҳам, дар зиндагонии мо дигаргунӣ ва навигариҳо рӯй дода буданд. Рӯшноии ҳаёти нави хушбахтона ва хуррамона ба сари мо ҳам тофта буд...

## МУСИБАТ

Аммо ин рӯшноии нав якбора хомӯш гардид: мо аз модарамон ҷудо шудем. Дар охирҳои тирамоҳ модарам шамол хӯрда нотоб шуда монд. Падарам бо маслиҳати ҳамсояҳо ӯро ба духтур бурда нишон доданӣ шуд, лекин модарам қабул накард. Вай ба нотобии худ аҳамият надода, хеста гаштан гирифт. Аммо дар аввали зимистон бемориаш қувват гирифта, ӯро ба бистар хобонд.

Николаев аз бемории модарам хабар ёфта, духтур чеғ занонд ва ба хонаи мо як кати оҳанин фиристод, ки беморро дар он хобонем. Зани амакам, ки мо ӯро аз Шиблӣ даъват карда оварда будем, модарамро парасторӣ мекард. Вай як кампири қаддароз буда, бинии нӯгтез ва манаҳи борике дошт; ҳар гоҳ ки дар даҳони бедандонаш хӯрок мехойид, манаҳаш боло шуда қариб то таги биниаш мерасид.

Дар хонаи мо акнун ҳукми ҳамин кампир раво буд. Вақте ки барои модарам кат оварданд, кампир аввал онро ба хона даровардан намонд ва мегуфт, ки очаю бобоҳои мо дар кат нахобидаанд ва ҳоли бемор дар кат беҳ нашуда, бадтар мешавад. Вай аз падарам табиб ё дуохон

овардanро талаб кард, аммо падарам ба ҷустуҷӯйи табибу дуохон рафтан намехост.

– Николаев ба духтур одам фиристод, духтур авсунатонро дору нӯшонда сиҳат мекунад, – мегуфт вай.

Нафас гирифтани модарам торафт душвор мегардид. Духтур омад. Модарамро дида гуфт, ки вай шамол хӯрда тимоқ[1] ва дарди гулӯ шудааст ва шушаш ҳам варам кардааст. Дору навишт, беморро дар кат хобонд ва фармуд, ки хонаро гарм нигоҳ дорем. Аммо баъди рафтани духтур кампир модарамро боз аз кат фуроварда дар замин хобонд. Падарам парастории беморро ба кампир ҳавола карда, худаш ба кор рафта буд.

Доруи аз шаҳр овардашударо модарам фақат як бор дар ҳузури падарам истеъмол кард; падарам мувофиқи фармоиши духтур аз як дору чанд қатра ба бинии ӯ чаконд, бо доруи дигар гулӯи ӯро ғарғара кунонд. Вақте ки вай боз ба кор рафт, кампир доруҳоро берун бароварда дар барф рехт ва шишачаҳоро бар санг зада шикаст. Бегоҳирӯзӣ падарам аз кор баргашта;

– Дору нафъ кард? – гуфта пурсида буд, ки кампир ба вай чунин ҷавоб дод;

– Марги доруятон! Аз бӯйи бадаш нафаси занатон гашта қариб беҳуш шуда буд. Нафъ накард, зарар кард.

Печка хонаи моро, ки заминаш хокӣ буд, дуруст гарм намекард; ҳавои хона хунук буд, бистари модарам бошад дар замин, ба пахлуи сандалӣ андохта шуда буд. Таби вай торафт баланд мешуд. Вай дар аввал аз дору шикоят намекард, аммо кампир тамоми рӯз «дору бадбӯй, дору бадбӯй» гуфтан гирифта буд, ки бо талқини вай модарам ҳам дар охир «аз димоғам бӯйи дору омада истодааст» гуфта шикоят мекардагӣ шуд. Шабона вай аз шиддати таб ҳазён шуда сафсата мегуфт:

---

[1]. **Тимоқ** – як навъи беморӣ, грипп.

– Дар димоғам бӯйи дору! Бӯйи бад! Об биёред, даҳону биниамро шӯям!

Кампир як сатил оби хунук ва тос оварда дар назди бистари бемор гузошт. Модарам ҳар нафас он оби ях барин хунукро бо пиёла ба даҳонаш гирифта, гулӯяшро ғарғара карда, аз биниаш бароварда мепартофт. Об ба кӯрпаю болишт ва ба гиребони куртаи вай ҳам мерехт, бистараш тамом тар буд, аммо кампир аз ин парвое надошт. Падарам бошад, он шаб дар хона набуд, ба посбонии анбор рафта буд.

– Бӯйи дору ҳеҷ аз димоғам намеравад, акнун ман ин бӯйи бадро ба гӯр гирифта мебарам! – гуфта шикоят мекард модарам.

Падарам аз посбонии шабона вақти саҳар баргашт. Аҳволи модарамро дида боз ҳамон дам ба завод рафт ва дар он ҷо як аспро ба ароба қатӣ карда, барои духтур овардан ба шаҳр равон шуд.

Бародарони ман хоб рафта буданд. Кампир дар сандалӣ нишаста пинак мекард. Фақат ман дар назди модарам бедор нишаста будам. Рӯйи ӯ мисли ин ки дар дами алангаи оташ бошад, тафсида суп-сурх шуда буд ва ӯ тамоми шаб оби хунукро дар гулӯяш ғарғара карда, аз биниаш мебаровард. Дили маро ваҳм мегирифт, гиряам меомад.

Дар субҳидам таби модарам фуромад, аммо акнун вай маҷоли ҷунбидан надошт – орому беҳаракат мехобид, ранги рӯяш канда, сап-сафед гашта буд. Бо овози хастаи нимшунаво гуфт, ки Мухторро ба назди ӯ биёранд. Ман бачаи хобрафтаро аз каравотча бардошта ба наздаш овардам, модарам дасташро базӯр боло карда ба сари ӯ ниҳод ва аз пешониаш бӯсид.

Рӯшноӣ дамида буд, ки кампир бародарам Азизхонро бедор карда, барои об овардан ба ҷӯй фиристод. Модарам баногоҳ маро ба наздаш талабида

огӯш кард. Азизхонро ҳам талабид, аммо вай набуд. Баъд аз он чойники дар токча истодаро нишон дода гуфт:

– Дар он чойник... шир ҳаст... худам дӯшида будам, биёред.

Кампир чойникро гирифта овард, модарам ширро нӯшид. Бо ҳамон овози паст аз ман пурсид:

– Дадот наомаданд?.. Рав, писарам, берун баромада бозӣ кун... Маро камтар танҳо монед...

Ман барои он ки ӯро наранҷонам, аз наздаш дур шудам, аммо ба берун набаромада дар кунҷи поёнии хона нишастам. Модарам маро намедид, лекин ман аз вай чашм намекандам.

Баногоҳ вай ба ҷунбиш омад, чашмонаш калон кушода шуда чарх заданд ва баъд оҳиста-оҳиста пӯшида шуданд. Ман нафасамро дарун кашида, муддате ба вай нигоҳ карда истодам, вай дигар наҷунбид. Фаҳмидам, ки мурд, даҳшате вуҷудамро фаро гирифт, ман бехудона фарёд задам.

Падарам бо духтур омад. Вай худро ба тарафи модарам ҳаво дод, дасташро гирифт, сарашро дошт, – модарам намеҷунбид. Духтурзан мегуфт, ки тан ва дили модарам солим буд ва агар ӯро дар сари вақт муолиҷа мекарданд, сиҳат меёфт, аммо падарам ба сухани ӯ гӯш накарда, дод зада худро ба замин партофт.

Ман доду фиғони падарам барин одами калонро аввалин бор медидам ва ин доду фиғон воҳимаи маро аз хаёли ин ки акнун модарамон абадӣ аз мо рафт ва мо ятим мондем, садчанд зиёд мекард.

Модарамро дар аробаи чорчарха андохта ба қабристони Чилдухтарон бурдем. Аз қафои ароба хешовандони аз Шиблӣ омадаи мо, Ершов бо занаш ва зани Николаев мерафтанд. Ман болои ароба, паҳлуи модарам нишаста будам. Рӯйи ӯ кушода буд, ӯ ба ман зиндаи хобрафта барин менамуд. Дар паҳлуяш будам, ҳеҷ наметарсидам, аз рӯяш чашм намекандам ва умедвор

будам, ки ана вай ҳозир чашмонашро мекушояд, мехезад ва он гоҳ мо аробаро ақиб гардонда ба хонаамон меравем. Лекин модарам чашм намекушод.

Ба қабристон расидем, модарамро аз ароба фуровარданд, вале ҳанӯз боварии ман намеомад, ки ӯро ба ростӣ мегӯронда бошанд. Ин кор ба ман як хатои даҳшатнок барин менамуд. Падарам ба лаҳад фуромад, одамҳо модари кафанпечамро ба дасти ӯ доданд. Дар болои қабр Ершов, занаш Маша, тӯта Люба ва чор-панҷ нафар хешовандони мо истода буданд. Ершов аз чӣ сабаб бошад, ки бо милтиқаш омада буд. Як тӯда мардуми ношиноси чилдухтаронӣ ҳам омада ба маросими дафн ҳамроҳ шуда буданд, онҳо ба тарафи мо ба назари тааҷҷуб нигоҳ карда, ба ҳамдигарашон:

– Ин русҳо кӣ бошанд? Ба мурдагӯронӣ дар Чилдухтарон русҳо ҳеҷ вақт намеомаданд-ку! – гуфта ҳайрон мешуданд.

Падарам баъди ба лаҳад гузоштани модарам чанд фурсат аз он ҷо берун наёмад. Вай якзайл:

– Ман инро чӣ хел монда меравам? Маро ҳам гӯронед! – гуфта фарёд мезад.

Одамҳо ӯро тасаллӣ дода, ба сӯяш даст дароз карда, аз лаҳад баровардани мешуданд, аммо вай ҳамоно фиғон мекард:

– Ин фаришта ба таги хок раваду ман зинда гардам? Не, не, бе ин ба ман зиндагӣ даркор нест, ҳамроҳаш маро ҳам гӯронед!

Амакзодаҳоям ва Ершов падарамро базӯр аз қабр кашида бароварданд. Ба қабр хок партофтан сар карданд, лекин ҳанӯз ҳам боварии ман намеомад, ки ин кор ҷиддӣ бошад. Ман гиря намекардам, аммо даҳон кушода ягон чиз гуфта ҳам наметавонистам, гаранг ва шах шуда монда будам.

Худи ҳамон бегоҳ ман бемор шуда ба бистар хобидам. Ҳамин ки рӯз тамом шуда торикӣ мефуромад,

дар пеши назарам чашмҳои калон-калон пайдо мешуданд, ки ба ман нигоҳ мекарданд. Ин шояд аз он сабаб буд, ки ман дар вақти ҷонкании модарам чашмони ӯро дида будам ё, мумкин аст, сабаб ин буд, ки ман дар ароба дар паҳлуи модарам нишаста, муттасил ба рӯяш нигоҳ мекардам ва ба дили реш-реш умедвор будам, ки вай чашмонашро мекушояд.

Муддати ду ҳафта чашмҳо маро тарк накарданд. Падарам шабҳо то саҳар чароғро хомӯш намекард. Барои ин ки ман дар бораи модарам фикр кардан нагирам, вай ба гуфтани афсонаи Гурӯғлӣ шурӯъ намуд. Афсона дароз ва шавқовар буд, падарам онро ба ман чандин шаб нақл кард. Вақте ки маро хоб мебурд, вай афсонагӯиро бас карда, давомашро шаби дигар мегуфт. Саргузашту корномаҳои баҳодурон, ки бар душманҳои маккору бадкин зафар меёфтанд, маро ба ҳаяҷон меоварданд. Ин афсона бароям шифобахш омад – ман аз бемории рӯҳӣ ва асабӣ тез сиҳат шудан гирифтам.

Баъди вафоти модарам мӯй ва риши падарам зуд сафед шудан гирифт. Вай аксар маъюс, парешонхотир ва камгап буд. Суст роҳ мерафт, суст кор мекард. Аз вай кайфиятҳои хаёлпарастӣ ва мавҳумотпарастӣ зоҳир мешуданд, –масалан, вай баъзе суханҳо ва хобҳои дидагии модарамро ба ёд оварда мегуфт, ки модаратон кароматнок буд, яъне, пешомадро медонист. Вақте ки вай модарамро ба лаҳад мондааст, модарам гӯё се ангушти ӯро гирифта фушурдааст…Падарам аз ин «ҳодиса» ба таври худ ҳар гуна маъниҳои хурофотӣ мебаровард.

Вай ҳар рӯзи ҷумъа ба Чилдухтарон рафта, соате дар сари қабри модарам нишаста меомад. Гоҳе маро ҳам гирифта мебурд. Дар он ҷо вай сангҳои аз болои қабр ғелидаро чида боз ба ҷояшон мегузошт, хорҳои атрофи қабрро канда мепартофт ва аз лаби ҷӯй чим канда оварда ба ҷойи он хорҳо мехобонд. Дар гирди қабр сабза ва шукуфаҳо менишонд. Боре вай рафта бинад, ки дар

пахлуи қабр шикофе пайдо шудааст ва аз он шикоф мусичае парида ба ҳаво рафтааст. Падарам ҷиддан боварӣ дошт, ки «арвоҳ»-и модарамон ба худ шакли он мусичаро гирифта ба осмон парида рафт.

Вай ба кори завод давом мекард, аммо аз ғайрати пештарааш нишоне ҳам намонда буд. Вазифаҳои худро дилу бедилон, гӯё ки маҷбуран анҷом медод. Андӯҳи вафоти модарам ҳеҷ аз дилаш намерафт. Ҳамсояҳо ӯро дилбардорӣ карда мегуфтанд, ки ғусса хӯрдан суд надорад ва ӯ бояд ба хотири фарзандонаш худро ба даст гирад, аммо падарам тасаллӣ намеёфт.

Мухтор аз модарам яксолаю чандмоҳа монда буд. Ӯро ман парасторӣ мекардам, зеро ки падарамон рӯзи дароз дар кори завод банд буд, бародарам бошад, ҳама вақт бо ҷӯраҳояш машғули бозӣ буда, баъзан ҳатто се рӯз-чор рӯз бедарак шуда мерафт.

Падару модарам Азизхонро эрка калон карда буданд, шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки вай аз хонаю рӯзгор ғаме надошт, бепарво буд. Ба дили падарам ғайр аз ғаму андӯҳи худаш дигар ҳеҷ чиз намеғунҷид, бинобар ин вай баъди вафоти модарамон дар вақтҳои аввал Азизхонро на фақат навозиш намекард, балки доим аз ваҷҳи бегамӣ ва кӯчагардиаш ҷанг мекард. Аммо ҳар қадар, ки ҷанг мекард, Азизхон бадтар мешуд, ки беҳтар намешуд.

Боре Ершов, ки ба завод омада буд, аҳволи моро дида ба падарам гуфт:

– Ту бачагони хурдсол дорӣ, ки муҳтоҷи модаранд, ту бояд зан гирӣ!

– Намехоҳам, – ҷавоб дод падарам. – Кадом бача аз модари ӯгай некӣ дидааст, ки бачагони ман бинанд?

Падарам аз кор монда шуда меомад, аммо дам гирифта наметавонист, зеро дар хона ғами обу ҳезум ва оворагии сари дегу оташдон сар мешуд. Вай маҷбур буд ин ҳама коруборро худаш анҷом диҳад, зеро ки ман хурд

будам, корхои вазнини хонагӣ аз дасти ман намеомаданд. Бачабардор будам, ҳамаи вақти маро Мухтор мегирифт: ӯро мехӯрондам, мепӯшондам, мехобондам. Баъди вафоти модарамон Мухтор пай дар пай касал шудан гирифт, ман аз вай як қадам ҳам дур рафта наметавонистам. Орзу мекардам, ки ягон соати холӣ ёфта бо бачаҳо бозӣ кунам, вале ин ба ман кам муяссар мешуд.

Музди кори падарам ба худамон бемалол мерасид, мо метавонистем нағз хӯрем, нағз пӯшем, аммо дар ҳақиқати ҳол қашшоқона зиндагӣ мекардем, зеро ки одами хонаидоракунанда набуд. Пули падарам ҳама ба харидҳои тасодуфии «бебарака» сарф мешуд. Сарулибосамон чиркин, палоси хона ва кӯрпаю болиштҳо даридагӣ, асбобу анҷоми рӯзгор ҳама ноқису нотамом буданд. Ҳар рӯзе сад бор қадри модарамон мегузашт. Рост мегуфтаанд, ки «гандум ҳама ҷо, паӟанда ҷо-ҷо». Модарамон давлати хонадони мо ва саодати он будааст; мо нафаҳмида будем.

Ҳамсояамон тӯта Маша дар он рӯзҳои сахт ба мо бисёр некиҳо кард. Шавҳари вай дар хизмати ҳарбӣ буд, зан бо меҳнати дасти худаш ду бачаи хурдсолашро мепоийд. Ғайр аз фаррошии идораи завод, вай ҷомашӯйии мардумро карда, маоше ба даст меовард ва дар полизҳо ҳам кор мекард. Бачагонаш – Паша ва Лёня монанди ману Мухтор аксар рӯзҳо аз субҳ то шом дар хона танҳо мемонданд.

Тӯта Маша ҳар гоҳ ки ба хонааш меомад, албатта, аз ману Мухтор хабар мегирифт, ба печкаи мо алов мекард, хӯрок пухта медод, либосамонро мешуст. Камгап буд, кам механдид, ҳама корро хомӯшона анҷом медод. Умуман, вай одами сахтидида ва риёзаткашида барин менамуд. Шабҳое, ки падарам ба қаровулии завод мерафт, ман бо Мухтор дар хона танҳо хобидан метарсидам, зеро чашмҳое, ки баъди вафоти модарамон дар торикӣ ба ман намудор мешуданд, маро ҳанӯз тамоман тарк накарда

буданд ва шабона, агар тарсам, дар пеши назарам пайдо мешуданд. Тӯта Маша дар шабҳои ба қаровулӣ рафтани падарам ману Мухторро ба хонаи худаш гирифта бурда, бо бачагонаш мехобонд. Ҳар гоҳ ки писарчааш Лёняро оббозӣ мекунонд, Мухторро ҳам гирифта бурда дар ванна андохта шустушӯй мекард. Вай ба хонаи мо даромада, хомӯшона аз дасти Мухтор мегирифт ва Мухтор ҳам дам назада бо ӯ мерафт ва ҳар чӣ ки вай фармояд, мекард.

Падарамро ин некукории хомӯшона ва ин одамгарии беминнат мутаассир мекард. Тӯта Маша, ҳарчанд ки зиндагии худаш бо ду бача ва бешавҳар ба сахтӣ мегузашт, боз ба мо ҳам, ки сағира монда будем, ғамхорӣ ва меҳрубонӣ менамуд. Аз ин ваҷҳ мо ӯро дӯст медоштем ва аз вай беҳад миннатдор будем.

Шабе аз шабҳои зимистон, дар вақти посбонии падарам дар завод, тӯта Маша ба ҷое рафта буд ва то дер барнагашт, ману Мухтор хоҳу нохоҳ дар хона танҳо хоб кардем. Мо поямонро ба даруни сандалӣ дароз карда хобида будем. Оташи сандалӣ хомӯш шуда буд, ки Мухтор «хунук хӯрдам» гуфта нолиш кард, ман бо чӯб хокистари сандалиро кофта, оташи дар таги он бударо ба рӯй баровардам ва боз ба хоб рафтам. Як маҳал ҳис кардам, ки нафасам гашта истодааст. Мухтор ҳам гиря бардошт, – чашмамро кушоям, ки хона пури дуд шудааст. Кӯрпаро бардошта ба даруни сандалӣ нигоҳ кардам, бинам ки як тарафи кӯрпа сӯхта истодааст. Аз ҷоям ҷаҳида хеста кӯрпаро аз болои сандалӣ бардоштанӣ шуда будам, ки вай лапӣ даргирифта рафт. Дар як дам оташ тамоми сандалӣ ва намаду бӯрёро ҳам фаро гирифта, ба бистари ману Мухтор ҳамла овард.

Ман аз тарс даступо гум карда ба дар давидам ва бо тамоми овозам:

– Тӯта Маша! Тӯта Ма-ша! – гӯён фарёд задам. Тӯта Маша тани ба курта давону тозон омад ва сӯхторро дида фақат як даҳан «Ох ты, господи!» гуфту дигар то охир дам

назада, ҳадаҳа оташро хомӯш кардан гирифт. Вай кӯрпаи даргирифтаро дар таги пояш мекӯфт, аз сатилу кӯза ба оташ об мепошид, чизҳои сӯхтаистодаро беруи бароварда мепартофт.

Вақте ки оташ ба ҳамин тариқа хомӯш карда шуд, тӯта Маша Мухтори гирён ва мани саргардонро гирифта бадар рафт. Вай моро ба хонаи худаш бурд ва дар паҳлуи бачагонаш хобонд.

Агар тӯта Маша намебуд, албатта, хонаи мо ва тамоми бино месӯхт.

Бе модар зиндагонии мо дар завод торафт душвор шудан гирифт. Падарам кам-кам ба кор аҳамият намедодагӣ шуда монд. Дар баҳор вай сабзавоту полиз ҳам накорид, мо дар тобистон бе сабзавот мондем ва рӯйи харбузаю тарбузро ҳам надидем. Шодию хурсандӣ хонаи моро тарк карда буд.

## БАЧАИ ЭРКА

Падару модарам орзу мекарданд, ки фарзанди бисёр дошта бошанд. Дар шароити камбағалию нодорӣ чӣ гуна пойидани фарзандонро фикр ҳам намекарданд ва мегуфтанд, ки бача бо ризқи худаш ба дунё меояд.

Бачагони худро беҳад дӯст медоштанд ва аз барои онҳо ҳар чӣ ки аз дасташон ояд, мекарданд.

Бародарам Азизхон аз муҳаббати падару модар суйиистифода менамуд. Вай, ки нахустфарзанд буда, эрка калон шуда буд, талаб мекард, ки барояш ҳама вақт гузашт кунанд ва ҳамаи нозҳояшро бардоранд. Падару модарам низ ин талаби фарзанди маҳбуби худро ҳақ мешумурданд ва то ҳадди имкон ба ҷо меоварданд.

Баъди вафоти модарамон Азизхон як дараҷа аз ин меҳрубонӣ ва ғамхории номаҳдуд маҳрум гардид.

Вай, ки ғам надида буд, ба ғами мо шарик шудан намехост. Вай фақат ба шодии мо шарик шудан одат

карда буд. Ба ман ҳамин тавр менамуд, ки дили вай ба падарам ҳеҷ намесӯзад.

Баъди аз модар ҷудо шудани мо бародарам хонагурез шуда монд. Ба кучое, ки гурезад, бо кадом рафиқе, ки гардад, барояш фарқ надошт, муддао ҳамин, ки аз хонаи падар дуртар бошад, зеро дар хона кор ҳаст, ташвиши зиндагӣ ҳаст.

Гаронии ин ташвиш ва ғами тарбияти ману додари хурдсолам ба гардани падарамон бор шуда буд, ки вай ба илова дар завод ҳам кор мекард. Як дам намеосойид ва як даҳан хӯрокашро бемалол нишаста хӯрда наметавонист, чӣ чойи он, ки аз паси Азизхон гардад ва ба тарбияти ӯ машғул шавад.

Бародарам гоҳо чанд рӯз ба хона намеомад. Боре вай як ҳафта бедарак шуда рафта, рӯзи ид омад. Сарутани нав пӯшида, ба илова якчанд газ матои сурх ҳам оварда буд. Ба ман гуфт, ки дар хонаи як пиру кампири рус меистам. Вай хурсанд буд ва ба хонаи падар бозгаштан намехост.

Тӯта Маша ба вай аз матои сурхи овардагиаш зуд курта дӯхта дод. Барои ман ҳам дӯхтанӣ шуд, лекин боқимондаи матоъ кифоя накард. Бародарам ба ман гуфт:

– Бо ман равон шав, тӯтаи ман аз ҳамин чит боз камтар медиҳад, ба ту ҳам куртаи нав мешавад.

Падарам инро шунида, ба ман иҷозати рафтан надод.

– Барои чӣ дигарон ба ту курта медодаанд? Ту мехоҳӣ, ки падаратро шарм доронӣ? Нарав, худам рӯзи бозор ба ту курта харида медиҳам. Лекин ман ба гапи бародарам даромада, баъди ба кор рафтани падарам Мухторро дар хонаи тӯта Маша мондаму худам бо Азизхон ба хонаи мураббиҳои нави ӯ равон шудам. Мехостам зудтар бубинам, ки чӣ гуна оилае бародарамро писархонди худ кардааст.

Дар кӯчаи Қӯйлуқ Азизхон маро ба як дарвоза даровард. Дар ҳавлӣ чанд оила истиқомат мекарданд,

ману бародарам ба хонаи яке аз онҳо дохил шудем. Моро соҳибони хона-зану шўйи солхўрдаи рус пешвоз гирифтанд. Бародарам гуфта буд, ки онҳо фарзанд надоранд ва ўро ба худ писархонд карда гирифтаниананд.

Вақтҳое ки Азизхон ду рўз-се рўз бедарак шуда мерафт, ҷўраҳояш ўро ба хонаҳои хешовандони худ мебурдаанд. Ба ҳамин тариқ, вай боре ба хонаи ҳамин пиру кампир омада монда, ба онҳо вафоти модарамон ва душвории зиндагониамонро ҳикоя кардааст. Пиру кампир ба ҳоли бародарам раҳмашон омада ва ҳусну ҷамол ва хушфаҳмии ўро писандида, меҳрубонӣ ва навозиш кардаанд. Дар охир гуфтаанд, ки агар бародарам қабул кунад, онҳо ўро ба хонаи худ гирифта, мисли фарзандашон тарбия хоҳанд кард. Ба Азизхон хонаи чолу кампир ва меҳрубонии онҳо чунон хуш омадааст, ки вай розӣ шудааст хонаи падарро тарк кунад.

Чолу кампир Азизхонро дар хоначаи алоҳида ҷо карда буданд. Дар он хонача як кати озода ва як мизу ду курсӣ истода буданд.

– Азиз, куртаи нави додарат канӣ? Чаро ба вай курта надўзондед? – пурсид зан.

– Чит камӣ кард, – ҷавоб дод бародарам.

Дар ҳақиқат, чунон ки бародарам гуфта буд, зан даррав аз худи ҳамон матоъ боз се-чор газ оварда ба дасти ў дод ва гуфт, ки аз он барои ман куртаи нав дўзонанд.

Ман ба хона баргашта, дидагиҳоямро ба падарам ҳикоя кардам.

Падарам ғамгин шуда гуфт:

– Ба сари сахти ман боз чӣ кулфатҳо меомада бошад! Писарам аз пеши падараш гурехта, ба дари бегонаҳо меравад!

Расидани чунин зарба аз писаре, ки ўро аз писарони дигараш дўсттар медошт, ба падарам бисёр гарон омад. Модарамон ба гумонам маро бештар дўст медошт, ман инро ҳис мекардам ва ба ў сахт дил баста будам. Ман аз

бародарам ҳафт сол хурдтар бошам ҳам, ба падарам аз ӯ холдонтар ва дилсӯзтар будам. Ҳайрон мешудам, ки бародарам чӣ тавр дилаш мешавад, ки падарамонро ин қадар азоб диҳад.

Шаб дар ҷогаҳ падарам ба Азизхон мегуфт:

– Ба дари бегонаҳо рафтани ту нагз нест. Ман барои ту ҳар чӣ хоҳӣ, мекунам, ҳар чӣ пурсӣ, мехарам...Агар ин ҷо ба дилат зада бошад, ба ягон ҷойи дигар меравем ё ба деҳа мекӯчем. Шукр, туро нагз хӯрондан ва нагз пӯшондан аз дастам меояд, ман аз он чолу кампири ёфтагиат камӣ надорам.

Падарам ба писари понздаҳсолааш зорию тавалло мекард. Писар бошад, бепарво буд. Он шаб ман бори дуюм гиря кардани падарамро дидам.

Бародарам аз зиндагонии осони ба худ пайдокардааш даст кашидан намехост. Вай дар завод набудани мактаб ва дар хонаи он чолу кампир ба хондан сар карданашро баҳона намуда, боз ба ҳамон ҷо рафт.

Падарам чун як бор ба хонаи пиру кампири мазкур рафтани маро медонист, ба ман фармуд, ки ӯро ба он ҷо сар карда барам. Ман сар карда бурдам.

Ҳар сеи онҳо дар хона ҳозир буданд ва дар паси миз нишаста таом мехӯрданд. Азизхон дар паҳлуи кампир ҷой гирифта буд ва кампир аз табақи умумӣ ба табақчаи ӯ хӯрок гирифта меандохт. Дар рӯ ба рӯйи онҳо як марди солхӯрда нишаста буд, ки дар чашмаш пенснэ[1] монда газета мехонд. Падарам ин манзараи саодати оилавиро дида рӯяш хира гашт.

– Ин кас кист? – шахси пенснэдор аз рӯзнома сар боло карда пурсид аз бародарам.

– Падари ман, – сахт ҷавоб дод Азизхон, ба тавре ки зоҳиран аз дидори мо заррае ҳам шод нашуда буд.

---

[1]. Айнаки пружинадори бедаста.

– Ҳо, марҳамат, бишинед, – бархоста аз паси миз ҷой нишон дод соҳиби хона.

Падарам на ба паси миз, балки аз он дуртар, дар паҳлуи соҳиби хона ҷой гирифт. Азизхон на ба падарам нигоҳ мекард ва на ба ман. Хомӯшии дурударозе ба миён омад. Соҳиби хона пенсиэро аз чашмаш гирифта ба ғилофаш андохт ва дармондагӣ барин чанд бор «м-да» гуфта монд. Зани вай моро ба таом таклиф мекард, лекин падарам ба таом нигоҳ ҳам накарда, кавоқашро андохта менишаст. Баъд вай бо ҷаҳл гуфт:

– Ман барои писарамро гирифта бурдан омадам. Вай хона дорад, дар кӯча намондааст. Ин чӣ тавр мешудааст, ки падар зинда бошаду писарро аз вай ҷудо кунанд?!

Зан, гӯё ки мо ду бародарро бо ҳам муқоиса мекарда бошад, гоҳ ба Азизхон нигоҳ мекард ва гоҳ ба ман. Бародарам дар танаш либоси нав, тозаю озода нишаста буд, афту андомаш гувоҳӣ медод, ки вайро дар ин ҷо хуб парвариш мекунанд.

Зан бо оҳанги зорӣ гуфт:

– Вайро гирифта бурдан чӣ лозим? Охир, модар надоштааст, ман ба ҷойи модараш мешавам, ин ҷо барои вай нағз! – Зан навозишкорона китфи бародарамро мемолид. Баъд аз он вай якбора гиря карда боз гуфт:

– Ман фарзанд надорам, Азизро фарзанди худам барин тарбия мекунам. Азиз, гап зан, ба ту дар ин ҷо нағз-а?

Шавҳари зан, ки то ин дам хомӯш буд, ба падарам рӯй оварда, суханро якта-якта чида гуфт:

– Мо ба писари шумо ҳеҷ ҳаққу ҳуқуқ надорем, вайро аз шумо ҷудо карданӣ ҳам нестем. Агар хоҳад, марҳамат ба хонаи падараш равад. Лекин худатон як мулоҳиза кунед: шояд дар ин ҷо мондани писаратон барои ӯ беҳтар бошад? Вай ба хондан бисёр ҳавас дорад. Худи ман муаллим ҳастам, мо вайро, албатта, мехононем. Дар хонаи шумо зан нест. Мо, мардҳо, бачаро ҳар қадар дӯст

дошта бошем ҳам, ӯро мисли зан парасторӣ карда наметавонем.

Падарам дар андеша монд. Ба Азизхон муроҷиат карда ба забони тоҷикӣ гуфт:

– Дар хона ман ба ту аз инҳо беҳтар ғамхорӣ мекунам. Ту хурсанд мешавӣ.

Падари аз рафиқаи умри худ ҷудогашта ва мусибатзадаи ман аз нахустфарзанди худ ҳеҷ тоқати ҷудоӣ надошт. Вай тайёр буд барои ба хона бозгардондани бародарам ҳар чиро ки вай хоҳад ва талаб кунад, муҳайё созад. Аммо Азизхон чашм ба замин дӯхта менишаст. Зан, ки ҳар дам хавотир кашида ба бародарам менигарист, дар охир боз гиря кард.

Падарам аз ҷо бархоста ба Азизхон хитоб намуд:

– Модаратро ба ёдат биёр! Вайро дар гӯраш ба азоб намонон!

Ман он хонаи озодаи дилнишинро, ки ҳама асбоби роҳаташ тахт буд, бо чашми ҳавас медидам ва фикр мекардам, ки зотан бародарам дар ин оила монад ҳам, бад намешуд. Ман ба наздаш омадурафт мекунам. Охир, вай дар куҷое ки бошад, фарзанди падари худ ва бародари ман аст, ҳар вақте ки хоҳад, моёнро рафта дида меояд.

Азизхон ҳамоно хомӯш буд, ба сухани падарам ҷавоб намедод. Соҳибони хона ҳам сукут мекарданд.

– Агар ин тавр бошад, ана ин писари маро ҳам гиред, хурдиашро ҳам гиред, тамом! Ман меравам... ба ҷое ки модари инҳо рафт, меравам! Ман фарзанд надорам! – ларз-ларзон фарёд зад падарам. Дар чашмони вай ашк пайдо шуд.

Зан аз гиря бозмонд, шавҳараш ба падарам гуфт: Азиз, ба хонаи падарат баргард. Ҳарчанд мо туро нағз дида, ба ту дил баста бошем ҳам, лекин падаратро хафа карда наметавонем. Модом ки вай бо ту будан мехоҳад, ту бояд дар наздаш бошӣ. Ба пеши мо ҳар вақте ки хоҳӣ, омада метавонӣ; хонаи моро хонаи худат дон.

Зан боз дар бораи тарбия кардан ва хонондани Азиз даҳон кушода буд, ки шавҳараш ӯро аз сухан боздошта, чизҳои бародарамро ғундоштан фармуд.

Зан як ҷомадончаи бофтаро оварда, чизҳои Азизхонро ба он андохт ва ин дафъа бо худдорӣ ва бе оби дида бо бародарам хайрухушкунон ӯро дар оғӯш гирифта бӯсид.

Мо ба хонаамон баргаштем. Баъди ин воқеа падарам дар бораи бозгаштани мо ба деҳаи пештараи худамон ҷиддитар фикр мекардагӣ шуд.

Хонаи деҳагии аз бобоям меросмондаи мо кӯҳна шуда буд ва таъмир талаб мекард. Падарам ният дошт, ки ба деҳа баргашта хонаи нав андозад ё тайёрашро харад ва бо ҳамроҳии амакам замини аз ҳосил монда ва боғи харобгаштаи моро обод намояд. Бо ин мақсад вай ба пул ҷамъ кардан шурӯъ намуда буд. Баъзе шабҳо пули дар сандуқ русткардамондаашро бароварда ба шумурдан медаромад ва аз ман мепурсид:

– Уштури сафед дидӣ?

Ман ҷавоб медодам:

– Не.

– Ана ҳамин тавр, ҳар кас ҳар чӣ пурсад ҷавоб деҳ, ки «не, намедонам, надидаам!» – Инро гуфта падарам пулашро боз ба сандуқ пинҳон карда мемонд. Акнун баъди ба хона бозгаштани Азизхон падарам ба вай аз пули пасандозкардааш сарутани нав харид. Вайро гоҳ-гоҳ бо худаш ба сайру тамошои шаҳр мебурд ва дар он чизҳои хостагиашро харида медод.

Бародарам ҷавони навраси хушқаду қомате шуда буд. Рӯйи сафед ва мӯйи сиёҳи мавҷ-мавҷи ӯ, ки дар хонаи муаллими русаш расонда буд, ӯро ба навҷавони шаҳрие, ки дар оилаи зиёӣ калон шуда бошад, монанд мекарданд. Падарам бо ӯ мефахрид ва чунон дӯсташ медошт, ки ҳар талабе кунад, ба ҷо меовард. Ман ва Мухтор бо сарутани кӯҳна мегаштем, парасторӣ намедидем, шаб дар замин

мехобидем, бародарам бошад либосҳои озода мепӯшид ва дар кат мехобид. Вай бо Сергей ба мактаб мерафт, тӯта Маша бо хоҳиши падарам ба Азизхон як китобдони хушрӯй дӯхта дод. Серёжа ба синну сол аз бародарам хурд буда, дар синфи баландтар хонад ҳам, бо вай ҷӯрагӣ мекард.

Ман ба зиндагонии бародарам ҳасад мебурдам: вай ғам надошт, ҳама чиз барояш осон ва дастрас буд. Ман гарчанде хурдсол бошам ҳам, мефаҳмидам, ки вай қадри ғамхориҳои падарамро намедонад, аз ин ваҷҳ ӯро дар дилам сарзаниш мекардам. Ба падарам ҳайфам меомад, ки бечора барои хурсандӣ ва хушбахтии писараш ҳеҷ чизро дареғ намедошт, аммо писар худро ба он ҳама ғамхорӣ сазовор донистa, миннатдор ҳам намешуд, ҳатто бисёр вақт норозӣ мешуд ва «аз хонаатон баромада меравам» гуфта падарамро метарсонд. Бо ин рафтораш доим хотири падарамро парешон карда, ӯро азоб медод.

Хоҳиши ягонаи падарамон ин буд, ки Азизхон дигар ба хонаи он чолу кампир наравад, аммо бародарам ҳамин хоҳиши ӯро ҳам ба ҷо намеовард ва пинҳонӣ ба хонаи падархонду модархонди собиқи худ рафтуомад мекард. Ман инро медонистам, бинобар ин бародарам маро бо қанду қурс зиёфат карда хоҳиш менамуд, ки сирри ӯро ба падарам фош накунам.

Ҳамин тавр вай як-ду моҳ бо мо истод. Аммо як рӯз аз шаҳр омада гуфт:

– Маро ба «уштилхона»[1] гирифтанд, акнун минбаъд дар ҳамон ҷо меистам.

Падарам, ки оқибат аз ҷафоҳои писари бемеҳр дилгир шуда буд, дам назада бо вай ба «уштилхона» рафт, то чигунагии он ҷойро дониста биёяд. Маълум шуд, ки он

[1].**Уштилхона** – аз калимаи «учител»-и русӣ ва «хона»-и тоҷикӣ таркиб ёфтааст. Дар солҳои баъди Инқилоби Октябр мактабҳои нави шӯравиро дар водии Фарғона ҳамин тавр меномиданд.

чо як омӯзишгоҳи дарбастаи интернатмонанд будааст. Бародарам дар он омӯзишгоҳ майли хондан дошт ва дар он ҷо ҳеҷ кас қасди аз падар ҷудо сохтани ӯро намекард. Падарам ба ин қонеъ шуд ва барои дар он омӯзишгоҳ зиндагонӣ кардани Азизхон ризоят дод.

Бародарам ба ман чӣ гуна ба «уштилхона» дохил шуданашро махфиёна ҳикоя кард. Маълум шуд, ки падархонди собиқи ӯ муаллими омӯзишгоҳ буда, бародарамро ҳамон кас ба он ҷо қабул кунондааст.

Ҳар рӯзи якшанбе Азиз хурраму хандон ба хона меомад. Бояд аз тарбияти омӯзишгоҳ бошад, ки вай вазнинтару бамаънитар шуда буд. Ҳар бор, албатта, бо ягон рафиқи русаш меомад, ба русӣ бемалол гап мезад ва бо ин фахр мекард. Китобхои худро гирифта меовард ва ба падарам мехонд, то нишон диҳад, ки хату савод баровардааст. Падарам хурсанд мешуд ва аз асари хурсандии ӯ бародарам низ хушҳол мегардид.

Саводнокии бародарамро дида, эҳтироми ман ба вай зиёдтар мешуд. Орзуманд будам, ки ман ҳам монанди ӯ бохату савод ва китобхон шавам...

## КИТОБИ АВВАЛИН

Сергей маро ба хонаашон таклиф кард. Вай падар, модар ва хоҳари аз худаш хурдтар дошт, оилаи онҳо низ дар поён истиқомат мекарданд. Модараш зани солхӯрдае буда, пенснэи тиллогин дошт ва дар байни занҳои поён бо сипоҳигарии худ ҷудо шуда меистод. Падараш бошад мутахассиси шаробпазӣ буд ва низ дар чашмаш айнаки калоне дошт, доим бо шитоб роҳ мерафт ва доим хаёлаш ба чизе банд буд. Ман аз падару модари Серёжа изо мекашидам, бинобар ин ҷуръат намекардам, ки ба хонаашон равам.

Лекин имрӯз худи Сергей ба ман гуфт:

–Биё, ба хонаи мо меравем.

–Ба ман мумкин-мӣ? – нобоварона пурсидам ман.

–Чаро мумкин набошад? Худам таклиф карда истодаам-ку! – Инро гуфта вай маро бо худ гирифта бурд.

Ман рамида-рамида аз пайи Серёжа ба хонаашон дохил шудам. Хона равшан ва озода, дар тирезаҳояш пардаҳои сап-сафеди нафис кашидагӣ, аз ин хона ба хонаи дигар гилемчаи борики гулдор андохтагӣ, фарши тахтагинаш ранг кардагӣ ва шаффоф буд. Дар як тараф чевону рафҳои ҷилодори пур аз китоб истода буданд. Хулоса ба чашми ман ончунон ҷойи зебо ва покизае ҷилвагар шуд, ки ман намедонистам пойи ботинкадори чанголудамро ба куҷо гузорам. Агар Серёжа аз дастам гирифта:

–Биё, даромадан гир, – намегуфт, ман ҳаргиз аз остона дарунтар намерафтам.

Дар дами дар латтаи тари хонашӯяк паҳн карда шуда буд, ман ботинкаамро ба он хуб пок карда даромадам ва ба курсӣ нишастам. Модари Серёжа мисли ин ки маро аввалин бор дида бошад, пенснэро аз чашмаш гирифта, бо назари харидорӣ ба сар то пойи ман нигоҳ кард. Ман изо кашида, аз дил гузарондам, ки «вай аз омадани ман ҳайрон ва норозӣ аст», аммо зан якбора аз ҷо хеста ба наздикии ман омад ва пурсид:

– Бача, булкаи ширин мехоҳӣ? – ва ҷавобамро нашунида як булкачаи сафед оварда ба ман дароз кард: – Гир, хӯр.

Ман гирифтам ва як бор газида хӯрдам, лекин дилам накашид, зеро аз булка бӯйи атр меомад.

Модари Серёжа бошад, чӣ кор карданашро намедонистагӣ барин рӯ-рӯйи хона мегашт, баъд аз он боз пурсид:

– Граммофон монда диҳам, мешунавӣ?

Вай боз ҳам ба ҷавоби ман мунтазир нашуда, ба назди мизчае, ки дар болояш як қуттии карнайчадор истода буд, рафт; карнайчаи он сафед ва монанди гардани

коз кач буда, ялаққос мезад, зан онро ба тарафи ману Серёжа гардонд. Ман он гуна карнайчаро надида будам ва чӣ буданашро намедонистам; қуттӣ даста дошт, зан онро тоб дод ва боз ким-чӣ коре кард, он гоҳ аз карнайча овози баланди таронахонӣ баромад. Ман ҳайрон монда чашмонамро калон кушода ба карнайча нигоҳ мекардам.

– И, кӣ ашӯла хонда истодааст? Дар дарунаш одам ҳаст? – пурсидам аз Серёжа.

Ҷӯраам хандид. Ман «ҳикмат» ва «тилисм»-и русҳоро, ки аз падарам шунида будам, ба ёд оварда, гумон кардам, ки ин ҳам бояд аз ҳамон чизҳо бошад. Аз афти кор, ҳайрати ман аён буд, ки модари Серёжа ба наздам омада пурсид:

– Магар ту ашӯлаи граммофонро нашунидаӣ?

– Не, ҳеҷ нашунидаам.

– Пас ин чиз барои ту бояд шавқовар бошад, – гуфт зан.

Вакте ки граммофон хомӯш гардид, модари Серёжа як нафас мушаввашхотир шуда монд, гӯё дар андеша буд, ки ба ман боз чӣ нишон диҳад. Магар ба ҳеҷ карор омада натавонист, ки ба писараш гуфт:

– Серёжа, охир, ҷӯраатро бо ягон чиз машғул дор, боз зиқ нашавад!

Серёжа хандид: зоҳиран, ташвиш ва тараддуди модараш ба вай хандаовар намуда буд. Зан ба хонаи дигар рафта дигар ба назди мо набаромад.

Сергей аз раф як китоби муқовасиёҳро гирифта рӯйи миз гузошт ва маро дар паҳлуи худ нишонда:

– Биё, ман ба ту суратҳо нишон медиҳам, – гуфт ва китобро ба варақ задан даромад.

Дар ҳар саҳифаи китоб суратҳои калони ҳайвонот ва мурғони ёбой буданд, ки ман ҳаргиз онҳоро надида будам. Серёжа ба ман номи он ҳайвонҳои ғалатӣ ва мурғони аҷоибро як-як гуфта, дар кучоҳо зистанашонро ҳикоя мекард. Баъзе суратҳо рангин буданд.

– Инҳоро худам бо қаламҳои ранга рангин кардам, – гуфт Серёжа.

Вай хатҳои дар зери суратҳо бударо хонда ва боз донистагиҳои худашро илова карда ба ман мефаҳмонд.

Ман чӣ қадар афсӯс мехӯрдам, ки бесаводам ва ҳамин гуна китобҳо надорам.

Сергей соате ба ман суратҳоро нишон доду гуфт:

– Акнун бас будагист?

Аммо ман аз китоб чашм канда наметавонистам ва дилам намешуд, ки аз сари он бархезам.

– Он тарафашро ҳам бинем, – хоҳиш кардам ман.

Мо боз ба китоб сар фуруд оварда қариб сеяки онро аз назар гузаронидем. Серёжа аввал дар бораи ҳар сурат донишҳои худро ба ман гуфта тамом мекарду баъд варақи китобро мегардонд.

Дар ин вақт падари Сергей омада монд ва мо маҷбур шудем, аз машғулияти шавқовари худамон даст кашем.

Ман рафтанӣ шуда аз ҷо бархостам, Серёжа маро то берун гусел карда гуфт:

– Боз биё. Ҳоло аз ҳама аҷоибтараш дар пеш аст.

Ман Серёжаро нағз дида мондам ва бо вай омаду рафт мекардагӣ шудам. Чанд бор дар хонаашон будам ва ҳар дафъа ба наздаш бо ҷону дил мерафтам.

Серёжа ба ман ҳамаи суратҳои китоби ғалатии худро нишон дод. Баъд аз он китобҳои дигарашро ҳам нишон дод, аммо ҳеҷ кадоми онҳо бароям китоби якум барин шавқовар нанамуд. Аз саҳифаҳои он китоби муқовасиёҳ ба чашми ман як ҷаҳони афсонавии пур аз аҷоибот ҷилвагар шуд.

Аксар вақт ман ба назди Серёжа Мухторро ҳам гирифта мебурдам. Суратҳои китоб ба ман завқи беандоза мебахшиданд ва соатҳои бо Серёжа гузарондаам соатҳои хушбахтии ман буданд. Ман кӯшиш мекардам, ки он ҳайвоноти ёбой ва мурғони аҷоибро зинда тасаввур кунам ва он гоҳ даводави онҳо, парвози онҳо, ҷанги онҳо ба пеши назарам меомад, наъраи ҳайвонот, хониши мурғон, шав-шави ҷангалҳое, ки он ҳайвонот ва он мурғон дар он ҷангалҳо мезистанд, ба гӯшам мерасид ва дар хаёлам манзараҳои олами ношиносе тасвир меёфтанд. Дӯстдории

китоб ва орзуи китобхоншавӣ дар дилам сахттар ҷой бигирифт.

## ХАЙР, ШАҲРИ АЗИЗ!

Борони сел меборид. Ман аз хонаи Серёжаино омада истода будам, ки дар роҳи аз поён ба завод раванда чашмам ба як одами дарвешнамо афтод. Вай бо ҷадал қадам монда меомад. Пойи бараҳнааш ҳар дам ба лою кӯлмакҳо мегӯтид ва аз либоси ҷигда-ҷигдааш об мечакид.

Вай маро дида ба сӯям даст ҷунбонд ва қадамашро боз ҳам тезонд. Ман тарсида гурехтам. Ба таги дарамон расида, ба ақибам нигоҳ кардам, бинам ки он мард рост ба тарафи хонаи мо омада истодааст. Ман зуд худро ба даруни хона гирифта, саросема ба падарам:

– Дадо, бароед, вай кӣ?–гуфта будам, ки аз дар худи «дарвеш» ҳам намудор шуд. Акнун ман таъқибкунандаи худро шинохтам: мардак амаки ман Обидхоҷа буд.

Вай ҳам маро шинохта будааст, бинобар ин, аз паям омада, зуд хонаи моро ёфтааст.

Амакам ба мо хабарҳои ғамангез овард: зани вай мурдааст, очаи меҳрубонам – модаркалонам ҳам мурдааст. Аз хешу табор, ҳамсоя ва ошноҳои мо низ бисёр касон вафот кардаанд. Зебиро ба шавҳар додаанд.

Хабари вафоти модарам ба деҳа расида будааст. Амакам падари маро ба деҳа даъват ва ба зангирӣ ташвиқ мекард. Дар он ҷо вай барои падарам як зани бева ёфта мондааст, ки аз хонадони обрӯманд буда, бо сабабе аз шавҳараш ҷудо шуда будааст ва розӣ шудааст, ки ба падари ман расад.

Падарам гуфт:

–Дар ин ҷо ҳам ёру дӯстон бисёр маротиба ба ман зан гир гуфта маслиҳат доданд, ман розӣ нашудам. Модари ӯгай бачагони маро хор мекунад гуфта тарсидам... Аммо акнун дида истодаам, ки ба марди

танҳо бачаҳоро тарбия кардан мушкил будааст. Бачаҳо азоб кашида истодаанд...Модом ки ҳамин хел зани бамаънӣ ёфт шуда, барои бо ман хонадорӣ кардан розӣ шуда бошад... фикр карда дидан лозим... Шояд ки ҷойи модари инҳоро гирад.

Бори дигар амакам доир ба ҳукумати нав овозаҳои дар деҳа пахншударо нақл кард.

– Мегӯянд, ки ҳукумат баъди босмачиёнро нест кардан ба камбағалон замин медодааст.

Ин гап диққати падарамро ба худ ҷалб кард. Худи амакам ба ин овозаҳо он қадар бовар намекард, аммо падарам онҳоро ҳақиқат мепиндошт.

– Албатта, бояд ҳамин тавр шавад, – мегуфт вай. Мана ҳамин заводу токзори моро аз соҳиби пештараш кашида гирифтаанд, акнун хӯҷаин худи коргароианд... Ман шунидам, ки дар деҳа чор-панҷта бойи хунхор аз гушнагии мардум фоида бурда, заминҳои деҳқононро ба дасти худ даровардаанд. Ҳукумати нав ин ноинсофиро дида, дам меистад? Не. Ҳоло нигоҳ карда ист, дар деҳа корҳои ғалатӣ мешавад.

Баъди ин суҳбатҳо дудилагии падарам барҳам хӯрд ва ӯ қарор дод, ки ба деҳа бозгардад.

Мо ба тараддуди сафар афтодем.

Охирҳои зимистон буд, падарам ва амакам умед доштанд, ки то аввали баҳор ба деҳа расида гиранд ва бо ҳам ба кори деҳқонӣ шурӯъ намоянд.

Онҳо ҳар рӯз ба ким-куҷоҳо мерафтанд ва шаб дар хона бо кадом роҳ ва чӣ гуна ба деҳа бозгаштанро муҳокима менамуданд, зеро назар ба гуфти амакам ва мувофиқи маълумоти саҳеҳи аз шаҳр донистаомадаи падарам роҳи оҳан дар бисёр ҷоҳо аз тарафи босмачиён бурида шуда, поезди Фарғона муваққатан аз ҳаракат бозмондааст...

Мо ба деҳа пиёда, бо роҳи давродавр рафтанӣ шудем. Падарам як хар харид ва аз ким-кадом идора шаҳодатнома ё худ рухсатномаи сафар гирифта омад.

Роҳи мо аз болои шаҳрчаи Тӯйтепа, дарёи Оҳангарон ва агбаи Қурама мегузашт.

Дар арафаи сафарамон падарам ману Мухторро гирифта, барои хайрбод кардан ба хонаи Николаевҳо рафт.

Мо аз дари онҳо даромада, дар миёнҷойи хонаашон як дарахти сабзи мавзунеро дидем, ки ба шохҳояш себ, чормагз ва бозичаҳои рангоранги зебо овехта монда буданд. Ин дарахтчаи пурзебу зинат ёлка будааст, ки ман онро аввалин бор дидам, – русҳо онро дар «Рождество» ном иди худашон дар хонаҳо барои дилхушии бачагонашон мероростаанд.

Тӯта Люба моёнро ба гирди миз нишонда бо санбӯсаю кулчақандҳои хушмаза зиёфат кард ва боз дар вақти хайрухуш кардан аз он шириниҳо як каф-як каф ба кисаи ману Мухтор андохта дод.

Николаев ба падарам мегуфт:

– Ба деҳа барои чӣ меравӣ? Магар ин ҷо бад аст?

– Хешу табор ба ватан бозгаштани маро мехоҳанд. Ба ман зан гирифта доданӣ шудаанд, «ба бачагонат модар лозим аст» мегӯянд, – ҷавоб дод падарам. – Ин ҷо хуб аст, рӯзамон дар ин ҷо бад намегузарад, аммо бачагони хурдсол дорам, ки ба нигоҳубин ва тарбия муҳтоҷанд.– Вай як дам сукут карда, илова намуд: – Мегӯянд, ки Ҳукумати Советӣ баъди босмачиёнро нест кардан ба камбағалон замин медодааст... Дар деҳа ҳам зиндагонӣ нағз шуда меравад!

– Ихтиёр ба худат, ман туро нигоҳ дошта наметавонам.

Пагоҳии он рӯз, пеш аз ба роҳ баромадан, мо рафта бо оилаи Ершов хайрухуш кардем. Худи Ершов набуд, тӯта Маша моро дар назди миз ба харак шинонда, аз

самовори сафеде ки онро ҳар рӯз шуста тоза мекард ва он ифтихори тӯта Маша буд, зеро ки онро ба пули коркардаи худаш харида буд,–аз он самовори сафеди худ моро бо чой зиёфат кард. Ба рӯйи миз як табақча карами шӯр гузошт, аз як канори нони булка бо корд нонпораҳои ғафс-ғафс бурида монд ва як дона қандро майда карда ба назди ҳар кадоми мо ниҳод. Мувофиқи одати худаш вай ҳамаи ин корро хомӯшона анҷом дод.

Падарам барои он ҳама некиҳое, ки мо аз оилаи Ершов дида будем, ба тӯта Маша ташаккур баён кард.

– Раҳмат, – гуфт вай, даст бар сина гузошта. – Ман ва бачагонам шумоёнро фаромӯш намекунем. – Падарам ману Мухторро нишон дода, илова кард: – Инҳо аз ту бисёр меҳрубониҳо диданд. Ту зани нағз ва покдил ҳастӣ. Вақте ки Ершов аз хизмат холӣ шуд, ҳамаатон ба деҳаи мо биёетон; хонаи ман – хонаи худатон:

– Хайр, мон... Чӣ ҳам кардам?.. Кирои ташаккур гуфтан не...

Баъд аз он гуфт:

– Ин қадар ба деҳаат дилкашол шудӣ?.. Зан дар ҳамин ҷо ҳам ёфта мешуд.

– Не, рафтан лозим. Акнун ки ҷазм кардам, бояд равам, – ҷавоб дод падарам.

Мо бархостем. Тӯта Маша сари маро гирифта ба паҳлуяш пахш карда ва ба рӯйи Мухтор навозишкорона даст бурд:

– Э, бачаҳо, бачаҳо... Модари ӯгай меёбед... Илоҳӣ, раҳмдилу меҳрубон барояд.–Чашмони тӯта Маша аз ашк пур шуданд, вай бо гӯшаи пешдомани худ чашмонашро пок кард. Ман пеш аз ин гиря кардани ӯро надида будам.

Мо борамонро мебастем. Аз пагоҳӣ сар карда дар пеши хонаи мо бачагони гуселкунанда ҷамъ мешуданд. Ҷӯраи ҷоноҷони ман Серёжа, Паша ва Лёня ҳам дар он ҷо ҳозир буданд. Онҳо чизҳои моро аз хона ба берун мекашонданд. Пашаи харобаки почадароз зӯр мезад, ки

ба мо харчи бештар ёрӣ расонад. Падарам ба вай бо чашми навозиш нигоҳ карда, хандида мегуфт:

– Туро худам келин мекунам. Азизхон мактабашро тамом ки кард, ба ту хостгор мефиристонам.

Паша бисёр изо кашид, ба тавре ки ҳатто гӯшҳояш ҳам суп-сурх шуданд.

Мо чизҳоямонро ба хар бор карда ва Мухторро дар болои бор нишонда ба роҳ даромадем. Заминро барфи ғафс пӯшонда бошад ҳам, ҳаво хунук набуд; осмон соф ва офтоби пагоҳӣ тобон буд.

Ҳамсояҳо ва бачаҳо моро то пеши дарвоза гусел карданд. Серёжа дар паҳлуи ман равон буд, ман ба ӯ гуфтам:

– Ана мебинӣ, ман ҳам хонда саводамро мебарорам, баъд монанди ҳамон китоби суратдори ту китобҳо мехарам.

Серёжа нохост истоду ақиб гашта давон-давон ба тарафи хонаашон рафт.

– Серёжа, куҷо меравӣ? – ҳайрон шуда фарёд задам ман аз қафои ӯ.

– Даррав меоям, расида мегирам!

То дарвоза як сад қадам монда буд, ки Серёжа расида омад. Вай дар бағалаш як китоб гирифта овард.

– Ма, Собир, ин ба ту ёдгорӣ, – гуфт вай китобро ба ман дароз карда.

Ин ҳамон китоб буд – китоби мусаввар бо суратҳои ҳайвонот ва мурғони ёбоӣ, ки ман онро ҳар дафъа бо шавқу ҳавас варақ мезадам ва аз тамошояш сер намешудам. Серёжа медонист, ки ман ин китоби ӯро аз ҳамаи китобҳои дигараш дӯсттар медорам, бинобар ин, хостааст дар дами ҷудоӣ онро ба ман бахшад. Ман аз шодӣ саросема шуда мондам ва гумон мекардам, ки Серёжа ҳазл мекунад. Аммо вай ҳазл намекард ва бо табассуми гарми дӯстона мегуфт:

– Ҳар вақте ки варақ задӣ, маро ба ёдат меорӣ.

– Хуб, – розӣ шудам ман. – Раҳмат.

Падарам бо хоҳиши ман харро истоёнда, туҳфаи гаронбаҳоро ба хӯрҷин андохт.

Инак, мо аз дарвозаи завод ба кӯчаи фарох баромадем. Дарвоза баста шуд ва гуселкунандагони мо дар паси он монданд.

Ин дафъа, монанди дуюм сол пеш, ки мо аз деҳаи худамон баромада будем, аз паси хар падарам бо амакам қадам мезаданд. Фақат ин дафъа модарамон бо мо набуд, – вай абадӣ дар Тошканд монд. Азизхон ҳам набуд: вай дар омӯзишгоҳи Тошканд мехонд ва бо мо ба деҳа бозгаштан нахост. Падарам ҳаваси илмомӯзии ӯро дида ба монданаш розигӣ дод.

Роҳи дуродури номаълуми мо сар шуд. Дар нимаи рӯз Тошканд дар қафо монд.

Хайр, шаҳри азиз!

Алвидоъ, қабри муборaки модарам!

## ДАР СОҲИЛИ ОҲАНГАРОН

Чандин рӯз аст, ки мо дар сафарем. Ким-чӣ хел сойҳо ва пулҳои хароб, ки мо аз онҳо мегузаштем, ким-кадом деҳачаҳои гумноми безеб, ки дар онҳо барои шабхобӣ манзил мегирифтем, дар лавҳи хотирам нақш бастаанд. Роҳ паймудан аз адирҳои санглох, убур кардан аз дараҳои танг, боло рафтану пойин хамидан аз кӯталҳо дилгирамон мекард. Роҳи сафар беинтиҳо менамуд. Ман як бор ҳам ба хар савор нашудаам ва ҳар чӣ қадар монда шавам ҳам, шикоят намекардам. Падарам аз ман бисёр розӣ буд ва маро таъриф карда ба амакам мегуфт:

– Палавҳое, ки ман ба ин хӯронда будам, беҳуда нарафтаанд: иликаш пур, монда намешавад.

Инак, мо ба дарёи Оҳангарон расидем. Дарё пуроб ва тезчараён буд, пиёда гузаштан хатар дошт. Аз хар умед набуд: вай, агар ҳиммат кунад, танҳо худашро бе бор ба

соҳили дигар гузаронда метавонисту бас. Рӯз ба бегоҳ наздик мешуд, мо ҳайрону дармонда будем, намедонистем аз об чӣ тавр гузарем. Аз роҳ як савори хушлибоси савдогарнамо омад. Вай ба саломи мо дуруст алайк ҳам нагирифта, аспи қашқаи фарбеҳ ва бардамашро ба дарё андохтанӣ шуд. Падарам аз ӯ хоҳиш кард, ки:

– Ёрӣ диҳед, илоҳӣ, барака ёбед! Ҳеҷ набошад, ана ҳамин бор ва ана ин ду бачаро ба он лаб гузаронда монед!

Савор аввал қабул накард, ким-чӣ баҳонаҳо кард, аммо падарам гаштаю баргашта илтимос намуда буд, ки охир розӣ шуд танҳо маро ба пушти аспаш савор карда ба он лаб гузаронад.

Маро дар пушти ӯ нишонданд. Асп як бист қадам ба дарё рафта буд, ки оби хунук ба поям расид ва ба мӯзаам даромад. Хунукӣ оҳиста-оҳиста ба тамоми баданам таъсир карда, маро дараг-дараг меларзонд. Мавҷи об ба синаи асп мезад. Савор, барои он ки кафшу маҳсии амиркониаш тар нашавад, пойҳояшро боло карда ба гардани асп ниҳод.

Дар соҳили дигар вай маро аз аспаш фуроварду наистода ба роҳаш равон шуд.

Ман ба гузаштани падарам, амакам ва Мухтор бо хару бор мунтазир шудам. Ба атрофам назар андохтам, дар он қарибиҳо касеро надидам. Ҳама ҷо лангӣ буд, фақат аз дур кӯҳу кӯталҳо намудор буданд. Дар соҳили дигар падарам магар аз умедвории мадади тасодуфӣ ноумед шуда буд, ки Мухторро дар китфаш бардошта ба об даромад. Амакам бо хару бор дар соҳил монд.

Падарам оҳиста-оҳиста ҳаракат мекард. Инак, вай ба миёни дарё расид. Мавҷҳои оби тез, ки то синааш меомад, ӯро гирифта бурданӣ мешуданд, ӯ якпаҳлу шуда худро базӯр нигоҳ медошт. Бо пояш таги дарёро санҷида-санҷида, бо эҳтиёт қадам мениҳод. Гоҳе қарор мегирифт, то ки аз фишори об чаппа шуда наафтад; баъд аз он боз оҳиста-оҳиста ба ҳаракат медаромад. Ман дар лаби дарё

аз вай чашм наканда меистодам ва аз тарс дар ҷоям шах шуда монда будам: гумон мекардам, ки агар ҷунбам, ба падарам халале мерасад.

Мана вай ба соҳил наздик шуд, ман дидам, ки нӯги риши худро ба даҳон газида меояд. Мана рӯяш баръало намоён шуд: рангаш кандагӣ, чашмонаш алои ваҳмолуд. Зоҳиран, вай сахт монда шуда буд ва охирин қувваи худро сарф карда, дар муқобили ҷараёни пуршиддати об истодагӣ менамуд. Мухтор бошад, аз он ҳама хатари таҳлуканок парво накарда, дар китфи падар ороми осуда менишаст.

Падарам аз об баромада буд, ки ман ба сӯяш давидам. Пойи вай бараҳна, либоси обшораш ба баданаш часпидагӣ буд. Офтоби фурӯраванда гармӣ надошт, падарам аз хунукӣ дандон ба дандон монда наметавонист. Вай Мухторро аз китфаш фуроварда, боз дар ҳамон ҳолат аз дарё ба он тараф гузаштанӣ шуд.

– Укоятро гирифта шин, ман бо амакат борро мегузаронем, – гуфт вай, дар ҳолате ки дандонҳояш дакаррос мезаданд ва аз пойҳои кафидааш хун мешорид.

Ман ба доманаш дарафтида фарёд задам.

– Наравед, гузашта наметавонед, об гирифта мебарад!

Инро ман бояд бо ваҳшату воҳима гуфта бошам, ки падар ҳайрон ва дудила шуда монд. Як нафаси чуқур кашида, бо сараш ба он лаби дарё ишора кард, ки дар он ҷо амакам бо хару бор нигарон нишаста буд. Падар хаставор ба замин нишаст, ман пай бурдам, ки маҷоли рост истодан ҳам надорад. Муборизаи тан ба тан бо дарёи мастонарафтор дармонашро хушк карда буд. Вай торафт бештар меларзид ва дандон ба дандон мекӯфт. Ман ҷомаамро кашида ба китфаш партофтам, лекин ҷомаи бачагона сари китфи ӯро ҳам базӯр мепӯшонд. Дилам мегуфт, ки агар илоҷе ёфта ӯро гарм накунам, ҳолаш бад мешавад.

Дар ин сафар падарам ба ҳар эҳтимол дар кисааш санги чақмоқ ва пилта гирифта мегашт. Хушбахтона, он чақмоқ ҳоло бо ӯ будааст ва ман ба мақсади аловдаргиронӣ зуд як қабза хасу хошок чида овардам. Аммо пилта, ки тар шуда буд, аз чақмоқ задан дарнагирифт, он гоҳ ман домани ҷомаамро чок карда, камтарак пахтаи хушк баровардам ва онро тоб дода пилта сохтам; падарам муддате чақмоқ зада пилтаро даргиронд, ман онро ба таги хас халонда, зӯр зада пуф кардан гирифтам, то оқибат хошок ҳам даргирифт.

Ман хасу хошок ғундошта оварда ба гулхан мепартофтам ва падарам дар алангаи он гарм мешуд ва либосашро мехушконд. Ғуруби офтоб наздик буд, падарам хавотир кашида, якзайл ба он лаби дарё нигоҳ мекард ва мегуфт:

– Амакатро бо бору ҳар чӣ тавр мегузаронем?

Вай баъди андак гарм шуда ба худ омадан боз ба он лаб гузаштанӣ шуд, аммо ман боз ба доманаш дарафтода, ӯро ба об даромадан намондам. Амакам бошад, аз он лаб имою ишоратҳои бесаброна мекард. Толеи бадро бинед, ки на дар ин ва на дар он соҳил одамизоде пайдо набуд, то ки аз ӯ мадад пурсем.

Падарам ба як баландӣ баромада, ба чор атроф назар андохт, ки дар он қарибӣ деҳае менамояд ё не. Агар намояд, вай рафта аз он ҷо ягонто асп овардани буд. Аммо деҳае ба назар намерасид.

Баногоҳ аз дур як даста саворон намудор шуданд. Онҳо бо роҳе, ки аз лаби дарё сесад-чорсад қадам онсӯтар воқеъ шуда буд, равон буданд. Мо чашми умед ба тарафи онҳо дӯхтем. Кулоҳҳои нӯгборики ситораи сурхдор ба мо дарҳол кӣ будани он саворонро маълум карданд. Падарам фармуд:

– Дав, писарам, якта аспашонро пурс!

Аммо бе гуфтани вай ҳам худи ман аллакай ба тарафи саворон раҳсипор шуда будам. То ҷон доштам,

медавидам ва даст ҷунбонда ишораҳо мекардам, ки бозистанд. Ман аз онҳо тарсе надоштам: дар назари ман ҳар касе, ки дар сараш кулоҳи ситораи панҷгӯшадор дошта бошад, Ершов буд. Аскарони сурх ҳама ба Ершов монандӣ доштанд, аз они худӣ буданд. Понздаҳ нафар савор бачаи ба тарафи худашон даванда ва имою ишоракунандаро дида бозистоданд. Ман расида рафтам ва нафасамро базӯр рост карда, ба тавре ки тавонистам, арзи ҳол намудам. Ба худ мефахридам, ки забони русӣ донистанам кор дод.

Командири ҷавон дар синааш се нақши сурх дошт. Вай ба як аскарбача фармуд, ки ба мадади мо равад. Аскарбачаи савора як аспи дигарро етак карда мерафт. Вай ба тарафи дарё гашт, рафиқонаш бошанд, нигарон шуда истоданд.

Аскарбача ба он лаби дарё гузашт. Харро амакам аз нӯхтааш ба қоши зини асп, ки худаш дар он савор буд, баста кашола карда ба дарё даровард. Дар миёни дарё хар ғалтид, нӯхтааш канда шуд ва оби тез вайро гирифта бурд. Амакам чораи халос кардани вайро наёфт.

Мо намедонистем ба аскарбача миннатдории беҳадду ҳисоби худро чӣ тавр баён кунем. Падарам бо ду дасташ дасти ӯро гирифта чанд бор фишурд:

– Як аскари сурх аз садта мусулмони бой беҳтар!– мегуфт вай аз он савори савдогарнамо, ки ба мо ёрӣ додан нахост, киноя карда.

То аскарбача амакамро бо чизу чораи мо аз дарё гузаронд, ки отряди ӯ дар роҳ мунтазир шуда истод.

– Акнун мо бе хар чӣ тавр меравем? – ғусса мехӯрд амакам.

Падарам ба аскари сурх коғази аз Шуъбаи махсус (Особый отдел)-и Тошканд гирифтаашро нишон дода гуфт:

– Ман коргар ҳастам, илтимос мекунам, ки моро ба ягон деҳа расонда монед.

Аскар ӯро ба назди командираш бурд. Баъди чанд дақиқа падарам бо худи ҳамон аскарбача ва бо ду аспи холӣ баргашт. Мо чизу чораамонро ба аспҳо бор карда ва худамон ҳам савор шуда ба роҳ даромадем.

Аскарони сурх тез асп меронданд ва мо ҳам аз онҳо ақиб намемондем.

Ду аскари гуселкунанда моро дар торикӣ ба чойхонаи деҳаи Телов фуроварда, худашон ба отряд баргаштанд.

Шабро дар чойхона гузарондем.

Пагоҳӣ падарам баромада ба харковӣ рафт.

Дар кӯчаҳои Телов якто-нимто аскарони сурх ва командирҳо мегаштанд. Мо дар чойхона аз одамҳо фаҳмидем, ки дар он деҳа Шуъбаи махсус меистодааст.

Зоҳиран, одами нав пайдошуда, яъне, падарам, бо қаду басти барҷаста ва ташвишу тараддуди худ диққати одамони Шуъбаи махсусро ба худ ҷалб карда буд: вақте ки ӯ бо хари дар ким-куҷо харидааш ба чойхона бозгашт, як шахси нимҷомаи чарминпӯшида ва телпакдор ӯро ба гӯшае чег зада гуфтугӯ карда ва пас ба кадом ҷое гирифта бурд.

Падарам баъди ним соат гашта омад. Ӯро ба Шуъбаи махсус бурда пурсуков кардаанд. Вақте ки донистаанд мо кистем ва чикораем, ҳайрон шудаанд, ки чӣ тавр мо дар роҳ аз дасти босмачиҳо ҷон ба саломат бурдем. Дар охир моро аз давом додани сафарамон манъ кардаанд. Гуфтаанд, ки дар гирду атроф босмачиён бисёранд ва мо, хусусан бо он коғази Шуъбаи махсуси Тошканд, ки доштем, муқаррар ба дасти онҳо афтида ҳалок мешавем.

Ба мо иҷозати рафтан надоданд. Ин, албатта, ваҷҳ дошт: Шуъбаи махсус хавф мебурд, ки мабодо босмачиён моро дастгир карда, бо қину азоб аз мо дар бораи аскарони сурх маълумот нагиранд.

Бо ин ҳама падарам ба рафтан карор дод, зеро агар намерафтем ва зудтар ба деҳаи худамон расида намегирифтем, бими он буд, ки аз сарсонию гуруснагӣ ҳалок шавем.

Мо вақти саҳар номаълумак ба роҳ баромадем. Падарам моро ба як канори деҳа бурд. Дар он ҷо як оброҳаи хушк буд, мо дарун-даруни вай равон шудем. Падарам дина бегоҳӣ аз бошандагони Телов пурсида фаҳмида гирифта будааст, ки дар ин тараф босмачиён кам мегарданд ва роҳ нисбатан камхатар аст.

Мо харамонро ҳай карда, дар ҳеҷ ҷо наистода пеш рафтан гирифтем.

## ДАР АҒБАИ ҚУРАМА

Як пагоҳ, вақте мо аз деҳачае, ки шаб дар он хобида будем, баромадем, ба назарамон кӯҳи қулласафеде ҷилвагар шуд. Вай кӯндаланг хобида, пеши роҳи моро гирифта буд. – Кӯҳи Қурама ана ҳамин! – гуфт падарам. – Мо аз вай мегузарем.

То ин дам ман кӯҳҳои баландро фақат аз дур дида будам, онҳо аз дур осмониранги шаффоф, қуллаҳои барфинашон сафеди булӯрин менамуданд. Ҳоло ман дар ҳаяҷон будам, ки наход ба кӯҳи ҳақиқӣ, ба кӯҳи сарсафед мерасида бошем!

Аммо ҳар қадар ки пештар мерафтем, ман маъюстар мешудам, зеро пардаи шаффофи осмониранг кам-кам аз рӯйи кӯҳҳо бардошта мешуд ва ман фақат сангу шахҳои муқаррариро медидам. Пайраҳае печутоб хӯрда боло мерафт, мо ба воситаи он ба кӯҳ баромадан гирифтем.Якчанд мусофирони савораю пиёда ҳамроҳи мо буданд. Ба қуллаи кӯҳ наздик расида будем, ки ҷойи барфнок сар шуд. Барф хушк буда дар таги по ғарчас мезад. Ҳаво софи андак сард буд, мо сабук нафас

мегирифтем ва гарчанде соатҳои бисёр роҳ паймуда бошем ҳам, худро бардам ҳис мекардем.

Инак, сари кӯҳ ҳам намудор шуд. Дар ин ҷо ду савор истода буданд. Ҳамроҳони мо онҳоро дида бесаранҷом шуда монданд. Ба ҳамдигарашон пичиррос зада «босмачӣ, босмачӣ» мегуфтанд. Мо ҳам истода ба боло чашм дӯхтем. Он ду савора намеҷунбиданд ва ба назар монанди тасвире, ки ба рӯйи осмони лоҷвардӣ нақш шуда бошад, менамуданд. Аз китфи онҳо нӯги милтиқҳояшон баромада меистод.

– Таваккал ба Худо! Рафтан мегирем. Дигар чора нест, онҳо моро диданд, – гуфта, яке аз ҳамроҳони совораи мо аспашро пеш ронд. Оҳиста-оҳиста боло рафтан гирифтем. Он ду савора торафт аёнтар мешуданд. Наздиктар расида дидем, ки онҳо на ду нафар даҳ-дувоздаҳ нафаранд. Ҳамаашон милтиқдор. Бешубҳа роҳи моро пойида истода буданд.

– Аспҳо-ку аз даст мераванд, лекин худамон зинда мемонда бошем?–хавф бурда гуфт яке аз ҳамроҳони мо.

Ҳамин ки мо ба қуллаи кӯҳ баромадем, босмачиён моро нигоҳ доштанд.

– Отлардан тушинглар[1]! – фармон дод як босмачии телпакдори чӯтур ва сурхчашм.

Ҳамроҳони совораи мо, ки чор-панҷ нафар буданд, аз аспҳошон пиёда шуданд. Ҳамон дам босмачиён мисли галаи сагони гуруснае, ки ба устухони партофташуда дармеафтанд, ба ҷуволу хӯрҷинҳои мусофирон дарафтоданд. Ҳар чӣ буд, толон карданд. Газвор, карбосу алоча, мӯза, кафшу маҳсӣ барин чизҳоро талош карда, аз дасти якдигарашон зада мегирифтанд.

Инак, онҳо ба пеши хари мо ҳам омаданд. Бори онро даст-даст карда диданд, баъд аз он кушода тит карданд. Қиматноктарин чизи мо–кӯрпаи шоҳиро, ки ёдгории

---

[1]. Аз аспҳо фароед! (ба забони ӯзбекӣ).

модарам буд, гирифтанд. Ашки алам дунёро ба чашми ман торик кард. Дар ҷувол як миқдор чизҳои савғотӣ буд, ки падарам аз шаҳр барои хешовандони деҳагии мо харида буд. Ҳамааш ба яғмо рафт. Либосворӣ, чанд ҷуфт кафш, рӯймолҳои занона ҳама дастбурди дуздон гардиданд.

Ғоратгарон боз ҳам аз кофтуков даст намекашиданд.

Баногоҳ аз хӯрҷин туҳфаи Серёжа – китоби муқовасиёҳи ман ба замин афтод.

Яке аз босмачиён онро бардошта, варақ зада дид ва дод зад:

– Кофирҳо! Болшавойҳо! Ичпиёнҳо![1]

Ман аз тарси он ки акнун китобам аз даст меравад, ҳиқ-ҳиқ гиря сар кардам.

Падарам ба босмачӣ гуфт:

– Ин ҳамту... як чизи безарар... китоби бачагона аст.

Босмачӣ бошад, бо қаҳр китобро бар санг зад. Варақҳои суратдори китоб канда шуда, ба чорӣ парида рафтанд. Боқимондаи онро босмачӣ бо мӯзааш дар барф лагадкӯб кардан гирифт. Ман ҳар як зарби лагади ӯро дар дилу ҷигарам ҳис мекардам.

Нобуд шудани китоб барои ман аз ғорат шудани ҳамаи чизҳои дигарамон аламноктар буд. Дод гуфта гиристанам меомад, аммо аз босмачиён метарсидам. Дар пушти падарам пинҳон шуда, худамро базӯр нигоҳ медоштам.

Ниҳоят, ғоратгарон аз назди мо дур шуданд. Бори мо хеле сабук шуда монд. Бори сабуки ашёро ба хар ва бори гарони ғамро бар дил ниҳода равон шудем.

Ҳоло дар паси харсангҳои наздик аз чашми роҳзанон пинҳон нашуда будем, ки як овози шум боз моро аз ҳаракат нигоҳ дошт:

---

[1]. Шпионҳо.

– Ист!!!

Ду босмачӣ, яке серриши маймункиёфа ва дигаре кӯсаи кампирбашара, ба сари хар дуяшон рӯмолҳои чиркин тобғула карда бастагӣ, ба назди мо омаданд. Кӯса бо қамчинаш ба пойи падарам ишора карда амр дод:

– Мӯзаатро каш!

Чашми дуздон ба мӯзаи маҳками солдатии падарам ғалтида будааст. Вай ин мӯзаро дар Тошканд махсус барои ҳамин сафари дур харида буд. Кӯса дарҳол мӯзаи кӯҳнаи маллаҳанги пошнабаландашро кашида ба шарикаш дод ва мӯзаи падарамро пӯшида гирифт. Маймун мӯзаи ӯро пӯшида, аз они худашро, ки даридагӣ буд, ба тарафи падарам ҳаво дод.

Падарам ночор пойҳои калонашро ба он мӯзаи танг базӯр халонда аз сари санг бархост ва носкадуи худро бароварда, аз андозаи муқаррарӣ дучанд зиёдтар носро ба даҳонаш андохт. Вай ҳар гоҳ агар қаҳраш ояд, ҳамин тавр мекард. Кӯса «бер, чекай!»[1] гуфта носкадуро аз дасти падарам рабуд ва ба даҳонаш бурда, носи бисёреро ба таги забонаш рехт. Бо чашми ҳасад ва тамаъ носкадуи суфтаи чилодор, гирди сӯрохаш нуқракӯб ва сарпӯшакаш чармини пӯпакдорро як дам тамошо карда истоду дам назада ба кисааш андохт.

– Гашта деҳ, ноинсоф! – бо қаҳр гуфт падарам.

Босмачӣ ба ҷойи носкаду ба вай як дашноми қабеҳ доду рафт.

Дар вақти толон босмачиҳо як шиша носи захирагии падарамро ҳам гирифта буданд, акнун носкаду ҳам бо носи охирин аз даст рафт. Падарам дар роҳ аз хумори нос бисёр азоб мекашид. Фақат баъди ду рӯз вай дар яке аз деҳаҳои сари роҳ ба худ нос пайдо кард.

---

[1]. Бидеҳ, кашам! (ба забони ӯзбекӣ).

Вақте ки аз ағба фуромадем, рӯз торик шуда меомад. Дар таги кӯҳ, байни талҳои сангин ва арчазорҳои пурбарф хонае ба назар менамуд, ки аз дари кушодааш, аз таги бомаш ва сӯрохҳои девораш дуд баромада меистод. Гумон кардан мумкин буд, ки дар хона сӯхторе рӯй додааст. Мо сахт монда шуда, хунук хӯрда ва гурусна будем, ба ҳадде ки дигар маҷоли роҳ рафтанамон намонда буд. Бинобар ин, ба тарафи он хона рафтем, ба умеди он ки шояд дар он ҷо ба тарики мусофирнавозӣ моро иҷозати шабхобӣ диҳанд. Он ҷо манзилгоҳи чӯпоне будааст. Дар миёнҷойи хона аз арча гулхани калон даргирифта меистод ва дар пеши гулхан пирамарде бо писарбачае нишаста буданд. Мо рухсати шабхобӣ пурсидем, чӯпон қабул кард. Барои мо дар як тарафи хона аз шоххои арча «бистар» андохтанд. Пас аз кӯфтагӣ, хунукӣ ва гуруснагии роҳи ағба ин хоначаи пастаки сиёҳ ва пурдуд барои мо дорулроҳати ҳақиқӣ буд.

Шикамҳоямонро бо нону чойи алафин сер карда хоб рафтем. Вақте ки ман бо Мухтор дар байни падарам ва амакам ҷойгир шуда, кӯрпакуҳнаи аз дастбурди босмачиён саломатмондаро ба болоям кашидам, ба ман чунон менамуд, ки як умр дар ин гуна бистари роҳат нахобидаам. Дар хоб ба гӯшам аз тагҳои девор ва шифти хона хишир-хишири калламушҳо мерасид, бӯйи дуди саргин бо бӯйи тунди арча омехта ба димоғам мезад ва нафасамро мегардонд, аммо ҳисси роҳату осоиш бар ҳама чиз ғолиб буд. Пагоҳӣ падарам бо кашу кӯк мӯзаи даридаи аз босмачӣ «ғанимат» гирифтаашро дӯхт. Баъд мо боз таноби роҳи дурро кашидем.

## ҲИКОЯТҲОИ МАН

Дар маҳаллаи мо якчанд ҳавлиҳои вайрона буд, ки соҳибонашон ё вафот карда ва ё ба ким-куҷоҳо кӯчида рафта буданд. Яке аз ин вайронаҳо дар миёнҷойи маҳалла вокеъ шуда буд. Мо, бачагон, баъзе рӯзҳо, – бештар дар вакти барф ё борон боридан, – ба он вайрона даромада, дар таги айвонаш ё ки дар даруни хонааш донакбозӣ, буҷулбозӣ мекардем, гӯштин мегирифтем. Гоҳо дар рӯйи ҳавлиаш гулхан сохта дар гирди он менишастем ва чақ-чақ мекардем.

Ман ба ҷӯраҳоям аз шаҳри Тошканд ва чизҳои дар он ҷо дидагиам ҳикоя мекардам. Солеҳ ва Маҳмуд шунавандагони доимии ман буданд. Онҳо дам ба дарун кашида, аз ман чашм наканда ба ҳикояҳоям гӯш меандохтанд. Аҷоиботи он шаҳри дури афсонамонандро шунида ба шавк меомаданд. Бо русбачаҳо ҷӯрагӣ кардани ману бародарам ва аз онҳо забони русӣ ёд гирифтани мо рафиқони деҳагиамро дар ҳайрат мемононд. Агар ман гоҳе ба саволашон ҷавоб дода натавонам, даррав аз худам ягон чиз мебофтам ва онҳоро бовар мекунондам, ки рост мегӯям.

– Агар нохост ба ин ҷо ягон урус омада монад, наметарсӣ? Намегурезӣ? – мепурсид Солеҳ.

– Не! – дилпурона ҷавоб медодам ман. – Барои чӣ гурезам? Ба пешаш рафта гап мезанам.

– Калонгирӣ накун!

– Не, рост. Рус биёяд, ана баъд гап задани маро мебинӣ.

Ҷӯраҳоям пайдо шудани ягон русро мунтазир буданд, то маро имтиҳон кунанд ва бубинанд, ки рост мегӯям ё не.

Ҳикояти маро дар бораи Серёжа ва Паша бо завки махсусе гӯш мекарданд. Аз афти кор, ҳикояти ман дар бораи дӯстони қарини худам беҳтар мебаромад. Солеҳ ва

Маҳмуд донистан мехостанд, ки ман Серёжа ва Пашаро мезадам ё онҳо маро? Вақте ман ҷавоб додам, ки мо ба ҳамдигар ҷанг намекардем ва даст ба гиребон намешудем, Маҳмуд ҳайрон монда гуфт:

– Урусбачаҳоро ҷангара мегӯянд-ку? Одамро дошта мезананд-ку?

Рафиқони деҳагии ман ҳоло шаҳрро надида буданд ва дар мактаб намехонданд, бинобар ин воқеаҳои одии ҳаёти шаҳр ҳам ба онҳо аҷибу ғариб менамуд. Монанди ҳамаи бачагони шаҳру деҳаҳои дигар онҳо ҳам ташнаи ҳикоятҳои ғалатӣ буданд. Мехостанд, ки аз ман боз ва боз гапҳои нав шунаванд. Ҳар рӯз маро ба вайрона бурда:

– Боз гап зада те! – мегуфтанд.

Ман бо майли тамом «гап зада медодам». Ҳаваси ҳикоягӯйии ман аз ҳаваси ҳикояшунавии онҳо камтар набуд. Чигунагии поезд, трамвай, аэропланро гуфта медодам. Ин чизҳо барояшон афсона барин менамуд, аммо ман ҷӯраҳоямро бовар мекунондам, ки худам поезд ва трамвайро на фақат дидаам, балки ба онҳо савор ҳам шудаам ва ба қаноти аэроплан даст задаам.

Парандаи оҳанин, ки ба калонӣ ана аз ҳамин хонаву айвон калонтар буда, дар болояш одам савор аст, ба осмон мепарад ва бисёр баланд, аз турна ҳам баландтар мепарад! Гарчанде инро ақли Маҳмуд нагирад ҳам, ин ҳақиқат аст ва ман парвози аэропланро худам ана бо ҳамин чашмонам даҳҳо бор дидаам!

Аммо барои рафиқони ман аз ҳама шавқовартар ҳикояти ҳайвонҳои ёбоие буд, ки ман онҳоро дар китоби муқовасиёҳи Серёжа тамошо карда будам. Номи бештарини он ҳайвонот ва мурғони ёбоӣ, макони онҳо, тарзи зиндагӣ ва хулқу атвори онҳо дар ёдам монда буд ва ман инҳоро ба ҷӯраҳоям нақл мекардам.

Бачаҳо баъзе аз он ҳайвонотро тасаввур карда наметавонистанд, бинобар ин ман сурати онҳоро ба таври худам дар замин кашида нишон медодам. Аз даст рафтани

тухфаи Серёжа – китоби муковасиёҳ ба ман ончунон алам мекард, ки баъзан аз чашмонам ашк ҷорӣ мешуд. Нобудкунандагони китобам – босмачиёнро «дуои бад» мекардам. Агар он китоб мебуд, ман суратҳояшро ба рафиқонам нишон медодам ва ростии суханҳоямро ба таври аёнӣ исбот мекардам. Китобро баъзан хоб медидам, дар хобам онро гоҳ меёфтам ва гоҳе боз гум мекардам.

Мо дар гирди гулханча менишастем ва ҷӯраҳоям, яке ҷомадарида, дигар пойлуч, ҳама хоколуд, дасту рӯйҳошон аз дуд сиёҳ, дар гирди гулхан қатор ва зич нишаста, ҳикояти мактабхонии русбачаи тошкандӣ Серёжаро мешуниданд ва ҳайрон мешуданд, ки вай дар дуюмин соли таҳсилаш хатнавис шудааст ва ба Русия хат фиристода хат мегирифтааст ва хати омадагиро шаррос зада мехондааст. Серёжа ба русӣ навиштани номи худамро ба ман ёд дода буд. Акнун ман бо ифтихор номамро дар пеши ҷӯраҳоям бар рӯйи хок нақш мекардам. Бачаҳо бо тааҷҷуб ба ҳарфҳои он чашм медӯхтанд.

Аз мактабхонии бародарам Азизхон ҳам гап мезадам. Мегуфтам, ки ӯ аллакай хату савод баровардa, китобхон шудааст ва дар кисааш қалам гирифта мегардад. Дар он вақтҳо аз рӯйи ақидаи мардуми деҳа одам барои хату савод баровардан бояд даҳ-понздаҳ сол «риёзат кашида» мехонд. Бинобар ин, бачаҳо ба гуфтаҳои ман дар бораи бародарам ҳайрон мешуданд ва боварашон намеомад.

– Агар мо ҳам ба «уштил» хонем, тез мулло мешуда бошем? мепурсид Солеҳ.

– Албатта, набошад-чӣ! – мегуфтам ман. – Ман саҳл калонтар ки шудам, ба шаҳр рафта дар мактаби нав мехонам, аком барин дарҳол хату саводамро мебарорам.

– Набошад, ба Аҳмад чӣ мегӯйӣ? Вай даҳ сол боз дар мактаби Абдунабӣ-домулло хонад ҳам, ҳоло хаташ набаромадааст-ку? Хондан бошад, ғайр аз китоби дар пеши домулло мехондагиаш, китобҳои дигарро хонда

наметавонад, – гуфт Маҳмуд, ба дурустии сухани ман дар бораи саводбарории тез шубҳа карда.

– Аҳмад дар мактаби куҳна мехонад-дия. «Уштилхона» мактаби нав аст, дар он ҷо шогирдони дигар хел мехононанд, – гуфта «эзоҳ медодам» ман.

– Дар ҷойҳои мо ҳам мактаби нав кушода мешуда бошад?–умедворона мепурсид Солеҳ.

– Агар кушоянд, босмачиҳо дарров вайрон карда мепартоянд, алов сар медиҳанд! – мегуфт яке.

– Дадом мегӯянд, ки, – нақл кард як бача, – босмачиҳо Худойбердӣ гуфтанӣ як алмосиро писарат дар шаҳр ба мактаби кофирҳо мехонад гуфта бандӣ карда бурдаанд. Писари вай ҳам дар «уштилхона»-и Тошканд мехондааст, ин хабарро як кас ба босмачиҳо расондааст. Онҳо Худойбердиро зада аъзои баданашро каб-кабуд кардаанд. Мегуфтаанд, ки агар писаратро аз мактаби кофирҳо нагирӣ, туро мекушем. Вай шабона пайташро ёфта гурехтааст. Дадом ба Алмос рафта буданд, дар он ҷо ин гапро аз худи Худойбердӣ шунидаанд.

Ман ба бачагони маҳаллаамон якто-нимто бозиҳои дар Тошканд ёдгирифтаамро нишон медодам. Аммо ба фикри онҳо бозиҳои деҳагии худамон беҳтар буданд. Фақат як бозӣ – ба тарзи ҳарбӣ саф кашида қадам задан ба онҳо писанд омада буд. Номи ин бозӣ «раз-два» буд; мо бо овози баланд «раз-два!» гӯён дар кӯчаҳо марш карда мегаштем. Баъзе калонсолон ин бозии моро манъ мекарданд ва мегуфтанд:

– Агар босмачиҳо дида монанд, ҳамаатонро бандӣ карда мебаранд!

Лекин мо аз хавфи бандӣ шудан парво накарда бозии дӯстдоштаамонро давом медодем.

Гоҳе ба деҳаи мо босмачиён меомаданд. Одатан бачаҳои подабон ё деҳқонони дар сари замин машғули кор буда, ҳамин ки аз дур босмачиёнро диданд, зуд омада ба деҳа хабар медоданд. Он гоҳ воҳима рӯй медод, мардум

ҳадаҳа чизу чора, ҳайвонот ва инчунин зану духтарҳошонро пинҳон мекарданд.

Як рӯз мо дар кӯча машғули бозӣ будем, ки хабари омад-омади босмачиён паҳн шуд. Калонсолон зуд пароканда шуда ба хонаҳои худ рафтанд. Кӯча холӣ монд. Мо бачагон худро ба пушти девори як ҳавлии вайрона гирифта, нигоҳ карда истодем, ки агар босмачиён гузаранд, бинем.

Дукур-дукури аспҳо торафт наздик мешуд. Ниҳоят, аз паҳлуи чашма як тӯда саворон намоён гардиданд, лекин онҳо босмачӣ не, балки аскарони сурх буданд.

– Аскари сурх!! – фарёд задам ман ва аз болои девор ҷаҳида ба тарафи чашма давидам.

Бачаҳо тарсида аз ҷой намеҷунбиданд. Ман ба сӯяшон даст афшондам, ки омадан гиранд.

– Натарсед, инҳо русҳоянд, аскарони сурханд!

Он гоҳ бачагон далер шуда давон-давон омаданд.

Ман ба наздики аскарони сурх расида бо овози баланд;

–Здрасти![1] – гуфтам.

Оқибат ман имконият ёфтам ба ҷӯраҳоям исбот кунам, ки ба русӣ гап зада метавонам.

– Здравствуй! – хандида, аз шунидани саломи русӣ дар тааҷҷуб монда ҷавоб доданд чанде аз аскарони сафи пеш.

– Откуда идете?[2] – ба исботи русидониам давом кардам ман.

– Однако, ты очень любопытный[3], – гуфт як аскари сурх.Аскари дигари шӯхчашми сурхрӯй хоҳиш кард: – Принеси-ка чем напится![4]

---

[1]. Аз калимаи «здравствуй», яъне салом.

[2]. Аз куҷо омада истодаед?

[3]. Ту хеле кунҷков будай.

[4]. Об биёр, нӯшам

Ман давида ба назди як нафар бачае, ки дар дасташ кӯза дошт ва барои об омада буд, рафтам ва кӯзаро аз дасташ гирифта, аз новадони чашма об пур карда овардам. Аскари сурх аз даҳони кӯза об нӯшид.

Отряд гузашта рафт, аммо ин аскар истода бо ман саволу ҷавоб мекард. Аз куҷо русӣ донистанамро пурсид, ҷавоб додам, ки дар Тошканд ёд гирифтаам. Баъд аз он вай бо ман дӯстона хайрухуш карда рафт.

Аз ҳамин соат сар карда обрӯйи ман дар назди рафиқонам боз ҳам зиёд шуд. Акнун онҳо шакку шубҳае надоштанд, ки ман ба русӣ гап зада метавонам.

Аскарони сурх ба деҳаи мо тез-тез меомадагӣ шуданд. Акнун ҳар боре ки меомаданд, бачаҳо натарсида ба пешвози онҳо медавиданд ва «здрасти»-и аз ман ёд гирифтаашонро бо овози баланд гуфта салом медоданд.

## ЯТИМӢ

Тобистон ба охир расид. Мо аз ҳавлии деҳагиамон кӯчидем. Ҳавлӣ ду хонаи пешайвоннок дошт, дар як хона худи мо ҷойгир шудем, хонаи дигарро анбор сохта, дар он озуқаи зимистонӣ – ғаллаи аз даравгарии падарам ва хӯшачинии ман ба даст омада ва сабзию пиёзу картошкаи аз полизи худамон рӯйидаро ҷой кардем.

Ман на фақат дастёри хона, балки акнун ёрирасони падарам ҳам шуда будам: бо ӯ ҳезум мекашондам, дар бозор харид мекардам, ба осиё мерафтам. Падарам аз ман розӣ буд ва ҳатто баъзан дар пеши одамҳо маро таъриф карда мемонд. Вале бо ин ҳама ба ман чунин менамуд, ки падарам ҳанӯз ҳам писари калониашро бештар дӯст медорад. Вай нахустфарзанди азизи худро бисёр ёд мекард, ба ӯ пазмон шуда буд.

Аз рафтани бародарам ба Тошканд се-чор моҳ гузашта бошад ҳам, аз вай ҳеҷ хабар набуд, – мо ҳайрон будем, ки чаро вай аз худ паёме намефиристад. Падарам

торафт парешонхотир шуда дар ҳаққи бародарам ба ҳар гуна хаёлҳои андӯҳовар мерафт.

– Одамҳои аз Тошканд омадагӣ ҳам ягон хабар наоварданд. На дар куҷо буданаш маълум ва на аҳволи саломатиаш, – мегуфт вай гоҳе дилтанг шуда. Ва афсӯс хӯрда илова менамуд: – Чаро ман вайро дар вақти рафтанаш гусел накардам, бо вай гапзанон накардам?!

Аз ҳамқишлоқиҳои худамон як ҷавон рӯзе ба хонаи мо омада чунин хабари ҳаяҷонангез расонд:

– Амак, писаратон касал будааст. Ман навакак аз Тӯс омадам, дар он ҷо бо як ошнои аз Тошканд омадагиам вохӯрдам, вай писаратонро дидааст. Азизхон дар роҳ касал шуда монда худро ба Тошканд базӯр расондааст ва то имрӯз ҳам сиҳат нашуда, дар хонаи як нафар хеши худатон хобида будааст. Таъин карда фиристодааст, ки касал будани маро ба дадом расонед ва гӯед, ки тезтар омада аз ман хабар гиранд.

Падарам инро шунида дар ҷойи нишастагиаш шаҳ шуда монд ва ба ҷавон ҳеҷ чиз нагуфт. Ҷавон рафт. Падарам соате аз ҷо нахеста, ба як нуқта чашм дӯхта нишаст. Ман бошам на танҳо аз бародарам, балки аз падарам ҳам ба хавотир афтода будам.

Шабҳо ҳоло хунук нашуда буданд, мо дар айвон мехобидем. Он шаб падарам аз хона набаромад. Дар хонаи торик танҳо нишаста буд ва аз он ҷо ҳиқ-ҳиқ гиристани ӯ ба гӯши мо мерасид. Маро хоб намебурд. Фақат наздики саҳар пинак рафта будам, ки ногоҳ риши падарам ба рӯям расида маро бедор кард. Вай маро ва Мухтори хобрафтаро бӯсида гуфт:

– Ман ба пеши бародарат меравам. Ҳамин ки сиҳат шуд, гирифта меоварам. Ту аз гапи бибиат набаро. Агар дер монам, хавотир накаш.

Мо ҳар ду ба тарафи модарандарам нигоҳ кардем: вай аз ғаму ғуссаи мо бепарво, дар ҷогаҳи худ ба кӯрпа печида хоб рафта буд.

– Аз укоят бохабар бош, – илова кард падарам.

Вай тӯшаи роҳ ва дигар лавозимоти сафарро дар хӯрҷин андохта ба рафтан тайёр шуда буд. Бо модарандарам хайрухуш накард, зеро ки зан, албатта, моҷаро мебардошт ва ҳаракат мекард, ки ӯро аз рафтан боздорад. Дар нимторикии субҳидамӣ оҳиста-оҳиста қадам монда аз назди мо дур шуд.

Баромада рафт.

Аз мобайн як моҳ гузашт. На аз падарам ва на бародарам хабаре наомад.

Боре ман аз новадони чашма ба сатил об мегирифтам. Як нафар ҳамдеҳаи мо, ки дар маҳаллаи дигар истиқомат мекард, ба наздам омада, дармонда-дармонда гуфт:

– Собир, ту акнун бачаи калон шудаӣ... ақлат даромадагӣ... Ин рӯз ба сари ҳар кас меояд...

Вай дам шуда монд, ман пай бурдам, ки бадбахтие, фалокате рӯй додааст.

– Аком мурдааст? – беихтиёр пурсидам ман.

Ҳамдеҳагиамон ба замин нигоҳ карда, ба аломати тасдиқ сар ҷунбонид ва гуфт:

– Баъди Азизхонро гӯрондан падарат ҳам... қазо карданд... Ман аз Тошканд як ҳафта пеш омада бошам ҳам, ба шумо чӣ хел гуфтанамро надониста гашта будам...

Сатил аз дасти ман ғалтид, обаш рехт, ман худамро ба замин партофта дод задам. Касе маро аз замин бардошт ва аз дастам гирифта ба хонаамон бурда монд. Мухтор ҳам доду фиғони маро дида ба фарёд омад.

Он рӯз модарандарамон тараддуди ба деҳаи ҳамсоя, ба хонаи хоҳараш рафтан дошт. Вақте ки маро ба хонаамон оварданд, зан дар берун, дар дами дарвоза ба ароба савор шуда истода буд. Чун аз воқеа огоҳӣ ёфт, як лаҳза, фақат як лаҳза мушаввашхотир шуда:

– Наход?.. Хайр, хости Худо ҳамин будааст, чӣ илоҷ? – гуфту дигар дам назад. Ароба ба роҳ даромада ӯро гирифта бурд.

Мо бо Мухтор гирёну нолон мондем. Ман ӯро дар оғӯш гирифта ба худам ва ба вай мегуфтам:

– Акнун мо ятим шудем… Мо ҳеҷ кас надорем…

Ман дар умри бачагиам рӯзҳои аламнокро дида будам, аммо он ҳисси бекасии пурдаҳшате, ки дар он шаб ба ман рӯй дод, ҳеҷ вақте рӯй надода буд.

Шабро зор-зор гириста саҳар кардам. Барои он ки Мухтор аз хоб бедор нашавад, сарамро ба кӯрпа печонда бесадо мегиристам. Саргузаштҳои умри ёздаҳсолаам ба ёдам меомаданд. Солҳои аввалини дар деҳа гузаронидаамон, ба Тошканд кӯчиданамон, азобҳои дар Шиблӣ кашидаамон, хонаи дар завод гирифтаамон, зиндагонии хуши бо он ҳама заҳмат пайдо кардаамон, рафиқони руси хурдсолам, бародарам ва мусибати аввалини мо–вафоти модарам, табоҳии ҳол ва парешонии рӯзгори мо, ки пас аз вафоти модарам рӯй дод, ба пеши назарам меомаданд… Баъд аз он боз сафари пиёда ва роҳи дуродур, барфи кӯҳҳо, бедодгарии босмачиҳо, оби тези Оҳангарон…

Мо бо зӯри бозуи падарам аз нав соҳиби хонаю ҷо шуда, сарусомоне ёфта будем. Орзуи мактабхонӣ, ки дар ман пайдо шуда буд, торафт зиёд мешуд. То ҳол ба амал овардани ин орзу ба ман муяссар нашуд, зеро баъди вафоти модарамон додари хурдсолам дар дасти ман монда буд, ки ман бояд ӯро парасторӣ мекардам. Акнун додарам калонтар шуда, бо кӯшишҳои падар зиндагонии мо ҳам як дараҷа ба осудагӣ расида буд ва ман ҷиддан умедвор будам, ки бародарам омада маро ба Тошканд гирифта бурда дар мактаб ҷо мекунад. Аммо акнун ҳамаи умедҳои ман барбод рафтанд. Мо на падар дорем, на бародар. Акнун «калони хона» манам, ман бояд на танҳо худамро, балки Мухторро ҳам поям ва калон кунам, зеро

модарандарамон, бешакку шубҳа, моро партофта меравад...

Ҳамин тавр ҳам шуд: вай ба зудӣ моро партофта рафт. Амакам ҳавлии моро фурӯхт. Харидор дар бадали ҳавлӣ ба мо ҳашт пуд орди нахӯд, як сар барзагови хароб, чор пуд гандум, ду пуд зардолуи хушк ва як бузи оча-бача дод. Ҳаштяки мероси падарамон ба модарандар расид, ки аз ин ҷумла буз ҳам бо бачааш аз они вай шуд.

Аз он баъд рӯзи сахти ятимии мо сар шуд.

Моро амакам ба хонаи худ гирифт. Амакам зани дуюми худ Кароматро бо духтарчаи панҷсолааш Ҳалима гирифта буд. Аз зани якумаш як духтари бо ман ҳамсол ва як писари сесола дошт. Акнун бо ману Мухтор оилаи ӯ калон шуда рафт. Амакам умед дошт, ки бо фурӯхтани ҳавлии мо аҳволи иқтисодии худро дуруст кунад, аммо ин умедаш барбод рафт. Мувофиқи расму одат вай маҷбур буд ба вафоти бародари худ, яъне падари ман, ва инчунин ба як писари дар он қарибиҳо вафоткардаи худ оши худоӣ кунад. Маросим бисёр калон шуда рафт ва се рӯз давом кард, зеро хешовандони дуру наздик ва ошноҳои деринаи хонадони мо, ки дар деҳаҳои дигар зиндагонӣ мекарданд, ҳама дар як рӯз ҳозир шуда натавонистанд, балки бештаринашон дар рӯзи дуюм ва сеюм омаданд. Барои онҳо низ оши худоиро такрор кардан лозим мешуд. Хешовандони аздуромада баъзе як рӯз, баъзе ду-се рӯз дар хонаи амакам монданд. Дар ин муддат ҳамаи онҳоро хӯрондан лозим буд. Ба болои ин ҳама хароҷот ҳаққи хизмати мулло ва бибиотунҳое, ки дар маросими оши худоӣ Қуръон ва дигар китобҳои диниро хонда буданд, зам шуд.

Янгаам Каромат бо ёрии шавҳараш, модараш ва мо, бачаҳо, ҳар рӯз аз ду-се пуд орд нон ва се бор дар ду дег таом мепухт. Баъди гуселонидани меҳмони охирин хумҳои орд ва халтаҳои биринҷ ҳама холӣ шуда монда буданд. Ҳезуми тароша ва шубоғи (шувоқи) барои зимистон

захиракардаи мо ҳам сӯхта тамом шуда буд. Баъд ба амакам ва ман лозим омад, ки тамоми зимистон ба талу кӯталҳои дур рафта шубоғ канда ба хона кашонем.

Одатан бори шубоғи маро амакам мебаст ва зиёд мебаст; ман онро пушторa карда бо як азобу машаққат ба хона мерасондам. Дар арзи роҳ мо чандин бор нишаста дам мегирифтем, амакам аз ман пештар дамашро гирифта бармехост ва ба роҳ медаромад, ман бошам гоҳо аз гаронии банди шубоғ ба по хеста наметавонистам, меафтидам, борам маро ба замин пахш мекард, ман амакамро фарёд мекардам, вай борашро монда омада, ба хестани ман ёрӣ медод ва дашном мекард, ки «Бачаи ношуд, мичморуқ! Ҳамин як бандча шубоғро ҳам бардошта наметавонӣ ва ҳол он ки инро бузғола ҳам бардошта мебарад!» Вай, албатта, муҳобот мекард, зеро бори ман қуввати як навчавони понздаҳ-шонздаҳсолаи тандурустро талаб менамуд ва ҳол он ки ман бачаи ёздаҳсола будам.

Даме ки амакам бар ман хашм мегирифт, боиси хашмаш кӯфтагӣ ва гуруснагӣ буд, зеро мо пагоҳӣ ношто накарда ба шубоғканӣ мерафтем ва дар чоштгоҳ сахт гурусна монда, мурданивор монда шуда ба хона бармегаштем. Амакам ба воситаи кам хӯрдан хӯроквориро сарфа карданӣ мешуд. Вай чунин ҳисоб мекард, ки агар пагоҳӣ кас ношто накунад, намемурад ва ночор дар як рӯз фақат ду бор хӯрок мехӯрад, ки бароят басанда аст.

Рӯзҳое, ки ба шубоғканӣ ё ба ягон кори дигар намерафтем, хоҳу нохоҳ ношто карданамон лозим мешуд. Янгаам Кароматат атола пухта ба ҳар кадоми мо, бачагон, яккосагӣ атола ва якбурдагӣ нони зағора медод. Зағораи пиёзнок ба ман бисёр бомаза менамуд – ман орзу мекардам, ки якто нони зағораро худам танҳо хӯрам. Аз бачагон фақат ба писари амакам – Ҳасани инчиқ, ки ҳамсоли Мухтор буд, хӯроки зиёд мерасид, яъне ба вай

нимта загора медоданд, вале бо вуҷуди ин Ҳасан доим норозӣ буд ва гиря мекард.

Ҳасанро мо дамдузд мегуфтем. Вай дар як ҷо хомӯш менишаст ва баъзан аз пагоҳӣ то бегоҳӣ як калима ҳам гап намезад. Агар арзе ё талабе дошта бошад, нохост бо овози баланд гиря мебардошт. Маънии гиряаш ҳамин буд, ки вай гурусна ё ташна аст ё ки ҳоҷати берун рафтан дорад. Бачагони оилаи мо хандаю бозӣ мекарданд, шӯхӣ менамуданд, аммо Ҳасан на бозӣ мекард ва на ханда. Вай дам менишаст. Ҳар гоҳ ки фарёди ногаҳонии ӯ баланд мешуд, амакам ва янгаам аз ҷой ҷаҳида ба қонеъ кардани талаботи ӯ мешитофтанд.

Ҳасан дар як тарафи сандалӣ – тарафи девор менишаст ва ҳеҷ каси дигарро дар паҳлуяш нишастан намемонд. Оила, ки калон буд, мо ба ҳар кодоки сандалӣ дукасӣ менишастем, аммо як худи Ҳасан як кодокро банд карда буд. Агар баногоҳ ягон нафари мо дар паҳлуяш ҷой мегирифтем, фарёдзанон эътироз баён мекард.

Хоҳари вай Равшан ҳам гоҳ-гоҳ қаҳру истеза мекард. Вай оча ва бобои модарӣ дошт, амакам бо онҳо носоз буд ва духтарашро иҷозат намедод, ки ба хонаи онҳо рафтуомад кунад. Ин аст, ки агар Равшанро аз ягон ваҷҳ ранҷонанд ё ба иҷрои кори намехостагиаш маҷбур кунанд, вай дарҳол «ба хонаи очам меравам ва гашта намеоям» мегуфт. Амакам аз тарси ин ки мабодо вай рафта намонад, дар ҳама ҳол ба вай гузашт мекард. Мо ҳам поси хотири амакамро карда кӯшиш менамудем, ки Равшанро наранҷонем. Равшан аз ин истифода бурда, аз корубори хона гардан метофт, бинобар ин, янгаам ҳавлирӯбӣ, оббиёрӣ, ҳезумшиканӣ, ба оташдону танӯр аловмонӣ барин корҳоро ба ман мефармуд.

Аз зарфи об мо фақат якто сатили дароз доштем. Янгаам ҳар саҳар маро аз хоби ширин бедор карда ба об мефиристод. Ман зуд бедор намешудам; чун бедор мешудам, боз муддате худро ба хоб мезадам, аз ҷогаҳи

гарм хестан намехостам. Дар барфу лой ба чашма барои об овардан побараҳна мерафтам, зеро мӯзаи ман, ҳамон мӯзае ки падарам дар Тошканд харида дода буд, даридагӣ, гаштаю баргашта дӯхтагӣ ва дар даҳ ҷояш дарбеҳ андохтагӣ буд, – агар пӯшида бароям, дарров ба дарунаш обу лой медаромад. Ман вайро фақат дар хунуки сахт, агар ба ҷойи дуртар равам, мепӯшидам. Ҷомаи куҳнаи даридаамро ба танам маҳкам печонида давон-давон ба чашма рафта об меовардам. Дар баробари ба хона дохил шудан сатилро дар пойгаҳ гузошта, зуд ба сандалӣ менишастам, ки поямро гарм кунам. Барои он ки саҳар бедорам накунанд, ман бегоҳӣ об оварда мемондам, аммо янгаам пеш аз бомдод хеста обро ба ину он сарф карда мемонд ва пас боз ночор маро бедор карда, ба об мефиристод. Равшан ва бачагони дигар бошанд, баҳузур хоб мекарданд. Лекин ман аз янгаам Кароматт намеранҷидам; вай ба ҳамаи мо бо як чашм нигоҳ мекард ва меҳрубон буд ва ҳол он ки мо ҳамагӣ, ғайр аз духтарчаи худаш Ҳалима, ба вай бегона будем. Ман ҳис мекардам, ки вай нисбат ба ман ҳатто меҳрубонтар аст. Аз рӯйи сарфакорӣ вай хӯрокро зиёд намепухт ва мо серӣ намехӯрдем. Дар баҳор ва тобистон, вақте ки мо таомро дар айвон нишаста мехӯрдем, янгаам гоҳе баъд аз таом ба ман мегуфт:

– Собир, рав, дегро тоза карда мон.

Ман ба сари оташдони даруни хона рафта медидам, ки дар таги дег камтар хӯрок мондааст. Пас сари ду по нишаста ба хӯрдан сар мекардам. Янгаам ҳамаро ба гуфтугӯ машғул медошт, то ки овози ба дег бархӯрдани кафгир ё қошуқи маро нашунаванд, вагарна бачагони дигар магал мебардоштанд.

Янгаам миёнақад, гулрухсор, чашмонаш калон-калон буда, ба модари ман монандӣ дошт. Ба чашми чапаш хол афтода буд. Назар ба гуфти худаш, дар айёми бачагӣ боре дар вақти тароша кафонданаш параха ба

чашми ӯ зада будааст ва хол асари захми ҳамон параха будааст. Вай бисёр серғайрат ва кордӯст буда, аз бомдод то хуфтан ба пухтупазу дарздӯзию ҷомашӯйӣ ва боз сад гуна кори дигар машғулӣ мекард. Шаб боз дар рӯшноии чароғи сиёҳи милмилак чок медӯхт. Чевар буд, тоқии чустиро бисёр зебо медӯхт.

Дар рӯшноии милмилак вай ба модари ман боз ҳам монандтар мегардид; шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки ман дар ҷогаҳи худам соатҳо аз вай чашм наканда мехобидам. Янгаам дар сари чокдӯзӣ пинак мекард, чунки рӯзона хеле монда мешуд. Магар бедор будани маро ҳис мекард, ки гоҳе бе он ки аз чокдӯзӣ сар боло кунад, оҳиста маро чеғ мезад:

– Собир!

– Чӣ мегӯед?

– Хез, як нафас ба пешам омада шин.

Ман гарчанде хобам омада бошад ҳам, зуд бархоста ҷомаамро пӯшида дар наздаш менишастам: медонистам, ки вай ба ман афсона хоҳад гуфт. Мақсади ман афсона шунидан ва мақсади вай ба воситаи афсонагӯйӣ хоби худашро гурезондан буд. Афсонаҳои аҷоиб мегуфт. Ман шунидани онҳоро чунон дӯст медоштам, ки тайёр будам ҳама шаб дар наздаш бедор нишинам. Ҳеҷ кас монанди вай афсонаҳои бисёр намедонист ва онро бо он хубӣ намегуфт. Аз ҳама зиёдтар афсонаи «Васияти падар» дили маро бурда буд. Инак, писари хурдӣ дар шаби торик боз ба сари қабри падараш омад ва ӯро ба некӣ ёд карда гирист. Ноҳост аз торикӣ шиҳаи асп баланд шуд. Писар нигоҳ карда дид, ки як аспи сафеди қанотдор бо ёли зебои махмалин ва зину лаҷоми заррин дар наздикаш истодааст. «Ба болоям савор шав, ман туро ба ҷое ки хоҳӣ мебарам», – монанди одам ба забон омада гуфт асп. «Ман наметавонам, ман рамаи бародаронамро дар дашт монда омадаам ва бояд зудтар ба он ҷо баргардам», – гуфт писари хурдӣ.

Ман ин суханҳоро дар дилам такрор мекардам ва дар хаёли худам ба онҳо як маънои махсусеро, ки ба зиндагонии худам дахлдор бошад, нисбат медодам.

Духтари янгаам аз шавҳари якумаш – Ҳалима панҷсола буд. Ин духтарчаи сиёҳчашмаки кулчарӯй бисёр қобила ва хушфаҳм буд. Хурдтарак бошад ҳам, дар корҳои хона ба модараш ёрӣ доданро дӯст медошт. Янгаам ӯро навозишҳои ғалатӣ мекард. Ҳар гоҳ ки меҳри модариаш метофт, ба духтарча мегуфт:

– Раҳматӣ дадот, соле ки ба Тошканд рафта буданд, аз он ҷо сурати нимподшоҳи Румро оварда буданд. Ман он суратро ба тӯппии ту андармон карда мемондам, ки аз чаккаат овезон шуда меистод. Чунон мезебид, ки! Духтарбачаҳои дигар ҳавасашон рафта: «вай, вай Ҳалимахонро бинетон, сурати нимподшоҳро ба чаккааш овехта гирифтааст-а!» мегуфтанд.

Ин ҳодиса яке аз дурахшонтарин хотираҳои янгаам буд.

Ман аз ӯ мепурсидам, ки нимподшоҳи Рум чӣ гуна будааст, янгаам мегуфт:

– Агар одам чил шабу чил рӯз роҳ гашта ба тарафи офтобшинам равад, ба шаҳри Рум мерасад. Подшоҳи он шаҳр дар равоқи баланд мешинад, ки ба он ҷо бо зинапояи заррини чилзинадор баромада мешавад ва подшоҳи Рум аз болои он равоқ саросари шаҳрашро дида мешинад. Нимподшоҳи Рум ноиби ҳамон подшоҳ аст…

Амакам худро мусулмони комил медонист ва диндори сахт буд. Ба масҷид пештар аз азон гуфтани муаззин ҳозир мегардид ва агар муаззин андак дер кунад, худаш ба ҷойи вай азон мегуфт. Ба даруни масҷид аз имом пештар даромада, аз ӯ баъдтар мебаромад. Ба намозхонӣ бо тасбеҳ рафта, пеш аз намоз ва баъд аз он муддате зери лаб пичир-пичир карда тасбеҳ мегардонд. Вай ба навигариҳое, ки баъд аз инқилоб пайдо шуда истода буданд ё назар ба гуфти одамҳо мебоист пайдо мешуданд,

душман буд ва ба «уштилхона» нафрат дошт. Дар вақти зиндагии падарам ӯро гойибона сарзаниш мекард, ки чаро ба писараш иҷозат дод дар «уштилхона» даромада хонад. Медонист, ки ман сахт орзуманди мактабхонӣ ҳастам, аммо ба мактабхонии ман қатъиян муқобил буд ва бо хандаи истеҳзо «ба ту барин ятимча мактабхониро кӣ мондааст?» мегуфт. Вай акнун коркуне ба худ пайдо карда буд, ки он ман будам ва ҳеҷ намехост ин коркунро аз даст диҳад. Дар бораи таҳсили илм фикри вай чунин буд:

–Мактабхонӣ кори духтар аст, ба писарбача намезебад. Писарбача калонтар, ки шуд, барояш ғайр аз якта каланд, якта дос ва якта арғамчин дигар ҳеҷ чиз лозим нест.

Амакам духтараш Равшанро ба мактаби бибиотун дод. Бибиотун дар таги қалъа истиқомат мекард ва Равшан ба хонаи ӯ рафта сабақ хонда меомад. Ман аз мактабравии ӯ сӯзон-сӯзон ҳасад мебурдам. Ҳаваси мактабхонии маро хаҷв карда хандидани амакам ба ман бисёр алам мекард.

Равшан се-чор моҳ боз ба мактаб давом менамуд, аммо таҳсилаш аз оят ёд кардан онтарафтар намерафт. Ман ҳайрон мешудам, ки ин чӣ гуна мактабхонӣ аст? Чун Равшан аз мактаб бармегашт, амакам гоҳ-гоҳе аз вай мепурсид:

– Ку духтарам, имрӯз чӣ ёд гирифтӣ?

Равшан як силсила калимаҳои аҷибоҳанг, вале тамоман нофаҳмоеро, ки «таббат», «изоҷоа» ва монанди ҳамин номҳо доштанд, аз ёд мегуфт. Пайи ҳамдигар ва тез-тез мегуфт, то падараш гумон накунад, ки вай сабақи худро ба хубӣ аз ёд накардааст. Он калимаҳо ё дурусттараш овозҳо, гарчанде тамоман нофаҳмо бошанд ҳам, ба амакам ва янгаам таъсире мебахшиданд. Зоҳиран сабаби таъсир бахшидани калимаҳо ҳамин номафҳумии онҳо буд. Равшан сабақашро тӯтивор такрор мекард,

амакам мешунавид ва шод мешуд, ки духтараш савод омӯхта истодааст.

Ман бошам, аз шодии амакам ҳайрон будам; охир, бародари ман ва Серёжа аз аввалин рӯзҳои мактабравиашон ба китобхонӣ даромада, дар ду-се моҳ хату савод бароварда буданд. Равшан бошад ҳоло ягон ҳарфро намедонад,–пас чӣ ҷойи шодӣ кардан аст?

–Одам аз барои хатдон шудан бояд чордаҳ сол риёзат кашад,–мегуфт амакам. – Ҳафт сол хатхониро ёд мегирад, ҳафт соли дигар хатнависиро.

Ман саводомӯзии бародарам Азизхонро нақл карда, ба дурустии сухани амакам шак меовардам. Амакам ҷавоб медод, ки:

– Бародарат дар мактаби кофирон хонда буд, хату саводи кофирон хату савод ҳисоб намешавад.

Гарчанде ки вай ин фикрро ба ман гаштаю баргашта талқин мекард, лекин дили ман боз ҳам ба «уштилхона» кашол буд. Ба ҳар ҳол, агар кор ба ман мемонд, ман ҳамон мактаберо интихоб мекардам, ки дар он ҷо тезтар хату савод баровардан мумкин бошад. Мактаби нав ҳоло дар деҳаи мо кушода нашуда буд, бинобар ин ман тайёр будам дар мактаби куҳна ҳам бошад хонам ва агар ин муяссар мешуд, сарам ба осмон мерасид. Аммо – ҳайҳот! – ин ба ман ҳеҷ муяссар намешуд.

## РАФИҚИ МАН СОЛЕҲ

Вақти дарав буд.Амакам ҳар саҳар маро бедор карда, ба хӯшачинӣ мефиристод. Дар дашти байни деҳаи мо ва Қизилтеппа хӯша мечиданд. Пойлуч будам, пойҳоям аз халидани хору пояҳои гандуми даравида пур аз захм шуда буданд. Аммо дар офтоби сӯзон аз захми хору аз гуруснагӣ ҳам бештар ташнагӣ азоб медод: дар дашт об набуд, даравгарон оби нӯшиданиро дар кӯзаю кумғонҳо аз ҷойи дур меоварданд, ки ба ман намерасид ё ки хеле кам мерасид.

Баъди нимаи рӯз даҳ-понздаҳ даста хӯшаи чидаамро баста, пуштора карда ба деҳа ва аз деҳа ба боғ равон мешудам. Борам торафт вазнинтар мешуд ва арақ аз зери тоқиам ба чашму рӯям мешорид.

Дар нимаи роҳи байни дашту деҳа як ҷӯй ва дар лаби ҷӯй як сада буд. Ба ин ҷо расида, дар таги сада дам мегирифтам, аз оби ҷӯй ташнагиамро мешикастам ва нимто нони эҳтиётиамро дар он тар карда мехӯрдам. Имрӯз магар аз ҳарвақта зиёдтар монда шуда будам, ки дар таги сада бисёртар нишаста мондам.

Аз дур сиёҳии одам намудор шуд. Сиёҳӣ давон-давон аз ҷониби дашт меомад. Наздиктар омада буд, ки шинохтам: вай Солеҳ буд. Чеҳраи арақшораш ҳаяҷоннок ва нигоҳи чашмонаш асроромез буд. Маро дида хурсанд шуд ва ба паҳлуям омада, худро ба замин партофт.

– Ман туро диданӣ будам, нагз шуд, ки ёфтам!- нафасашро рост карда, саросемавор ба сухан даромад Солеҳ, – Ман ба Қизилтеппа, ба тӯйи хешамон рафта будам, ҳозир аз ҳамон ҷо омада истодаам. Дар вақти тӯй якбора босмачӣ зер карда омад. Одамҳо гурехтанд, келину домод ҳам руст шуданд. Ман ба девор хез зада баромада, худамро ба ҳавлии ҳамсоя партофтам. Бинам, ки босмачӣ аллакай он ҳавлиро ҳам талаву тороҷ карда истодааст. Ман дар пушти дарахт руст шуда, нигоҳ карда истодам.

Босмачиён мегирифтагиашонро гирифтанду баъд дар миёни ҳавлӣ тӯб шуда гапзанон карданд. Ман гӯшамро сих карда, гапашонро шунидам. Онҳо йигитҳои Орзумат буданд, дар байнашон писари Орзумат ҳам буд. Ҳамаашон маслиҳат карда, ҳамин бегоҳ аз болои Баймоқ ва Дам гузашта, ба Шокафтар рафтанӣ шуданд. Ҳамин ки ман ин гапро шунидам, даррав аз даҳанаи таги девор худамро ба кӯча гирифта ба ин тараф давидам. Онҳо сӣ-чил кас ҳастанд… Ба аскарон хабар диҳем-чӣ?

– Албатта! Ҳарчи тезтар хабар додан лозим. Равон шав! – гуфтам ман аз ҷоям ҷаста.

Дуямон ба хонаи Солеҳино рафтем, ман банди хӯшаро дар онҷо гузоштам. Модари Солеҳ ба дуи мо нимта-нимта нон дод, баъд аз он мо баромада ба бозоргоҳ давидем.

Дар он ҷо аз аввалин аскари сурхи вохӯрда хоҳиш кардем моро зудтар ба пеши командираш барад, ки мо ба вай дар бораи босмачиён гап дорем.

Аскари сурх командирашро ёфта омад, командир моро ба хоначаи ҷудогонаи назди казарма дароварда, дар паси мизи хурдтарак ба нимкатча нишонд ва аз сумкаи чарминаш як варақ коғази калон бароварда яла кард. Рӯйи коғаз пур аз раҳҳои борик ва хатҳои майда буд. Мо дидагӣ ва шунидагиҳои Солеҳро ҳикоя кардем ва гуфтем, ки босмачиён ҳамин бегоҳ аз Қизилтеппа баромада бо роҳи Баймоқу Дам ба тарафи Шокафтар рафтанианд.

Командир бо қалами сурх дар рӯйи коғази серхаташ аломатҳо гузошт ва як доирача кашид. Баъд аз он як нафар аскари сурхро ба наздаш талабида чизе фармуд, аскари сурх моро ба казарма бурда хӯрок дод; рафиқони вай соате бо мо чақ-чақ карданд.

Суҳбати аскарони сурх ба ман бисёр дилхоҳ ва шодибахш буд. Ман бо онон ҳар бор далертар гуфтугӯ мекардам ва гуфторашонро торафт бештар мефаҳмидам. Солеҳ ҳам акнун аз онҳо на танҳо наметарсид, балки дар

суҳбаташон худро шод ва ифтихорманд ҳис мекард. Мо аз казарма баромада, ба хонаи Солеҳино бозгаштем. Ман аз он ҷо банди хӯшаамро бардошта ба боғамон равон шудам.

Боғи Ҷӯйи Дӯлонагии мо ба сабаби дуриаш ҳанӯз ҳам обод карда нашуда буд, бинобар ин мо он тобистон дар боғи як нафар бойи ғавой соянишин шуда будем, ки аз ҳавлии деҳагии мо он қадар дур набуд. Бой дар деҳаи худаш Ғаво истиқомат мекард. Шарти соянишини мо ин буд, ки боғи ӯро обод нигоҳ дорему меваҳои онро хушконда ва ҳосили токзорашро мавиз карда ба ӯ расонем. Аз афти кор миқдори меваи хушк ва мавизе, ки мувофиқи шарт мо бояд ба бой мерасондем, хеле зиёд буд, ки амакам ба мо, бачаҳо, худсарона кандани ангур ва афшондани меваҳоро қатъиян манъ карда буд. Мо бо иҷозати вай мазаи ангуру меваро фақат гоҳ-гоҳе ва он ҳам ба миқдори хеле кам мечашидем.

Соате баъд аз фурӯ рафтани офтоб оилаи калони мо дар пеши алочуғ (коза, каппа) таом хӯрда нишаста буд, ки аз дари боғ Солеҳ намоён шуд. Ман ӯро дар нимторикӣ аз почаҳои дароз ва қади баланду борикаш шинохтам ва зуд бархоста ба пешвозаш рафтам.

– Аскарон ба тарафи Шокафтар рафтанд! – пичиррос зад вай ба ман. – Онҳо аз пеши хонаи мо гузаштанд, ман дидам!

– Аз ин мебарояд, ки хабари расондагиамон бефоида набудааст? – гуфтам ман ба Солеҳ, дар ҳолате ки ба ҳаяҷон омада будам ва дилам гуп-гуп мезад.

– Набошад-чӣ! – дилпурона гуфт Солеҳ ва таклиф кард: – Биё, Собир, ба хонаи мо меравем; ту дар ҳамон ҷо хоб мекунӣ, баъд дуямон пагоҳӣ ба казармаи аскарон рафта, ҳама гапро дониста мегирем.

Пагоҳӣ ман монанди ҳарвақта бояд ба хӯшачинӣ мерафтам, аммо таклифи Солеҳ хеле дилфиреб буд – худи ман ҳам мехостам зудтар оқибати корро фаҳмам; хабари

ба командир расондаи мо натиҷае медода бошад ё не. Пас ба амакам гуфтам, ки мехоҳам ба хонаи Солеҳино рафта хоб кунам ва пагоҳ барвақт хеста ҳамроҳи ӯ ба хӯшачинӣ равам.

Амакам рухсат дод ва ману Солеҳ ба хонаи онҳо равон шудем.

Модари Солеҳ барои мо дар суфа ҷой андохт. Ману вай дар таги як кӯрпа хобида, то ними шаб пичиррос мезадем ва дар бораи амалиёти аскарони сурх, дар бораи ин ки онҳо босмачиёнро дастгир мекарда бошанд ё не, ҳар гуна фол мегирифтем. Боз худи онҳо ба доми босмачиён афтода намонанд? Аз ин хаёл худамонро воҳима мегирифт.

Дуи мо сирри махфие доштем, ки онро дар деҳа ғайр аз худамон ҳеҷ кас намедонист ва ин ба дили мо ҳаяҷоне мебахшид. Мо ин сирро ба ҳеҷ кас, ҳатто ба бародарони Солеҳ ҳам гуфта натавонистем, зеро агар мегуфтем, онҳо, албатта, моро коҳиш медоданд, ки чаро ба ин хел кори хатарнок иқдом намудаем.

Пагоҳӣ модари Солеҳ ба пеши мо як коса шир ва якто нон оварда монд. Мо ношто карда, ба бозоргоҳ равон шудем. Дар пеши казармаи аскарони сурх фақат ду аскар гардиш мекарданд, дигар ҳеҷ кас набуд. Мо дар интизории баргаштани аскарони сурхе, ки ба душманковӣ рафта буданд, якчанд соат дар гирду пеши бозоргоҳ гаштем. Дар ҷӯйи осиё оббозӣ кардем. Ба бомҳо баромада аз дарахтон тут чида хӯрдем. Хотири ман мушаввааш буд, зеро метарсидам, ки имрӯз ба хӯшачинӣ расидагӣ карда наметавонам ва агар ба боғ бе банди хӯша равам, амакам маро ҷанг мекунад ва ҳатто мезанад. Аммо ҳисси кунҷковӣ ва майли дидани бозгашти аскарони сурх аз хавфи бе банди хӯша ба хона рафтану калтак хӯрдан зӯртар буд: дилам намешуд, ки аз бозоргоҳ равам. Ҳар гоҳ ки рафтанӣ мешудам, Солеҳ маро нигоҳ медошт, ба ман ёрмандӣ мекард ва мегуфт, ки имрӯз барои хӯшачинӣ ба

дашти дур рафтани ман лозим нест, – хўшаро аз гандумпояи фалонӣ ҳам, ки дар паҳлуи боғи онҳо буда ва гандумашро навакак даравида гирифтаанд, чидан мумкин аст. Ман аз суханони ӯ таскин меёфтам ва боз бо ӯ мемондам.

Офтоб ба қиём омада, гармии ҳаво авҷ кард. Ман ба болои як тути калон баромада, бо меваи ширини он шиками гуруснаамро сер карданӣ шудам. Саргарми тутхӯрӣ будам, ки аз шохи дигар овози Солеҳ баланд шуд:

– Собир, гӯш андоз, аскарҳо омада истодагӣ барин!

Дар ҳақиқат, аз дуртар дукур-дукури суми аспон шунида мешуд. Баъди як дам аз хамгашти кӯча аскарони савораи чанголуд намудор шуданд. Аз қафои аскарон даҳ-дувоздаҳ нафар саворони беаслиҳаи деҳқоннамо асп меронданд ва боз аз қафотари онҳо як даста аскарони сурх чанд аспи бесавораро етак карда меомаданд. Ба болои зини ду асп чанд қабза милтиқҳоро баста бор карда буданд.

Ману Солеҳ ба якдигарамон нигоҳи маънидоре кардем ваначунбида дар шохи тут нишастан гирифтем.

Аскарони сурх бо босмачиёни асирафтода ва аспони бесавора чанги кӯчаро хезонда аз таги мо гузашта рафтанд.

– Ана, ман нагуфтам! – бо шавқу шодӣ овоз баровард Солеҳ.

Шавқу шодии ман ҳам аз вай камтар набуд. Ҳар дуямон зуд аз дарахт фуромада, ба сӯйи казарма давидем, то бубинем, ки аскарони сурх бо босмачиёни асир чӣ коре мекунанд.

Аскарон зини аспонро мегирифтанд, сарутани худро кашида чангашро меафшонданд, дасту рӯй мешустанд. Ошпаз бо ду аскари дигар хӯрок мекашонд. Босмачиёнро дар бӯрёҳо нишонда буданд ва ба пеши онҳо низ хӯрок оварда мемонданд. Ману Солеҳ ҳайрон шудем: чаро

босмачиёнро зиёфат мекунанд? Маънии ин накукориро мо нафаҳмидем.

– Хуб, ту дар ҳамин ҷо истода нигоҳ кун, ку, инҳо боз чӣ кор мекунанд. Ман ба хӯшачинӣ меравам. Дидагиатро баъд ба ман гуфта медиҳӣ. – Инро гуфта ман рафиқамро монда рафтам.

Дар гандумпояи назди боғи Солеҳино машғули хӯшачинӣ будам. Баъди пешин Солеҳ ба он ҷо омад. Чеҳрааш хира буд, андӯҳгин менамуд.

– Аскарон фақат ду босмачиро нигоҳ дошта дигар ҳамаашонро озод карданд, – маъюсона хабар дод Солеҳ.– Командир аз онҳо пурсид, ки «минбаъд боз босмачигӣ мекунед ё намекунед?», онҳо ҷавоб доданд: «не, дигар намекунем, моёнро босмачиҳо бо зӯрӣ ба худашон ҳамроҳ карда буданд». Командир ба ҳамаашон ҷавоб дода фиристод. Надонистам барои чӣ ин хел кард. Раваду онҳо боз баромада босмачӣ шаванд! – хавотир кашида мегуфт Солеҳ.

Вай аз раҳмдилии аскарони сурх норозӣ буд.

## МАКТАБИ МУЛЛО ЗАЙНИДДИН

Орзуи саводнок шудан ҳеҷ аз дилам намерафт. Дар ман ин орзуро аввалин бор модарам пайдо кунонда буд. Аммо агар ман ба Тошканд намерафтам, агар мактабхонии бародарам ва китобҳои Серёжаро намедидам, шояд ки орзуи саводомӯзӣ дар дилам ба ин сахтӣ ҷойгир намешуд ва маро ин қадар азоб намедод.

Дар деҳа ягон восита ё имконияти ба амал овардани ин орзу мавҷуд набуд. Гоҳе маъюс шуда фикр мекардам, ки аз афти кор, мактабхонӣ ба ман насиб нашудааст ва ман ночор бояд аз дунё бесавод гузарам. Лекин баногоҳ – эй бахт! – дари мактаб ба рӯйи ман боз шуд.

Як рӯзи офтоби тирамоҳ мо бо Солеҳ, Маҳмуд ва бачагони дигар дар саҳни масҷид машғули бозӣ будем, ки Мулло Зайниддин, ҳамон муллое, ки як вақте кокули маро

бурида ва ба мукофоти ин «хизмат»-аш бузғолаи маро хӯрда рафта буд, пайдо шуда моро чеғ зад.

– Ҳой бачаҳо, ин ҷо биёед!

Мо ба наздаш омадем. Мулло ҳуҷраи дар паҳлуи масҷидбударо нишон дода гуфт:

– Ана дар ин ҷо ман пагоҳ мактаб мекушоям. Ҳамаатон омада хонед. Имрӯз аз хонаҳоятон пахолу бӯрё биёред, ки барои шиштан ба замини ҳуҷра андозем.

Мо ҳама шоду хуррам ба хонаҳои худ давидем, то ки аввалан, ба падару модарон, ман бошам ба амакам ва янгаам, хабари мактабкушоии Мулло Зайниддинро расонем ва сониян, пахолу бӯрё гирифта биёрем.

Амакам ба хондани ман розӣ ҳам нашуд, норозӣ ҳам нашуд. Вай, ки диндори сахт буд, агар дар мактаби кӯҳна хондани маро рӯйирост манъ кунад, аз «гунаҳгор» шудан метарсид. Мактаб дар ҷойи дур ҳам набуд, ки дурии роҳ ва оворагии рафтуомадро баҳона карда маро аз хондан боздорад: мактаби оянда дар масҷиди маҳаллаи худамон, дар рӯ ба рӯйи ҳавлиамон буд.

– Мехонам гӯйӣ, ихтиёрат, – гуфту монд амакам.

Худи ҳамон рӯз мо бо фармоиши Мулло Зайниддин ҳуҷраро рӯфтучин кардем, аз шифту кунҷакҳои сип-сиёҳаш торҳои тортанакро дур кардем, манқалдони дар миёнаи ҳуҷра бударо аз хокистар тоза намудем ва баъд пахолу бӯрёҳои кӯҳнаи аз хонаҳо овардаамонро ба замини ҳуҷра андохтем. Он шаб ба ман беҳад дароз намуд; дар интизории саҳар хобам намебурд, ҳар дам чашм кушода нигоҳ мекардам, ки рӯз шуда бошад ё не. Охир, ман пагоҳ аввалин бор ба мактаб меравам, ба мактабе, ки дер боз ба дилам армон шудааст!

Саҳар маро бедор кардан лозим набуд, ман худам бедор шудам; барои об ба чашма рафта, дар он ҷо хуб дасту рӯй шустам. Амакам маро мувофиқи расму одат ба мактаб бурда намонд ва ба домулло «гӯшти ин аз они шумо, устухонаш аз они ман» нагуфт, ман худам аз янгаам барои домулло дуто нон пурсида гирифта, дар мактаб ҳозир шудам. Аз ҳама пеш омада будам, дар мактаб ҳеҷ

кас набуд. Ҳуҷра хунук буд, ман ба ҳавлиамон баргашта, аз он ҷо дар хокандоз лахча ва камтар ҳезум оварда, дар манқалдон алов даргирондам. Бачаҳо якта-якта ҷамъ шудан гирифтанд. Бештарини онҳо бо падарҳошон омаданд. Падарҳо дастархонҳои овардаашонро ба пеши домулло гузошта як дам менишастанду дар ҳаққи писарҳошон «гӯшти ин аз они шумо, устухонаш аз они ман» гуфта баромада мерафтанд.

Ҳама бо дастархон меомаданд, лекин домуллои мо бо чӯби дароз омада буд. Вай дар пешгаҳ менишаст.

Баъди ҷамъ шудани понздаҳ-шонздаҳ нафар бача ва рафтани падарон сабақи аввалини мо сар шуд.

– Аз пайи ман такрор кунед – фармуд домулло ва: – Аузу биллоҳ…–гуфта ба қироат кардан даромад. Мо ҳама баробар ва бо овози баланд аз пайи ӯ такрор мекардем.

Вақте ки ҳамин тарз «Алҳамд»-ро фуровардем, сабақи якуми мо ба охир расид. Домулло гуфт:

– Рӯзҳо хунук шудаанд, зимистон ҳам наздик омад, ба мактаб ҳезум даркор аст, шумо ҳар рӯз баъди аз мактаб озод шудан ба ҳезумчинӣ меравед.

Ҳамаи мо ба боғҳои наздик рафта, як банд-як банд ҳезум чида овардем.

Домулло фармуд, ки ҳезумро ба оғилхонаи ӯ бурда ҷо кунем. Бурда ҷо кардем.

Ин кор ҳар рӯз такрор меёфт. Соате ояти Қуръон ёд мекардему баъд ба ҳезумчинӣ мерафтем. Ман ҳар оятро баъди як-ду бор хонда такрор кунондани домулло аз ёд менамудам ва баъд то бачагони дигар онро бо шӯру ғавғо даҳ-дувоздаҳ бор такрор карда ёд менамуданд, ки дилтанг мешудам. Бесаброна ба сар шудани хатхонӣ интизорӣ мекашидам.

Ниҳоят, баъди даҳ-дувоздаҳ рӯз мо ба алифбохонӣ даромадем. Домулло дар рӯйи тахтачае ҳарфҳои арабиро навишта овард. Вай ҳар як ҳарфро нишон дода, номи онро мегуфт, мо ҳама баробар такрор мекардем: Алиф – бе-те-се-ҷим-ҳе-хе…

Рӯзи дуюм ман аллакай ҳамаи ҳарфҳоро шинохта будам ва метавонистам онҳоро ба тартиби алифбо аз ёд гӯям. Ва ҳол он ки алифбохонӣ ду-се ҳафта давом кард. Ин як кори дилгиронае буд, ки моро мурданивор зиқ мекард. Дар интизории тамом шудани «дарс» тоқати мо тоқ мешуд. Мо ба боғҳо рафта ҳезум чиданро аз нишастан дар мактаб авлотар медонистем. Агар ягон бача дар номи ҳарфҳо хато кунад ё оятеро ғалат такрор намояд, калтаки домулло ба сараш фурӯ меомад.

Домулло шогирдонро на фақат мезад, балки боз кундфаҳм, хар, гӯсола гуфта дашном ҳам медод. Бисёр бачагон аз бетоқатӣ дам ба дам, бо баҳонаи қазои ҳоҷат, берун мебаромаданд. Баъди баромадан баъзе бачагон баргашта намеомаданд. Домулло зуд ба ин фиреб пай бурд. Вай якто тахтачаи борик тарошида, ба вай ресмон баста дар девор овехта монд: агар бача берун баромаданӣ шавад, бояд ин тахтачаро гирифта мебаромад. Тахтача қувваи ниҳоние дошт, ки шогирдон то онро гашта оварда ба ҷояш наовезанд, ба хонаашон рафта наметавонистанд.

Якумин бачае, ки бо тахтача баромада барнагашт, Солеҳ буд. Вай калимоти арабии нофаҳморо бо душворӣ аз ёд мекард, аз домулло калтак мехӯрд ва дашномҳо мешунид, дилтанг мешуд ва тез-тез иҷозати берун рафтан мепурсид. Баъди тахтачаро гирифта рафтанаш вай рӯзи дигар ба мактаб омада буд, ки домулло се-чор чӯб ба сари ӯ фуровард. Солеҳ баромада гурехт. Домулло ба ду нафар бача фармуд, ки ӯро дошта оваранд, аммо бачаҳо ба ӯ расида натавонистанд: Солеҳи почадароз бисёр тездав буд. Бо ҳамин рафтанаш вай дигар ба мактаб наёмад.

Рафиқи дигари ман – Маҳмуд бо саъю кӯшиш мехонд, сабақҳояшро хуб аз ёд мекард ва ба мактаб аз ҳама барвақт меомад. Ӯро вазифадор карда буданд, ки то ҷамъ шудани шогирдон ва омадани домулло ҳуҷраро рӯфта монад ва дар манқалдон алов даргиронад. Маҳмуд ин вазифаи худро ҳам бо кӯшиши тамом иҷро менамуд.

– Ман ба коригӣ мехонам, – мегуфт вай.

Қорӣ шудан орзуи ӯ буд, чунки зиндагонии қориҳо каммеҳнати сердаромад аст – онҳо аз пушти қуръонхонии маросимҳои динию ғайридинӣ даромади калон доранд.

Мактабхонии мо ҳамин тарз давом кард. Боре мо шогирдон дар мактаб ҷамъ омада, мунтазири домулло шудем, аммо вай наёмад. Рӯзи дигар ҳам наёмад. Бе он ки сабабашро ба мо маълум кунад, вай якбора аз мактаб пояшро канд.

Мактабхонии мо тамом шуд. Ҳарчанд ки ин гуна мактабхонӣ ба ман маъқул набуд, аммо вақте ки ҳамин мактаб ҳам баста шуд, бисёр димоғам сӯхт. Аз мактабкушоии мақсади домуллои мо ҳезуми зимистон будааст, на хонондани бачаҳо. Вақте ки мақсадаш ҳосил шуд, мактабро баст. Амакам аз баста шудани мактаб хурсанд гардид, зеро ман ба туфайли мактабхонӣ кори хонаю рӯзгорро камтар мекардагӣ шуда будам.

Вай аз хафагии ман пай бурда гуфт:

– Аслан, хондани ту фоида надошт. Аз авлоди мо кӣ хонда мулло шуда буд, ки ту шавӣ? Барои мулло шудан аввал ҳафт-ҳашт сол дар мактаби ин ҷо, баъд аз он камаш даҳ соли дигар дар мадрасаи Намангон ё Хӯқанд хондан лозим аст. То мулло шуда баромаданат туро кӣ мепояд? Ман камбағал ҳастам, туро муфт пойидан аз дастам намеояд.

Ман ба хаёли аз деҳа гурехтан ва ба ягон шаҳр рафта дар мактаби нав хондан афтодам. Тошканд дур, Хӯқанд ҳам дур, аммо Намангон наздик аст. Фикр мекардам, ки дар Намангон ҳам монанди Тошканд бояд мактабҳое бошанд, ки бачагонро хӯроку пӯшок дода мехононанд. Аммо ман намедонистам ба он ҷо чӣ гуна равам ва чӣ тавр ба мактаб ҷойгир шавам. Барои пурсидан ва маслиҳат гирифтан одам намеёфтам.Зотан пурсидан ҳам фоида надошт, зеро касе набуд, ки ба хоҳиши саводомӯзии ман ҳаводорӣ кунад. Ба ин масъала ҳама монанди амаки ман нигоҳ мекарданд: бинобар ин аз ҳеч кас умеди ёрӣ набуд.

Ман ҳоло хурд будам, мушкилам ба худам илоҷнопазир менамуд. Оянда ба назарам торик буд...

# ҒАЛЛА БА ЯТИМОН

Тобистон ва тирамоҳи соли бисту сеюм дар деҳаи мо воқеаҳои ғалатӣ рӯй доданд.

Отрядҳои худмуҳофизакунӣ, ки корашон ба қисмҳои лашкари сурх мадад расонидан буд, аз ҷанги босмачӣ бо ғалабаҳои нав ба нав бармегаштанд. Ҳамин ки аз дур овози ашӯлахонии отрядчиён баланд мегардид, хурду калони деҳа ҳама ба кӯча медавиданд. Мо баромада ғолибонро табрик мекардем ва тӯда-тӯда босмачиёни асирафтодаро, ки отрядчиён пешандоз карда меоварданд, тамошо менамудем.

Баъзе шайкаҳои майда аз нест у нобуд шудан тарсида худашон ба деҳа омада таслим мешуданд. Намуди босмачиёни торуморшуда ба зӯру тавонойии аскарони сурх ва отрядҳои худмуҳофизакунӣ гувоҳӣ медод.

Ба муносибати ҳар як ғалабаи нав тантана барпо карда мешуд. Овози карнаю сурнаю нағора на танҳо мардуми деҳаи мо, балки деҳаҳои атрофро ҳам ба тӯю тамошо даъват менамуд. Дар маъракаҳои бузкашӣ, пойга ва гӯштигирӣ ҷавонон ҳунарнамойӣ мекарданд, ғолибони маърака мукофотҳо мегирифтанд.

Кори босмачиён тамом карда шуд. Тохтутози ғоратгаронаи онҳо хотима ёфт. Назар ба шуниди мо, дар ҷойҳои дигари дурдаст ҳам босмачӣ намонда буд. Халқ ба зиндагонии осуда расид, акнун мардум бо шунидани дукур-дукури аспон рӯ ба гурез намениҳоданд, чорпоёни худ, ғаллаи худ, зану духтарони худро пинҳон намекарданд, шабона аз хоби роҳат бо тарсу ҳарос ҷаҳида намехестанд. Ҷанговарони отрядҳои худмуҳофизакунӣ– деҳқонони меҳнаткаш милтиқро боз ба каланд бадал карданд.

Ҳокимияти нав – ҳокимияти коргару деҳқон мустаҳкам шудан гирифт. Вай ба таври худ ба хонаи мо ҳам омад.

Як пагоҳ дарвозаи мо тақ-тақ шуд. Овози вакили маҳалла Қобиламак баланд гардид, ки амакамро чег мезад:

– Обидхӯча, ҳой Обидхӯча!

Амакам баромада, баъди як нафас шоду хуррам баргашт.

– Собир, даррав ҷуволро гирифта ба таги қалъа рав! Аз он ҷо ғалла гирифта меойӣ. Ҳукумати Шӯро ба ятимон ғалла медодааст.

Ман ҷуволеро гирифта ба таги қалъа давидам. Шитоб мекардам, аз шодӣ даступо гум карда будам. Ба ман гуфтанд, ки ба пеши Содиқи анборчӣ рафтан лозим аст. Дар наздикии бозоргоҳ як бинои гаҷкории болохонадор буд, ки пештар ба яке аз бойҳои калони деҳа тааллуқ дошт ва меҳмонхонаи ӯ буд. Бой дар хонаи таг озуқа нигоҳ медошт ва дар болохона бо ёру ҷӯраҳояш то ними шаб гапхӯрӣ ва базм мекард; вай баъдҳо ба босмачиён ҳамроҳ шуда гурехта рафта буд. Ҳоло қабати якуми он биноро анбор карда буданд, дар болохонааш бошад, ким-кадом идора ҷой гирифта буд.

Дар пеши анбор якчанд деҳқонон ва деҳқонбачагон ҷуволу хӯрҷинҳо дар даст истода буданд. Ман ҳам аз пушти онҳо ба навбат истодам. Содиқамаки анборчӣ дар тарозуйи калон гандум бармекашид. Гандум сап-сафед буд; бовариам намеомад, ки ба ман ҳам аз ин гандум медода бошанд.

Чун навбати ман расид, Содиқамак ба рӯям нигоҳ накарда номамро пурсид, ман номамро гуфта будам, ки зуд рӯяшро ба сӯям гардонд:

– Ҳо-о, писари Умархонполвон? Ку, ҷуволатро дор. Акнун даври ту омад. Ҳар моҳ ба ту ва додарат якуним пуд гандум медиҳем.

Наход ки ин рост бошад? Ҳар моҳ якуним пуд гандум! Гандуми сафед! Ин гапи куҷо! Пеш инро ман ҳатто орзу ҳам карда наметавонистам.

– Ту якуним пуд гандумро чӣ хел бардошта мебарӣ? – хаёлҳои шодибахши маро бурида пурсид Содиқамак. – Чаро худи амакат наёмад? Ҳозир ним пудашро гирифта бар, боқимондаашро ба амакат гӯй – омада гирифта барад.

– Майлаш, – зуд розӣ шудам ман.

Мехостам, ки ин ғаллаи шахсан ба худам ва додарам расидаро зудтар ба хона бурда нишон диҳам. Содиқамак аз рӯйхат номи маро ёфта бо қалам ишорате гузошт. Ним пуд гандумро ба ҷуволи ман андохта гуфт:

– Акнун минбаъд ту барин ятиму сағираҳоро мепоянд, мехононанд. Ба қарибӣ мактаби нав ҳам кушода мешудааст. Даври шумоён омад, Собир.

Ман беҳад шод будам, аммо бо вуҷуди ин метарсидам, ки мабодо ин ҳама хоб бошад.

Ҷуволи ғалларо пуштора карда равон шудам. Давон-давон мерафтам, вазнинии борамро ҳис намекардам.

Вақте ки ба хона расида ҷуволро дар айвон ба замин ниҳодам, амакам ва янгаам ҳайрон монда, гандумро ба кафашон гирифта нигоҳ мекарданд, гӯё мехостанд бубинанд, ки он дар ҳақиқат гандум аст ё чизи дигар. Амакам иқрор шуд, ки ба гапи Қобиламак бовариаш наёмад ва бинобар ин, бо ман ба тағи қалъа нарафт. Кӣ шунидааст, ки ҳукумат ба ятимон ғалла диҳад?

Амакам донаҳои гандумро аз ин каф ба он кафаш рехта тамошо мекарду мегуфт:

– Рост будааст... Гандум!.. Тавба!..

Баъд аз он пурсид:

– Муфт доданд, пул напурсиданд?

– Не, аз пул гап набуд, ҳамту доданд.

– Ба мо ин ним пуд гандум ба як ҳафта мерасад! – хурсандона гуфт янгаам Кароматҳ.

– Ним пуд не, якуним пуд!–хабар додам ман. – Боз як пудаш монд. Содиқамак «мондагиашро амакат омада гирифта барад» гуфт. Ҳар моҳ якуним пуд гандум медодаанд!

Он рӯз дар хонаи мо ид буд. Ҳамаи мо аз шодӣ бекарор шуда монда будем. Амакам хӯрҷинро гирифта ба таги калъа шитофт. Равшан, Мухтор ва Ҳалима хурсандона частухез мекарданд; ҳатто Ҳасани дамдузд ҳам, ки одатан ба хурсандиҳои оила шарик нашуда дам менишаст, имрӯз лабханд менамуд.

Равшан аз хона палос бароварда, хуб афшонда дар рӯйи ҳавлӣ паҳн кард, ман гандумро ба рӯйи он рехтам, янгаам онро бо ғалбер бехтан гирифт. Ҳар боре ки вай коху сангрезаҳои дар миёни ғалбер ҷамъшударо ҳавуч карда гирифта ба як кунҷи палос мепартофт, ман даруни онҳоро кофта якта-нимта донҳои мондагиро ҷудо карда мегирифтам. Ба ҳамин тариқ гандум зуд тоза карда шуд, ман онро боз дар ҷувол андохта, бардошта ба осиё бурдам.

Дар деҳаи мо сето осиё буд, ман ғаллаамро ба наздиктарини онҳо бурдам. Баъди як нафас навбати осиё ба ман расид, осиёбон ғаллаи маро гирифта ба дӯл андохт. Ман ба осиёбон чӣ гуна ба даст омадани ин гандум ва минбаъд ба ману додарам моҳе якуним пуд ғалла додани «Шӯро-ҳукумат»-ро ҳикоя кардам. Осиёбони солхӯрда ба хурсандии ман шарик шуда мегуфт:

– Нағз... Кори калон... Толеъ-дия, нони сафедро калон-калон хӯрда, ба ҳакки ҳукуматбобо дуо кун, писарам!..

Вай худаш ҷуволи маро чаппа намуда афшонда тоза карду ҳамаи ордро ба он андохта дод ва ҳаққи худро нагирифт. Пурсидам «чаро нагирифтед?» гуфт «лозим нест, бардошта бурдан гир!». Ман розӣ нашудам, зеро одамҳо мегуфтанд, ки агар ҳаққи осиёбон дода нашавад, баракаи орд мепарад. Хоҳиш кардам:

–Ҳаққатонро гиред, амак.

Аммо вай ба гапи ман гӯш накарда, ғаллаи каси дигарро ба дӯл андохтан гирифт.

Баъд ҷуволи маро бардошта ба китфам гузошту дили маро осуда карданӣ шуда гуфт:

– Агар нон пазетон, ба ман якта нон меоварӣ.

Ман ордро ба хона овардам. Амакам дар рӯйи ҳавлӣ боқимондаи ғалларо, ки оварда буд, дар ғалбер мебехт.

Янгаам дарров аз орди нав хамир кард. Баъд аз соате нонҳои гарми сафеди сурхрӯй, ки аз танӯр канда ба сабад андохта мешуданд, бӯйи диловези иштиҳокушойи худро ба тамоми ҳавлӣ паҳн карданд.

Янгаам аз онҳо ба ҳар кадоми мо – бачаҳо яктой кулча дод. Дер боз мо он гуна нони бомазаро нахӯрда будем. Ба гумонам, ман аз он кулчаҳо даҳто бошад ҳам, мехӯрдам. Нони худамро камтар-камтар шикаста мехӯрдам, ки тез тамом нашавад ва лаззаташ дарозтар кашад.

Аз янгаам дуто нон пурсида гирифта ба осиёбон бурдам. Дар пеши ӯ чор-панҷ каси ба осиё омадагӣ нишаста буданд. Осиёбон:

– Нони ятимон табаррукӣ аст, – гуфта нони ман овардагиро як бурда-як бурда шикаста ба нишастагон дод ва баъд худаш ҳам пораи нонро ба даҳонаш бурда ба ман:

– Илоҳӣ, бою бадавлат шавӣ! – гуфт.

Ман бошам, худамро дарвокеъ, «бою бадавлат» ҳис мекардам; охир минбаъд худи «Шӯро-ҳукумат» ғами мани ятимро мехӯрад!

## СИРРИ МАХФИИ МАН ВА СОЛЕҲ

Ҳарчанд ки ман аз мактаби Мулло Зайниддин фиреб хӯрда будам, лекин орзуи мактабхонӣ аз дилам нарафта буд. Ҳатто, баръакс, баъди ин ноками ҳаваси хониш дар ман боз ҳам зӯртар шуд. Тошкандро, Серёжа ва китобҳои ӯро, бародарам Азизхонро, ки дар мактаби нав ба он зудӣ савод бароварда буд, ба ёд меовардам ва ба ман чунин менамуд, ки агар нахонам, аз ғаму гусса девона мешавам. Аммо дар куҷо хонам?

Дар деҳаи мо ду-сето мактаби кӯҳна буд, вале баъди баста шудани мактаби Мулло Зайниддин ман дар ҳеҷ кадоми онҳо – агарчи ҳатто амакам иҷозат медод ҳам –

майли хондан надоштам, зеро дар он мактабҳо ҳам бачагонро Мулло Зайниддин барин домуллоҳо мехонондаанд. Ман медидам, ки шогирдони он домуллоҳо муддатҳои дароз ба мактаб давом кунанд ҳам, на хатхонӣ ва на хатнависиро ёд нагирифта буданд.

Не, дар он мактабҳо хондан вақтро беҳуда талаф кардан аст. Лекин аз мактаби нав ҳам, ки аскари сурх ва Содиқи анборчӣ дар бораи он ба ман гап зада буданд, ҳоло дарак набуд. Дар пеш тирамоҳ, баъд зимистон, хунукӣ, лойгарӣ; шубоғканӣ дар талу кӯғалҳо; монанди ҳамеша нимгуруснагӣ ва машаққатҳои дигари зиндагӣ мунтазири мананд. Мактабхонӣ бошад, фақат орзу.

Гоҳо ман ҷиддан фикр мекардам, ки ба Тошканд гурезам. Охир дар он ҷо, дар завод, ошноҳои нағз ва дӯстони оилаи мо ҳастанд. Агар ман як навъ карда ба Тошканд расида гирам, ҳар кадоми он ёру ошно, бешакку шубҳа, маро писархондаи худ мекунад ва дар мактаб мехононанд. Аммо ба Тошканд худам танҳо ва бепул чӣ гуна равам? Ғайр аз ин, агар гурезам, амакам, албатта, аз дунболи ман меафтад ва дар ягон ҷо маро дастгир карда ба хона бозмегардонад.

Аммо агар андешаи додарам Мухтор намебуд, эҳтимол дорад ман бо вуҷуди ин ҳама мамониатҳо мегурехтам. Мухтор ғайр аз ман ҳеҷ кас надорад, ба ҳеҷ кас лозим нест; ман ягона дӯстдор ва дилсӯзи ӯям.

Ҷудоӣ аз ӯ ба ман мушкил ва ба ӯ боз ҳам мушкилтар буд.

Дар он вақтҳо аз фикру хаёлҳои ниҳонии ман фақат як кас, яъне, рафиқи ҷоноҷонам Солеҳ огоҳ буд. Вай ба саргузаштҳои тошкандии ман ҳам воқиф, дар мактаби Мулло Зайниддин ба ман ҳамсабақ ва дар рафтуомадҳои мо ба назди аскарони сурх ҳамроҳ буд.

Ману вай пайваста суханҳои дар казармаи аскарони сурх шунидаамон: «босмачиёнро нест, ки кардем, дар ин

ҷо мактаби нав кушода мешавад, шумо ҳам ба он мактаб даромада мехонед»-ро ба хотир меовардем.

Ошноӣ бо аскарони сурх, ҳикояҳои ман аз аҷоиботи шаҳри Тошканд ва хубиҳои мактаби нав як қадар фикри Солеҳро кушода, дар дили вай ҳам ҳаваси мактабхониро бедор карда буданд, вай ҳис мекард, ки дар дунё зиндагонии дигаре ва беҳтаре ҳаст.

Аз дер кашидани мактаби навкушоии дар деҳа Солеҳ низ монанди ман дилтанг ва норозӣ буд. Ман бовар доштам, ки агар ба Тошканд гурезам, Солеҳ ҳам бо ман хоҳад рафт.

Сирри махфии дуи мо дар тирамоҳ, вақте ки ман барои хӯроки зимистонии бузғолаам дар боғҳо барги хазон мегундоштам, пайдо шуд.

Рӯзе аз рӯзҳо ману Солеҳ ба яке аз боғҳои дур рафтем. Барги хазон дар таги дарахтон кӯрпа шуда мехобид. Мо аз он як миқдор ғундошта, қариб баробари қади худамон дар як ҷо тӯб кардему дар болояш дароз кашида ба чақ-чақи беинтиҳои худ шурӯъ намудем. Чақ-чақи мо мисли ҳаррӯза дар бораи аскарони сурх ва мактаби нав буд ва инчунин дар бораи он ки ба Тошканд гурезем чӣ мешавbooду нагурезем чӣ мешавад. Манзараи тирамоҳ ва хазонрезӣ одамро ба фикру хаёл мойил мекунад...

– Агар Тошкандро дур гӯйӣ, биё ба Хӯқанд ё Намангон мегурезем! – таклиф кард Солеҳ.

Аммо ин шаҳрҳо ба ман ношинос буданд. Ман дар онҳо ягон ошно ҳам надоштам.

– Ба Тӯс равем-чӣ? – гуфтам ман, аммо худи ҳамон дам аз дилам гузашт, ки дар Тӯс амакам маро дарҳол кофта меёбад... Ё, балки, агар ман дар Тӯс ба интернат дохил шавам, шояд амакам маро аз интернат гирифта бурда натавонад?..

Ман дар вақти ба Тӯс, ба тӯйи Муродхон рафтанам дар он ҷо мактаби навро дида будам. Як бинои сафеди

дароз, ки тирезаҳои қатораш ба тарафи кӯча боз мешуданд, аз байни дарахтони хазонзада чилва мекард. Дар ин бино бачагони интернатӣ мехондаанд. Дарвозаи мактабхона кушодагӣ буд, ман наздик рафта дар рӯйи ҳавлии калони вай бачагони бисёрeро дидам, ки бо шӯру гавго саргарми бозӣ ва даводав буданд: зоҳиран, вақти танаффусашон буд. Ҳамаи онҳо ба ман бисёр озода ва хушлибос намуданд, ман бошам, сарутандаридан чиркин ва пойлуч будам: амакам ба ман ягон бор ҳам сарутани нав дӯзонда надода буд. Ман бо он шаклу шамоил ҷуръат накардам, ки ба назди ягон бача рафта гапзанон кунам! Агар гапзанон мекардаму ятим буданамро ва ҳаваси мактабхонӣ доштанамро мегуфтам, шояд ки он рӯз дар зиндагонии ман дигаргуние рӯй медод...

Аммо маълум шуд–Солеҳ аз ман ҳам зиёдтар хавф мебурдааст, ки бародаронаш ӯро дар Тӯс зуд кофта мeёбанд.

– Не, Тӯс намешавад, – гуфт вай.

Мо нақшаи гурехтанро дуру дароз муҳокима кардем. Ман, ки тамом ба ин фикр гарқ шуда будам, дар охир ҳар гуна гумону андешаро як сӯ гузошта ба болои Тошканд истодам.

– Майлаш-ку, лекин дар роҳ чӣ мехӯрем? – пурсид Солеҳи пухтакор.

–Одамҳои нагз ҳастанд, ёрдам мекунанд, – умедворона гуфтам ман.

– Не, ин хел намешавад, раваду мо ба одамҳои нагз вонахӯрем? Сонӣ гадоӣ мекунем-мӣ?

Ҳар дуямон дармонда, як дам сукут кардем. Баъд ман гуфтам:

– Пул даркор, лекин пулро аз куҷо меёбем?

– Бибем як халтача танга доранд, дар сандуқ пинҳон карда мондагӣ, – ба хотир овард Солеҳ. – Агар пурсам, ба ман якчанд танга медиҳанд.

Ба ман бошад, ҳеҷ илоҷи пул ёфтан набуд, бинобар ин, ман чораи дигар андешидам.

– Равшан марҷон дорад, – ба хотир овардам ман, – лекин намеовезад. Ман ба вай ягон чиз ваъда карда, марҷонашро пурсида гирам, баъд мо онро дар шаҳр мефурӯшем.

Мо бо ҳам аҳд кардем, ки фурсатро ғанимат дониста тайёрии сафарро бинем.

Дар хона ман пеш аз ҳама донистанӣ шудам, ки марҷон дар ҷояш хобидааст ё не. Бо ин мақсад як вақти хилват ёфта қуттичаи дар токча истодаро кушода нигоҳ кардам, – бинам, ки марҷон нест. Маъюс шудам, димоғам сӯхт. Э дареғ!.. Акнун чӣ бояд кард? Наход ки Равшан марҷонро ба хонаи очааш бурда монда бошад? Агар аз вай хоҳиш кунам, ки марҷонашро аз очааш гирифта оварда ба ман диҳад, розӣ мешуда бошад ё не? Охир марҷон ба вай он қадар даркор ҳам нест, ман сонитар ба вай аз ин марҷон ҳам нағзтар савғотӣ меоварам... Аммо ин як хавфи дигар ҳам дорад: агар Равшан ба ман барои чӣ лозим шудани марҷонашро фаҳмад, албатта, ба падараш мегӯяд ва он гоҳ сирри ман фош мешавад... Не, беҳтар он аст, ки ба вай ҳеҷ чиз нагӯям.

Берун баромада ба назди духтарак рафтам ва пурсидам:

– Равшан, чаро ту марҷонатро овехта намегардӣ? Духтарони дигар овехта мегарданд-ку?

– Марҷонамро оям ба сандуқ андохта руст карда мондагӣ, – ҷавоб дод Равшан.

Сандуқ дар тахмон меистод. Барои онро кушодан аввал кӯрпаю лӯлаболиштҳои ба болояш тах карда мондашударо гирифтан лозим буд. Аммо баъд аз он ва баъди ба даст даровардани калиди сандуқ ҳам онро кушодан имкон надошт, зеро дар вақти кушодан маданги қуфлаш ҷарангос зада ҳамаро хабардор мекард.

Ман мушкили худро ба Солеҳ хабар додам. Мо чизҳои шахсан ба худамон тааллуқдоштаро як-як шумурдем, то бубинем, ки дар бисотамон ягон чизи бозоргир дорем ё не. Маълум шуд, ки надорем. Аз пӯшок бошад, Солеҳ ҳам камбағал буд – ғайр аз ду ҷуфт куртаю эзори карбос ва як ҷомакуҳнаи алочаи порсола пӯшоки дигар надошт.

– Агар худат илоҷашро ёфта натавонӣ, барои чӣ гапи тошкандравиро баровардӣ? – коҳиш мекард маро Солеҳ.

– Ҳеҷ гап не, дар аввали баҳор меравем, – гуфтам ман, ҳам ӯро ва ҳам худамро тасаллӣ дода. – Дар баҳор рафтан нағз: ҳаво хушк ва гарм. Ҳозир ҳаво хунук, зимистон ҳам наздик аст: дар мусофиратӣ агар аз гушнагӣ намурем, аз хунукӣ мемурем.

Ҳамин тавр, мо маҷбуран иҷрои нақшаамонро ба баҳор монондем. Лекин қарор додем, ки тайёрии сафарро аз ҳозир бинем, яъне хӯрокворӣ – тӯшаи роҳ ҷамъ кунем. Агар мо ҳар рӯз аз нони дар хона мехӯрдагиамон як бурда-ним бурда сарфа карда, оварда дар ягон ҷойи касмаёб пинҳон карда мондан гирем, то баҳор як-ду халта нони қоқ захира мешавад. Баҳор мо онро бардошта ба роҳ медароему нони қоқро ба оби хунук тар карда хӯрда-хӯрда мазза карда ба Тошканд расида мегирем.

Ба ҳамин ҳар дуямон аҳду паймон кардем.

– Хуб, нонро ба куҷо бурда тӯб мекунем? – пурсид Солеҳ.

Дарвоқеъ ҳам, чӣ хел ҷо ёбем, ки ҳеҷ кас набинад ва надонад?

Дар наздикии хонаи Солеҳино як боғчаи нимпартов буд, ки аз они як бевазан буда, соҳибаш ба вай нигоҳубин намекард. Мо бо Солеҳ барои ҷамъоварии озуқа ҳамин боғчаро интихоб кардем.

Бегоҳии дер мо пинҳонӣ ба он ҷо рафта бо теша ва корди ош дар таги сафедори калон ду чуқурӣ кофтем, якташ хурд, дигараш калонтар ва чуқуртар. Аз чуқурии хурд ба чуқурии калон як шикоф гузарондем, ки банди

даст мегунчид. Ба таги чуқурии дуюм хошок партофта ба болои хошок ҷуволи кухнаеро, ки Солеҳ аз хонаашон оварда буд, гузоштем ва даҳони ҷуволро ба шикоф рост карда мондем. Баъд якбурдагӣ ду бурда нони овардаамонро ба даруни ҷувол андохтем. Пас аз он ба рӯйи чуқурии калон чӯбчаҳо чида, чӯбчаҳоро бо хасу хошок пӯшонда, ба болояш хок кашидему хокро бо барги хазон рӯпӯш кардем. Ба даруни чуқурчаи якум як санги калонро андохта, бо вай даҳони шикофро бастем ва болояшро хаспӯш карда мондем. Ҳар боре ки нонпораи захирагӣ меовардем, хасу хошокро як сӯ мекашидему сангро бардошта ба шикоф даст халонда нонпораро ба даҳони ҷувол меандохтем.

Баъди тамом шудани кор мо дуртар рафта ба «анбор»-и махфии худ нигоҳ кардем ва қонеъ шудем, ки он нагз хаспӯш карда шудааст ва ҳеҷ кас онро ёфта наметавонад.

Ҳар рӯз мо якбурдагӣ ду бурда нон оварда дар «анбор»-и худ захира мекардем. Гоҳе як каф зардолуи қоқ, шафтолуи қоқ, чормагз, якто-дуто қурут ҳам оварда ба ҷувол меандохтем. Мо ончунон ташнаи мактабхонӣ будем, ки бо нияти ба шаҳр рафтану ба мактаб дохил шудан кӯшиш мекардем камтар хӯрем ва бештар захира кунем.

## МАКТАБИ НАВ

Се-чаҳор рӯз гузашт. Тӯшаи роҳи мо торафт зиёд мешуд.

Як пагоҳ аз кӯча боз овози шиноси Қобиламак баланд гардид. Ин овоз, ки чанде пеш ба мо хабари хуши ба ятимон ғалла додани Ҳукумати Советиро расонида буд, ин дафъа хабари аз он ҳам хуштарро эълон мекард. Ман ба ҳаяҷон омада, аз ҷоям ҷаста ба кӯча давидам.

– Бачагонатонро ба мактаб фиристонед! Дар таги қалъа мактаб кушода шуд! – Ҷор мезад вакили маҳалла.

– Қобиламак, чӣ гуфтед? Мактаб?

– Ҳа, мактаби нав кушода шуд. Ту ҳам рафта хон!

Дар ҳамин вақт аз дарвозаи мо амакам намоён шуд. Қобиламак маро нишон дода гуфт:

– Обидхӯҷа, шумо ба мактаб ана ин ҷиянатонро фиристонед, бачаҳои дигаратон ҳоло хурдсол ҳастанд. Мактаб барои писарбачаҳо.

Амакам қавоқашро андохта хоҳам-нохоҳам ҷавоб дод:

– Хуб, мебинам.

Аз ин ҷавоби ӯ дили ман хавф бурд. Аммо ман ҷазм кардам, ҳар чӣ ки шавад ба мактаб равам. Дам назада рӯ ба тарафи қалъа давидам, лекин овози ҳайбатноки амакам маро нигоҳ дошт:

– Ист! Куҷо меравӣ? Баргард!

– Охир, Қобиламакам «ту ҳам рафта хон» гуфтанд-ку!

– Агар бе рухсати ман равӣ, ман поятро зада мешиканам, туро аз хона пеш мекунам! Даррав ба ҳавлӣ даромада досу арғамчинро гирифта баро, ба шубоғканӣ меравем.

Дили ман ях барин шуд. Фикр мекардам, ки «ҳозир бачаҳо тӯб шуда ба мактаб мераванд, ман бошам, бояд ба теппаҳои дур рафта шубоғ канам».

– Чӣ меистӣ? Тез бош! – Дод зад амакам.

Ман хоҳу нохоҳ аз ҳавлӣ досу арғамчинро бароварда, бо ӯ равон шудам.

Дар кӯча як тӯда бачаҳо ҷамъ шуда буданд. Онҳо ба рафиқони дигари худ интизорӣ мекашиданд, ки ҳамроҳ ба таги қалъа рафта худро ба мактаб нависонанд.

Буғз гулӯи маро гирифта буд. Агар амаки ноинсофам боре инсоф мекарду «Собир, ту ҳам бо ҳамроҳии ин бачаҳо рав!» мегуфт, ман ба пояш сар мениҳодам ва як умр хизматашро мекардам. Охир дар орзуи мактабхонӣ ҷигари ман хун шуд, ман ҳатто як бурда нони

мехӯрдагиамро ҳам аз даҳонам гирифта захира мекардам, ки баҳор ба шаҳр равам ва дар мактаб даромада, хонам. Акнун дар деҳаи худамон мактаби нав кушода шаваду ман дар он нахонам? Ин чӣ бедодӣ аст!

– Ҳой, Собир, ту ба мактаб намеравӣ-мӣ? – мепурсиданд бачагон аз ман. – Аз Тӯс домулло омадааст, вай мегуфтааст, ки бачаҳоро дар шаш моҳ хононда мулло мекунам.

Аз фишори алам ва бугзи гулӯ ман роҳ рафта натавониста барҷо мондам. Қатраҳои ашк аз чашмонам ба рӯям шориданд.

– Вақт рафт, тезтар қадам мон! – Боз фарёд зад амакам.

Ман ночор аз қафои ӯ кашола шуда рафтам.

Мо аз деҳа берун баромада, ба боғистон дохил шудем. Дар ҳар ҷо-ҳар ҷо деворҳои ғалтида вомехӯрданд. Мо аз як кӯчабоғи танг равон будем – амакам пеш-пеш, ман аз ақиби ӯ. Бори аламу ғусса маро фишор медод, пойҳоямро базӯр мебардоштам. Лекин майнаам тез кор мекард: дар бораи ноинсофӣ ва бераҳмии амакам фикр мекардаму оташин мешудам...

Баногоҳ ман коре кардам, ки онро аз худам умед надоштам, яъне якбора аз девори пасти боғе ҷаҳида гузашта гурезон шудам. То зӯрам расидан медавидам, дар сари роҳам боз аз чанд девор ҷаҳидам. Ҳаракат мекардам, ки пеш аз он ки амакам аз гурехтани ман хабардор шуда ба дунболам афтад, ҳарчи дуртар равам. Аз болои ҷӯйҳо, захбурҳо ва монеаҳои дигар тирвор мепаридам, то оқибат ба ҳавлии Солеҳино расидам.

Нафасамро базӯр рост карда аз модари ӯ пурсидам:

– Солеҳ дар хона?

– Барои об овардан ба чашма рафт, – ҷавоб дод модари Солеҳ.

Саросема ба сари чашма давидам. Дар миёни роҳ ба Солеҳ вохӯрдам, ки кӯзаи об дар даст омада истода буд.

– Ба мактаб нарафтӣ? Мактаб кушода шудааст-ку?

Солеҳ қавоқашро андохта, қариб мегиристагӣ барин шуда гуфт:

–Равам гӯям, аком қатӣ бибим намонданд.

–Солеҳ! Кӯзаатро бурда мону тез баро, ба мактаб ҳар дуямон меравем!! – таклиф кардам ман.

Дар чашмони Солеҳ шуълае барқ зад, аммо худаш ҳаросон шуда гуфт:

– Аком маро дошта занад, чӣ кор мекунам?

– Баъд аз он ки мо рафта ба мактаб даромадем, акои ту ҳам, амаки ман ҳам ҳеҷ кор карда наметавонанд, аз шӯро-ҳукумат метарсанд; охир, мактабро шӯро-ҳукумат кушодагӣ-ку! Агар амакам маро занад, ман ба Қобил-амак мегӯям, вай рафта ба калонҳо хабар диҳад... Тез бош, Солеҳ!

Рафиқи ман давон-давон ба хонаашон рафта, кӯзаашро дар пушти дар монду баромада бо ман роҳи қалъаро пеш гирифт.

Мо аз пеши боғчае, ки дар он ҷо дар таги сафедор «анбори озуқа»-амон пинҳон буд, гузаштем ва дидем, ки дар гирду пеши он одамҳо гашта истодаанд. Мо беихтиёр истода ба ҳамдигарамон чашмаке задему боз ба роҳ даромадем: ҷуволи мо хуб пинҳон карда шудааст, ҳеҷ кас ёфта наметавонад!

Пас, ба қафоямон нигоҳ накарда сӯйи қалъа давидем.

Дар бозоргоҳ дарҳои анбори дароз кушодагӣ ва бачагони бисёре китобу қалам дар даст машғули гардишу даводав буданд ва гавго мекарданд. Ману Солеҳ наздиктар рафта, ба гуфтугӯйи онҳо гӯш андохтем.

Як бача ба мо рӯй оварда пурсид:

– Ба мактаб омадед? Акнун дер шуд, шуморо қабул намекунанд: мактаб пур, дигар на ҷой ҳаст, на дафтару қалам.

Шогирдони дигар сухани он бачаро қувват доданд. Мо якбора маъюс шуда мондем. Наход ки ҳамин қадар саъю кӯшиши мо беҳуда равад?

Ҳарчанд ки аз ғаму ғусса гиря карданам меомад, лекин ман боз худамро даст гирифта пурсидам:

– Домулло дар кучост?

– Дар ҳамин ҷо. Ҳозир мебароянд.

Ҳамин вақт аз бинои анбор, ки ба воситаи таъмиру таҷҳиз ба мактаб гардонда шуда буд, як шахси ношиноси ба назар бисту ҳафт-бисту ҳаштсолаи қадбаланди лоғарбадан ва ҷомаи дарози озода дар тан берун омад.

Ин кас муаллим Сулаймонов будааст.

Яке аз шогирдон моро ба ӯ нишон дода гуфт:

– Домулло, ана ин ду бача ҳам ба мактаб омаданд.

Муаллим ба тарафи мо қадам зад. Дар нигоҳаш аломати таассуф ва дармондагӣ мушоҳида карда мешуд.

– Мактаб пур шуда монд-ку, – гуфт вай. – Бачагони бисёр омаданд, ҳамаашон хондан мехоҳанд. Як худи ман ҳамаро хононда наметавонам. Камтар сабр кунетон, аз Тӯс ё аз Намангон боз як нафар муаллим меояд. Вай ки омад, мо боз шогирд ҷамъ мекунем, шуморо ҳам ҳамон муаллим мехононад.

Бо шунидани ин суханҳо афту башараи мо чӣ гуна шуда буд, намедонам, лекин ман дигар тоқат оварда натавониста гиря кардам. Маро дида Солеҳ ҳам гирист.

Аз афти кор, муаллим ба мо раҳмаш омад. Аҷаб нест, ки вай бачагони то ин андоза ба хондан иштиёқмандро камтар дида бошад, фикркунон ба мо рӯй оварда пурсид:

– Шумо ҳамин қадар ба хондан ҳавас доред?

Ман, ки аз гиря гулӯгир шуда будам, ҳеҷ гап зада наметавонистам. «Оҳ, агар муаллим медонист, ки ман дар интизори мактабхонӣ ин қадар аламҳо кашида ва дилхун шудаам, вай маро даррав ба мактаб қабул мекард ва дар қатори якум менишонд» – фикр мекардам ман дар он

дақиқаҳо, лекин ҳиқ-ҳиқ гириста ба сухан лаб кушода наметавонистам.

Ба хурсандии бепоёни ману Солеҳ муаллим нохост гуфт:

– Хайр, гиря накунед, ягон илоҷ меёбем. Биёед.

Вай ба яке аз дарҳои кушодаи анбори собиқ даромад. Бачагон ҳам аз дунболи ӯ ба он ҷо дохил шуданд. Мо ҳам даромадем. Дар он ҷо ду қатор партаҳои сиёҳ гузошта шуда буд. Шогирдон дар паси ҳар як парта дунафарӣ нишастанд. Ба ману Солеҳ ҷой намонд. Муаллим дуйи моро дар ду парта ба қатори шогирдон нишонда:

– Секасӣ мешинед, – гуфт ва худаш ба назди мизе, ки дар пешгоҳи хона истода буд, рафта, аз болои он ду китоб гирифта оварда якеро ба пеши ман ва дигареро ба пеши Солеҳ гузошт. Ин китоб китоби алифбо буд, ки дар ҳар саҳифааш суратҳо дошт. Ба ёди ман китоби алифбои Серёжа омад, ки ҳамчунин суратнок буд.

Муаллим ба мо яктагӣ дафтару қалам ҳам дод. Вай ба паси мизи худ нишаста китоби алифборо кушод. Дарс сар шуд...

Он рӯз муаллим ба мо се ҳарфи аввалинро шиносонд. Мо калимаҳои бо он ҳарфҳо навишташударо хондем.

Ман хушҳолона дар дилам мегуфтам, ки «агар муаллим ҳар рӯз ду-се ҳарфро нишон диҳад, ман ба қарибӣ ҳамаи ҳарфҳоро шинохта, хатхон шуда мемонам».

Шодии ман поён надошт. Баъди сабақи якум ман аз мактаб баромада, китобу дафтару қаламамро ҳамчун як чизи гаронбаҳо маҳкам дар бағалам гирифта равон шудам. Ҳақиқатан ҳам онҳо акнун барои ман хазинаи гаронбаҳо буданд.

Чун ба наздикии ҳавлиамон расидам, дидам, ки амакам бо ҳамроҳии Мулло Зайниддин ва одамҳои дигар намози пешинро хонда аз масҷид баромада истодааст. Ман худро зуд ба дари ҳамсоя задам, – бачаи ҳамсоя ҳам

аз мактаб баргашта буд, ман бо ӯ ба ҳавлиашон даромадам. Аз гуруснагӣ сарам чарх мезад, пагоҳӣ боз ҳеҷ чиз нахӯрда будам. Ҷуръат накардам, ки ба хонаи худамон равам, зеро аз амакам метарсидам: агар ба дасташ афтам, муқаррар маро дошта мезад.

Аз ҳама хавфноктар ин буд, ки вай метавонист дар сари қаҳру ғазаб китобу дафтари маро даронда партояд ё ба оташдон афканад. Тарсида-тарсида аз болои девори ҳамсоя ба ҳавлии худамон нигоҳ мекардам. Инак аз дарвоза амакам намоён шуд. Вай танҳо набуд: аз чӣ сабаб бошад, ки Мулло Зайниддин ҳам бо ӯ меомад.

Дар он соат ман аз ташриф овардани мулло ба хонаи мо фоли бад гирифтам ва дилам хавф бурд. Вай ба чӣ кор омада бошад?

Амакам муллоро бурда дар айвон нишонд ва худаш ҳам нишаст. Равшан аз хона чою нон баровард.

– Маслиҳати мепурсидагиам аз шумо ҳамин буд,– гуфта амакам ба сухан даромад. Ман дар пушти девор гуфтугӯйи онҳоро шунида истода будам. – Худатон медонед мо камбағал бошем ҳам, лекин хӯҷа ҳастем, – суханашро давом дод амакам. – Ман сағираро намондам, аммо вай гапи маро нагирифта гурехта ба уштилхона рафт… Акнун шумо чӣ маслиҳат медиҳед, тақсир, ман чи кор кунам?

– Асло розӣ нашавед! – гуфт Мулло Зайниддин.–Дар мактаби кофирӣ «каломи шариф» намехонанд, фарзандони мусулмонро аз дин мегардонанд. Ҳеҷ розӣ нашавед,–боз таъкид кард мулло.–Акнун шумо ба ҷойи падараш падар ҳастед, мурдаю зиндааш дар дасти шумост.

Ман суханҳои ӯро шунида дар дилам мегуфтам: «Худат-ку моро нахонондӣ, акнун намемонӣ, ки дар мактаби нав рафта хонем!»

– Фикри худи ман ҳам ҳамин, – мегуфт амакам ба мулло. – Ман ба вай гуфта будам, ки «агар ба мактаб

равӣ, зада поятро мешиканам, аз хона пеш мекунам». Эҳтимол аз ҳамин сабаб бошад, ки вай то алҳол ба хона намеояд. Метарсад.

Амакам муллоро гусел карданӣ шуда бо вай баромада рафт.

Ман зуд аз девор ҷаҳида ба ҳавлиамон гузаштам. Янгаам Кароматъ абрувонашро чин карда ба ман гап назад. Фаҳмидам, ки вай ҳам аз ман хафа шудааст. Янгаам ба ман хӯрок ҳам надод, гарчанде медонист, ки ман аз пагоҳ боз ҳеҷ чиз нахӯрдаам.

Ман китобу дафтару каламамро ба даруни куртаам андохта оварда будам ва ҳозир онҳоро муҳофизаткунон беихтиёр даст бар сина мефушурдам.

– Вай чӣ? Дар даруни куртаат чӣ дорӣ? – бо қаҳр пурсид янгаам.

– Китоби «Ҳафтяк», – ҷавоб додам ман.

Янгаам назди ман омаду китобу дафтарро аз бағалам берун бароварда, кушода нигоҳ кард. Чашмаш ба суратҳои китоби алифбо ғалтида буд, ки ранги рӯяш канд. Китобро ба замин партофта фарёд зад, ки:

– Ҳоло «Ҳафтяк»-ат ҳамин? Ту ҳоло китоби муборакро ҳам масхара мекардагӣ шудӣ?! Мулло Зайниддин рост гуфта будаанд, мактаби кофирҳо аллакай фикри туро вайрон кардааст!.. Худоё, тавба, ин китоб ҳамааш сурат-а! Тезтар гум кун наҳсу наъбатро! Ман намемонам, ки ту инро дар хона нигоҳ дорӣ: фариштаҳо аз хонаи мо мегурезанд!

Ин барои ман боз як мушкили нав буд, ки ман онро пешбинӣ накарда будам. Аз рӯйи эътиқоди динӣ, дар хонаи мусулмон ҳеҷ гуна расму сурат набояд бошад, вагарна «фариштаҳо мегурезанд» ва ҷойи онҳоро шайтонҳо мегиранд. Бо янгаам мубоҳиса карда нишастан фоида надошт. Ман китобу дафтарамро боз дар бағал гирифта ба айвон баромада нишастам. Аз маъюсӣ ва дилшикастагӣ ҳатто гуруснагиамро ҳам ҳис намекардам.

Дар ҳамин вақт аз дарвоза амакам пайдо шуда монд. Вай маро дар айвон дида ҳайбаткунон ба сарам омаду:

– Падарлаънат, ту чаро гурехтӣ? Чаро гапи маро ба замин партофта ба мактаби кофирҳо рафтӣ? – гуфта ба рӯям як торсакӣ зад. Рӯям лаввас карда рафт, аммо ман худро ба даст гирифта, гиря накардам. Янгаам аз хона баромада «ба алов равған рехт»:

– Вай аз мактабаш китоби суратдор овард! – хабар дод вай ба амаки хашмгирифтаам.

Амакам китобро аз бағали ман кашида гирифтанӣ шуд, лекин ман худамро ба замин партофта, китобро бо бадани худам муҳофизат карда, фарёд задам, ки:

Намедиҳам! Агар даст расонед, ман рафта арз мекунам!

Вай китобу дафтарро бо зӯрӣ аз ман рабуданӣ мешуд, аммо ман ба китобу дафтарам сахт часпида гирифта будам ва дар замин ғел зада, онро аз даст намедодам.

Аз ин пеш амакам маро ҳеҷ назада буд ва ҳоло ба ман дигар даст нарасонд. Дид, ки ман китобу дафтарамро сахт муҳофизат мекунам ва онро аз дасти ман зада гирифтан осон нест, аз ман дур шуд ва гуфт:

– Дониста мон, ки ба мактаб намеравӣ. Ман тарбиякунандаи ту, васии ту ҳастам, гунаҳгор шудан намехоҳам.

– Аз мактаб намемонам, кушед ҳам меравам! – ҳунгас зада гуфтам ман.

– Намеравӣ! Ман намемонам, ки ту кофир шавӣ!

– Ба шумо ин гапро Мулло Зайниддин ёд додагӣ! Худи вай аз Худо наметарсад: моро фанд дода ба ҳезумчинӣ андохт; ҳезумашро чида кашонда дода будем, ки аз мо гурехт. Ин фиребгарӣ нест? Гуноҳ нест?

Ман пештар ҳеҷ гоҳ ба амакам гап нагардонда будам. Ятимонро аз раҳму шафқати Худо маҳрум, худоғазабкарда мешумурданд, бинобар ин онҳоро ҳар кас

метавонист хор кунад. Гарчанде ятимон аз саҳар то шаб мурда-мурда кор кунанд ҳам, бо ин ҳама пояндагонашон онҳоро «агар ман туро оварда намепоийдам, ту кучук барин мурда мерафтӣ, кӯрнамак!» гуфта миннат мекарданд. Ятим ҳаққи гапгардонӣ ва худҳимоякунӣ надошт.

Лекин ман дар он дамончунон озурда ва аламзадаи беадолатӣ шуда будам, ки дигар токат карда натавониста қарор додам ҳуқуқи мактабхонии худро мудофиа намоям.

Амакам:

– Медонам, Мулло Зайниддин кори нағз накард, лекин ҳар чӣ ҳам бошад, ман туро дар мактаби кофирҳо хондан намемонам! – гуфта сухани пештараи худро қувват дод.

– Мусулмон ғаллаи шуморо хӯрда рафта буд, «кофир» аз вай рӯёнда дод-ку, дарров аз ёдатон баровардед? – якбора дод задам ман.

Дидам, ки амакам як дараҷа аз шасташ фуромад. Ман фарёдкунон воқеаҳои гузаштаро ба ёди вай овардан гирифтам:

– «Гапи далот рост будааст: якта аскари кофир аз садта мусулмони бой беҳ» гуфтагӣ кӣ буд? Дарёи Оҳангарон аз ёдатон баромад? Савдогари мусулмон моро бо аспаш аз дарё гузаронда мондан нахост, аскари сурхи урус гузаронда монд!.. Гандуми сафедро ба мо кӣ медиҳад? «Кофир» медиҳад! Нони сафед ширин-мӣ?!! – Амакам дармонда чӣ гуфтанашро надониста ба ман нигоҳ карда меистод. Ман – ин дафъа бо гиряи аламнок – диламро холӣ кардан гирифтам: – Босмачиёни мусулмон падари моро дошта заданд... Дар Қурама чизҳои моро толон карданд... Китоби суратдори маро нобуд карданд... Хонаи моро луб-луччак карда рафтанд... Онҳо шуморо ҳам қариб зада кушта буданд. Ҳамааш аз ёдатон баромадааст-дия?!

Амакам ба суханҳои ман мулзам шудагӣ барин, ғур-ғуркунон ба хона даромада рафт.

Ман бошам, боз аз ақибаш фарёд задам, ки:

– Ман аз хонаатон баромада меравам‑у лекин аз мактаб намемонам: одамҳои нағзро қаҳт назадааст, ба ман ҳам ягонта ғамхор ёфт шуда мемондагист.

Ман дар замин нишаста будам ва китобу дафтарамро маҳкам дар бағалам нигоҳ дошта, зор-зор гириста гап мезадам.

Дигар аз хона ғур-ғури амакам шунида намешуд. Янгаам низ худро нишон намедод. Донистам, ки ман ғалаба кардам.

Пагоҳии дигар барвақт хеста, китобу дафтару қаламамро аз таги болиштам гирифта, як коса атоларо бо як бурда нон хӯрда ба мактаб давидам.

Аз ҳамон рӯз сар карда, ман ба мактаб рафтан гирифтам, амакам ва янгаам дигар ба ман даст накофтанд.

Ҷӯраи ман Маҳмуд ҳам аз дунболам ба мактаб рафта буд, аммо вай рӯзи сеюм ба дарсхонӣ наёмад. Муаллим ба мо фармуд, ки аз вай хабар гирем ва сабаби наомаданашро дониста биёем.

Маҳмуд дар тарбияти падари солхӯрда ва модарандараш буд. Он рӯзҳо чолу кампир ҷангӣ буданд, кампир ба ким-куҷо баромада рафта буд. Падари Маҳмуд пирамарди золиме буд, ки бо андак баҳона писарашро дошта задан мегирифт.

Баъди дарс мо бо Солеҳ ба хонаи Маҳмудино рафтем. Онҳо дар як ҳавличаи нимвайрона ва дар яккахонае, ки ҳатто айвон ҳам надошт, истиқомат мекарданд. Ҳавлиро мо холӣ ёфтем, дари хона ҳам маҳкам буд. Баногоҳ аз даруни хона овози гиря баланд гардид. Ман ба таги дар рафта пурсидам:

– Маҳмуд, ту-мӣ?

– Ҳа, ман... – шунида шуд овози рафиқи мо.

– Барои чӣ туро дар хона маҳкам карда рафтаанд? Чаро гиря мекунӣ?

– Дадом китобу дафтарамро даронда ба оташдон партофтанд, қаламамро шикастанд.

Қалам чизи камёб ва дар баробари китобу дафтар барои мо «азизу тӯтиё» буд. Чун дар мактаб қалам намерасид, муаллим маҷбур мешуд, ки як қаламро шикаста ду-се пора карда ба шогирдон тақсим намояд. Қалами Махмудро нобуд кардани падараш барои рафиқи мо бадбахтии калон буд.

– Дадом маро аз барои ба мактаб рафтанам зада дар хона маҳкам карда монданд: «як ҳафта аз хона намебароӣ» гуфтанд, – хабар дод Маҳмуд.

Мо хостем, ки рафиқамонро аз ҳабс озод кунем, аммо дари хона қуфл задагӣ ва даричааш ҳам бо занҷир маҳкам кардагӣ буд. Занҷири даричаро кушоданӣ шудем, аммо вай баланд буд, қадамон нарасид. Пас якто чӯб ёфта оварда, ба воситаи он занҷирро аз ҳалқааш баровардем. Маҳмуд якбора фарёд зад ки:

– Накушоед, дадом боз маро мезананд!

Дар ҳамин вақт ноҳост падари бадқаҳри Маҳмуд–Шокирамак пайдо шуда монд. Вай чӯбро аз дасти Солеҳ зада гирифта, ба мо ҳамла кард, мо гурехтем.

Рӯзи дигар мо воқеаро ба муаллимамон хабар додем. Муаллим баъди дарс бо ҳамроҳии мо ба хонаи Шокирамак равон шуд.

Вай дари берунро тақ-тақ карда буд, ки худи пирамард баромад. Ману Солеҳ аз дуртар ба гуфтугӯйи онҳо гӯш карда истодем. Муаллим пас аз салом-алек кардан пурсид:

– Чаро писаратонро мактаб рафтан намемонед?

– Писар писари ман! – Бо қаҳру ситеза ҷавоб дод Шокирамак. – Ҳар чӣ хоҳам мекунам.

–Охир, мо мактабро барои писари шумо барин бачаҳо кушодаем, онҳо бояд хонанд!

– Истед, ки худи шумо кистед? – моҷароталаб шуда пурсид пирамард.

– Ман муаллим ҳастам.

–Домулло ҳастам, гӯед! – тамасхуромез гуфт Шокирамак, дасташро аз таги ҷомааш гузаронда ба пушт гирифта ва нимхам шуда. – Домулло бошед, барои чӣ саратон бе салла? Ман шумо барин «домуллоҳо»-ро дар самоворхонаҳо бисёр мебинам! Бачаҳо аз шумо чӣ ёд мегиранд? Ман писарамро дар мактаби шумо намехононам! – падари Маҳмуд инро гуфта, ба ҳавлиаш даромаду рафт.

– Ман аз болои шумо ба идораи ҷамоа арз мекунам, – гуфт муаллим аз қафои вай.

Шокирамак аз дари ҳавлӣ сарашро бароварда:

–Арз кунед, кардан гиред, ман ҷинни нашудаам, ки писарамро дар мактаби шумо хононда кофир кунам! – гӯён ҷавоб гардонду боз дарашро пӯшид.

Ҳамин тавр, гуфтугӯйи муаллим бо он пиракии ҷоҳил натиҷа набахшид.

– Нодон! – бо хашмгинии аламнок хитоб кард муаллим. – Ба вай гап фаҳмондан мушкил!

Дар бозгашт муаллим ба мо мегуфт, ки ин хел ҷоҳилон ба худашон, ба фарзандонашон ва ба ҷамъият зарари калон мерасонанд...

## БЕКАСӢ

Охирҳои тирамоҳ буд – рӯзҳо хунук шуда меомаданд, шабҳо бошад, киров меборид. Мо ҳама дар даруни хона хоб мекардем, танҳо амакам ҳанӯз ҳам дар айвон мехобид.

Инак, вай шамол хӯрда касал шуда монд.

Янгаам Кароматт шабона се-чор бор хеста барои амаки беморам ордоб пухт. Вай ҳар дафъа маро бедор карда, барои об овардан ба чашма мефиристод.

Ман сатилро гирифта, аз хонаи нимравшан баромада ба торикӣ дохил мешавам. Дар зулмати шаб маро ваҳм мегирад. Ба ҷину аҷинаҳо бовар мекунам ва аз

онҳо мурданивор метарсам. Дар сари роҳам ҳар як санг ё пуштаи хок ба ман деву аҷинаю албастӣ барин менамояд; дар торикӣ ба назарам калон-калон чашмҳои оташбор намоён мешаванд; ана ду, се, чор чашм рост ба ман дӯхта шуда, дар баҳри тираву тор ба сӯям шино мекунанд. Ман сатили об дар даст бо дили ҳаросон ва тани ларзон тез-тез ба хона медавам...

Янгаам маро бори сеюм ба об мефиристад. Шаб аз ним гузаштагӣ, торик, осмон ҳам тира ва ситораҳо нопадид. Ногаҳон ба сари роҳи ман аз ким-куҷо як гурба ҷаҳида мебарояду қарор мегирад. Чашмони шуълаборашро ба ман дӯхтааст ва намеҷунбад... Ман аз тарс бо тамоми овозам «вой дод!» гуфта фарёд мезанам, сатил аз дастам афтида обаш ба таги поям мерезад. Чашмони шуълабор нопадид мешаванд, ман сатилро аз замин мебардорам. Барои об боз гашта ба чашма рафтан воҳиманок аст, ман бо сатили холӣ давон-давон ба хона меоям. Аъзои баданам меларзад, дандон ба дандон монда наметавонам. Ба янгаам мегӯям, ки навакак як аҷина, ки чашмонаш лахча барин лаввас мекарданд, пеши роҳи маро гирифт...

– Дар куҷо?

– Дар наздикии масҷид.

– Аҷина дар наздикии масҷид намегардад, аз масҷид метарсад; ягон пишак ё кучукча будагист. Агар тарсӣ, якчанд бор «қулҳу оллоҳ»-ро хонда ба ду паҳлуят куф-суф кун – ҷину аҷина мегурезад, дилат таскин меёбад.

Инро гуфта янгаам аз нав маро ба об мефиристад.

Ман бозноилоҷ сатилро гирифта берун меравам. Аз тарс маҷоли пой бардоштанам нест, бехудона қадам мезанам. Ҳарчанд «қулҳу оллоҳ»-ро такрор мекунам, тарсам бартараф намешавад ва «дилам таскин намеёбад». Намедонам кадом қувва маро ба сари чашма бурд. Сатилро ба новача меовезам, аммо вай ҷарангос зада ба замин меафтад. Ба гумонам ин ки аҷинаҳо онро аз дастам

рабуда бар санг заданд. Шар-шари об ба гӯшам мисли қаҳ-қаҳ ва ҳангомаи аҷинаҳо мерасад, гӯё ки онҳо дар сари чашма ҷамъ шуда, маро масхара карда механданд.

Ман сатилро аз замин бардошта, ин дафъа вайро ба новача наовехта, балки дар таги он нигоҳ медорам, ки аз об пур шавад. Муддате дошта меистам, аммо сатилам ҳеҷ пур намешавад. Хам шуда нигоҳ кунам, ки сатилро аз шаршара як-ду ваҷаб инсӯтар дошта истодаам.

Дар ҳамин вақт аз дуртар овози таронаи ким-кадом марди раҳгузар баланд мегардад ва ин овози одамизод мани нимбеҳушро ба ҳуш меоварад. Ваҳму ҳаросам барҳам мехӯрад ва ман акнун ҳатто дар дилам ба тарсончакии худам хандида сатиламро пур карда ба хона равон мешавам…

Пагоҳӣ амакам қазо кард.

Як рӯз аз мактаб омада бинам, ки Мухтор дар хона танҳо нишастааст. Соате гузашт, ҳеҷ кас наёмад.

Ман фақат акнун ба атрофам нигоҳ карда, хонаро аз чизу чора холӣ дидам. Танҳо як кӯрпаи кӯҳнае ки ману Мухтор дар он мехобидем, монда буд.

Маълум шуд, ки янгаам дуйи моро ба тақдир ҳавола карда, худаш бо бачагонаш ба хонаи дигар кӯчида рафтааст.

Дертар вай ба назди мо омада гуфт:

– Ман як зани муштипар ҳастам, шуморо пойида наметавонам, бачагони худамро поям ҳам хуб гап. Равшан бо Ҳасан ба хонаи модаркалонашон рафтанд… Акнун ту, Собир, гами худат ва додаратро хӯр… Аз дасти ман ҳеҷ кор намеояд…

Ман дар хонаи холӣ сарамро ба болои сандалӣ гузошта фикр мекардам, ки акнун чӣ бояд кард, чӣ гуна бояд зист. Мухтор бошад, чашмони маҳзунашро мададхоҳона ба ман дӯхта ором менишаст ва ҳеҷ чиз намепурсид, ҳатто гиря ҳам намекард ва ҳол он ки, ман медонистам, вай ҳам монанди ман гурусна аст. Ба чашми

ман ҳам об намеомад, дилам санг гашта буд. Худи ҳамин ҳол ба ман баъди вафоти падарам ва моро партофта рафтани модарандарамон ҳам рӯй дода буд. Аммо дар он вақт ман худро ин андоза ғариб ҳис намекардам, зеро ба ҳар ҳол амак доштам.

Акнун, мо мададгоре надорем, ман бояд худам мустақилона тадбири ҳоли худам ва додарамро бинам.

Ман метавонам ба дари ягон кас рафта ятиму хизматгор шуда рӯзамро гузаронам, – фикр мекардам ман, – лекин Мухтор чӣ? Магар ягон кас розӣ мешавад, ки ҳам маро ва ҳам додари маро нигоҳбонӣ кунад? Не, ҳеҷ кас розӣ намешавад. Мухтори хурдсол ба ҳеҷ кас даркор нест.

Баъди фикру хаёли дурудароз ман ба ҳамин қарор омадам, ки Мухторро ба Қизилтеппа, ба хонаи аммаам бурда монам ва худам ба дари касон равам.

Аммо ҳозир пеш аз ҳама бояд ягон хӯрданӣ ба даст оварда Мухторро хӯронам.

Дар маҳаллаи мо Хайрӣ ном амакзодаи ман зиндагӣ мекард, ки шавҳар ва бачагон дошт. Писари калонии ӯ Сайфулло ҳамсоли ман буд. Шавҳараш ҳафтаҳо ва моҳҳо аз хонаи худ ғоиб шуда рафта дар ким-кучоҳо мегашт, Хайрии серғайрат ва меҳнатдӯст, худаш танҳо сарашро ба чор тараф зада ризқу рӯзии бачагонашро пайдо мекард.

Ман ба хонаи ӯ рафтам.

– Хайриапа, ман Мухторро ба Қизилтеппа бурда монданӣ ҳастам, аммо вай ҳозир гушна… аз пагоҳ боз ҳеҷ чиз нахӯрдааст…

–Вайро даррав ба ҳамин ҷо гирифта биёр, ман шӯлла пухтам, мехӯред, баъд вайро ба Қизилтеппа мебарӣ, – таклиф кард Хайрӣ.

Ман Мухторро гирифта овардам, занак ба дуйи мо як коса шӯлла дод. Аз афти кор, ранги зарди маро дида ба ҳолам ва фикру андешаҳоям пай бурда буд, ки гуфт:

– Майлаш, Мухторро ба пеши аммаат бурда мону худат дар хонаи мо ист. Бо Сайфулло ҳар дуят ба мактаб рафта хонда гаштан мегиред.

Мактабхонӣ ғами асосии ман буд, бинобар ин ман аз ин таклифи Хайрӣ хурсанд гардидам. Дар дилам мегуфтам, ки аз ман ба ин оила малол намерасад, ман обу ҳезуми ӯро кашонда ҳам бошад як бурда нони мехӯрдагиамро ҳалол карда мехӯрам.

Хайрӣ ба ману Мухтор якто нони зағора дода, моро ба Қизилтеппа гусел кард.

Ман Мухторро дар пуштам гирифта ба роҳ даромадам.

Масофа то Қизилтеппа шаш-ҳафт чақрим меомад. Зимистон ҳоло набаромада, ҳаво хунук буд, ман ҳанӯз ҳам мӯзаи куҳнаамро, ҳамон мӯзаеро, ки падарам як вақтҳо дар Тошканд харида дода буд, пӯшида мегаштам, ки камаш даҳто ямоқ дошт ва боз даҳ ҷойи дигараш ҳам дарида, пушти пошнааш канда шуда афтода буд. Мухтор бошад, пойлуч буд, ман ӯро дар пуштам гирифта, пойҳояшро ба бари ҷомаам печонда мебурдам. Ҳар гоҳ ки монда мешудам, вайро дар ҷойҳои бебарф ба замин мефуровардам, вай дасти маро гирифта, почаҳои хунукхӯрдаашро оҳиста-оҳиста монда каме роҳ мерафт. Ҳамин ки қитъаи замини бебарф тамом шуда боз барф сар мешуд, ман ӯро аз нав ба пуштам мегирифтам.

Бо ҳамин машаққат мо роҳи яксоатаро камобеш дар се соат базӯр тай кардем.

Аммаи солхӯрдаи қизилтеппагиам зани саводноқ буд, ҳатто духтарбачагони деҳаро мехононд. Се писар дошт, ки кенҷааш бо ман ҳамсол буд. Шавҳараш як пирамарди нуронии қадбаланди андак хамидақомат ва ҳоҷӣ буд. Онҳо аз мулку мол фақат як порча замин, як хару як ғуноҷин доштанд ва камбағалона зиндагӣ мекарданд. Писари калонии аммаам ба қошуқтарошӣ ва писари миёнааш ба қуфлсозӣ машғулӣ мекарданд.

Аммаам моро бо меҳрубонии ғамгусорона истиқбол карда, ба тарбия намудани додараки сағири ман розӣ шуд.

Мухтор модарамон ва ҳатто падарамонро ҳам ба ёд надошт, кӯдак буд – ҳеҷ чиз намефаҳмид. Вай пас аз таом хӯрдан ва дар сандалӣ гарм шудан ба айвон баромада дар пеши аммазодаи қуфлсозам бо қуфлу калидҳои ӯ саргарми бозӣ шуд. Аммо вақте дид, ки ман рафтанӣ ҳастам, ба доманам часпида гиря бардошт. Вай дар он хонавода бе ман зиндагӣ кардан намехост. Вайро партофта рафтан ба ман ҳам мушкил буд, аммо ман чора надоштам.

Ин кӯдаки сарсахт чӣ азобҳое, ки накашид! Вай ба ҳамаи талхиҳои ятимӣ, ба гуруснагӣ, гармою сармо, касалиҳои пай дар пай тоб меовард ва мисли ин ки барои ҳастии худ афв металабида бошад, доим ба одамҳо бо як навъ лабханди узрхоҳона нигоҳ мекард.

## ИМТИҲОНИ ХАЛҚӢ

Саҳни масҷиди калони деҳаи мо васеъ ва ҳамвор, миёнҷояш чимзор аст. Дар як канори чимзор партаҳои мо гузошта шудаанд. Дар пешгаҳ, дар паси стол се кас нишастаанд: яке муаллими мо Сулаймонов, дуи дигар – муаллимони аз Тӯс омадагӣ; як нафари онҳо, Азиз Карим ном ҷавони миёнақади фарбеҳ, ки дар танаш куртаи сафеди озода ва дар сараш тоқии чустӣ, мӯйи сараш ва ришу мӯйлабаш покиза тарошидагӣ буд, коркуни шуъбаи маориф будааст.

Аз чорсад нафар зиёдтар халқ ҷамъ шуда буд. Одамҳо бар рӯйи чимзори сабз гурӯҳ-гурӯҳ шуда менишинанд. Дар ҷойҳои дуртар тӯда-тӯда занҳои фаранҷинок истода буданд. Дар як сӯ – як гурӯҳ муллоҳои салласафед.

Шогирдон партаҳои худро ишғол карданд.

Азиз Карим аз ҷо бархоста, ба халқ муроҷиат карда нутқ эрод намуд:

– Ҳозир мо ба шумо, падару модарони азиз, дар мобайни ҳафт моҳ дар мактаби нав чиҳо ёд гирифтани фарзандонатонро нишон медиҳем. Ҳозир шумо бо чашми худатон мебинед ва бовар мекунед, ки мактаби нав тез саводи бачагонро мебарорад. Мақсади ҳукумати коргару деҳқони мо ин аст, ки халқи меҳнаткаш зудтар аз торикию нодонӣ халос шавад. Мактаби нав мактаби халқӣ аст, вай бояд дар байни халқ дониш паҳн кунад ва дар ҳақиқат ҳам паҳн мекунад. Ман бовар дорам, ки вақти фарзандони шумо беҳуда нарафтааст. – Азиз Карим табассум намуда ба тарафи мо шогирдон нигоҳ карда суханашро давом дод: – Онҳо имрӯз ба шумо исбот хоҳанд кард, ки гапҳои бадномкунандагони мактаби нав ҳама нодуруст ва тухмат будааст ва одамҳои нодоне, ки ба он гапҳо бовар мекарданд, хато карда будаанд. Фарзандони шумо дар ин ҳафт моҳ то як дараҷа хатхонӣ ва хатнависиро ёд гирифтанд, соли оянда хату саводи онҳо, албатта, расотар хоҳад шуд.

Азиз Карим баъди ин нутқи кӯтоҳи худ ба муаллим таклиф намуд, ки шогирдонро ба тахта бароварда имтиҳон кунад.

Муаллим Сулаймонов як бачаи хушзеҳн ва пешқадамро ба назди тахта чеғ зад.

Дар байни «тамошобинон» одамҳои саводнок кам набуданд ва инчунин якчанд нафар муллоҳои калони дар мадрасаҳои Хӯҷанд, Намангон ва Бухоро хонда низ ҳозир буданд: дар пеши онҳо ба тахта баромада имтиҳон додани мо, гуфтан мумкин воҳиманок буд.

Ҳамсинфи мо тарсону ларзон дар пеши тахта рост меистод. Муаллим ба вай имло кард:

– Навис: «Ман шогирди мактаби нав ҳастам».

Бача андак саросема шуда, дар рӯйи тахтаи сиёҳ нақши сафеди ҳарфҳои арабиро кашидан гирифт.

Азиз Карим ҳар дам ба вай:

–Шарм надор, дар ин ҷо одами бегона нест, ҳама падару бобоён ва бародарони худат нишастаанд, – гуфта, дили вайро бардошта мемонд.

Рафиқи мо гарчанде бо дасти ларзон бошад ҳам, ҷумларо дуруст навишт. Вай аз саросемагӣ ҳарфҳои навиштаашро дам ба дам бо латта пок карда аз дигар менавишт, ман бошам инро дида бетоқат мешудам ва дар дилам мегуфтам, ки «Барои чӣ муаллим маро набаровард? Ман тез навишта мепартофтам... Лекин эҳтимол дорад маро набароранд, чунки либосам даридагӣ ва чиркин аст».

Азиз Карим ба ҷамоат гуфт:

– Мана, бача дуруст навишт, одамҳои саводнок, ки дар байни шумо ҳастанд, метавонанд инро тасдиқ кунанд. Аз шумоён ҳар кас ҳар бачаеро, ки хоҳад, ба тахта бароварда имтиҳон кунад, марҳамат! Аммо хоҳишмандам дар вақти имтиҳон кардан ҳаминро фаромӯш накунед, ки бачагон фақат хафт моҳ хондаанд.

Як нафар мулло рафиқи ман Солеҳро ба назди тахта чег зад. Солеҳ дар мактаб он қадар нагз намехонд. Мо дидем, ки ранги муаллими мо канд. Солеҳ бо чашми ҳаросон ва хотири парешон, дар ҳолате ки аз тарс ҷоғаш меларзид, ба назди тахта рафт.

– Саросема нашуда навиштан гир, – гуфт ба вай Азиз Карим.

Муллои салладор имло кард:

– Навис: «Ман фарзанди мусулмонам».

Азиз Карим ва муаллимони дигар ба ҳамдигарашон нигоҳ карданд, мо шогирдон ҳам аз ин ҷумлаи имлошуда як дараҷа ҳайрон монда будем, зеро медонистем, ки он мулло ҳар вақт «Фарзанди мусулмонро дар мактаби кофир хондан гуноҳ аст» гуфта мегашт. Рафиқи ман хеле душворӣ кашида бошад ҳам, ба ҳар ҳол ҷумларо навишт, фақат калимаи «мусулмон»-ро ғалат карда «мусмон» навишт.

Вақте ки вай ба обу арақ ғӯтида дар рӯйи тахта бур меронд, мо ба муллоҳо нигоҳ мекардем: онҳо ба якдигарашон чашмак зада ришханд менамуданд. Баъд як нафари онҳо ба муаллими мо бо кинояи талх гуфт:

– Калимаи «мусулмон»-ро навишта натавонист-ку, саводи баровардагиаш ҳамин-мӣ?

– Тақсир, дар пеши ҳамин қадар халқ агар шуморо ба тахта бароварда имтиҳон мекарданд, шумо ҳам донистагиатонро гум карда мемондед! – ҷавоб дод ба вай муаллими мо. – Ҳар чӣ ҳам бошад, бача навишт-ку! Шумо дидед, ки вай як дараҷа навишта метавонад, инро кӣ инкор мекунад?

Муаллим гарму ҷӯшон гап мезад, ба тавре ки бисёре аз ҳозирон ба аломати ризо сар меҷунбониданд. Аз байни онҳо садоҳои «Боракалло! Рост мегӯяд!» баланд гардид.

Пас аз он боз чанд нафар бачаро имтиҳон карданд. Онҳо дар навиштан баъзе хатоҳо мекарданд, лекин муллоён дигар ба он бачаҳо забон намерасониданд: охир, аз бачагоне ки фақат ҳафт моҳ хондаанд, саводи комил талаб кардан хандаовар мебуд!

Аз имтиҳон мақсад як дараҷа хату саводнок шудани шогирдонро нишон додан буд ва ин мақсад ҳосил гардид.

Дар байни мардуми ҷамъомада Мулло Зайниддин ҳам буд. Вай чашмаш ба ман ғалтида гуфт:

– Ку, Собир, ту ҳам баро!

Ман даррав аз парта бархоста ба тарафи тахта хурсандона равон шудам, зеро ҳамаи ҷумлаҳои то ин дам имлошуда ба ман бисёр осон менамуданд.

Зайниддин гардани борикашро ба пеш ёзонда гуфт:

– Навис: «Худои ҳаждаҳ ҳазори олам ба бандагони собиру солеҳаш мададгор ва меҳрубон аст»

Муаллим Сулаймонов аз ман пурсид:

– Навишта метавонӣ?

– Метавонам, – бо дилпурӣ ҷавоб додам ман.

Худи ман ҳам ҳис мекардам, ки мулло аз гуфтани ин ҷумлаи дароз ягон мақсади ниҳонии маккорона дорад.

Азиз Карим бо оҳанги оташинӣ ба Зайниддин гуфт:

– Инсоф кардан лозим, тақсир! Шумо, эҳтимол, даҳ-дувоздаҳ сол хонда бошед, лекин шумо ҳам ин қадар гапро дуруст навишта тавонистанатон гумон. Сухани кӯтоҳтар ва содатар гуфтан лозим!

Дар ҳамин вақт овози Содиқамаки анборчӣ, ҳамон анборчие, ки ба ман гандум дода буд, баланд гардид:

– Ман мегӯям! Гапи маро навис: «Ҳукумати Шӯро ба ятимон ғалла медиҳад!» – имло кард вай ва илова намуд:

– Навис, писарам!

Ман ин ҷумларо зуд навиштам ва дар дилам ба Содиқамак, ки боб карда ба даҳони Мулло Зайниддини маккор зада буд, офарин мехондам.

Имтиҳон ба охир расид. Мардум натиҷаҳои онро бо овози баланд муҳокимакунон пароканда мешуданд.

Як деҳқон дар ғазаб шуда мегуфт:

– Писари ман ҳафт сол боз дар мактаби Наҷмиддин-домулло мехонад, лекин то имрӯз ҳам алифро таёқ мегӯяд!

Дигаре ҳасрат мекард, ки:

– Панҷсола умри Ҳасани ман ҳам беҳуда гузашт. Домуллои вай «Одам ҳафт сол хонад, номи худро менавиштагӣ мешавад» мегӯяд! Охир, дар мактаби нав бача дар ҳафт моҳ хату саводашро мебаровардааст-ку!

Савумӣ эълон менамуд, ки:

– Ман писарамро аз мактаби кӯҳна гирифта ба мактаби нав мемонам!

Ин садоҳо ба дили мо шодӣ ва ифтихор мебахшиданд. Мо медидем, ки халқ аз натиҷаҳои таҳсили мо хушнуд аст. Мақсади муаллимон ҳосил шуда буд: мактаби нав бартарии худро нисбат ба мактаби кӯҳна исбот кард.

Ба ҳар кадоми мо яктоӣ қаламу дафтари тоза доданд. Китоби алифбо, ки мо дар аввали таҳсил гирифта будем, ҳамчунин дар дасти худамон монд. Муаллим ба мо гуфт:

– Дар тобистон вақт-вақт китобатонро кушода хонед, ба дафтаратон кӯчонед, хат машқ кунед, то ки чизи ёдгирифтагиатон фаромӯш нашавад!

Таътили тобистонии мо сар шуд.

## ДАР ИНТЕРНАТ

Тӯс монанди бисёр шаҳрҳои Осиёи Миёна ба «шаҳри куҳна» ва «шаҳри нав» тақсим мешуд. Дар «шаҳри куҳна» бештари биноҳо лойин, кӯчаҳо танг ва каҷу килеб; дар «шаҳри нав», баръакс, биноҳо аксар европоӣ, кӯчаҳо рост ва фарох буданд. Интернат дар ҳамин қисми европоии шаҳрча, аз шуъбаи маориф ду-се чақрим дуртар воқеъ шуда буд. Азиз Карим, ки он рӯз худаш ҳам ба он тараф рафтанӣ будааст, маро бо худ гирифта ба интернат бурда монд.

Интернат як бинои панҷхонадорро, ки дар даруни чорбоғе воқеъ шуда буд, ишғол мекард. Бино пешайвони дарозе дошт. Чорбоғ бисёр калон буда, ҳавзҳо дошт ва дар кунҷи канораш чакалакзорҳо буданд. се-чор бех садаи баланду пир ба саҳни ҳавлии интернат соя меандохт ва каравотҳои бачагон дар зери ҳамин садаҳо меистоданд.

Вақте ки Азиз Карим маро ба он ҷо овард, бачагон саргарми бозӣ ва даводав буда, чанде аз онҳо дар турник муаллақ мезаданд, гурӯҳе дар ҳавз оббозӣ мекарданд.

Азиз Карим мудири интернатро наёфта, маро ба сардори бачаҳо – Ҷаббор ном ҷавони якчашма супурд ва фармуд, ки маро дарҳол мӯйи сар тарошонанд ва либоси тоза пӯшонанд.

Ман аз Азиз Карим беҳад миннатдор будам ва намедонистам ин миннатдории худамро ба ӯ чӣ тавр изҳор кунам. Охир, ба воситаи вай ман ба орзуям расида, ба интернат дохил шудам.

Баъди рафтани Азиз Карим як бача бо фармоиши Ҷаббор маро ба сартарошхона бурда мӯйи сарамро тарошонд. Аз он ҷо баргашта будам, ки мудири хоҷагии интернат *(вай ҳам аз худи бачаҳо буда, фақат ба синну сол калонтар будааст)* ба ман як куртаи тозаи чит ва як шими сиёҳи нимдошт дод. Ман соате бо бачагони дигар дар ҳавз машғули оббозӣ шудам ва баъд либоси тоза пӯшида,

худамро сабук, хушҳол ва хушбахт ҳис кардам. Ногаҳон, як бача оҳани дарози ба дарахт овехташударо бо санг сечор бор зад. Бачагон бо шунидани садои ин «занг» давондавон омада дар гирди мизи дарозе, ки ба як кунҷи ҳавлӣ гузошта шуда буд, чой гирифтанд.

Дар байни онҳо ман як нафар шиноси худамро ёфтам, ки номаш Раҳимҷон буд: вай барои дидани хоҳари дар Қизилтеппа истиқоматкунандааш боре ба он деҳа рафта буд ва ман ӯро дар ҳамон ҷо дида шинос шуда будам. Вай ҳам маро шинохт, мо дар паси миз бо ҳам нишастем. Ду бача аз ошхона дар косаҳои мисин мошкичирӣ оварда ба пеши ҳар бача яккосагӣ гузоштанд. Мошкичирӣ ба ман он чунон писанд омад, ки гумон кардам солҳои сол он гуна таоми бомазаро нахӯрдаам.

Баъд аз таом бачагон боз ба ҳар сӯ пароканда шуда, саргарми турникбозӣ, лаптабозӣ ва оббозӣ гардиданд. Ману Раҳимҷон ба оббозикунандагон ҳамроҳ шудем. Бо шӯру ғавғо дар об ғӯта мехӯрдем, шино мекардем, ҳамдигарамонро ба ҳавз тела медодем; баъзе бачагон аллакай бо ҳам даст ба гиребон шуда ҷанг ҳам мекарданд ва мегиристанд.

Бачагон чӣ қадаре ки дилашон хоҳад, бозӣ ва даводав мекарданд, ҳеҷ кас онҳоро манъ намекард ва ягон коре ҳам намефармуд.

Як вақт буд, ки чанде аз шарикони мо ҳаёҳуйкунон аз кӯча як бачаи бегонаро дастгир карда оварданд. Бача гирён буд, рафиқони мо бошад ӯро бо шӯхиҳои дағалона масхара менамуданд, тӯппиашро гирифта ҳаво медоданд, аз гӯшаш мекашиданд, баъзеҳо вайро заданӣ ҳам мешуданд. Баъди як нафас сардори мо Ҷаббори якчашма бачагонро зада-кӯфта пароканда карду бандиро озод намуд ва худаш ҳам ба сари ӯ як мушт фуровард. Ман аз ин воқеа ҳайрон мондам.

–Ҷаббор он бегуноҳро барои чӣ зад? – пурсидам аз Раҳимҷон.

–Ҷаббор бачаи ганда! – гуфт ошноям. – Ҳамаро мезанад. Ту ҳам аз вай эҳтиёт бош.

Дар байни тарбиягирандагони интернат, ки бештаринашон сарутандарида, побараҳна ва шӯхи камодоб буданд, баъзе бачагони хушлибос ва як дараҷа ҳавобаланд ҳам вомехӯрданд. Ман баъд фаҳмидам, ки ин бачагон падару модар доштаанд, аммо аз чӣ сабаб бошад, ки бо вуҷуди ин дар интернат бо ҳамроҳии ятимбачагон истиқомат мекарданд.

Бегоҳӣ Ҷаббор моро ҷамъ карда дар як қатор саф кашонд. Ҳар бача муносиби қадаш дар қатор ҷой гирифт, ҷойи ман ба охир савум ё чаҳорум буд (шояд зиндагонии нимгуруснаи пурмашаққатам сабаб шуда бошад, ки ман дар ду-се соли охир чандон қад накашида будам ва қадам аз ҳамсолони худам пасттар буд).

Тамоми рӯз ман ғайр аз Раҳимҷон бо ҳеҷ кас ҳамгап нашудам ва аз касе чизе напурсидам. Эълон карданд, ки вақти хоб шуд: дар интернат чароғ набуд, бачагон бо фуромадани торикӣ хоб мекардаанд. Ман каравот надоштам, ҳайрон будам, касе ба ман дар куҷо хоб карданамро нагуфта буд. Раҳимҷон маро ба яке аз хонаҳои холӣ, ки фаршаш тахтагин буда, ғайр аз як мизи кӯҳна дар он ҷо ҳеҷ чиз набуд, даровварда гуфт:

– То омадани мудир ана дар ҳамин ҷо, дар замин ё рӯйи ана он миз хоб карда гаштан гир. Ба интернат ҳар рӯз бачагони навро қабул карда истодаанд, каравот, кӯрпаю болишт намерасад.

Ман дар рӯйи миз тоқиамро ба таги сарам ниҳода, пойҳоямро ғундошта ва дастҳоямро дар бағалам халонда хоб кардам.

Пагоҳӣ баъд аз дасту рӯй шустан ба ҳар кадоми мо дуто-дуто нон доданд. Ҳар кас хоҳад, ба ношто ҳар ду нонашро мехӯрд, нахоҳад дар давоми рӯз кам-кам хӯрда то бегоҳӣ мерасонд. Нисфирӯзӣ ва бегоҳӣ хӯроки гарм дода мешуд, аммо бе нон.

Ман бо як нон сер шудам, нони дуюмамро ба таги болишти Раҳимҷон пинҳон карда мондам, ки агар то хӯроки нисфирӯзӣ гурусна монам, мехӯрам.

Се маҳал хӯрок барои ман хӯроки серӣ буд ва ҳатто зиёдатӣ ҳам мекард. Шикамам ки сер буд, аз набудани каравоту бистар ҳам парво намекардам. Шоду бегам зиндагонӣ менамудам. Вақтам бисёр буд, китоби алифборо такрор мекардам, якто-нимто китобҳои дигарро ҳам, ки рафиқонам доштанд, гирифта мехондам ва дар ҳама бозиҳои бачагони гарму ҷӯшон ҳамроҳӣ менамудам.

Ягона вазифаи ҷамоатии мо дар ошхона навбатдорӣ кардан буд. Ҳар рӯз ду бачаро навбатдор таъин мекарданд, навбатдорон се километр роҳ паймуда ба шаҳри кухна рафта аз ким-кадом анбор биринҷ ё мош гирифта меоварданд ва баъд аз он ба кори ошпаз ёрӣ медоданд; обу хезум мекашонданд, пиёзу картошка пок мекарданд, дегу коса мешустанд.

Интернат ба ман бисёр маъқул буд. Мо рӯзи дароз бозӣ мекардем, дар кӯчаву боғ даводав менамудем, тарона мехондем; тамоман озод будем.

Машғулияти фикрии мо аз шунидани қироати рӯзномаи «Фарғона» ва суҳбати донишҷӯй Шамсуллоев иборат буд. Рӯзномаро Ҳусайн ном бачае, ки аслаш аз Намангон буда, дар байни мо аз ҳама саводноктар ба шумор мерафт, аз ким-куҷо ёфта оварда, ба мо бо овози баланд хонда медод, мо дар гирди ӯ зич нишаста гӯш меандохтем; вай нағзу бурро мехонд. Донишҷӯйи хушфеъл ва хушмуомила Шамсуллоев талабаи рабфаки[1] Тошканд буда, бо мо дар бораи Инқилоб, Ленин, Артиши Сурх суҳбат мекард. Вай гимнастёркаи ҳарбӣ пӯшида мегашт, гимнастёркаи ӯ дар синааш се рахи кабуд дошт. Шамсуллоев пеш аз дохил шуданаш ба рабфаки Тошканд,

---

[1]. Факултаи коргарӣ.

яъне аз ин як сол муқаддам, дар кӯҳҳо бо ҳамроҳии аскарони сурх бар зидди босмачиён меҷангидааст.

Вай дар интернат бозиҳои ҳарбӣ мегузаронд. Мо понздаҳ-бист адад милтиқи бозичагӣ доштем, роҳбари бозиҳои ҳарбии мо тақрибан ҳар рӯз моро дар рӯйи ҳавлии интернат қатор карда бо милтиқчаҳо мусаллаҳ менамуд. Баъд аз он мо лашкарвор саф кашида ва солдатвор пой кӯфта аз интернат ду километр ба дашт мерафтему дар он ҷо машқи «ҷанг» мегузаронидем.

Шамсуллоев моро ба ду даста тақсим мекард, як даста пештар рафта камин мегирифт, дастаи дигар онро кофтуков карда, ёфта ба «ҷанг» медаромад. Аммо аксар вақт мо «душман»-ро кофта намеёфтем, он гоҳ худи «душман» баногоҳ аз камингоҳаш ҷаста ба мо ҳамла мекард. «Ҷанги тан ба тан» сар мешуд. Ҳар касе, ки ба замин меафтид, кушташуда ҳисоб меёфт ва ҳар касе ки яроқашро аз даст медод, асирафтода ба шумор мерафт. «Кушташудагон» ва «асирон» аз бозӣ мебаромаданд. Оқибат кадом дастае, ки одамаш камтар монад, мағлубшуда ҳисоб меёфт.

Баъди «ҷанг»-и як-дусоата мо ба интернат баргашта, милтиқҳоямонро ба мудири хоҷагӣ месупурдем.

Ин бозиро ҳамаи мо писандида будем. Шамсуллоевро ҳамаамон дӯст медоштем. Худи вай ҳам ба бозии мо бо шавқу ҳаваси тамом роҳбарӣ мекард.

Шамсуллоев ҷавони илмнок буда, русиро нағз медонист, мо ӯро ҳурмат мекардем. Вай дар вақти машқ ва бозиҳои ҳарбӣ аз мо итоати бечуну чаро талаб мекард, вайронкунандагони интизомро сахт танбеҳ менамуд. Ҳар гоҳ ки аз даҳони ягон бача лафзи қабеҳ мешунид, бисёр оташин мешуд. Гарчанде бештарини бачагон ба бесарӣ мойил бошанд ҳам, дар ҳузури Шамсуллоев худро баодоб ва боинтизом нигоҳ медоштанд ва ин на аз рӯйи тарс, балки аз рӯйи эҳтиром ва муҳаббати онҳо нисбат ба Шамсуллоев буд.

Баъзе бачагон ба ман ким-чӣ гуна хатчаҳои русиро бароварда нишон дода: «Дидӣ, ман кашшоф[1] ҳастам, ана ин шаҳодатномаи ман аст» мегуфтанд. Ман чӣ будани кашшофро намедонистам ва худи соҳибони «шаҳодатнома»-ҳо ҳам онро дуруст намефаҳмиданд, бинобар ин, дар вақтҳои аввал он хатчаҳо ба ман як навъ асроромез менамуданд, аммо кам-кам дар ман ҳам майли кашшоф шудан ва «шаҳодатнома» гирифтан пайдо гардид.

Шамсуллоев бо ман муомилаи нағз мекард ва ман як рӯз ба ӯ гуфтам:

– Ако, шаҳодатномаро кӣ медиҳад? Ман ҳам кашшоф шудан мехоҳам.

– Агар кашшоф шудан хоҳӣ, шаҳодатнома гирифтан мушкил не, – гуфт вай ва аз сумкаи сафариаш як порча коғаз бароварда, чизе навишта ба ман дароз кард. – Мана шаҳодатнома.

Минбаъд ин коғази дар ду дақиқа навишташуда бояд гувоҳӣ медод, ки ман, Собир Умаров, кашшоф ҳастам. Ман «шаҳодатнома»-амро беш аз як сол эҳтиёт карда нигоҳ доштам.

Рӯзе аз рӯзҳо Шамсуллоев моро марш дода, аз Тӯс се-чор километр дуртар ба тарафи деҳаи Ҳисорак бурд. Мо дар наздикии деҳа машғули бозӣ шудем. Баъзе бачагон ба полизу мевазорҳои деҳқонон бо чашми тамаъ нигоҳ мекарданд, лекин Шамсуллоев иҷозаташон намедод, ки ба он тарафҳо қадаме гузоранд. Бо вуҷуди ин, Ҳидир ном як бача худсарӣ карда ба полизи деҳқоне даромада, як дона харбузаашро канда овард. Деҳқон хабардор шуда Ҳидирро таъқиб кард, ӯ харбузаро гирифта гурехт. Шамсуллоев дар хиҷолат монда, сахт

---

[1]. **Кашшоф** – пионер. Дар он вақтҳо пионерро ҳамин тавр меномиданд.

оташин шуд. Вай аз деҳқон узр хост ва моро ба наздаш ғун карда гуфт:

–Ман бо шумо ба таври ихтиёрӣ машғулият мегузаронам, маро ҳеҷ кас ба ин маҷбур намекунад. Мақсади ман ин аст, ки шумо ҳам вақти хуш гузаронед ва ҳам баъзе чизҳоро ёд гиред. Лекин агар шумо маро дар пеши мардум шармсор мекарда бошед, ман маҷбур мешавам, ки аз машғулият даст кашам ва аз интернат ҳам поямро канам.

Мо ғавғо бардошта гуфтем, ки бо касофати як нафар бачаи бесари бадахлоқ мо намехоҳем аз раҳбари дӯстдоштаамон ҷудо шавем, қавл додем, ки вай минбаъд ҳаргиз ба туфайли мо шармсор нахоҳад шуд ва талаб намудем, ки вай ба воситаи Ҷаббор ва мудири интернат Хидирро ба ҷазои сахт расонад ва ҳатто аз интернат хориҷ кунонад.

Шамсуллоев аз суханҳои мо шод шуда бошад ҳам, озурдагиаш аз кирдори он бачаи шум кам нашуда буд. Вай дар сари ғазаб қасам хӯрд, ки:

– Агар ман он бадкирдорро аз интернат хориҷ накунонам, ба рӯям туф кунед!

Хидир аслаш аз деҳаи Қӯрғон буд, ки зодгоҳи модари ман ҳам он ҷост. Хидирро ман дер боз мешинохтам: дар вақти зиндагии модарам ҳар боре ки мо ба Қӯрғон назди хешовандонамон мерафтем, ӯро медидам. Падари Хидир бойи калони қӯрғонӣ буда, тағои ман дар замини ӯ чоряккорӣ мекард. Падари Хидир аз ин чанд сол пеш вафот карда будааст. Писараш дар интернат ба ман мегуфт, ки «Ман дар ин ҷо хонда саводамро бароварда, бо амалдорони калони Тӯс шиносо мешавам. Дар байни амалдорони ин ҷо ошноҳои падарам ҳастанд, бо ёрии онҳо ман ҳам ягон амали калон мегирам».

Шамсуллоев ба интернат баргашта воқеаи харбузадуздии Хидирро ба Ҷаббор нақл кард ва талаб

намуд, ки ӯро аз интернат берун кунанд, то ки ба дигарон ибрат шавад.

Сардори мо Ҷаббор бачагонро қатор карда, гунаҳгорро ба пеш бароварда бо химчаи бед як-ду бор ба банди пояш зад. Ин ба Хадир на фақат таъсир накард, балки дар вақти задани Ҷаббор вай ҳатто табассум менамуд. Ҷаббор бо ҳамин ҷазодиҳӣ қаноат карда, Хидирро дар интернат мононд.

Бачагон аз ин ҷазо розӣ набуданд. Онҳо умедвор буданд, ки Шамсуллоев гунаҳгорро ба ҷазои сахттаре хоҳад расонд: охир, вай барои аз интернат хориҷ кунондани Хидир қасам хӯрда буд. Аммо Хидир хориҷ карда нашуд. Обрӯ ва эътибори Шамсуллоев зарба хӯрд. Бо Ҷаббор мубориза карда натавониста, аз уҳдаи хориҷ кунондани Хидир набаромадани Шамсуллоев ихлоси бачагонро аз вай гардонд.

– Шамсуллоев қасамашро шикаст. Наход, ки вай ҳам аз Ҷаббор тарсида бошад? – мегуфтанд бачаҳо.

Пас аз чанд рӯз вай бо мо машғулиятгузарониро бас кард ва оқибат, аз интернат ҳам ғойиб гардид. Гуфтанд, ки вай ба Тошканд рафт.

Ҷаббор дар интернат мисли ҳоким рафтор менамуд. Вай маккор ва дилсиёҳ, рӯяш доим турши хашмолуд буда, чашми ягонааш ба одам бадгумонона ва бонафрат нигоҳ мекард. Бачагонро вай аксаран бе ҳеҷ ваҷҳ озор медод, мезад, бо лафзҳои қабеҳ хорӣ мекард. Ман ҳайрон будам, ки чаро бачагон ба он ҳама бедодгарии Ҷаббор тоқат мекунанд ва аз болои ӯ ба мудир шикоят намекунанд. Як рӯз ман инро аз Раҳимҷон пурсидам, вай гуфт:

– Тағои Ҷаббор одами калон аст, дар комиҷроия кор мекунад. Худи мудир ҳам аз Ҷаббор метарсад. Моҳи гузашта Ҷаббор як бачаи бегуноҳро зада буд, бача ба мудир арз кард, мудир бошад ба ҷойи ҳақиқат кардан ба он бача: «Ту бояд ягон гуноҳ карда бошӣ, ки вай туро

задааст! Ҷаббор бесабаб ҳеҷ касро намезанад. Рав, дигар арз карда ба пеши ман набиё!» гуфт.

Барои ин ки Ҷаббор ягон чизро баҳона карда маро ҳам дошта назанад, ман кӯшиш мекардам, ки ба чашми вай камтар намудор шавам.

Як пагоҳ Ҷаббор маро чег зада ба дастам як халтаи пур дод ва гуфт:

– Инро ба Ҳисорак, ба хонаи мо бурда расон!

– Ин чист? – пурсидам ман.

– Чизҳои майда-чуйда. Аз бозор харидам. Бибиам фармуда буданд.

Дар роҳи Ҳисорак ман фикр кардам, ки Ҷаббор чӣ ҳақ дошт маро мисли хизматгораш ба назди модараш фиристонад ва ин «майда-чуйда» чист? Ман аз рӯйи кунҷковӣ халтаро даст-даст карда дидам, дар даруни он собун ва қуттии гӯгирд барин чизҳои сахт ва боз чизи дона-дона, зоҳиран биринҷ буд. Ман гумони бад бурдам, зеро ин хел собун ва гӯгирдро он вақтҳо дар бозор ёфтан мумкин набуд, барои интернат бошад, он чизҳоро аз анбори давлатӣ медоданд. Ман халтаро кушода нигоҳ карда, дар даруни вай биринҷ, собун, гӯгирд ва инчунин чой дидам. Бешубҳа, Ҷаббор ин чизҳоро аз интернат гирифта буд. Ман озуқаи дуздиро ба хонаи Ҷаббор кашондан нахоста ақиб гаштам.

Ба интернат баргашта халтаро ба мудири хоҷагӣ нишон додам.

– Ба хаёлам, ин чизҳо аз интернат гирифта шудааст.

Мудири хоҷагӣ худаш, чунон ки дар болотар гуфта шуд, аз тарбиягирандагони калонсолтар буда, муносибаташ бо ман бад набуд.

– Э, таги гапро кофта чӣ кор мекунӣ, бача! – гуфт вай аз ғайри чашмдошти ман. – Агар маслиҳати маро гирӣ, инро ба ҷойи гуфтагиаш бурда расону дам гаштан гир. Қаҳри ин гови шохзанро набиёр. Хайр, камтар аз ҳаққи мо зада бошад ҳам, ҳеҷ воқеа не, мо намемурем.

Сухани мудири хоҷагӣ гувоҳӣ медод, ки вай аз дуздии Ҷаббор хабар дорад ва эҳтимол, худаш ҳам дар ин кор бо вай шарик бошад.

Ба ман лозим буд, ки ҳамон соат рафта хиёнати сардор ва мудири хоҷагиро ба бачагон ва ба мудири интернат маълум карда, ба онҳо ҷазо доданро талаб намоям, аммо ман аз ниқоргирии Ҷаббор тарсида, ин корро накардам. Баъдҳо ман аз ин пушаймон шудам. Аздусар, Ҷаббор, ба сабаби ёрӣ надоданам ба ӯ дар кори дуздӣ аз ман ниқор гирифта, маро азоб додан гирифт: вай ҳафтае ду бор-се бор маро дар ошхона навбатдор таъин мекард, баъди ҷомашӯйӣ ба ман либоси тоза намедод, бо ҳар баҳона ба ман чақида, маро дошта задани мешуд.

Дар он вақтҳо хушхат будан фазилати асосии шогирди мактаб ба шумор мерафт. Ҳар шогирдеро, ки хати арабиро зебо навишта метавонист, ҳам муаллимонаш таъриф ва ҳам рафиқонаш эҳтиром мекарданд.

Хати ман нағз набуд, бачагони хушхатро дида ҳавасам мерафт. Барои ин ки аз ин ҳунар баҳравар шавам, пайваста хат машқ мекардам, аз китоби дарсӣ порчаҳои назму насрро гаштаю баргашта ба дафтарам мекӯчондам. Аммо «қариндошқалам»-и одӣ хати нозеби маро нозебтар мекард: ҳарфҳо бенур ва дағал мебаромаданд. Ҳавас доштам, ки бо сиёҳӣ нависам, лекин дар интернат сиёҳӣ набуд. Рӯзе аз рӯзҳо ман, ҳамчуноне ки чанде пеш дар деҳа карда будам, нони ҳар пагоҳ дар интернат мегирифтагиамро сарфа намуда, дар ду рӯз ду нон зиёд кардам ва баъд онро назди баққол бурда ба сиёҳӣ иваз намудам. Баққоли тӯсӣ аз баққоли деҳаи мо сахигар баромад: вай ба ман сиёҳии хокаи коғазпечро бӯлак накарда пурра дод, ки аз он ним шиша сиёҳии обакӣ баромад. Ин миқдор сиёҳӣ барои ман ба чанд моҳ мерасид, ман шод будам. Аммо шодии ман ногаҳон ба ғам мубаддал гашт.

Худи ҳамон пагоҳ, ки ман ду нони зиёдкардаамро ба бозор бурда будам, баъди рафтани ман иттифоқан ба як бача нон нарасидааст. Ҷаббор қасдан ва бардурӯғ маро дузд дошт: гӯё ки ман он пагоҳ бо фиреб ду нони барзиёд гирифта бошам.

Вай аз гиребони ман гирифта, чӯбро бардошта маро задани шуд. Лекин Ҳусейни рӯзномахон ва Раҳимҷон, ки барои сиёҳӣ харидан аз нонҳои худам ду нон сарфа кардани маро медонистанд, тарафи маро гирифтанд:

– Сар деҳ вайро, Ҷаббор! Вай гуноҳ надорад! – гуфтанд онҳо ба он ситамгор.

Тухмати ноҳақи Ҷаббор ва думравони вай ба манончунон алам кард, ки ман тоб оварда натавониста ба Ҷаббор:

– Худи ту дузд! Ман не, ту! Ту озуқаи интернатро медуздӣ! – гуфта фарёд задам.

Ҷаббор сахт барошуфт.

– Туҳматчӣ! Исбот кун! Агар дуздии маро исбот карда надиҳӣ, ман туро зада хунибинӣ мекунам, аъзои баданатро лахт-лахт мекунам!

Инро гуфта вай ҳамла овард, ман гурехтам. Вай ба ман расида натавониста:

– Ҳоло нигоҳ карда ист, ту боз ба дастам меафтӣ! – гӯён ба ман мушташро нишон дода, ақиб гашт.

Воқеан ҳам ман «ба дасташ афтодам».

Шишаи сиёҳии ман баногоҳ гум шуд. Ман онро тамоми рӯз кофтуков карда наёфтам. Баъд маълум шуд, ки онро барои дилхушӣ ва маро азоб додан Хидир гирифта пинҳон карда будааст.

Ман ба вай дарафтида дод задам, ки:

–Ту писари бой ҳастӣ! Ту бо фиребу ҳила ба интернат даромадаӣ, туро кайҳо аз ин ҷо зада пеш кардан лозим буд!

Бегоҳӣ дар вақти «ҳозиру ғоииб» кардан Ҷаббор маро ба пеши саф бароварда, дар ҳузури ҳама бо химча задан гирифт. Мегуфт, ки:

– Игвогар! Ку писари бойро нишон деҳ, кӣ писари бой!

Ман гириста ба хобгоҳ (дар он вақт мо аз берун ба даруни бино кӯчида будем) даромада, кӯрпаро ба сарам кашида хоб кардам. Ҷаббор аз ман ҳам никори худаш ва ҳам никори дӯсти ҳамтабақаш Хидирро гирифт. Хидир ҳамеша савғотиҳои аз хонаашон меомадагиро бо Ҷаббор баҳам медид.

Пагоҳӣ ман аз интернат баромада рафтам. Ҷойи мерафтагӣ надошта бошам ҳам, дигар дар интернат мондан намехостам. Ман, ки ҳатто аз падарам ҳам калтак нахӯрда будам, акнун омада-омада аз як нобакор, ки маро хор медорад ва ҳеҷ кас ҳам ҷилави ӯро намекашад, калтак хӯрам? Не, аз ин хел зиндагӣ оворагии кӯча беҳтар.

Аз «одамҳои калон» ман ба Азиз Карим эҳтироми махсусе доштам: охир вай худаш маро оварда дар интернат ҷойгир карда буд. Ман вайро надида аз Тӯс рафта наметавонистам.

Чанде аз ин муқаддам Азиз Карим мудири шуъбаи маориф таъин шуда буд. Ман барои ба назди ӯ даромадан ҷуръат накарда, муддате дар таги дар истодам. Баногоҳ, аз зинапояи қабати дуюм худи вай фуромада омад. Маро дарров шинохт:

– Ҳа, туӣ? Салом!– Мудир бо диққат ба рӯям нигоҳ карда пурсид: – Чӣ гап шуд? Туро ягон кас хафа кард магар?

– Ман дар интернат намеистам, меравам, – ҷавоб додам ман ва худамро дошта натавониста, гиря карда фиристодам.

Азиз Карим аз дастам гирифта маро ба кабинеташ даровард.

– Биншин. – Вай маро ба нимкат нишонд. – Чӣ воқеа рӯй дод?

Ман андак ором шуда, ба Азиз Карим воқеаҳои дар интернат рӯйдодаро як-як баён кардам. Вай ба суханҳои ман хомӯшона гӯш дода, дар охир бо оҳанги нохушнудӣ:

– Чаро ту ба ман дар бораи Ҷаббор ва Хидир пештар гап назадӣ? – гуфт, – Хайр, зарар надорад... Аз интернат рафтани ту лозим нест. Ҳозир ба он ҷо баргард... Ман чора мебинам.

Пас аз ду рӯз Азиз Карим ба интернат бо ҳамроҳии мудири мо омад.

Оҳани ба дарахт овехташуда садо баровара буд, ки ҳамаи тарбиягирандагон дар саҳни интернат ҷамъ омада саф кашиданд. Азиз Карим муддате ба рӯй, ба либос ва пойҳои бараҳнаи бачагон нигоҳ кард. Ман мунтазир будам, ки кай ба тарафи ман ҳам нигоҳ мекунад (монанди ҳарвақта ман аз охири саф чаҳорум будам), аммо ман ба назараш нанамудам, гӯё ки вай намехост маро бинад. Бо овози паст пурсид:

– Хидир писари Отабой кист?

– Ман! – гуфта Хидир пеш баромад.

Азиз Карим ба наздики вай рафт.

– Ту аз куҷо?

– Аз Қӯргон, муаллим.

– Падарат кист? Чӣ касб дорад?

– Падарам як деҳқони камбағали батрак буд, асил юқсул[1] буд.

Азиз Карим сахл лабханд карда монд.

– Чанд таноб замин доред? – боз пурсид аз Хидир.

– Намедонам. Аком мегӯянд, ки заминамон аз чиҳил таноб зиёд не.

Азиз Карим як дам хомӯш истода ба ӯ гуфт:

---

[1]. Дар он вақтҳо пролетарро ба ӯзбекӣ юқсул мегуфтанд.

– Ту ба Қўрғон, ба хонаи худатон баргард. Интернат ба ту чӣ лозим? Дар ин ҷо бачагони бекас меистанд, ки дигар ҷойи мерафтагӣ надоранд... Ҳозир бирав!

Хидир оҳиста-оҳиста қадам монда, шармсору сархам ба тарафи дари берун равон шуд. Азиз Карим бо ҳамин тарз боз се бачаро, ки падару модар доштанд, аз интернат берун кард.

Пас аз он ба бачагони боқимонда муроҷиат карда пурсид:

– Кӣ ба ман ягон гап ё арз дорад?

Ҳама хомӯш.

– Сардоратон хуб аст? Ҳама аз вай розӣ ҳастед?

Боз ҳам хомӯшӣ. Ин хомӯширо якум шуда Ҳусейн вайрон кард.

– Розӣ нестем, муаллим! – гуфт вай бо овози баланд. – Ҷаббор моро мезанад, бо лафзҳои бад хорӣ мекунад.

Ҷаббор аз саф ба пеш зада баромада:

– Дурӯғ мегӯяд! – гуфт. – Ман бесабаб ҳеҷ касро ҷазо намедиҳам, ин худаш бачаи ганда аст! Ана аз мудир пурсед...

Мудири сиёҳриши олуфтанамои мо, ки то кунун ҳеҷ дамаш намебаромад ва ман чигунаву чикора будани ӯро дуруст намедонистам, зеро дар интернат ҳафтае фақат як бор ё ду бор худро нишон дода, боз ғойиб мегардид, сухани Ҷабборро бурида гуфт:

– Ту дам ист! Ба саф даро!

Ҷаббор, дар ҳолате ки аз қаҳру оташинӣ ранги рӯяш канда буд, ба ҷойи худ баргашт.

Дар ҳамин вақт Азиз Карим рост ба ман нигоҳ кард, гӯё ки бо нигоҳаш маро ба гап задан даъват менамуд.

Ман «лаб ба шикоят кушодам»:

– Ҷаббор аз боиси Хидир маро зад, Хидир ба вай пора медиҳад! Ҷаббор аз интернат озуқа медуздад, инро мудири хоҷагӣ ҳам медонад!

Баъди ин ҳама ба сухан даромаданд. Бачагон гапи якдигарро бурида, ҳама ба якборагӣ кирдорҳои нолоики сардорро шумурдан гирифтанд.

Ман ба Ҷаббор нигоҳ мекардам, дар вай ранги рӯ намонда буд, ба бачагоне, ки бо овози баланд айбҳои ӯро эълон менамуданд, аз чашми ягонааш шарораҳои хашму ғазаб мепаронд.

Вақте ки боз хомӯшӣ барқарор гардид, Азиз Карим ғазаби худро базӯр нигоҳ дошта, ба Ҷаббор хитоб кард:

– Гум шав! Минбаъд дар ин ҷойҳо ба чашми ман нанамой!

Ҷаббор аз интернат ронда шуд.

## МАРО БА ХОНДАН МЕФИРИСТОНАНД

Тобистон рафт, тирамоҳ омад. Ба интернат як ҷавони намангонии сурхмӯй ва чашмкабудро мудир таъин карданд, ки боғайрат ва кордон буд.

Мудири кӯҳна нисбат ба интернат чӣ қадар ки бепам бошад, мудири нав ҳамон қадар ғамхор буд. Вай тартибу интизоми нав ҷорӣ кард. Акнун, ҳар кадоми мо каравоти матраснок, кӯрпаю болишти нав, рӯйҷоҳои сафед доштем. Ба ҳамаамон мӯза, либоси таҳ ва ҷомаи пахтанок доданд.

Якуми сентябр пагоҳӣ баъд аз ношто моро дар саҳни интернат қатор карданд. Мудир ба мо:

– Ҳозир шумоён ба мактаб меравед, – гуфт ва хоҳиш кард, ки дар кӯча ва дар мактаб баодоб бошем, аз гапи муаллимон набароем ва нағз хонем.

Мактаби намунаи чорсинфдор дар шаҳри кӯҳна воқеъ шуда буд. Мо ба он ҷо саф кашида равон шудем.

Он рӯз барои мо ҳамчун ид буд, тамоми роҳ тарона мехондем, диламон мисли субҳи сентябр хуррам буд.

Ҳар қадар ки ба мактаб наздик мешудем, маро ҳаяҷони шодӣ фаро мегирифт.

Инак, мо ба рӯйи ҳавлии фароҳи мактаб дохил шудем. Моёнро мудири мактаб ва муаллимон пешвоз гирифтанд. Ҳамаи шогирдон дар рӯйи ҳавлӣ қатор карда

шуда буданд, мо ҳам дар қатори онҳо ба саф истодем. Азиз Карим моёнро бо сар шудани соли нави таҳсил муборакбод карда, ба хониши мо муваффақият талабид.

Ман бесаброна мунтазир будам, ки вай ба синф даромада дар паси парта ҷой мегирад. Лекин Азиз Карим бо ҳамроҳии муаллимон монанди ман бачагони аз ҷойҳои дигар ва аз мактабҳои дигар омадаро дар зал ҷамъ карда, ба имтиҳонгирӣ даромаданд: онҳо дониши ҳар як шогирдро муайян карда, ба синфҳо тақсим менамуданд.

Ман дар муддати хониши ҳафтмоҳаам дар мактаби деҳа аз арифметика фақат ду амалро ёд гирифта будам, ки он ҳам дар ҳудуди рақами даҳ буд. Чунончи, рақами ёздаҳро навишта наметавонистам.

Аз хониш ва иншо ман нағз имтиҳон додам, лекин аз ҳисоб садро навишта натавонистам. Барои синфи дуюм ки шогирдони он аз чаҳор амал бохабар буда, рақамҳои садҳазорҳо ва миллионҳоро навишта метавонистанд, дониши ман камӣ мекард, лекин маро ба қатори «абҷадхон»-ҳои синфи якум ҳам нишондан мумкин набуд. Азиз Карим фикр карда истода гуфт:

– Майлаш, ба синфи дуюм нависед. Собир бачаи хушзеҳн аст, ба ҳамсинфҳояш расида мегирад.

Ман дар синфи дуюм ба хондан шурӯъ кардам.

Мактаби мо дар бинои калони сафед ҷой гирифта, синфҳо равшан ва озода, фаршҳо ҳама тахтагин, дар ҳар синф ду қатор партаҳои сиёҳ гузошта шудагӣ буд. Мактаби деҳагии мо, ки дар анбори як дараҷа таъмиршуда ҷой гирифта буд, бо мактаби намунаи Тӯс асло баробар шуда наметавонист. Рӯйи ҳавлии калони мактаб ҳамеша об зада рӯфтагӣ, аз миёнаш ҷӯйи об равон, он тарафи ҷӯй боғ буд. Дар саҳни мактаб мо дарси гимнастика мегузарондем; дар боғ бошад, дар вақти танаффус бозӣ мекардем.

Мо мактаби худамонро бисёр дӯст медоштем ва онро ба навозиш «Намуна» меномидем. Одатан дар интернат ва дар кӯчаҳо мо шавқун ва сурон мекардем, баъзе бачагон ҳатто лафзҳои қабеҳ мегуфтанд, гоҳо дастбагиребонӣ ҳам

рӯй медод. Аммо ҳамин ки ба остонаи «Намуна» пой мениҳодем, магар ба назари ман ҳамин тавр менамуд ё дар ҳақиқат ҳамин тавр буд, ки хулқу атвори бачаҳон дигаргун мешуд, онҳо ғалоғула намекарданд, бо якдигарашон боадабона муомила менамуданд. Лафзи қабеҳ гуфтан ё даст ба гиребон шудан бошад, ҳатто ба хаёли мо ҳам намеомад. Пеш аз ба синф даромадан мо поямонро пок мекардем, дар вақти боришу лойгарӣ мӯзаамонро шуста ба бино дохил мешудем.

Дар аввали соли таҳсил арифметика маро бисёр ба ташвиш андохт. Ман зарб ва тақсимро намедонистам, масъалаҳо ба ман бисёр мушкил ва мураккаб менамуданд. Метарсидам, ки мабодо ба синфи якум гузаронанд; аз тарафи дигар умеди Азиз Каримро дар ҳаққи худам барҷо овардан мехостам, бинобар ин, зӯр зада ҳисоб машқ мекардам. Ҷадвали зарбро дар ду рӯз аз ёд кардам. Хониш ва иншо бошад, ба осонӣ давом мекард ва он қадар вақти маро намегирифт, ин аст, ки ман бисёртар бо арифметика машғул мешудам. Дар фуровардни моҳи дуюми таҳсил ман дигар на фақат аз рафиқонам ақиб намемондам, балки ҳатто аз баъзе ҳамсинфҳоям пешқадамтар ҳам шуда будам.

Сарулибосам гарм, шикамам сер, китоби хониш, қаламу дафтар ҳам арзонӣ буд, ман худамро хушбахт ҳис мекардам ва зиндагонии аз ин беҳтарро орзу ҳам наменамудам.

Ба китобхонӣ ҳавас доштам, лекин ғайр аз китоби хониш ба забони ӯзбекӣ ё тоҷикӣ китоби дигар набуд, агар бошад ҳам ман хабар надоштам ва ҳеҷ кас он гуна китобҳоро ба ман нишон надода буд. Китоби хониши дуюм сарсухани калоне дошт, ки бо ҳуруфоти майда чоп шуда буд. Ман ин сарсуханро камаш бист бор хонда баромадам, – ҳатто дар вақти аз мактаб ба интернат бозгаштан дар кӯча ҳам онро мехондам. Вақте ки сарсуханро, ҳатто бо фаҳмидани маъноям «шаррос зада» мехондагӣ шудам, худам-худамро одами комилан донову саводнок донистa фахр мекардам. Як рӯз Азиз Карим, ки

дар синфҳои боло дарси забони модарӣ медод, маро дар синф дид, ки бо овози баланд сарсухани китоби дарсиро мехонам, «офарин, нағз мехонӣ», гуфта маро таъриф карда монд. Баъд аз он пурсид:

– Маънояшро мефаҳмӣ?

– Камтар... мефаҳмам, – ҷавоб додам ман.

– Чӣ навиштаанд дар ин сарсухан?

– Одами ҳамин китобро навиштагӣ ба муаллимон роҳ нишон додааст, ки бачагонро чӣ тавр хононанд... Мегӯяд, ки нигоҳ кардан лозим дар хат чӣ ҳаст, нуқта ҳаст-мӣ, аломати савол ҳаст-мӣ ё гапи одами дигар оварда шудааст-мӣ. Сонӣ, мувофиқи ҳамон аломат маънидор карда бурро-бурро хонданро ба бачагон ёд додан лозим, мегӯяд. Сонӣ аз муаллимон хоҳиш мекунад, ки агар дар китоб камбудиҳо ёбанд, ба вай навишта фиристонанд, вай дафъаи дигар китобашро беҳтар карда мебарорад...

Азиз Карим табассум карда гуфт:

– Нағз, дуруст фаҳмидаӣ.

Хониши ман ҳамин тавр давом мекард.

Ман шод будам, аммо баъзан Мухторро, ки ба ёд меовардам, хотирам парешон мегардид. Кӯдаки бечора! Ба ман-ку нағз, аммо ба вай чӣ?

Дар моҳи декабр, вақте ки арифметика маро дигар азоб намедод ва аз дарсҳои дигар ҳам корам пешрав буд, ман ба дидани Мухтор рафтанро ният кардам.

Бо рухсати мудири интернат ман дар яке аз рӯзҳои хушки декабр баъди ношто пиёда ба Қизилтеппа равон гардидам. Укоямро ончунон ёд карда будам, ки дар роҳ давон-давон мерафтам. Вақте ки ба хонаи аммаам дохил шудам, аҳли хонаводан ӯ ҳоло аз сари ношто ҳам нахеста буданд.

Мухтор маро дида беҳад шод гардид. Бача лоғари нимҷон ва сабукак буд, ба тавре ки ман ӯро бе душворӣ ба дастам бардоштам. Вай бо дастҳои нозукаш аз гардани ман оғӯш карда, бо фалонӣ ва фалонӣ (бачагони хурдсоли ҳамсояҳо) аспбозӣ карданаш, ба дарахти олуча баромада тавонистанаш, аз шохзании ғунoҷин натарсида ба назди

вай рафтанаш ва монанди ҳамин воқеаҳои муҳимро ба ман бо шитобу саросемагӣ ҳикоя мекард.

Нигаҳбонии аммаам ба Мухтор аз меҳру навозиш холӣ набуд; духтарбачагоне, ки аммаам онҳоро мехононд, ҳамчунин ба вай меҳрубон буданд, вай як-ду байти тоҷикии аз як шогирди аммаам ёдгирифтаашро бо хурсандӣ ба ман хонда дод.

Ман бо тааҷҷуб медидам, ки ақли укои хурдтараки ман ба кор кардан шурӯъ намудааст: вай муҳокима мекард, кунҷковӣ карда саволҳо медод. Мухтор аз падару модарамон, ки онҳоро ба ёд надошт, пурсон мешуд. Вақте ман ба ӯ мегуфтам, ки падарамон паҳлавони «пушташ ба замин норасида» ва коркуни зӯр буд, модарамон зебо буд ва мӯйҳои дароз-дароз дошт, – аз чашми Мухтор қатраҳои ашк мебориданд.

Аз интернат ба ман фақат дурӯза рухсат дода буданд, ман бояд бегоҳии рӯзи дигар ба Тӯс бозмегаштам. Мухтор аз бари ҷомаи ман гирифта мегуфт, ки «ман бе шумо намеистам, ман ҳам меравам». Бо дили реш ва чашми тар ман ба вай фаҳмонданӣ мешудам, ки боз ягон сол сабр кунад, то калонтар шавад ва он гоҳ ман омада ӯро ба пеши худам – ба интернат гирифта мебарам, мехононам ва аз вай ҳеҷ ҷудо намешавам.

Бо аммаам ва аҳли хонаводаи ӯ хайрухуш карда ба роҳ баромада будам, ки Мухтор гирякунон аз қафоям давид. Аммазодаи кенҷаам ӯро базӯр ором карда гирифта бурд.

Ман даҳ қадоқ барин зардолуи хушки аммаам додаро дар пуштам бардошта равон шудам. Аз ин савғотии аммаам бисёр хурсанд будам, зеро дар интернат бештарини бачагон меваҳои хушк доштанд, – баъзе онро аз хонаҳояшон оварда буданд, баъзеҳо худашон дар тобистон аз меваҳои боғи интернат хушконида гирифта буданд, – лекин ман надоштам. Барои мо ягона ширинии то як андоза дастрас фақат мева буд: ман ҳатто ба Хайрӣ ва шавҳари ӯ мактуб фиристода хоҳиш намуда будам, ки ба ман камтар меваи хушк фиристонанд, ки дар зимистон

«даҳон ширин кунам», лекин мактуби ман бе ҷавоб монда буд. Акнун аммаам аз ғайри чашмдошти худам маро як зимистон аз ширинӣ таъмин кард, пас ман чаро хурсанд набошам.

Дар нимаи роҳ аз ақибам як аробаи пахта бор карда шуда расида омад.

– Ба куҷо рафта истодаӣ? – пурсид аробакаш.

– Ба Тӯс.

– Монда шуда мемонӣ, ба ароба савор шав, – таклиф кард вай.

Ман баромада дар болои қанори пахта нишаста гирифтам. Аробакаш одами дамдузд баромад, ҳеҷ гап намезад, ба ман ғайр аз ин ки фикру хаёл кунам, кори дигар намонда буд. Хомӯшии атроф ва ғиж-ғижи якзайлаи чархи ароба ҳам маро ба фикру хаёл кардан, мойил менамуд. Ман дар бораи Мухтор фикр мекардам, падару модарамро, рӯзҳои дар Тошканд гузаронидаамро ба ёд меовардам. «Кошкӣ ба Тошканд мерафтам! – мегуфтам дар дилам. – Рафиқонам Сергей ва Паша, тӯта Маша, тӯта Любаро медидам. Агар онҳо аз вафоти падарам хабардор шаванд ва донанд, ки ману Мухтор ғариб ва бекас мондаем, албатта, моро ба тарбияи худ мегиранд ва мехононанд».

Бо ҳамин хаёлҳо ман ба Тӯс расиданамонро нафаҳмида мондам. Роҳ аз паҳлуи мактаби мо мегузашт; вақте ки ароба ба он ҷо расид, ман аз он фуромада ба бинои мактаб дохил шудам. Рӯз рӯзи дамгирӣ буд, аз чӣ сабаб бошад, ки дилам мехост ба синфамон даромада, камтар дар паси партаи худ нишинам. Даромадам ва нишастам.

Ба ногоҳ фарроши мактабамон аз дари синф сар халонда маро диду гуфт:

– Ту дар куҷо будӣ? Ҳозир ғиззас карда ба маориф рафта Азиз Каримро бин, ки вай туро кофта гаштааст.

– Азиз Карим домулло ба ман чӣ кор доштаанд?

–Ба шуниди ман, туро ба ким-кадом мактаби Тошканд фиристоданӣ ҳастанд.

Ман чаҳида аз синф бадар рафтам, халтаам аз дастам галтида, қоқ ба таги партаҳо пош хӯрд. Ман ба ғундоштани он ҳам ҳавсала накардам, чунки ҳозир қоқ ба назарам наменамуд. Давон-давон ба шуъбаи маориф рафта, Азиз Каримро дар он ҷо ёфтам. Вай ба ман чунин гуфт:

– Нағз шуд, ки омадӣ. Мо туро ба Тошканд мефиристонем. Дар он ҷо Дорулмуаллимини тоҷикӣ кушода шудааст, барои талаба ҷамъ кардан ба ин ҷо як рафиқ омада буд, ҳамин пагоҳ рафт. Мо аз «Намуна» се талабаро ҷудо карда гирифтем, талабаи чаҳорум ту мешавӣ. Ду нафари онҳо аз синфи чаҳоруманд, як нафарашон аз синфи сеюм; як ту синфи дуюм ҳастӣ, лекин ман медонам–ту бачаи қобилиятнок мебошӣ, умед мекунем, ки туро ба Дорулмуаллимин қабул кунанд. Агар имрӯз намеомадӣ, мо ба ҷойи ту каси дигарро мефиристодем. Ҳозир ба интернат рафта тайёриатро бин, худи пагоҳ чаҳоратон ба Тошканд равон мешавед.

Хонанда, ту худат шодии маро тасаввур кун. Агар падарам зинда мешуд ҳам, ман аз ин бештар шодӣ намекардам. Ҳамагӣ ягон соат пеш ман дар болои ароба нишаста хаёли Тошкандро мекардам ва он шаҳр, гарчанде ман вайро як вақте дида бошам ҳам, ба ман мисли шаҳри афсонавие менамуд, ки орзу кардан дораду дидан надорад. Аммо, акнун бахти якбора бедоршудаи ман дар тараддуди он буд, ки хаёламро ба ҳақиқат мубаддал гардонад!

Рӯз беҳад дароз кашид. Шаб дар интернат хобам намебурд, дар пеши назарам якзайл шаҳри шинос, кӯчаҳои он ба заводе, ки чӣ қадарҳо ёддошти талху ширини ман ба он тааллуқ дошт, ҷилвагар мешуданд. Ман дар Тошканд бо дӯстон ва ошноёни деринаам чӣ гуна мулоқот карданамро тасаввур менамудам.

Дар интернат моликияти ман танҳо аз як шиша сиёҳӣ ва як перои ба нӯги чӯб басташуда иборат буд. Ман онҳоро барои хотира ба Раҳимҷон бахшидам. Қоқи ба таги партаҳои синф пошхӯрдаи ман дар «Намуна» монд.

пагоҳ бо вай рафиқони ҳамсинфам даҳон ширин хоҳанд кард.

Ниҳоят, шаб ҳам гузашт, субҳ дамид. Ман бо рафиқонам хайрухуш карда ба шуъбаи маориф шитофтам. Ба он ҷо барвақт омада будаам, соате мунтазир нишастам лозим шуд, то Азиз Карим ва муаллими аввалини деҳагиам Сулаймонов бо се нафар шогирди «Намуна» омаданд. Ду нафари ин шогирдон, Калон ва Акрам ном, аз синфи чаҳорум буданд, як нафарашон, Одил ном, аз синфи сеюм. Сулаймонов роҳбари сафари мо таъин шуда буд. Мо як аробаро киро карда ба роҳ даромадем.

## ДОРУЛМУАЛЛИМИН

Ҳар рӯз ба омӯзишгоҳи мо аз Хуҷанд, Конибодом, Риштон, Исфара, Самарқанд, Бухоро, Ӯротеппа, Панҷакент, Помир, Ҳисор ва ҷойҳои дигари ба мо номаълум нав ба нав талабагон меомаданд.

Бинои омӯзишгоҳ монанди хонаи занбӯр ғуввос мезад. Моён дар бобати синну сол ва савияи дониш хеле мухталиф буда, аз якдигар бо шеваю лаҳҷаи худамон ҳам, ки ба ин ё он гӯшаи кишвари тоҷик хос бошад, фарқ мекардем. Албатта, намояндаи ҳар як маҳалли тоҷикнишин худро аз ҳама беҳтар ҳисоб мекард ва ба шеваҳои дигар механдид. Хуҷандиён шеваи бухориёнро хуш намекарданд, бухориён ба шеваи Конибодом механдиданд, помириён ва ҳисориён ҳамаи шеваҳои дигарро ҳаҷв мекарданд. Аммо аз ҳама зиёдтар шеваи Тӯс, ки «вайрон» ва беш аз ҳад омехтаи забони ӯзбекӣ ҳисоб меёфт, боиси ҳаҷву хандаҳои тамасхуромез мегардид. Гарчанде ман на аз худи Тӯс, балки аз деҳаи дури он будам, ки дар он ҷо ба тоҷикӣ гӯё як дараҷа дурусттар гап мезаданд, бо вуҷуди ин баробари рафиқони тӯсиам ҳадафи ин хандаҳо мешудам.

«Хонда истодаам»-ро ҷустӣ хонсакам, конибодомӣ хонсодиям, бурҷимуллогӣ хондахотакам мегуфт. Хуҷандиён ва бештарини тоҷикони Фарғона пешоянди

макони «дар»-ро бо «анла»-и пасоянда ифода карда, Хуҷанданда, бозори каланданда мегуфтанд. Помириёни шӯх рафиқони хуҷандии худро бозори киланданда гӯён ҳаҷв мекарданд. Акрам, Калон ва Одил мувофиқи лаҳҷаи ватанашон баъзе рақамҳоро ба ӯзбекӣ мегуфтанд, ки дар дохили ҷумлаи тоҷикӣ хандаовар мебаромад. Як рӯз Одил дар вақти санҷидани термометр «сифрдан то саксан» (аз нол то ҳаштод) гуфта монд. Муддати чандин моҳ талабагон инро ҳар замон ба хотир оварда завққунон механдиданд.

Вақти хониш наздик расида буд, ки ба санҷидани дониши талабагон ва онон шурӯъ карданд.

Дорулмуаллимини моро як навъ омӯзишгоҳи махсус аст мегуфтанд, лекин ҳеҷ кадоми мо чигунагии онро равшан намедонистем. Вақте ки имтиҳонгирӣ сар шуд, ман бесаранҷом шуда мондам, зеро ба қабул шуданам дилам пур набуд, сухани директор, ки дар ҳамон мулоқоти аввалин ба хурдсолии ман ишора намуд, хотири маро парешон карда монда буд. Ғайр аз ин, ман тамоман хату саводи русӣ надоштам. «Маро гардонда фиристонанд ҳам аҷаб нест», – мегуфтам дар дилам. Аксарияти талабагон чаҳор-панҷ сол хондагӣ, маълумоташон аз ман зиёд буд.

Басо мешуд, ки якчанд талаба дар як ҷо ғун шуда «масъалаталошӣ мекарданд»: аз гаштани Замин дар гирди Офтоб, пайдоиши кӯҳҳо, баҳрҳо ва ғайра мубоҳиса менамуданд; аз рӯйи харитаҳои дар девор овехташуда қитъаҳои олам, шаҳрҳо ва мамлакатҳоеро, ки ман дар умрам нашунида будам, ном мегирифтанд, ҳатто масофаи байни шаҳрҳоро бо усули ба ман номаълуме андоза карда муқаррар менамуданд; ё ки аз арифметика масъалаҳои касри одӣ, касри аъшорӣ ва ё «нисбати таносуб»-ро ҳал мекарданд. Ман бошам дар ин гуна вақтҳо даҳонамро боз карда нишастан мегирифтам, зеро ки ба ман ҳатто худи калимаҳои «касри оддӣ», «касри аъшорӣ» ва ё «нисбати таносуб» тамоман ноошно буданд.

Ҳар қадар ки ман ин гуна мубоҳисаҳои талабагонро мешунидам, ҳамон қадар ғамгинтар мешудам. Худ ба худ

гаштаю баргашта мегуфтам, ки «эҳтимол дорад маро қабул накунанд», дар он вақт чӣ кор мекунам?

Рафиқони тӯсии ман аз масъалаҳое, ки мавриди мубоҳиса мешуданд, як дараҷа хабар доштанд, онҳо аз ман зиёдтар хонда буданд. Акрам ба қабул шудани худ боварии том дошт, Калон хоҳ қабул шавад ва хоҳ нашавад, парво надошт: вай дар самоворхонаҳои Тошканд дутор зада, ба худ ёру ҷӯраҳо пайдо карда, бо инҳо мегашт ва гоҳо ду рӯз-се рӯз бедарак шуда мерафт. Одил бошад ҳеҷ аломати бесаранҷомӣ зоҳир намекард, бинобар ин фикри ӯро донистан душвор буд. Аммо ба ман чунин менамуд, ки хотири вай ҳам парешон аст, зеро чунон ки ман пай бурда будам, вай касрро бад медонист ва дар харита шаҳрҳо, дарёҳоро нишон дода наметавонист.

Аз чӣ сабаб бошад, ки ба русӣ бехату савод буданам маро беш аз ҳама ғамгин карда буд. Ман аз Маҳкам ном бачаи конибодомӣ хоҳиш кардам, ки ба ман ҳарфҳои русиро нишон диҳад. Вай навишта нишон дод; агарчи вай ҳарфҳои русиро мешинохт ва ҳиҷҷа карда хонда метавонист, лекин забони русиро ҳеҷ намедонист, ҳатто ман аз вай беҳтар медонистам.

Дар Дорулмуаллимини мо Арзуманов ном ҷавони армании қадбаланди бо китфу бозу ба печкаҳо алов карда мегашт. Мегуфтанд, ки вай дар Дорулфунун мехонад ва барои таъмини маошаш дар ин ҷо хизмат мекунад. Як рӯз, вақте ки Арзуманов ба печка алов мекард, ман ва Маҳкам бо якдигарамон донистаю надониста ба русӣ гуфтугузор менамудем. Баъд аз он Маҳкам ба ким-куҷо баромада рафт. Арзуманов ба ман гуфт:

– Ту ба русӣ бе аксент гап мезанӣ, дар куҷо ёд гирифтӣ?

Ман, ки чӣ будани аксентро намедонистам, ҷавоб додам, ки ба русӣ бесаводам ва метарсам, ки бо ин сабаб маро ба Дорулмуаллимин қабул накунанд.

– Ба русӣ савод баровардан душвор нест, – гуфт вай. – Мехоҳӣ, ман ба ту ёд диҳам?

Ман, албатта, хурсандона розӣ шудам.

– Агар ёд медодед, нағз мешуд. Мегӯянд, ки талабаи ба русӣ хонда-навишта наметавонистагиро қабул намекунанд. Ман падару модар надорам, хона надорам, агар қабул накунанд, дар кӯча мемонам.

– Хуб, ман пагоҳ ба ту китоби алифбо меоварам; агар ғайрат кунӣ, хондан ва навиштанро тез ёд мегирӣ.

Ҳақиқатан пагоҳии рӯзи дигар Арзуманов ба ман як китоби кӯҳнаи муқовадаридаи алифбои русиро оварда дод. Баъди ба печкаҳо алов кардан, вай назди даҳани печка сари ду по нишаста ба ман якчанд ҳарфи русиро нишон дод. Дар охир гуфт:

– Инро хуб хонда, ҳамаашро ба дафтарат кӯчон, пагоҳ ба ман нишон медиҳӣ.

Бо ҳамин тарика вай ҳар рӯз ба ман аз китоби алифбо сабақи нав медод ва дафтарамро медид. Ҳар як сабақи нав аз шиносонидани якчанд ҳарф иборат буд. Ман бо шавқи тамом ба ин кор сар фурӯ бурдам. Матнҳои кӯтоҳ-кӯтоҳро хонда, аз рӯйи хати дастие, ки намунааш дар китоби алифбо буд, ҳамаро ба дафтарам мекӯчондам.Арзуманов навиштаҳои маро аз назар гузаронда, ғалату камбудиҳоямро нишон медод ва маънои калимаю ибораҳои ҷудогонаро мефаҳмонд. Ман ҳар як сабақро дуборӣ ва себорӣ ба дафтарам мекӯчондам. Арзуманов хурсанд шуда мегуфт:

– Тез пеш рафта истодаӣ, додарам. Ба Дорулмуаллимин, албатта, қабул мешавӣ.

Думоҳа вақти ман дар Дорулмуаллимин то сар шудани таҳсил беҳуда нагузашт, ман ҳар чиро ки аз талабагони дигар мешунидам, мисли ин ки исфанҷ обро мекашад ба худ мекашидам ва зӯр зада саводи русӣ меомӯхтам.

Имтиҳон сар шуд. Аз диктант ва хониш ман баҳои «хуб» гирифтам, аммо дар арифметика, чуноне ки ин ҳол дар вақти дохил шуданам ба мактаби намунаи Тӯс ҳам рӯй дода буд, муаллими имтиҳонгиранда аз нодонии ман ба танг омад: талабагони дигар масъалаҳои касри одӣ ва

даҳиро ҳал мекарданд, ман бошам, чаҳор амалро базӯр медонистам.

Баъди тамом шудани имтиҳон мо ду-се рӯзро дар интизории ҳаяҷоннок гузарондем.

Ниҳоят, номи қабулшудагонро эълон карданд. Мо, тӯсиён ҳар чаҳорамон ба синфи якуми тайёрӣ навишта шуда будем.

Дар Дорулмуаллимин мебоист чаҳор синфи асосӣ кушода мешуд, лекин дар аввали кор фақат як синфи асосӣ ва синфҳои тайёрии якум ва дуюм кушода шуд.

Аз сар шудани таҳсил як рӯз пеш директор дар хонаи калоне, ки барои мо ҳам хизмати ошхона, ҳам қироатхона ва ҳам зали маҷлисро адо мекард, ҳамаи моро ҷамъ намуд. Талабагон ба хона нагунҷида, дар ҳар як курсӣ дукасӣ менишастанд, инчунин токчаи тирезаҳо ва фосилаи байни қатори курсиҳо ҳам аз одам пур буд. Барои мизи садорати маҷлис ҷой намонда буд, бинобар ин Нисор Муҳаммад дар таги девор рост истода гап зад.

Вай нутқи худро бо чунин саволе шурӯъ кард:

– Маънои «дорулмуаллимин» чист? Кӣ медонад?

Нотиқ ба ҳозирон чашм давонд. Мо ба якдигарамон нигоҳ карда хомӯш менишастем, баъзеҳо бо ҳам пичиррос мезаданд, лекин ҳеҷ кас ба саволи директор ҷавоб намедод. Маънои калимаро гӯё касе намедонист ё донад ҳам ба гуфтан ҷуръат намекард.

–Дорулмуаллимин калимаи арабӣ аст, – фаҳмонд директор, – ба тоҷикӣ «хонаи муаллимон» мешавад. Аз ин мебарояд, ки шумо ба «хонаи муаллимон» омадед: ин ҷо хонаи шумост.

– Мо аллакай муаллим шудем? Як рӯз ҳам нахонда? – пурсид яке аз талабагон. Хандаи қоҳ-қоҳ баланд гардид.

– Оре, шумо муаллимонед, лекин муаллимони оянда,–бо ҷиддият ҷавоб дод директор. – Медонам, шумо ҳар рӯз сари ин масъала, ки лаҳҷаи кӣ беҳтар аст, бо ҳам мубоҳиса мекунед, лекин ҳамаи шумо фарзандони як халқ ҳастед. Халқи мо садҳо сол аз ҳам ҷудо буд, мазлум буд, дар торикию ҷаҳолат монда буд. Вайро амирон, боён,

рӯҳониён, амалдорони подшоҳ ба ин ҳол оварданд. Рафиқ Ленин, фирқаи иштирокиюн[1], Ҳукумати Шӯрой қарор додаанд, ки халқи тоҷикро ба рӯйи об бароварда, аз илму маориф баҳравар кунанд, онҳо давлати шӯроии тоҷикон – Ҷумҳурии Шӯроии Мухтори Тоҷикистонро ташкил доданд. Ҳоло ба ҷумҳурии мо, ба халқи мо кӣ даркор? Муаллим даркор. Шумо нахустин касоне ҳастед, ки аввал худатон дар ин ҷо таълим гирифта, баъд аз он машъали илму ирфонро ба сари халқи худ тобон месозед... Пештар касе ки чашми хат дошт ва андак навиштан метавонист, мулло ва олим ҳисоб меёфт. Аммо хонда ва навишта тавонистан фақат аввали кор аст. Кас баъд аз он илми табииёт, риёзиёт[2], ҷуғрофия, ҳикмат ва кимиёро[3] ёд гирад, забон ва хатту саводи русиро ёд гирад, дар ҳамон вақт вай ҳақиқатан босавод ва доно мешавад. Кӯшиш бикунед, ақлу ҳушатонро ба таҳсили илм бидиҳед. Дар хотир дошта бошед, ки чашми халқ ба шумо, муаллимони ояндааш, чор аст. Аз пагоҳ шумо шурӯъ ба хондан мекунед.

Дар вақти нутқи директор сар то пойи ман гӯш шуда буд. Ҳар як сухани вай ҳамчун ваъз ё шиори оташборе маро ба ҳаяҷон меовард. Пагоҳ сар шудани хониширо дониста бисёр хурсанд гардидам ва аз ҷо бархоста даст боло кардам.

– Гап зан, – табассум карда гуфт директор.

– Мо чӣ хел мехонем, ба мо китоб надоданд-ку? – пурсидам ман.

Директор абрӯвонашро ба ҳам кашида ба замин нигоҳ кард ва ба назари ман, ҳатто як оҳи номаълуме ҳам кашида монд. Баъд аз он ҷиддиёна гуфт:

– Душвориҳои калон дар пеш аст. Ман инро аз шумо пинҳон намедорам. Дар забони мо ҳоло китобҳои дарсӣ

---

[1]. Ҳизби Коммунистро дар он вақтҳо ба тоҷикӣ ҳамин тавр мегуфтанд.

[2]. Математика.

[3]. Физика ва химия.

нестанд. Инак, он чи ки ҳаст ҳамин аст. – Директор инро гуфта аз портфелаш ду китоб бароварда нишон дод, ки яктои он китоби хониш ва дигар китоби арифметика буд. Китоби хониш (ба алифбои арабӣ), ки ба усули литографӣ чоп шуда буд, дар рӯйи муқовааш ким-чӣ гуна суратҳо дошт ва он қадар нозеб намснамуд, аммо китоби арифметика муқоваащ хокиранги чиркиннамо ва коғази ҳам пасти хирарангг буд.

Маълум шуд, ки муаллифи ҳар ду китоб худи Нисор Муҳаммади Афғон будааст (вай Афғон тахаллус мекард ва миллаташ ҳам афғон буд).

– Улуми дигарро муаллимон ба шумо шифоҳан (даҳанакӣ) баён хоҳанд кард, – илова кард директор, – баъд аз он мазмуни дарсро мухтасаран дар тахта хоҳанд навишт, шумо ба дафтарҳоятон кӯчонда аз ёд мекунед. Ҳар гоҳ ки шумо ба забони русӣ вуқуф пайдо кардед ва хондану навиштани онро ёд гирифтед, кор бароятон осон мешавад, дар ҳар фан ба шумо ба забони русӣ китобҳои дарсӣ медиҳем.

Дар охир директор ба мо, талабагони хурдсолтар – шогирдони синфҳои тайёрӣ, мурочиат карда гуфт:

– Шумо ҳам хуб саъю кӯшиш бикунед! Ду синфи тайёриро тамом ки кардед, ба синфи асосӣ гузашта тулабои (талабагони) ҳақиқӣ мешавед.

Баъд аз маҷлис талабагон суханҳои аз директор шунидаашонро гарму ҷӯшон муҳокима мекарданд.

Дар Дорулмуаллимин ба чашми бисёр талабагон, аз он ҷумла ман ҳам, гӯё ки як ҷаҳони нав кушода шуд. То кунун бисёре аз моён фақат деҳаҳои худамон ва якто-нимто шаҳрҳои тоҷикнишинро медонистем, аммо акнун фаҳмидем, ки мамлакати тоҷикон – Тоҷикистон ҳаст, давлати советии халқи тоҷик ҳаст. Ин ки мо дар ояндаи наздик муаллимони халқи худ мешавем, моро ҳисси ифтихормандӣ бахшида, ба фикру андешаҳои гуногун меандохт. Рост аст, ки дар байни мо касони норозӣ ҳам буданд – онҳо хоҳиши муаллим шудан надоштанд, балки

дар идорахои давлатӣ хизмат кардан, «сардор», «мудир», «амалдор»-и калон шудан мехостанд.

Ман бошам, ба муаллим шудан ҳавас доштам. Дар хаёлам аллакай худамро муаллими деҳаи худамон медидам, монанди Азиз Карим аз шогирдон дар пеши халқ имтиҳон мегирифтаму ба тухматҳои душманонаи Зайниддин барин муллоҳои игвогар ҷавобҳои муносиб тайёр мекардам...

«Шумо машъали илму ирфонро ба сари халқи худ тобон месозед» гуфтани директор ба ман ҳаяҷони махсусе бахшида буд. Ман пештар ин гуна суханҳои аҷоиброн ҳеҷ нашунида будам. «Машъали илму ирфон» сухани пурҷозибаи шеърголуде буд, ки маро мутаассир ва мафтун карда буд; ман ин машъалро ба сари халқи худам чӣ гуна тобон карданамро хаёлан ба пеши назарам овардани мешудам. Чанде аз он муқаддам дар Тошканд ба шарафи ташкил ёфтани ҷумҳуриҳои миллии шӯравии Осиёи Миёна намоиши барпо шуда буд ва намоишчиён шабона бо машъалҳо мегаштанд. Ман он шабро ба хотир оварда тасаввур менамудам, ки машъал ба даст дар дашту саҳро равонам, машъали ман шуълабор, бузург, баланд, аз сафедорҳо ҳам баландтар буда, гӯё «машъали илму ирфон» ҳамин аст. Дар пеш, дар торикии шаб издиҳоми азими халқ – ҳазорон-ҳазор одамон меҷунбанд, онҳо дар рӯшноии машъал торафт намоёнтар мешаванд, рӯйи одамон равшан мегардад, издиҳом шоду хандон ба машъали фурӯзон нигоҳ мекунад...

## ХАЛҚИ ХУДРО ШИНОС!

Аз сар шудани таҳсили мо чанд рӯз пеш ба Дорулмуаллимин як марди солхӯрдаи каллакалон, ки як чашмаш андак олус буд, омад.

Талабагонро пешакӣ хабардор карда монда буданд, ки «профессор Андреев омада бо шумо суҳбат мекунад».

Мо дар интизори вай дар ошхона ҷамъ шуда нишаста будем.

Профессор ба хона дохил шуда ба мо бо лаҳҷаи софи тоҷикӣ «ассалому алайкум, бачаҳо!» гӯён салом дод. Мо ки аз лаҳҷаи тоҷикии ин марди рус дар ҳайрат монда будем, ба саломаш дарров алек ҳам нагирифтем.

Профессор худ ба худ табассумкунон дар паси миз ҷой гирифт ва як нафас хомӯш нишаста моёнро аз назар гузаронд. Аз портфелаш дафтари ғафсе ва аз кисаи сарисинагиаш қаламе бароварда ба рӯйи миз гузошт. Баъд аз он ба мо саволҳо додан гирифт.

Вай ҷавобҳои моро дар дафтараш навишта мегирифт. Аввалан вай ба чанд талабаи дар қатори пешнишаста муроҷиат карда, аз куҷо будани онҳоро пурсид. Ҳамин ки талаба номи вилояту деҳаи худро мегуфт, Михаил Степанович бо шеваи маҳаллии он талаба шурӯъ ба гуфтугӯ кардан менамуд ва дар шева чунон покиза гап мезад, ки гумон мекардед вай тоҷики ҳақиқӣ ва аҳли ҳамон маҳал аст.

Профессор ба назди мо барои навишта гирифтани баъзе хусусияти шеваҳои маҳаллии забони тоҷикӣ омада будааст. Аммо кам-кам саргарми гуфтугӯ шуда, қаламу дафтарашро як сӯ гузошта, чизҳоеро ба ҳикоя кардан даромад, ки мо дар умрамон нашунида будем. «Бача, ту аз куҷойӣ?» – муроҷиат кард профессор ба як нафари мо. Талаба ҷавоб дод, ки аз Бухорост. Профессор ба мо аз таърихи Бухоро ва ривоятҳои оид ба пайдоиши ин шаҳр баъзе нақл кард. Баъд аз он аз талабаи бухорӣ боз пурсид:

– Ту Рӯдакиро шунидай?

– Рӯдакӣ? Аз одамҳо шунида будам: дар қадим ҳамин хел як валӣ гузашта будааст.

Профессор лабханде карду гуфт:

– Не, вай валӣ набуд... Рӯдакӣ ҳамватани бузурги туст, вай бисёр одами аҷоиб буд... Вақте ки ту дар ин ҷо хонда кӣ будани Рӯдакиро донистӣ, вайро дӯст хоҳӣ дошт.

Пас аз он Михаил Степанович аз зиндагонии нахустин ва бузургтарин шоири тоҷик ҳикоятҳои шавқовар кард ва баъзе шеърҳои шоирро аз ёд хонда дод. Ғазали машҳури шоир «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» ба мо бисёр хуш омад:

*Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.*
*Оби Ҷайҳун бо ҳама паҳноварӣ*
*Хинги[1] моро то миён ояд ҳаме,*
*Реги Ому бо дуруштиҳои ӯ*
*Зери по чун парниён[2] ояд ҳаме.*

Шоир дар ин ғазали худ ҳусну латофати шаҳри азизаш Бухороро васф мекунад. Ривояти машҳуреро, ки бо ин шеър алоқаманд аст, мо дар он рӯз аввалин бор аз забони М.С.Андреев шунидем. Назар ба ин ривоят, амири сомонӣ дар он вақт аз пойтахти худ Бухоро ба Ҳирот рафта, муддате дар он ҷо монда будааст, шеъри Рӯдакиро ба ӯ пагоҳӣ дар вақти мӯза пӯшида истоданаш мехонанд. Амир бо шунидани ин шеър ба чунон ҳаяҷоне меояд, ки ҳамон соат як пойи мӯза пӯшида ва пойи дигараш нопӯшида, ба асп савор шуда роҳи Бухороро пеш мегирад.

Михаил Степанович дар бораи бузургони дигари аз байни халқи тоҷик баромада ҳам ҳикояҳо кард. Вай афсӯс хӯрда мегуфт, ки тоҷикон ба сабаби садҳо сол дар қайди зулм, торикӣ ва бесаводӣ мондаашон шоирон ва олимони бузурги худро дуруст намешиносанд ё ки фаромӯш кардаанд.

– Аммо акнун шумоён, – мегуфт профессори рус, – бояд кӯшиш кунед, ки онҳоро зудтар шиносед ва шуҳрати онҳоро дар байни халқи худатон зинда гардонед. Онҳо ба

[1]. Асп.
[2]. Ҳарир.

тоҷикон дӯстдории илму маърифат ва санъатро ёд медиҳанд.

Баъд аз он М.С.Андреев аз як ҷавони помирӣ пурсид, ки вай Носири Хусравро медонад ё на?

Ҷавони помирӣ ҷавоб дод, ки Шоҳносири Хусравро пайғамбар мегӯянд ва помириён ба вай ихлос доранд. Мо талабагони ғайрипомирӣ бошем, ин номро аввалин бор буд, ки мешунидем.

Профессор қаламашро бесаброна ва беихтиёр ба миз тӯқ-тӯқ зада гуфт:

–Бале, медонам, ихлос доранд... Бузургони гузаштаро шумо ё «шоҳ» медонед, ё «валӣ». Ва ҳол он ки Носири Хисрав на валӣ буд ва на шоҳ. Вай овораи ҷаҳон, шоир ва файласуф буд. Як умр аз шоҳу валиҳои замон, ки мехостанд ӯро аз барои фикри ҳақиқатҷӯӣ ва озодихоҳаш дастгир карда кушанд, гурезон буд ва дар ғор зиндагонӣ мекард... Ман як шеъри ӯро барои шумо мехонам, бубинед, ки вай чӣ гуна шеърҳои хуб мегуфт:

*Рӯзе зи сари санг уқобе ба ҳаво хост.*
*Аз баҳри тамаъ болу пари хеш биёрост*
*Бар ростии бол назар карду чунин гуфт:*
*К-кимрӯз ҳама рӯйи замин зери пари мост!*
*Гар авҷ бигирам, бипарам аз назари шед*[1],
*Мебинам агар заррае андар таги дарёст.*
*Гар бар сари хошок яке пашша биҷунбад,*
*Ҷунбидани он пашша аён дар назари мост».*
*Бисёр манӣ карду зи тақдир натарсид, –*
*Бингар, ки аз ин чархи ҷафопеша чӣ бархост:*
*Ногаҳ зи камингоҳ яке сахткамоне*
*Тире зи қазову қадар андохт бар ӯ рост,*
*Бар боли уқоб омад он тири ҷигардӯз*
*В-абр мар ӯро ба сӯйи хок фурӯ кост,*
*Бар хок биафтоду бигалтид чу моҳӣ,*

---

[1]. Хуршед, офтоб.

*В-он гоҳ пари хеш кашид аз чапу аз рост,*
*Гуфто: «Аҷаб аст ин ки зи чӯб асту зи оҳан,*
*Ин тезию тундию паридани куҷо хост!»*
*Зи тир нигаҳ карду пари хеш бар ӯ дид:*
*Гуфто: «Зи кӣ нолем, ки аз мост ки бар мост».*
*Носир, ту манро аз сари хеш бадар кун,*
*Бингар ба уқобе, ки манӣ карду чиҳо хост.*

Ман аввал ин шеърро он қадар нафаҳмидам, зеро маънои бисёр калимаҳои он ба ман торик буд. Аммо ҷавони помирӣ, ки ин шеърро ҳамчунин аз ёд медониста ва хуб ҳам мефаҳмидааст, ба ман фаҳмонд; ман онро навишта гирифта аз ёд кардам.

Профессор М.С.Андреев боз чандин дафъа ба Дорулмуаллимини мо омад. Гоҳе вай бо ҳамроҳии як нафар-ду нафар шогирдони худ, ки дар факултаи шарқии Дорулфунуни Тошканд аз вай забони тоҷикӣ меомӯхтаанд, меомад. Мо, талабагони Дорулмуаллимин, бисёр вақтҳо байни худамон дар бораи ӯ гап мезадем ва ҳайрон мешудем, ки ин одами рус таърих ва забони халқи моро ба ин хубӣ чӣ гуна ёд гирифта бошад?

Дертар донистем, ки Михаил Степанович ҳанӯз дар солҳои ҷавонии худ пиёда дар садҳо деҳаи тоҷикнишин гашта, дар чунон кунҷи канорҳои кӯҳистон, ки пеш аз ӯ пойи одами шаҳрӣ ба он ҷойҳо нарасида будааст, саёҳати илмӣ кардааст. Вай дар ҳама ҷо бо марду занҳои пир ва ҷавон суҳбат карда, гапҳои онҳо ва зиндагонии онҳоро навишта мегирифтааст.

Бисёре аз мо, аз он ҷумла ман ҳам тааҷҷуб мекардем, ки ба ин гуна олими калон чӣ лозим шудааст, ки ин қадар машаққат кашида ба деҳаҳои дурдасти гумном рафта, урфу одати мардум, чӣ гуна тӯйҳо ва маросимҳо гузаронидани онҳо, чӣ гуна бача калон кардани онҳо, чӣ гуна таронаҳо хондани онҳо ва ғайра ва ҳоказоро пурсида навишта гирад?

Дар вақти яке аз мулоқотҳоямон бо профессор мо инро аз худи ӯ пурсидем. Вай аввал хандиду баъд бо қиёфаи ҷиддӣ гуфт:

– Ман ин корро аз он сабаб кардаам ва мекунам, то имрӯз ҳеҷ касе аз тоҷикон бо ин кор машғул нашудааст ва ҳол он ки мову шумо вазифадор ҳастем таърих, маданият ва расму одатҳои халқро омӯзем. Оё гуфтан мумкин аст, ки шумо халқи худатонро хуб медонед? Дар беҳтарин сурат шумо деҳаи худатон ё якчанд деҳаро хуб медонед. Лекин, охир, халқи тоҷик на дар як деҳа ё чанд деҳа, балки дар як кишвари калон зиндагонӣ мекунад. Зиндагонии ин халқ пештар чӣ гуна будааст? Вай имрӯз ҳам мисли бобоёни худ зиндагонӣ мекунад ё таври дигар? Вай чӣ гуна ҳунару санъатро дорад? Чӣ гуна афсонаҳо, урфу одатҳо, маросимҳо, таронаҳо дорад ва онҳо хубанд ё бад? Шумо бояд ҳамаи инҳоро таҳқиқ кунед ва донед. Агар одам халқи худро нағз нашиносад, ба вай нағз хизмат ҳам карда наметавонад.

Ман дар солҳои баъд таърихи халқи худро омӯхтам, бо эҷодиёти Рӯдакӣ, Носири Хусрав ва арбобҳои дигари маданияти гузаштаамон шиносоӣ пайдо кардам, лекин олими рус, ки нахустин бор ба ман «халқи худро шинос» гуфт ва худаш ҳам намунаи чунин шиносоӣ буд, як умр дар хотири ман монд.

## АЙНӢ

Аввалин рӯзномаро ба забони модариам дар Дорулмуаллимин хондам. Ин рӯзнома «Овози тоҷик» буд, ки дар Самарқанд мебаромад. Аз шумораи аввалини рӯзнома ба Дорулмуаллимини мо фақат як нусха омада буд, мо онро дар давоми чандин рӯз даст ба даст дода хондем. Забони рӯзнома ба ман монанди шеърҳое, ки модарам аз Хоҷа Ҳофиз мехонд, ширин ва зебо менамуд.

Пештар ман гумон мекардам, ки бо чунин забон фақат китобҳои кӯҳнаро навиштаанд ва дар замони мо касе бо ин забон гуфтугӯ намекунад ва наменависад. Аммо акнун медонам, ки шиносони худам бо ин забон менависанд ва ҳатто гуфтугӯ хам мекунанд: ду нафар аз муаллимони мо, яке самарқандӣ ва дигар хуҷандӣ, ба «Овози тоҷик» мақолаҳо менавиштанд.

Таронаҳои навро ҳам ба забони модарии худам ман аввалин бор дар Дорулмуаллимин шунидам. «Интернатсионал»-ро, ки мо дар интернати Тӯс ба забони ӯзбекӣ месурудем (ба мо онро Азиз Карим ёд дода буд), ба тоҷикӣ дар Дорулмуаллимин ёд гирифтам. Баъзе талабагони самарқандӣ сурудеро мехонданд, ки ҳам суханҳояш ва ҳам оҳангаш дилро ба туғён ва рӯҳро ба ҳаяҷон меовард:

*Эй ситамдидагон, эй асирон,*
*Вақти озодии мо расид!*
*Муждагонӣ диҳед, эй фақирон,*
*Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид!*

Мо ба хондани ҳикоя, повест ва романҳо одат накарда будем – дар забони мо ин чизҳо набуданд; ба кино ва театр ҳам ба сабаби бепулӣ фақат аҳён-аҳён мерафтем.

Барои мо хизмати ин ҳама гизои рӯҳӣ ва истироҳати маданиро тарона адо мекард. Мо онро нагз медидем ва дар ҳама ҷо: дар кӯча ҳам, дар хобгоҳ ҳам, дар маҷлис ҳам месурудем. Бештарини талабагон дафтари таронаҳо доштанд-ҳар таронаи навро ба он навишта мегирифтанд. Гуфтан мумкин аст, тарона ё ашӯлае набуд, ки каму беш паҳн шуда бошаду мо онро надонем. Тақрибан ҳар як шеъри ба дастамон афтода ва маъқулшударо, албатта, ба ягон оҳанги ба худамон маълум даровarда месурудем. Шеъри машҳури Лоҳутӣ «Ту к-андар базми васлӣ, дарди

ҳиҷронро чӣ медонӣ?» аввалин бор дар Дорулмуаллимини мо аз тарафи пионерон ба оҳанги тарона даровардa шуд.

Мо ташнаи китоб будем. Муҳобот намешавад агар гӯям, ки ҷаври бекитобӣ барои мо аз ҷафои тангии хонаву ҷо ва норасоии сарутан ҳам ҷонкоҳтар буд. Китобҳои кухна ҳастанд, лекин онҳо ё дастраси мо набуданд ё ки мо ҳоло онҳоро хонда наметавонистем. Кошки ба забони модарии мо ва бо хати чопӣ ҳикояте, қиссае, достоне (бо истилоҳи имрӯза повесте ё романе) мебуд, ки мо мехондем!

Як нафар талабаи кӯлобӣ, ки саводи кухнаи хубе дошт, аз ким-куҷо «Муш ва гурба»-и Убайди Зокониро ба даст оварда буд, як рӯз ба мо аз он порчаеро хонда доду ба бало монд: мо ҳар рӯз ба гирдаш ҷамъ шуда ӯро «ё ба зӯрӣ, ё ба зорӣ» китоб хононда безор мекардем. Оқибат китобашро гум карду аз мо халос шуд.

Ана дар ҳамин вақт дар газетаи «Овози тоҷик» ҳикояте бо сарлавҳаи «Одина ё саргузашти як тоҷики камбағал» чоп шуда баромад. Ҳикоят давомнок буд, мо ҳама ба газета ҳамчун гуруснагоне, ки ба хӯроки муфт расида бошанд, дарафтидем. Газета ба Дорулмуаллимин ду-се нусха беш намеомад, бинобар ин мо онро талош карда мехондем ва баъди хондан бесаброна ба шумораи оянда – ба давоми ҳикоя нигарон мешудем.

Зиндагонии камбағалони тоҷик пеш аз инқилоб, зиндагоние, ки машаққатҳо ва талхиҳои он ба мо ин қадар шинос буданд; манзараҳои табиати кишварамон, ки дар қиссаи Одина он қадар рангину дилрабо тасвир ёфта буданд, ба мо таъсири калон мебахшиданд; ранҷу азобҳо, кулфату риёзатҳо, таронаҳо, хаёлу орзуҳои Одинаи ҷавон ӯро бо мо рафиқи мӯнису ҳамдард мегардонданд. Бисёр вақтҳо чунин манзараеро мушоҳида кардан мумкин буд, ки дар хобгоҳ пашша пар намезанад ва талабагони ҷомаҳои алочаи пахтанок дар бар, баъзе ҳатто салла бар

сар, рӯйи каравотҳои худ нишаста сар ба мутолиа фуруд овардаанд; онҳо «Одина»-ро мехонданд.

Дертар ин ҳикоя китобчаи алоҳида шуда аз чоп баромад. Дар рӯйи муқоваи он чунин тасвире буд; чӯпони кӯҳистоние салла бар сар ва таёқи чӯпонӣ дар даст, рӯйи харсанге нишастааст ва дар гирду пеши ӯ гӯсфандон мечаранд. Ман, ки дар газета фақат баъзе қисмҳои ин ҳикояро хонда будам, ҳоло имконият доштам онро аз як сар мутолиа кунам.

Китоб аз саҳифаҳои аввалинаш маро ба худ мафтун кард. Ман он гуна суханҳои зебои хушоҳангро пеш аз он ҳеҷ нахонда ва нашунида будам. Аз варақҳои китоб гӯё мусиқии ҷозибадоре садо медод, гумон мекардам, ки дар ин ҷаҳон ҳеҷ чизи форамтару зеботар аз забони тоҷикӣ нест. Ман бисёр ҷойҳои «Одина»-ро саҳифа-саҳифа ба дафтарам кӯчонда аз ёд мекардам.

Ҳар гоҳ ки кас як китоби нағзро мехонад, фикру хаёлаш беихтиёр ба сӯйи нависандаи он равон мешавад. Мо хонандагон дидани эҷодкунандаи «Одина»-ро орзуманд будем. Хаёл мекардем, ки вай бояд шахси хориқулоддае бошад.

Дертар, вақте ки китоби нави ин нависанда ва олим «Намунаи адабиёти тоҷик» аз чоп баромад, ҳусни таваҷҷуҳи мо нисбат ба он шахс боз ҳам зиёд шуд. Дар варақҳои аввалини китоб акси нависанда ва боз ду сурати дигарро дарҷ карда буданд: аз сурати якум ба хонанда марди миёнсоли ҷафодидае нигоҳ карда меистод; дар сурати дуюм мо тахтапушти маҷрӯҳи хуншореро мушоҳида кардем, ки гӯё пӯсташро канда гӯшташро пора-пора бурида гирифта буданд. Аз муаллимони худ фаҳмидем, ки бо ҳукми амири Бухоро ҷаллодони ӯ ба пушти Айнӣ ҳафтоду панҷ чӯб зада будаанд ва ин ҷароҳати даҳшатнок осори ҳамон зарбаҳои хунин будааст.

Ба пеши назари мо як риёзаткаши кори халқ ва маорифи халқ, коре ки онро мо, муаллимони оянда, бояд иҷро менамудем, арзи вуҷуд кард.

Ман аввалин бор Садриддин Айниро тирамоҳи соли 1928 дар конфронси забоншиносӣ дидам. Дар он вақт ман дар курси охирини Дорулмуаллимин мехондам ва бо ҳамроҳии як гурӯҳ талабагон дар конфронс иштирок кардам. Ҳамоиш дар бинои нави Дорулмуаллимин, дар зали бошукӯҳе, ки тирезаҳои баландаш ба боғ кушода мешуданд, барпо шуда, лоиҳаи алифбои нав ва масъалаҳои забони адабии тоҷикро муҳокима мекард.

Ба конфронс аз Душанбе, Хуҷанд, Самарқанд, Бухоро ва шаҳрҳои дигар олимон, адибон, ходимони матбуот ва нашриёт, муаллимон омада буданд.

Гуфтанд, ки Айнӣ ҳам меояд. Ҳама дар толор ҷамъ шуда буданд, мо талабагон бошем, даҳлезҳоро пур карда ба омадани Айнӣ интизорӣ мекашидем.

Ниҳоят, Айнӣ ҳамроҳи якчанд вакилон, дар ҳолате ки бо як нафари онҳо гарму ҷӯшон гуфтугӯ мекард, ба бино дохил шуд. Вай одами миёнқади босалобате буда, риши кӯтоҳи мошубиринҷ дошт ва ба сараш токии чустӣ, ба танаш палтои сабуки сиёҳ пӯшида буд.

Мо ӯро аз рӯйи сурати дар китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» дарҷшудааш зуд шинохта, дар баробари намудор шудани ӯ карсак задем. Зоҳиран, устод, мунтазир набудааст, ки вайро чунин истиқбол хоҳанд кард, бинобар ин, аввал ба кӣ ва барои чӣ карсак задани моро нафаҳмида андак саросема шуда монд, аммо вақте ки ба худаш нисбат доштани карсакҳои моро донист, ба ҳаяҷон омада, даст бар сина гузошта ва сар ҷунбонида изҳори ташаккур намуд.

Конфронс сар шуд. Айнӣ дар президиум нишаста буд, мо аз вай чашм намеканде м. Дар қиёфаи ӯ, дар муомилаи ӯ бо дигарон ҳеҷ гуна осори такаббури «бузургворона» мушоҳида карда намешуд ва ҳол он ки

мо, хонандагони китобҳои Айнӣ, ӯро одами бокарруфар ва сипоҳ тасаввур менамудем. Чашмони зираки вай ба ҳама кас ва ҳама чиз диккаткорона нигоҳ мекарданд.

Дар муноқишаҳо ба ӯ сухан доданд. Вақте ки қарсакҳо хомӯш шуданд, Айнӣ аввал оромона ва бо овози паст ба сухан даромад, аммо ба зудӣ аз вай ҳаракатҳои асабиёна ба ҳузур омада, нутқаш пуршӯр ва тезутунд шудан гирифт. Худи устод ҳам инро ҳис карда узр хост, ки ман одами асабӣ ҳастам ва ин асабияти ман натиҷаи ҳафтоду панҷ чӯби амир ва бемориҳои пас аз он рӯйдода мебошад, бинобар ин, ман дар маҷлисҳо тавре гап мезанам, ки гӯё бо касе дастбагиребон мешуда бошам.

Ба муҳокимаи конфронс ду лоиҳаи алифбои нави ба ҳуруфоти лотинӣ асосёфта пешниҳод шуда буд. Тартибдиҳандагони лоиҳаи якум таклиф мекарданд, ки овозҳои ҷудогонаи ба мисоли баъзе алифбоҳои Аврупои Ғарбӣ бо ду-се аломат (ҳарф) ифода карда шаванд, ки ин, ба фикри онҳо, алифбои нави моро «зебо» ва «маданӣ» карда, ба вай тамомияте мебахшид.

Лоиҳа боиси таъаҷҷуб ва эродҳои ҷиддӣ гардид. Айнӣ «далел»-и тартибдиҳандагони лоиҳаро бо истеҳзои талх, суханҳои нешдор рад кард. Сухани ӯ ба ин мазмун буд:

«Алифбои навро мо бо чӣ максад қабул мекунем? Барои «зебоӣ»-и онро тамошо карда завқ бурдан ё халкро зудтар босавод кардан? Агар максади шумо алифбои «зебо»-ро тамошо карда завқ бурдан бошад, марҳамат карда аз тамошои алифбоҳое, ки шумо аз онҳо намуна гирифтаед, завқ бурдан гиред. Мо бошем, толиби алифбои одӣ ва осон мебошем, то ки халқамон ба воситаи он тезтар савод барорад. Ба фаҳми мо, «зебоӣ», «маданият» ва «тамомият»-и алифбо дар он аст, ки бачагон онро ҳарчи осонтар ёд гиранд ва халқи тоҷики мо ҳарчи зудтар саводнок шавад. Як сабаби аз алифбои куҳнаи арабӣ даст кашидани мо ин аст, ки он душвор ва мураккаб буда, ёд гирифтанаш вақти бисёр талаб мекард.

Шумо бошед, зоҳиран, бо баҳонаи хандаовари «маданият» ва «тамомият» меҳоҳед ҳамон душворию мураккабиро дар алифбои нав ҳам нигоҳ доред».

Бештарини иштироккунандагони ҳамоиш ҳар замон карсак зада бо нотиқ ҳамфикр будани худро изҳор менамуданд.

Нависандаи номии мо дар конфронс боз як бор ба нутқ баромада, дар бораи асосҳои забони адабии тоҷик сухан ронд.

Якчанд интеллигентҳои кӯҳнаи адабиётшинос шӯру ғавғо андохта талаб мекарданд, ки забони адабиёти қадимаи ҳазорсолаи мо бояд ҳамчун забони адабии имрӯзаи тоҷикон қабул карда шавад. Аз ин мебаромад, ки мо бояд рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва китобҳои худамонро, ки на барои як мушт «шахсони зубда», балки барои тамоми халқ бароварда мешаванд, бо забони китобҳои кӯҳна нависем. Устод ба муқобили ин хел касон баромад. «Забони адабиёти кӯҳнаро ман аз ҳеҷ кадоми шумо камтар намедонам, – мегуфт вай ба ҳомиёни забони кӯҳнаи адабӣ муроҷиат карда, – аммо он забон кайҳо аз забони зиндаи халқ канда шуда мондааст. Ҳозир онро гирифта забони адабии имрӯза қарор додан кори бемаънӣ ва зарарнок мебуд. Мо бояд ба асоси забони адабиамон забони зиндаи халқро гирифта, вайро бо унсурҳои хуб ва фоиданоки адабиёти кӯҳна ва бо он чӣ ки инқилоб ҳар рӯзу ҳар соат ба забони мо дароварда истодааст, бой кунем. Шумо забони адабии қадима мегӯед, аммо бо ин шумо, агар таълифоти ҳар гуна муаллифони динию дарбории шаш-ҳафт асри охирро дар назар медошта бошед, пас донед, ки онҳо арабизм ва услуби мубҳаму тумтароқро аломати донишмандӣ ҳисоб карда, содагию оммафаҳмӣ, равшании баёнро нишонаи бесаводӣ ва безавқӣ медонистанд. Забони онҳо забони мурда аст, аммо забони Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ барин арбобҳои бузурги адабиёти ҳазорсолаи мо гапи дигар аст. Забони

асарҳои ин санъаткорони сухан сода, фаҳмо ва халқӣ мебошад. Ана аз ин сарвати мероси кухна мо дар асноӣ ба вуҷуд овардан ва тараққӣ додани забони ягонаи адабии халқи тоҷик истифода мебарем ва бояд ҳам истифода барем».

Дар вақти танаффус мо, як гурӯҳ талабагони Дорулмуаллимин, Садриддин Айниро миёнагир карда, барои асарҳои аҷоиби вай, ки ҳамаи мо онҳоро бо шавқу ҳаваси тамом хонда будем, ба вай миннатдории худамонро изҳор намудем. Айнӣ бо ҳар қадоми мо гарм-гарм вохӯрдӣ карда, моро дар паҳлуи худ ба курсӣ нишонд.

– Мо, талабагон, дар бораи забони адабӣ суханҳои шуморо бо диққат гӯш кардем, – гуфт яке аз рафиқони мо.–Мо бо шумо тамоман ҳамфикр ҳастем, домулло. Агар, масалан, «Одина»-и шуморо гирем, ба фикри мо, забони вай айни ҳамон забони адабиест, ки шумо гуфтед.

– «Ман хурсандам, ки ин гапро аз шумо, ҷавонон, мешунавем – табассум кард устод ва баъди андак тааммул суханашро давом дода гуфт: – Ҳар касе ки ба дасташ қалам гирифта чизе менависад ва ё дар пеши халқ баромада нутқ мекунад, хоҳ адиб бошад, хоҳ мухбир, хоҳ мақоланавис, хоҳ коркуни фирқаю шӯро, бояд кӯшиш кунад, ки забони вай ба хонандагон ё шунавандагон фаҳмо бошад. Лекин фаҳмогӣ то фаҳмогӣ фарқ дорад. Баъзе одамон гапам фаҳмо бароял гуфта, бо забони авомони кӯча сухан меронанд ё менависанд. Ин дуруст нест. Забони китоб, мақола ё нутқ бояд сода, лекин содаи адабӣ бошад. Ман барои ин ки асарҳоям ба халқ фаҳмо бошанд, дар болои забони онҳо бисёр кор мекунам. Ман ба гуфтугӯйи одамҳо бо диққат гӯш меандозам ва агар аз онҳо ягон калима ё ибораи нағз, бурро ва пурмаъноро шунида монам, дар хотирам нигоҳ медорам. Вақте ки ман «Одина»-ро менавиштам, дар ҳавлии мо як ҷавони кӯҳистонӣ истиқомат мекард, – ман ҳар як боби асарро

навишта тамом ки кардам, ба он ҷавон хонда мешунавондам ва тафтиш мекардам, ки забони асарам ба вай фаҳмост ё не... Лекин шумо ҳаминро нагз донед, ки агар забони гуфтугӯйи имрӯза холису бетағйир гирифта шавад, бо вай китоб навиштан мумкин нест; он забонро бо ғалбери фикр бехта, бо сӯҳони қоида суфта, бо ҷилбури маънӣ сайқал дода, кор фармудан лозим аст. Аз бойигарии адабиёти кухна пурра истифода бурдан даркор, инчунин аз лаҳҷаҳои забони тоҷик ҳам мо бояд чизҳои нагзи ҳамафаҳмро гирифта ба забони адабӣ дохил кунем»...

Он рӯз Айнӣ бо мо ҳамин тавр суҳбат кард.

На фақат китобҳои Айнӣ, балки шахсияти вай, ҳаёти аҷоиби вай ҳам ба мо таъсире доштанд ва дар сари мо фикру хаёлҳои наверо бедор мекарданд. Тақрибан ҳар сол як китоби нави Айнӣ нашр мешуд, мо асарҳои ӯро хонда аз саргузаштҳои халқи худ воқиф мешудем ва забони адабии худамонро меомӯхтем.

Ду-се моҳ пас аз мулоқот дар конфронси забоншиносӣ ман боре ба хондани чанд сатре дар бораи худам дар як мактуби Айнӣ мушарраф ва мустаид гардидам. Он сатрҳо, гуфтан мумкин, ба ман дар интихоби касб ҳам мададе карданд.

Вожатии мо Таня боре дар ҷамъомади пионерҳо ҳикояи нависанда М.А. Алексеев «Сам ва Дик»-ро хонд. Он ҳикоя дар бораи дӯстии Дики сафедпӯст ва Сами зангӣ – ду сарбози ҷанги граждании солҳои 1861–1862 дар ШМА мебошад, дӯстие, ки дар имтиҳоноти сахт обутоб хӯрдааст. Ҳикоя ба ман бисёр таъсир кард ва ман пас аз ду сол, чун китобча боз ба дастам ғалтид, барои озмоиш онро бо ёрии як нафар ошнои русам – донишҷӯйи донишгоҳ ба тоҷикӣ шурӯъ ба тарҷума кардан намудам. Тарҷума тамом шуда буд, ки дастнависи худро ба мулоҳизаи як нафар коркуни шуъбаи Нашриёти давлатии Тоҷикистон дар Тошканд пешниҳод намудам. Дар

вохӯрии дигар вай: «дастнависатро ба мудир додам» гуфт. Дере нагузашта он мудири шуъбаи нашриёт аз кор холӣ шуда ба куҷое рафту ба ҷои ӯ каси дигар таъин шуд, ки аз тарҷумаи ман хабар надошт. Хулоса, дар ин мобайн дастнавис гум шуд. Ман аз ин воқеа чандон хафа ҳам нашудам: гум шуда бошад шудааст, охир ман ба чопи тарҷумаи худам он қадар умедвор ҳам набудам.

Аз байн як-ду моҳ гузашт, ман воқеаро қариб фаромӯш карда будам, ки баногоҳ маро рӯзе ба шуъбаи нашриёт даъват карда, дастнависамро ба худам нишон доданд. Саҳифаҳои он сар-сар бо сиёҳии сурх тасҳеҳ ёфта буд. Ман ҳайрон шуда ба мудир чашм дӯхтам, вай бошад лабханд карда гуфт:

– Кӣ таҳрир кард, медонӣ? Айнӣ! Мана инро хон! – Мудир як мактуби калонеро ба ҳуруфоти арабӣ ва ба хати дурушти балхон навиштагиеро ба ман дароз кард.

Мактуб аз Айнӣ ба номи мудири шуъбаи нашриёт буд. Чун ман сатрҳои ба худам дахлдорро хондам, намедонам афту башараам чӣ гуна шуда буд, аммо ҳамин қадараш ба ёдам ҳаст, ки мактуб аз дастам афтид ва ман ҳам шуда онро бардоштанӣ шуда будам, ки оринҷам ба як даста коғазҳои мизи мудир бархӯрда ҳамаро ба замин ғалтонд. Дар идора нишастагон хандиданд, мудир гуфт: «Бача дастпо гум кард! Мана ба ин ҷо шину бемалол хондан гир!» Айнӣ, ки он вақтҳо дар шуъбаи Самарқанди нашриёт ба сифати сармуҳаррир хизмат мекард, дар мактубаш коркунони нашриётро аз ваҷҳи бемасъулиятона рафтор карданашон ба нигоҳдории дастнависҳо сарзаниш менамуд ва навишта буд, ки тарҷумаи ҳикояи «Сам ва Дик» аз байни ким-кадом маводи бойгонии аз шуъбаи Тошканд расида тасодуфан баромада монд ва дар он на имзои мутарҷим ҳаст, на сана ва на ягон ишорати дигар. Баъд мазмуни мактуб чунин буд: тарҷума агарчи айбу нуқсонҳо дорад ва тарҷумонаш ҷавони бетаҷриба менамояд, вале қобили таваҷҷуҳ аст ва тарҷумон матлаби

ҳикояро ба хубӣ фаҳмида, маъниҳои борики онро ба таври худ ифода карда тавонистааст ва ҷо-ҷо забонаш ҳам бад нест, бинобар ин, ман дастнависи ӯро тасҳеҳ ва таҳрир карда баромадам; маслиҳат ин ки онро ҳарчи зудтар барои бачагон чоп карда бароред у тарҷумонро аз ин баъд ҳам ба кор ҷалб карда роҳбарӣ намоед, ки тараққӣ кунад, саводаш ва таҳрираш такмил ёбад…

Ҳоҷати зикр кардан ҳам нест, ки ман аз ин таваҷҷуҳи неки Айнӣ нисбат ба кори нахустини худам, ки аслан аз машқи шогирдонае беш набуд, ниҳоят мутаассир ва муташаккир будам. Ман тасҳеҳоти ӯро дар саҳифаҳои дастнависам бо диққат мутолиа карда баромадам. Ба ҳамин тариқ ман аз нависандаи калон, шахси соҳибдил, мушоҳидакор ва дақиқ устод Садриддин Айнӣ аввалин танқид ва аввалин таъриферо шунидам, ки касро ҳам меомӯзонад ва ҳам пару бол мебахшад.

Дар солҳои баъд ман ба мулоқоти бисёре бо Айнӣ мушарраф шуда, ӯро аз наздик шинохтам. Вай одамонеро, ки дар зиндагонӣ ягон кори фоиданок аз дасташон ояд, дӯст медошт. Донишҳои ӯ, пуркорӣ ва меҳнатдӯстии фавқулоддаи ӯ, ҳофизаи тавонои ӯ дар ҳақиқат ҳайратангез буданд.

Айнӣ якумин муаллим, якумин журналист, якумин шоир ва насрнавис, якумин таърихшинос ва олими шӯравии тоҷик буда дар охирин солҳои умраш якумин президенти Академияи навбунёди фанҳои республика гардид.

Аввалин китобҳое, ки ман ба забони модарии худам хондам, китобҳои Айнӣ буданд. Қаҳрамонони асарҳои ӯ – Одина, Ёдгор, Гулнор дӯстони бачагӣ ва рафиқони ҷавонии мо буданд.

Ин нависандаи бузург ҳам бо китобҳояш ва ҳам бо шахсияти аҷоибаш ба зиндагонии насли мо дохил гардид…

# МУНДАРИЧА


Падарам..........5
Модарам..........10
Бачаи талабида гирифтагӣ..........15
Об, об!..........26
Ордро кӣ гирифт?..........30
Саргузашти Миршаникак..........41
Ҷалои Ватан..........48
Шиблӣ..........56
Ба завод..........65
Дӯстони нав..........77
Лаклак..........84
Ҳамдеҳагон..........90
Рӯшноии ҳаёти нав..........95
Мусибат..........99
Бачаи эрка..........108
Китоби аввалин..........116
Хайр, шаҳри азиз!..........120
Дар соҳили Оҳангарон..........125
Дар ағбаи Қурама..........131
Ҳикоятҳои ман.......... 136
Ятимӣ.......... 141
Рафиқи ман Солеҳ..........153
Мактаби Мулло Зайниддин..........158
Ғалла ба ятимон..........163
Сирри махфии ман ва Солеҳ..........167
Мактаби нав..........173
Бекасӣ..........185
Имтиҳони халқӣ..........190
Дар интернат..........195
Маро ба хондан мефиристонанд..........209
Дорулмуаллимин..........216
Халқи худро шинос..........223
Айнӣ..........228

## СОТИМ УЛУҒЗОДА

# САРГУЗАШТИ СОБИР

### (Аз китоби «Субҳи ҷавонии мо»)


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Додохон Ҷалолов |
| Муҳаррири техникӣ | Робия Абдуллоева |
| Мусаҳҳеҳ | Эътибор Назарова |
| Саҳифабанд | Фирдавс Давлатбеков |

Ба матбаа 26.03.2015 супорида шуд. Ба чопаш 02.04.2015 имзо шуд. Андозаи 60х84 1/16. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 15. Адади нашр 40 000 нусха.
Супориши № 72/2015

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел: 222-14-66, E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар КВД «Комбинати полиграфии ш. Душанбе»
бо супориши № 9 чоп шудааст